ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

ISSN 2617-5320

# ПАЁМИ
# ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ
***Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ***

# ВЕСТНИК
# ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ
***Серия педагогических и психологических наук***

# BULLETIN
# OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION
***Series of pedagogical and psychological sciences***

***Маҷаллаи илмиву методӣ соли 2012 таъсис ёфтааст***
***Научно-методический журнал основан в 2012 году***
***Scientific and methodical journal was founded in 2012***

***2023, №1 (41)***

**ПАЁМИ ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**

(Маҷаллаи илмиву методӣ)

***Муассис:*** *Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*



***Сармуҳаррир:*** ***Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо*** — *номзади илмҳои физика - математика, дотсент директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

***Муовини сармуҳаррир:*** ***Туронов Султонмурод Шарофович*** — *номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

***Котиби масъул:*** ***Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна*** — *номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

| | |
|---|---|
| **Саломиён М. Қ. 10.02.22** | *доктори илми филология, профессор* |
| **Каримова И. Х. 13.00.01** | *доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Лутфуллозода М. 13.00.02** | *доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Нуъмонов М. 13.00.02** | *доктори илмҳои педагогӣ, узви обастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Маҷидова Б. 13.00.01** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Неъматов С. 13.00.02** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Амонов Н. 19.00.01** | *номзади илмҳои психологӣ, дотсент* |

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

| | |
|---|---|
| **Саидзода Р. Ҳ.** | *вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| **Раҳимӣ Ф. Қ.** | *президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон* |
| **Ҷӯразода Ҷ. Ҳ.** | *муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| **Саломиён М.Қ.** | *президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон* |
| **Хушвахтзода Қ. Х.** | *ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |



*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.*

*Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.*

*Маҷалла мақолаҳои илмиро аз рӯи самтҳои 13.00.00 - илмҳои педагогика ва 19.00.00 - психология ба чоп қабул менамояд.*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Матни комили маҷалла дар сомонаи www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/ 2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42 ҷой дода шудааст.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст, Шаҳодатномаи № 027/МҶ-97, аз 13 ноябри соли 2017.



**Суроғаи идора**: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Садриддин Айнӣ, 126, тел: 2258405, 2258404



ISSN 2617-5320

Индекси обуна: 77772



© ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, 2021

**ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**

(Научно-методический журнал)

***Учредитель:*** *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*

| | |
|---|---|
| ***Главный редактор:***<br>***Наджмиддиниён Асадулло Мирзо*** | *Кандидат физико – математических наук, доцент директор Института развития образования имени А. Джами АОТ* |
| ***Зам. главного редактора:***<br>***Туронов Султонмурод Шарофович*** | *кандидат педагогических наук, зам. директора Института развития образования имени А. Джами АОТ* |
| ***Отвественный секретарь:***<br>***Лутфуллоева Парвина Махмадуллоевна*** | *кандидат педагогических наук, зам. директора Института развития образования имени А. Джами АОТ* |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

| | |
|---|---|
| **Саломиён М. К.**<br>**10.02.22** | *доктор филологических наук, профессор* |
| **Каримова И. Х.**<br>**13.00.01** | *доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Лутфуллозода М.**<br>**13.00.02** | *доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Нуъмонов М.**<br>**13.00.02** | *доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Маджидова Б.**<br>**13.00.01** | *доктор педагогических наук, профессор* |
| **Неъматов С.**<br>**13.00.02** | *доктор педагогических наук, профессор* |
| **Амонов Н.**<br>**19.00.01** | *кандидат психологических наук, доцент* |

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**

| | |
|---|---|
| **Саидзода Р. Х.** | *министр образования и науки Республики Таджикистан* |
| **Раҳими Ф. К.** | *президент Национальной Академии наук Таджикистана* |
| **Джуразода Дж. Х.** | *первый зам. министра образования и науки Республики Таджикистан* |
| **Саломиён М.К.** | *президент Академии образования Таджикистана* |
| **Хушвахтзода К. Х** | *ректор Таджикского национального Университета* |

*Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019.*

*Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).*

*Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.*

Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовая версия журнала размещена на сайте www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42.

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 027/МҶ-97, от 13 ноября 2017 года.

**Адрес редакции**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Садриддина Айни, 126; Тел: 2258405, 2258404, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

ISSN 2617-5320

2617 5320

Индекс подписки: 77772

©ИРО имени Абдурахмана Джами, 2021

**BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION**
(Scientific and methodical journal)
***Founder:*** *Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*

***Chief editor:***
***Najmiddiniyon Asadullo Mirzo***
*Candidate of Phisico – Mathematic Sciences, associate professor director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

***Deputy editor:***
***Turonov Sultonmurod Sharofovich***
*Candidate of Pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

***Responsible Secretary:***
***Lutfulloeva Parvina Mahmadulloevna***
*Candidate of Pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

| | |
|---|---|
| **Salomiyon M.K. 10.02.22** | *doctor of philological sciences, Professor* |
| **Karimova I.Kh. 13.00.01** | *doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, professor* |
| **Lutfullozoda M. 13.00.02** | *doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, professor* |
| **Numonov M. 13.00.02** | *doctor of pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, professor* |
| **Majidova B. 13.00.01** | *doctor of pedagogical Sciences, professor* |
| **Nematov S. 13.00.02** | *doctor of pedagogical Sciences, professor* |
| **Amonov N. 19.00.01** | *candidate of psychological Sciences, Docent* |

**EDITORIAL COUNCIL:**

| | |
|---|---|
| **Saidzoda R. H.** | *Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan* |
| **Rahimi F. K.** | *President of the National Academy of Sciences of Tajikistan* |
| **Jurazoda J.H.** | *first deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan* |
| **Salomyon M.Q.** | *President of the Academy of Education of Tajikistan* |
| **Khushvakhtzoda K. Kh.** | *Rector of the Tajik National University* |

*The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.*

*The journal is included in the database Of the Russian science citation index.*

*The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – pedagogical sciences and 19.00.00 – psychological sciences*

The journal is published in Tajik, Russian and English.

The full-text version of the journal is available on the website www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42.

The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.027/МҶ-97, dated November 13, 2017.

**Editorial address**: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sadriddin 126 Aini Avenue; Tel: 2258405, 2258404, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

ISSN 2617-5320

Subscription index: 77772
© IDE named Abdurahmon Jomi, 2021

# ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
# ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
# PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY

**ТУРОНОВ С.Ш.**
**СУРИЕВА Ш.Ч.**

## ВОСИТА ВА ШАКЛҲОИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ОМӮЗИШИ «ТОҶИКОН»

Мактабу маориф дар ҳама давру замон омили пешбарандаи ҷомеа ба шумор рафта, рушду нумӯи ҳар як давлату миллат ба мактабу маориф робитаи амиқ дорад.

Истиқлоли давлатӣ барои тараққиёти рӯзафзуни тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, ба вижа, соҳаи маориф, шароит ва имконоти басо мусоид фароҳам овард. Бояд донист, ки ҳамаи рукнҳои ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, тиб, фарҳанг пеш аз ҳама, бар асоси мактабу маориф рушд меёбанд ва рӯ ба тараққӣ мениҳанд. Яъне, ҷумлаи онҳое, ки бо сиёсат, иҷтимоъ, иқтисод, фарҳанг ва ғайра сару кор мегиранд, ба ибораи дигар, ҳамаи онҳое, ки ҷомеаи пешрафтаи инсонӣ месозанд, ихтироъҳо мекунанд, бозёфту дастовардҳо ба миён меоранд, неъматҳои моддию маънавӣ меофаранд, дар мактаб дониш мегиранд. Бинобар он, тараққиёти ҳар як ҷомеаи инсонӣ, пеш аз ҳама, ба инкишофи маориф вобаста мебошад. Аз ин ҷост, ки давлат дар роҳи инкишофи худ, аввалтар аз ҳама, ба мактабу маориф такя мекунад, ҳама диққаташро ба рушди маориф ҷалб месозад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ низоми маорифи тоҷик тағйир ёфта, асоси онро назарияи маърифат ва ғояҳои ватандорию ватандӯстӣ, ваҳдат ва ифтихори миллӣ ташкил дод. Президенти мамлакат аз кормандони соҳаи маориф, омӯзгорон даъват ба амал меорад, ки нисбат ба мактаб ҷиддитар муносибат намоянд, ба таълиму тарбияи наврасону ҷавонон эътибори хосса диҳанд, барои он ки раванди таълим ва тарбия ба дараҷаи баланд, тибқи талаботу дархостҳои ҷомеа сурат гирад, аз шаклу усули ҳозиразамон, дастовардҳои тозаи олимону донишмандон ихтироъ ва кашфиёти илми муосир ҳунармандона истифода баранд. «Чунки инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва умуман ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг, пеш аз ҳама, ба рушди босуботи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таҳсилоти шаҳрвандони Тоҷикистон вобаста мебошад» **(4).**

Аз ин рӯ, дар назди мактабу маорифи Тоҷикистон вазифаҳои басо муҳим меистанд. Масъалаҳои тарбияи шахсияти фаъол ва созанда, эҳсоси хештаншиносӣ, худогоҳии миллӣ ва умумибашарӣ, тарбияи мутахассисони кордону варзида ва бохабар аз техникаю технологияи навин ва ғайра аз қабили чунин вазифаҳост.

Истиқлолият ва соҳибдавлатӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ва фарҳангиро барои ба амал баровардани тағйироти куллии сифативу миқдорӣ дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, дар соҳаи маориф фароҳам овард. Дар ин замина мақом ва мартабаи маориф ҳамчун меъёри асосии муайянкунандаи пешрафту дигаргунсозии ҷомеа ва рушди мамлакат мунтазам боло рафта, омили муҳими пешравии иқтидори иқтисодӣ ва амнияти миллату давлат гардид.

Дар робита ба ин Президенти мамлакат дар яке аз вохӯриҳояшон чунин баён карда буданд: «Ман, ки ба маорифи кишварамон сахт эътиқод ва ба ояндаи он бовар дорам, бо дили пур ва як ҷаҳон орзую умед мегӯям: «Замоне мерасад, ки муҳаққиқон перомуни рушд, пешрафт ва инкишофи маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол рисолаҳои илмӣ ҳимоя мекунанд, китобҳо омода месозанд ва он замон дур нест» **(4).**

Вобаста ба таъкидҳои Сарвари давлат аҳли маорифи кишвар бояд бо дарки масъулият атрофи давлати миллии худ ва Роҳбари хирадмандашон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид гашта, ҷиҳати омӯхтану зинда кардани ному корномаҳо ва таърихи ниёгонамон, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи худшиносӣ, ифтихор ва ваҳдати миллӣ, ватандӯстию ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ободкориву созандагӣ содиқонаву софдилона хизмат намоянд.

Асари мондагори нобиға, ахтари илму сиёсат, донишвар, фарҳангсиришту таърихнигори забардаст, муҳофизи манофеи миллӣ, Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон»- ***сарчашмаи худшиносии тоҷикон,*** таърихи пурифтихор, корномаҳои шоистаи ниёгони миллати тоҷикро дар тули таърих баён карда, нақши ибратомӯзу носутурданӣ ба ёдгордоштаи халқи куҳанбунёди тоҷикро дар рушди тамаддуни инсоният бо далелҳои раднопазир, муҳокимаҳои қавитаркиби мантиқӣ ва сарчашмаҳои илмию

таърихӣ собит менамояд ва аҳли башарро ҳушдор менамояд, ки тоҷикон аз азал миллати озода, фарҳангсолор ва башардӯст мебошад.

Китоби мазкур рамзи хотираи миллати тоҷик буда, ройгон ба ҳар як оилаи тоҷик тақдим шудани он пеш аз ҳама ба ҳар як хонадони тоҷик зебу шукӯҳ мебахшад ва мутолиаи он ҳисси худогоҳию худшиносии миллӣ, ифтихори ватандории насли наврасро тақвият дода, дар ин радиф ҳофизаи таърихии онҳоро таҳким бахшидаву аз шебу фарозҳои саргузашти таърихӣ огаҳ месозад.

Омӯзиши ин асари бунёдӣ шаҳрвандон, хонандагони арҷмандро ба ҳақиқати таърих расонда, роҳҳои навро андар шинохти ҷомеаи таърихи тоҷикон ва суннатҳои қоиму донишафзои он дар гузашта ва имрӯз бозтоб мекунад.

Чун Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад, муассисаҳои таълимиро мебояд бо дарназардошти мавқеи сиёсӣ ва вазъи иҷтимоӣ хонандагонро дар рӯҳияи анъана ва арзишҳои миллии худ тарбия намоянд. Ба ин васила, анъана, суннатҳои воло, арзишҳои миллии халқи тоҷик, ки дар давоми қарнҳо ба тарзи ҳаёти мо ворид шудаанду ҳувият ё маҷмӯи сифатҳои онро ташкил медиҳанд, ба хонандагон омӯзонанд. Ва дар ин замина ба тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ - ваатанпарастии онҳо муваффақ гарданд. Вақте ки худогоҳӣ аз бедории миллии наврасону ҷавонон такмил меёбад, ифтихори миллиашон рушд карда, ҳисси хизмат кардани онҳо ба Ватану миллат баланд мегардад. Зеро фарди хештаншиносу худогоҳ Истиқлолияти давлатиашро чун гавҳараки чашм ҳимоя карда, дар ҷодаи ғанӣ гардонидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат талош меварзад.

Дар моддаи 43-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст” **(2).**

Азбаски ҷавонон неруи пешбаранда ва созандаанд, ин вазифаи муҳимро вақте сарбаландона иҷро карда метавонанд, ки аввал ба моҳияти истиқлол, арзишҳои миллӣ ва давлати демокративу ҳуқуқбунёд сарфаҳм рафта, эҳсоси соҳибватан буданро дар худ парвариш диҳанд ва ба қадри неъмати бебаҳои ватандорӣ расанд.

Бо рушд кардани андешаву кирдорҳои ватанпарастона хонандагон мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватанро хуб дарк намуда, садоқаташонро ба ватани хеш нишон медиҳанд. Вобаста ба ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бамаврид таъкид менамоянд: “танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад» **(8).**

Аз ин рӯ, омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таълимии кишвар мебояд ба тарбияи миллии хонандагон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ҷиҳати таҳкими тарбияи ватандӯстии онҳо чораҳои мушаххас андешанд, аз ҷумла, рӯ ба омӯзиши асари мондагор, шиноснома, инъикосгари таъриху фарҳанги миллати тоҷик оранд ва ба сарчашма, рӯйдод, санаҳои муҳиму давраҳои таърихӣ, чеҳраҳои таърихсоз ва мероси таърихиву фарҳангии моддиву маънавии халқи тоҷик шинос шаванд.

Дар робита ба ин, намунаи чорабиниҳоеро пешниҳод менамоем, ки зимни баргузории онҳо омӯзиши шоҳасари Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” сурат гирифта, дар ин замина тарбияи ватандӯстии хонандагон рушд меёбад **(6).**

Аз ҷумла,

**1.** Баргузор намудани шаби саволу ҷавоб аз фаслҳои китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров. Шаби саволу ҷавоб чорабиние ба шумор меравад, ки бо мақсади баланд бардоштани завқи хонандагон ба омӯзиши фан, донистану маълумот бештар пайдо намудан дар бораи рӯйдодҳои таърихӣ гузаронида мешавад. Дар ин раванд омӯзгорон метавонанд оид ба фаслҳои китоби “Тоҷикон” -и академик Бобоҷон Ғафуров саволу ҷавоб ташкил намоянд. Ин имкон медиҳад, ки рақобати маърифатӣ миёни хонандагон ба миён омода, дар ин замина ҳар як иштирокчӣ кушиш менамояд зиёдтар ба саволҳо ҷавоб диҳад.

**2.** Гузаронидани ҳафтаи фаннӣ (ҳамаи чорбиниҳо дар давоми ҳафта, бояд дар доираи китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров сурат гиранд). Ҳафтаи фаннӣ - чорабинии мактабиест, ки дар давоми ҳафта доир ба омӯзиши ин ё он фан ва ё масъалаи муҳим баргузор карда мешавад. Гузаронидани ҳафтаи фаннӣ ба теври васеъ дар соҳаи маорифи муосир амалӣ мешавад. Ин фаъолиятҳо бо мақсади баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиши фанни махсус анҷом дода мешаванд. Масалан, ҳафтаи таърих дар муассиса имкон медиҳад, ки омӯзгорон барои муайян намудани дониши хонандагон аз

фанни таърих, огаҳии онҳо аз таърихи миллат, ҳамчунин ҷиҳати ҳавасманд намудани онҳо ба омӯхтани мавзуи сатҳи миёна ва пасти дониш, имконият пайдо намоянд.

Ҳафтаи фаннӣ дар муассиса метавонад барои ноил шудан ба натиҷаҳои зерин мусоидат кунад. Аз ҷумла,

- ҷалби хонандагон ба фан ва омӯзиши он;
- мусоидат ба омӯзиши чуқури фан, азбар кардани донишҳои иловагӣ аз фан, ташаккули донишҳои фаннӣ дар хонандагон;
- ошкор намудани алоқаи фан бо дигар соҳаҳои илм;
- мусоидат ба рушди тафаккур, мушоҳида, таҳлил ва таҳқиқоти илмии хонандагон.

Азбаски ин чорабинии умумимуассисавӣ маҳсуб меёбад, зарур аст, ки нақшаи он барои 6 рӯз таҳия шавад. Ва дар нақша шакл ва намуди чорабиниҳои баргузормешуда бояд дарҷ гардад. Нақшаи ҳафтаинаи фаннӣ бояд барои дар ҷаласаҳои кории маъмурии муассиса муҳокима ва тасдиқ карда шавад

**Намунаи барномаи ҳафтаи фанниро ба таври зерин пешниҳод менамоем.**

| № | Намуди фаъолият | Рӯзҳои ҳафта | Масъулон ва иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|
| 1 | Ифтитоҳи ҳафтаи фаннӣ.<br>Баргузории дарсҳои кушод аз фанни таърих оид ба асари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров<br>Бо сарварии омӯзгор аз ҷониби хонандагон тартиб додани лоиҳаҳои хурди илмӣ дар мавзуи «Тоҷикон»-асари бунёдӣ ва ватандӯстӣ | Душанбе | Маъмурияти муассиса, омӯзгорон ва хонандагон |
| 2 | Намоишгоҳи маводи аёнӣ оид ба асари «Тоҷикон»<br>Озмуни ёдгориҳои таърихӣ.<br>Дар намоиш «Беҳтарин тасвирҳо аз матни китоби «Тоҷикон» аз ҷониби иштирокдорони ҳафта пешниҳод карда мешаванд | Сешанбе | Муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, омӯзгорон ва хонандагон |
| 3 | Муаррифии тасвирҳо ва баррасии таҳияи лоиҳаҳои хурди илмии хонандагон дар мавзуи «Тоҷикон»-асари бунёдӣ ва ватандӯстӣ | Чоршанбе | Муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, омӯзгорон ва хонандагон |
| 4 | Гузаронидани шаби саволу ҷавоб бо хонандагон оид ба фаслҳои китоби «Тоҷикон»<br>Таҳияи рӯзномаҳои мактабӣ оид ба асари «Тоҷикон» | Панҷшанбе | Муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, омӯзгорон ва хонандагон |
| 5 | Баргузории конференсияи илмӣ дар мавзуи «Тоҷикон»-шиносномаи миллат | Ҷумъа | Муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, омӯзгорон ва хонандагон |
| 6 | Натиҷабардории рӯзномаҳои мактабӣ оид ба асари «Тоҷикон»<br>Ҷамъбасти ҳафта. Баргузории чорабинии фарҳангӣ. Сурудҳо дар васфи Ватан | Шанбе | Роҳбарияти муассиса, омӯзгорон ва хонандагон |
| Арзёбӣ | | | |

**3.** Баргузор намудани конференсияҳо оид ба китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров. Чун конференсия аз калимаи лотинии «confercio» гирифта шуда, ҷамъомади гурӯҳи донишмандон, мутахассисон ё шахсони алоҳидаро баён мекунад, барои муҳокимаи мавзуи муайян гузаронида мешавад. Конференсия-маҷлиси машваратӣ, ҷамъомади намояндагони ташкилот, давлатҳо ва олимон барои муҳокимаи масъалаҳои махсус, ҳамоиш буда, дар шаклҳои зерин: илмӣ-амалӣ, илмӣ-назариявӣ ва намудҳои зайл: маҳдуд- дар ҷойҳо; минтақавӣ- шаҳру вилоятҳо, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баргузор карда мешавад. Дар робита ба ин роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон метавонанд дар мавзуъҳои гуногун аз ҷумла, “Бобоҷон Ғафуров- ахтари илму сиёсат”, “Нақши Бобоҷон Ғафуров дар муаррифии таърихи кӯҳанбунёди халқи тоҷик”, “Ватандӯстӣ ва истиқлолҷӯии тоҷикон”,

“Тоҷикон”-шиносномаи миллат, Мавқеи ”Тоҷикон” дар ташаккули худшиносии миллӣ ва рушди тафаккури таърихӣ” ва амсоли ин конференсияҳои илмӣ- амалӣ, илмӣ-назариявӣ ва амсоли инро баргузор карда, маърузаҳои хонандагонро шунаванд ва муҳокима кунанд ва ба ин васила аз як тараф тайёр кардани мақолаву маърӯзаҳои илмиро миёни хонандагон ба роҳ монанд, аз ҷониби дигар шоҳасари “Тоҷикон”-ро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд.

**4.** Гузаронидани семинарҳои илмӣ оид ба мавқею аҳамияти китоби “Тоҷикони”-и Бобоҷон Ғафуров дар инъикоси мероси таърихию фарҳангии халқи тоҷик. Тавре маълум аст семинар -машғулияти амалӣ бо гурӯҳи хонандагон маҳсуб ёфта, дар намудҳои зерин: семинари илмӣ- методӣ, омӯзишӣ ва семинар-машварат баргузор карда мешавад. Вобаста ба ин маъмурияти муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорони фаннӣ ҷиҳати баррасии масъала метавонанд дар мавзуъҳои “Тоҷикон”-равшангари таърихи пурғановату ифтихорбахши миллат, “Таҳаввули мактаб ва низоми омӯзиш ва инъикоси он дар осори Бобоҷон Ғафуров”, “Инъикоси корномаи мубориизони халқи тоҷик дар талош барои озодии Ватан”, “Тоҷикон-тарғибгари мероси таърихиву фарҳангии моддиву маънавии миллат ” “Ҷойгоҳи “Тоҷикон” дар худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстию ватандорӣ, илму адабиёт, забон, маърифату маънавиёт” ва монади ин семинарҳои илмӣ ва семинар -машваратҳо баргузор карда, аҳамияти китоби “Тоҷикони”-и Бобоҷон Ғафуровро дар инъикоси мероси таърихию фарҳангии халқи тоҷик ба хонандагон равшан намоянд.

**5.** Ташкили вохӯрии хонандагон бо олимони соҳаи таърих дар мавзуи “Тоҷикон” ва тарбияи ватандӯстӣ. Чун вохӯрӣ - дар як ҷо ҳозир шудани гурӯҳи одамон, боздид, мулоқот (барои суҳбатҳои расмӣ) махсуб ёфта, бо мақсади равшан кардан, огаҳӣ ва маълумоти бештар гирифтан нисбат ба ягон масъалаи муҳим баргузор карда мешавад, роҳбарият ва омӯзгорон дар ин росто метавонанд вохӯрии хонандагонро бо донишмандону муаррихони шинохта ташкил намуда, нақши китоби “Тоҷикон”-ро дар тарбияи ватандӯстӣ муайян созанд. Ҳамчунин хонандагон дар бораи қаҳрамониҳои халқи тоҷик баҳри озодии Ватан маълумот пайдо намоянд.

**6.** Навиштани иншо дар мавзуъҳои:

- “Мавқеи китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагон”;
- “Бозтоби мактабу низоми омӯзиш дар осори академик Бобоҷон Ғафуров”;
- Инъикоси шахсиятҳои ватандӯсту меҳанпарвар, ҷасуру мубориз ва озодихоҳ дар асари “Тоҷикон”- Бобоҷон Ғафуров”;
- “Гузаштаи пурғановати халқи тоҷик”;
- “ Маорифпарварӣ ва адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX.

Иншо- усули муташаккилонаи изҳори ақидаҳо оид ба мавзуи интихобшуда мебошад, одатан, он аз нуқтаи назари интиқодӣ анҷом дода мешавад. Иншо **- жанри адабии ба наср навишташуда ҳисобида мешавад, ки дониш** ва андешаҳои нависандаро **дар асоси таҷрибаҳои шахсӣ фаро мегирад**. Ин ҳангом истифодаи чеҳраҳои адабӣ ва манбаъҳои тасвирҳои таърихӣ- бадеӣ комилан дуруст аст. Ин як усули хеле мувофиқи санҷишӣ барои санҷиши саволҳои душворфаҳм ва тавзеҳотӣ дар дидактика мебошад. Иншонавис **матни хеле тавсифӣ, дақиқро омода мекунад,** қодир аст тамоми ҷузъиёти як мавзуъро ошкор кунад ва онро муфассал шарҳ диҳад

Барои расонидани кӯмаки амалӣ ба омӯзгорон намунаи сохтори иншоро пешниҳод менамоем:

Муқаддима. **Дар ин бахш муаллиф ба хонанда хулосаи мухтасари мавзуъро бо фарзияи мувофиқаш таҳлил менамояд.** Муаллиф метавонад дар шакли савол ё ҳамчун изҳорот тасдиқи онро пешниҳод намояд. Дар ҳар сурат, пешниҳодҳо қарорҳое мебошанд, ки асолату услуби нависандаро инъикос мекунанд.

Рушд. Баёни сабабҳо, ғояҳо ва дурнамо. **Ин ҷо, бояд ҳарчи бештар маълумот ҷойгир карда шавад**. Инчунин, муаллиф бояд равшан нишон диҳад, ки кадом далелҳои овардаи ӯ барои дастгирӣ кардан ё мухолиф будани фарзияи дар муқаддима зикршуда мувофиқанд. Бешубҳа, ҳар як фикр ба таври зарурӣ дастгирӣ карда мешавад.

Хулоса. Қисмати охири иншо буда, баррасии мухтасари ҳама чизест, ки дар таҳия шарҳ дода шудааст, то ҳалли онро пешниҳод кунад. Хулоса **метавонад номаълумҳои навро ба миён орад, ё дар мавриди очеркҳои адабӣ ё танқидӣ оҳанги киноямезро дар бораи асар инъикос кунад**. Аз тарафи дигар, дар зарурат истинодҳои библиографиро дар охири матн сабт намояд.

Пас аз интихоб ва таҳқиқи мавзуъ, иншонавис бояд мавқеero пеш аз пешниҳоди мақсад муқаррар кунад, ки (тасдиқ ё рад карда шавад). Сипас, хонанда ба таҳияи нақшаи навиштан идома медиҳад, ки барои фармоиш додани пайдарпаии далели ӯ муфид хоҳад буд. Яъне, чӣ гуна ғояҳо дар муқаддима, таҳия ва хулоса бо иқтибосҳои мувофиқи онҳо аз сарчашмаҳо баррасӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, навиштани иншо қобилияти эҷодии хонандагонро ташаккул дода, дақиқ ифода намудани фикрашонро ба тарзи равшан, равнақ мебахшад.

**7.** Баргузор кардани ҷамъомадҳои умумактабӣ дар мавзуъҳои:

**-** “Рӯзгору осори Бобоҷон Ғафуров”;

**-** “ Бобоҷон Ғафуров-омӯзгор, сиёсатмадор ва донишманди номдори тоҷик”;

**-** “Бобоҷон Ғафуров Қаҳрамони Тоҷикистон”;

**-** “ Тоҷикон ва талошҳои таърихии онҳо барои озодии ватан”.

**8.** Ба роҳ мондани омӯзиши зиндагинома ва осори қаҳрамонони Тоҷикистон.

**9.** Роҳнамоӣ ва таъмини иштироки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикон”-оинаи таърихи миллат.

## АДАБИЁТ


1.Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон». Душанбе «Нашриёти муосир»-2020.- 964 саҳ.

2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

3. Муҳаммад Лутфуллозода “Тоҷикон” ва тарбияи ватандӯстӣ.-Душанбе “Таъминот-55” - 2022.- 84 саҳ.

4.Сайфуллоҳи Муллоҷон Таърихи мактабу маорифи тоҷикон дар пажӯҳиши академик Бобоҷон Ғафуров.- Душанбе “Промэкспо”- 2021.- 150 саҳ.

5.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси фаъолони маорифи ҷумҳурӣ 28-уми августи соли 1995.Дар китоби Истиқлолияи Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ. 1. – Душанбе: Ирфон – 2002. саҳ. 38.

6. Сухомлинский В.А. Ватан дар дил. - Душанбе «Маориф», 1986.-196 саҳ.

7.Туронов С.Ш. Инсон, Тарбия, Ватан. (монография). – Душанбе, «Нигор» -2014. -184с.

8.Ҳайдаршо Пирумшо Ахтари илму сиёсат.- Хуҷанд “Нури маърифат” - 2019.- 377 саҳ

9. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе -2018- 36 саҳ.


## ВОСИТА ВА ШАКЛҲОИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ОМӮЗИШИ «ТОҶИКОН»


Дар мақола нақши мактабу маориф дар пешрафти ҷомеа муайян шуда, шароиту имконоте, ки Истиқлоли давлатӣ барои тараққиёти рӯзафзуни тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, бахусус соҳаи маориф фароҳам овардааст ва таҳаввулоте, ки дар ин давра дар низоми маорифи тоҷик рух додааст, зикр ёфтааст.

Муаллифон дар мақола мавқеи шоҳасари академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон»- ро дар боби худшиносиву худогоҳии наврасону ҷавонон ва баёни таърихи пурифтихор, корномаҳои шоистаи ниёгони миллати тоҷикро дар тули таърих нишон додаанд. Дар ин ҷода намунаи чорабиниҳоеро пешниҳод кардаанд, ки зимни баргузории онҳо омӯзиши шоҳасари Бобоҷон Ғафуров “Тоҷикон” сурат гирифта, ба ин васила тарбияи ватандӯстии хонандагон рушд меёбад. Ҳамчунин дар мақола роҳҳои дар худ парваридани эҳсоси соҳибватанӣ ва расидан ба қадри ин неъмати бебаҳо, яъне ватандорӣ мушаххас баён шудааст.



***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Истиқлолият, мактабу маориф, анъана ва арзишҳои миллӣ, ҳувият, тарбияи хештаншиносиву худогоҳии миллӣ ва ватанпарастӣ.*


## СРЕДСТВА И ФОРМЫ ПАТРИОТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИХСЯ ПРИ ИЗУЧЕНИИ КНИГИ "ТАДЖИКИ"


В статье определяется роль школы и образования в развитии общества, упоминаются условия и возможности, созданные независимостью государства для нарастающего развития всех сфер общественной жизни, особенно сферы образования, а также события, произошедшие в таджикской системе образования за этот период.

В статье авторы отметили позицию великого произведения академика Бободжона Гафурова «Таджики» в самосознании и саморазвитии подростков и молодежи, а также изложение истории достойных достижений предков гордого таджикского народа на протяжении всей истории. В этом направлении они представили примеры мероприятий, в ходе которых происходит изучение шедевра Бободжона Гафурова «Таджики», и таким образом воспитывается патриотизм учащихся. Также в

статье конкретно описаны способы воспитания чувства патриотизма и достижения ценности этого бесценного дара.

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Независимость, школа и образование, традиции и национальные ценности, идентичность, воспитание самосознания, национальной гордости и патриотизма.*

**MEANS AND FORMS OF PATRIOTIC EDUCATION OF STUDENTS IN THE STUDY OF THE BOOK "TAJIKS"**

The article defines the role of the school and education in the development of society, mentions the conditions and opportunities created by the independence of the state for the growing development of all spheres of public life, especially the sphere of education, as well as the events that took place in the Tajik education system during this period.

In the article, the authors noted the pposition of the great work of academician Bobojon Gafurov "Tajiks" in the self-awareness and self-development of adolescents and youth, as well as a presentation of the history and worthy achievements of the ancestors of the proud Tajik people throughout history. In this direction they presented examples of events during which the study of the masterpiece of Bobojon Gafurov "Tajiks" takes place, and thus the patriotism of students is brought up. Also, the article specifically describes ways to cultivate a sense of patriotism and achieve the value of this priceless gift.

***Key words:*** *Tajikistan, Independence, school and education, traditions and national values, identity, education of self-consciousness, national pride and patriotism.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:**Туронов Султонмурод-номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори ПАжуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ш.Душанбе, кучаи. Айни, 126, тел: +(992)905054151

**Суриева Шакармо** ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Ваҳдат, кучаи. Салимзода 32, хонаи 10, тел. 93 001 0353.

**Сведения об авторах** Туронов Султонмурод - кандидат педагогических наук, заместитель директора Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни, 126, тел: +(992)905054151

**Суриева Шакармо** старший научный сотрудник Иниститута развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Ваҳдат улица Салимзода 32, кв. 10, тел. 93 001 0353

**Information about author** Turonorv Sultonmurod - Candidate of pedagogical sciences, Deputy director of the Institute for the Development of Education named after Abdurakhman Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Str. Ayni, 126, tel: + (992) 905054151

**Surieva Shakarmo** senior scientific employee Inisitituta developments of the education the name Abdurahmana Jomi Academies of the Education Tajikistan, city Vahdat street Salimzoda 32, apartmen 10, number telephone 93 001 03 53

**ИМАТЗОДА Л.М.**
**ҶАМОЛБИИ Ҳ.**

## ЗАМИНАҲОИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГИИ ИНКИШОФИ НУТҚИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини таълими забони англисӣ дар синфҳои болоӣ инкишофи ҳама намудҳои фаъолияти нутқӣ (гӯш кардан, хондан ва навиштан), ташаккули маҳорати муошират ва гуфтугӯ кардан, истифодаи дурусти воситаҳои забонӣ дар мавридҳои гуногун, истифода аз воситаҳои ғайризабонии ифодаи нутқ (ҳаракат, имову ишора, интонатсия) маҳсуб меёбад.

Бамаврид аст қайд намоем, ки дар сатҳи меъёрҳои қонунгузорӣ Ҳукумати ҷумҳурӣ дар соҳаи маориф аз соли 2004 ин ҷониб чандин барномаҳои амал, аз ҷумла Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар давраи солҳои 2004-2014", Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020" , Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020-ро роҳандозӣ намудааст.

Дар Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020" чунин қайд гардидааст: "Дар ҷаҳони муосир донистани якчанд забон имкониятҳои насли ҷавонро васеъ гардонида, шароит муҳайё месозад, ки неруи хешро дар соҳаҳои гуногуни фаъолият самаранок татбиқ намоянд.

Ба шарофати омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ тоҷикзабонон бо адабиёт ва фарҳанги ин миллатҳо низ шиносоӣ пайдо мекунанд. Адабиёт вазифаи муҳимми ташаккули завқи зебоипарастии наврасону ҷавононро ба уҳда мегирад”. [2, с.45]

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши забони англисӣ ба хонандагон ҳамчун воситаи муошират ва ташаккули фарҳанги маърифатӣ, инкишофи ахлоқӣ ва зебоипарастӣ омӯзонида мешавад. Бо назардошти ин гуфтан мумкин аст, ки мақсади таҳсилоти муосир дар муассисаи таълимӣ ин омода намудани хонанда ба ҳаёт дар ҷомеаи тағйирпазир аст. Дар раванди омодасозӣ дар хонанда бояд чунин сифатҳои муҳим азқабили созандагӣ, фаъолӣ ва мутаҳарик буданро тақвият дод, зеро сифатҳои мазкур дар ӯ барои фаъолияти минбаъдаи касбияш зарур хоҳанд шуд.

Ҳадафи умумии таълим дар вазифаҳои зерин муайян карда шудааст:

- ташаккул додани малакаҳои муошират дар ҳама намудҳои фаъолияти нутқ ва таълим додани муошират дар соҳаҳои рӯзмарра, таълимӣ, корӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ (ташаккули салоҳияти коммуникативӣ);
- инкишоф додани фарҳанги маърифатии хонандагон, қобилиятҳои забонӣ ва зеҳнии онҳо, маҳорати истифодаи дониши забонӣ ва маълумот оид ба забон (ташаккули салоҳияти забонӣ);
- ба фарҳанги забони англисӣ, таърихи он ҷалб намудан (ташаккули салоҳияти фарҳангӣ);

— ташаккули маҳорату малакаи умумии таълимӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ (кор бо китоб, луғатҳо, кайдҳои махсус) [3;6].

Муоинаи рушди педагогии инкишофи қобилияти хонандагон ба омӯзиши забони англисиро дар ҳаракати муносибатҳои мушаххас ва хусусии ӯ нисбат ба арзишҳои умумибашарӣ, ки дастовардҳои фарҳангиро дар худ таҷассум менамояд, ба роҳ мондан мумкин аст, яъне педагог муносибатҳои мушаххасро мушоҳида намуда, онҳоро сабт сохта, моҳияти муносибатҳои арзишмандро барои худ дарк менамояд. Ҳавасмандии педагогӣ ба ташаккул ва тараққӣ ёфтани муносибатҳои зеҳнӣ дар ҷараёни фаъолияти якҷоя бо хонандагон пайваст гардидааст, зеро раванди мазкур моҳияти шахсияти рушдкунандаро ифода менамояд.

Вақтҳои охир таҳсилот дар ҳама зинаҳо бояд дастрас бошад, ки ин такмили низоми маорифи кишварро тақозо мекунад. Табиист, ки зери такмили низоми маориф мо раванди баланд бардоштани сифати таҳсилотро дар назар дорем. Сифати таҳсилот бешак кафили муваффақияти хатмкунанда буда, минбаъд боиси рақобатпазирии ӯ дар бозори меҳнат ва соҳиб гаштанаш ба салоҳиятҳои барои фаъолияти ҳаётияш муҳим мегардад. Малакаҳои нутқӣ дар мактаб ташаккул ёфта, метавонанд барои таҳсилоти минбаъда дар донишкадаву донишгоҳҳо зарур гарданд. [1,с.76].

Масъалаи таҳқиқи педагогӣ-психологии инкишофи нутқии хонандагони синфҳои болоӣ ба омӯзиши забони англисиро олимон мавриди омӯзиш қарор додаанд. Аз ҷумла, оиди ин мавзӯъ олимон Чадрина М.,Нурахметов Н.Н.., Муканова С., Холиқова С., Сулаймонова Р.А, Александрова Н.А., Гармашов М.Ю., Кривенко Я.В., Никитина Л.А., Скарбич С.Н., Ушаков А.А., Федотова Н.А., Фескова Е.В., Форкунова Л.В. таҳлилу баррасиҳои густурдае кардаанд.

Дар илми тоҷик олимон С.С.Авғонов, Д.Р.Таиров, О.В. Ҷураева, К.Қодиров, М.Муллоҷонов, Ф.Шарипов, Ф.Худойдодова, Б.Б. Сафаров, Б.Қодирова самтҳои назария ва амалии мушкилоти масъалаи мазкурро дар паҳлӯҳои гуногуни таълими фанҳо таҳқиқ намудаанд.

Таҳқиқотҳо исбот менамоянд, ки бомуваффақият азхуд намудани асосҳои илм ва ба фаъолияти амалӣ тайёр кардани хонандагон, пеш аз ҳама, ба азхудкунии дараҷаи забони модарии худ вобаста аст. Ба ин муносибат қайд кардан зарур аст, ки аҳамияти ҷамъиятӣ ва хусусияти забони англисӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар мактаби хозира аз он ҷиҳат муайян карда мешавад, ки забон барои талабагон на танҳо фанни омӯзишӣ, балки воситаи дарки асосҳои илм, худтарбиякунии ахлоқӣ ва худтакмилдиҳӣ мебошад.

Дар асоси методи муайян мумкин аст шумораи зиёди методикаҳо таҳия карда шавад. Бинобар ҳамин дар фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишии худ методҳои зерини таҳқиқро истифода бурдан мумкин аст:

-омӯзиши адабиёти педагогӣ, ки барои аниқ намудани омилҳои педагогӣ-психологии инкишофи нутқи хонандагони синфҳои болоӣ ба омӯзиши забони англисӣ то ҳадди зарурӣ аниқ карда шавад;

- зарур мебошад, ки ҷанбаҳои педагогиро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда, инчунин омилҳои педагогӣ-психологии инкишофи нутқи гуфтугӯии хонандагони синфҳои болоӣ ба омӯзиши забони англисӣ муайян карда шавад;

- мушоҳидаи педагогӣ барои ба таври муфассал сабт намудани тағйироти сифатӣ, ки дар рушди омилҳои педагогӣ-психологии инкишофи нутқии хонандагони синфҳои болоӣ ба омӯзиши забони англисӣ рух медиҳанд, зарур ҳисобида шуд;

- омӯзиши натиҷаи фаъолияти таълимии хонандагони синфҳои болоӣ;

-методи ҷамъбастнамоии назариявӣ, методи мазкур аз тарафи мо барои ҷамъбастнамудани натиҷаҳои ба даст овардашуда истифода шуд. [4,с.123].

Таълими забони англисӣ дар синфҳои 9-11 татбиқи ҳамаҷонибаи ҳадафҳои таълимӣ, тарбиявӣ, рушд ва коммуникативиро дар назар дорад. Фаъолияти коммуникативӣ, ки пешбаранда аст, рушди салоҳияти коммуникативиро таъмин мекунад, ки дар қобилияти интиқол додани маҳорат ва малакаҳои нутқии дар раванди омӯзиши забони англисӣ ба даст овардашуда ба ҳолатҳои гуногун дар соҳаҳои муҳимтарини муошират (маишӣ, маориф, сотсиалию маданӣ, ҷамъиятӣ) мебошад. Бинобар ин, дар рафти кори илмӣ-таҳқиқотӣ аз тарафи мо асосҳои илмӣ-педагогии омилҳои педагогӣ-психологии инкишофи нутқии хонандагони синфҳои болоӣ ба омӯзиши забони англисӣ муайян карда шуданд.

Барои илми педагогика ва психология, ки босуръат тараққӣ мекунад, кор карда баровардани воситаҳои нав хос аст, ки имкон медиҳанд моҳияти мавзуъ ва падидаи таҳлилшаванда ошкор шуда, робитаҳои имконпазир дар байни онҳо барқарор карда шаванд. Барои дар амалия муҳайё намудани заминаҳои педагогӣ-психологии инкишофи нутқии хонандагони синфҳои болоӣ ба омӯзиши забони англисӣ омодагии касбӣ ва шахсии муаллим нисбат ба эҷодкорӣ, худтакмилдиҳии доимӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Ба назар гирифтан зарур аст, ки воситаҳои таълим – ин маводи махсуси таълимӣ мазмуни гуногундошта мебошанд, ки ба муаллим дар идоракунии фаъолияти маърифатию амалии мактаббачагон, ҳалли проблемаҳои онҳо, додани дониш, ташаккули малака, таъсиррасонии бачагон ва ғайра кумак мекунанд.

Воситаи таълим ба асосӣ ва ғайриаслӣ тақсим мешавад. Воситаҳои асосӣ инҳоянд: 1) китоби дарсии мактабӣ; 2) маводи таълимие, ки китоби дарсиро пурра мекунанд (дастури машқҳо, маълумотномаҳо, луғатҳо); 3) воситаҳои аёнии навъҳои гуногун. Воситаҳои ғайриасосии таълим воситаҳои ёрирасон мебошанд, ки на барои тамоми раванди таълим, балки танҳо барои ҷанбаҳои алоҳидаи он пешбинӣ шудаанд, масалан, варақаҳо, плакатҳо, транспарантҳо ва ғайра. Ба гуфтаи Е.С.Полат «воситаҳои таълимӣ маҷмӯи дастурҳои таълимӣ ва асбобҳои техникӣ мебошанд, ки бо ёрии онҳо фаъолияти омӯзгор дар таълими забон ва фаъолияти хонандагон дар омӯзиши забон идора карда мешавад». [7,47].

Дар раванди таълим ҳар як дониши нав хонандаро ҳамзамон бо калимаҳо, истилоҳот, нутқе, ки дар онҳо ин дониш ифода ва мустаҳкам мешавад, ғанӣ мегардонад. Сухани хонандагон ҳар қадар ғанитар ва фасеҳтар бошад, азхудкунии дониш ҳамон қадар амиқтар ва мустаҳкамтар мешавад.

Барои самаранокии раванди таълими забони хориҷӣ ва фаъол гардонидани фаъолияти коммуникативӣ ва нутқӣ зарур аст, ки технологияҳои муосир ва самараноки таълимро интихоб кард. Бо истифода аз технологияҳои муосири таълими педагогӣ, мо марҳила ба марҳила муфассал коркарди тамоми дарсро бо тақсимоти дақиқи қисмҳо ва мантиқи фаъолияти таълимии хонандагон ва роҳбарии омӯзгор пешбинӣ мекунем.

Академик М.Лутфуллоев дар асоси таърифҳои боло дар китоби "Дарс" чунин низоми дарсҳоро пешниҳод кардааст:

1) дарсҳое, ки рушди малакаҳои хониш ва кор бо китобро дар бар мегиранд. Матн ва машқҳои дидактикӣ дар дастур, дастурамал;

2) дарсҳои марбут ба осори адабӣ, антологияҳо ва истифодаи усули таҳлили онҳо;

3) дарсҳое, ки ба ташаккули қобилияти мустақилона интихоб кардан ва мутолиа кардани китоб мувофиқи имкониятҳои мутолиа ва хоҳиши шахсӣ нигаронида шудаанд. Дар ин маврид маҷмӯи китобҳои бачагона маводи таълимӣ ҳисобида мешаванд;

4) дарсҳо барои амалӣ намудани қобилиятҳои эҷодии хонандагон бо истифода аз воситаҳои махсуси ташкили фаъолияти эҷодӣ (маҷмӯаи китобҳо бо маводи бозиҳои адабӣ, бо маълумот дар бораи китобҳо, муаллифон, қаҳрамонони асарҳо). [5,67]

Технология як шакли мушаххаси воситаи педагогӣ барои муаллимон бо навиштаҷоти муфассали илмӣ барои ҳар як дарс аст. Ҳадафҳои асосии омӯзиши инноватсионӣ инҳоянд:

- рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, коммуникатсионӣ, забонӣ ва эҷодии хонандангон;
- ташаккули сифатҳои шахсии хонандагон;
- ташаккули малакаҳое, ки ба фаъолияти таълимию маърифатӣ ва гузаштан ба сатҳи эҷодиёти пурмаҳсул таъсир мерасонанд;
- ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон.

Нутқи муаллим омили муайянкунандаи рафтори коммуникативии омӯзгор буда, раванди суханронӣ, интиқоли иттилоот, инчунин чунин сохтори нутқ ва рафтори нутқи омӯзгорро дар бар мегирад, ки ба ташаккули ҳиссиёт ва эҳсосот, муҳити психологӣ, муҳити муоширати байни муаллим ва талаба, характери муносибат, тарзи кор кардани онхо таъсир мерасонад.

Аз ин рӯ, дар дарси забони англисӣ дар шаклҳои кори инфиродӣ, ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ, лоиҳаҳои гуногуни тадқиқотӣ, бозиҳои нақшбозӣ ташкил карда, кор бо ҳуҷҷатҳо ва манбаъҳои гуногуни иттилоот амалӣ карда мешавад. Бо ёрии технологияҳои интерактивӣ омӯзгор хонандагонро барои расидан ба ҳадафу вазифаҳои дарс роҳнамоӣ мекунад.

Инкишоф додани тафаккур маънои инкишоф додани табодули андешаи мантиқан дурустро дорад. Он барои чӣ истифода мешавад?

-захираи луғатро ғанӣ мегардонад;
- омодагӣ ба баёни кӯтоҳи мушаххас мебошад;
- ташаккул додани идеяро (ибораи калидӣ) таълим медиҳад;
- ба шумо имкон медиҳад, ки ақаллан як лаҳза худро эҷодкор ҳис кунед;
- ҳалли мушкилот (ҳуҷуми ақлӣ) истифода мешавад.

Ин шаклҳои таълим барои талабагон аз он сабаб аҳамияти калон доранд, ки онҳо ба ҳар кас имкон медиҳанд, ки дар муҳокима ва ҳалли масъала иштирок намояд, нуқтаи назари дигарро шунаванд ва мураккабии масъаларо бубинанд.

Чунин дарсҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки намунаи ҳалли мушкилот дар вазъиятҳои рӯзмарра эҷод кунанд, онҳоро фаъол созанд ва ба раванди таълим ҷалб кунанд. Он махсусан барои хонандагони камфаъол ва заиф, ки дар синф хомӯш монданро афзалтар медонанд, мувофиқ аст. Дар гурӯҳҳои хурд кор кардан, чун қоида ба худшиносии ин гуна хонандагон таъсири судбахш мерасонад. Барои омӯзгор чунин шаклҳои ташкили машғулиятҳо имкон медиҳанд, ки дар раванди таълим вақт сарфа карда шавад, фаъолияти маърифатии ҳар як хонанда фаъол шавад.

Яке аз салоҳиятнокиҳои фаннӣ инкишоф додани таҳлили имлоӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ мебошад. Ташаккулёбии он ҳанӯз аз давраи таълими савод шурӯъ мегардад. Воситаи асосии назорати ҳар як амалиёт дар бораи таҳлили дурусти овозӣ ҷудо карда баровардани овоз дар калимаи таҳлилшаванда мебошад. Аз 25 нафар хонандаи синфҳои болоӣ 18 нафар метавонистанд, ки таҳлили овозиро бехато анҷом диҳанд. Ин 72% мебошад. Дар ин хонандагон қобилияти назорати дуруст иҷро намудани ҳаракат дар сатҳи баланд ташаккул ёфтааст. Ҳафт нафари боқимонда, ки 28%-ро ташкил медиҳанд, ин намуд супоришро иҷро карда, ба хатоҳои ночиз роҳ доданд. Бо ин хонандагони синфҳои болоӣ дар давоми чоряк оид ба масъалаи фарқ намудани овозҳои забони англисӣ дарсҳои иловагӣ гузаронида шуданд, ба шарофати модели графикӣ педагог дар дарсҳо аз парадигмаи эмпирикии таҳсил дур рафта, тадриҷан ҳаҷми парадигмаи стохастикии таълимро бештар менамояд. Таҳлили машғулияти таълимӣ водор месозад хулоса намоем, ки дар дарсҳо зарур аст маводи гуногуни дидактикӣ истифода бурда шаванд.

Дар ибтидои таълим бошад, муҳим аст, ки дар хонандагон фарҳанги зеҳнии кор бо нақшаҳо, талабот ва одат кардан ҷиҳати рӯйоварӣ ба манбаи ибтидоии маълумот (дар намуди нақшаҳо) рушд ёбад. Имло яке аз қисматҳои забоншиносӣ буда, қоидаҳои дуруст навиштани калима ва шаклҳои грамматикаро меомӯзад.

Омӯхтану донистани қоидаҳои имло раванди мураккаб ва роҳи ташакули он аз қоида то автоматизатсия мебошад, ки бе машқи даст имконнопазир аст. Аз ин ҷост, ки мо имлоро ҳам аз ҷиҳати назария ва ҳам аз ҷиҳати амалия меомӯзем. Вазифаи асосии таълими имло ҳам ба ҳамин мақсад – саводнок кунондани талабагон нигаронда шудааст, ки сутуни фарҳанг ва маънавият аст.

Инчунин, дуруст муайян карда тавонистани абзатс, муайян кардани сарҳади ҷумлаҳо, дарк кардани сохти грамматикии ҷумла, доштани қобилияти ташаккулдиҳандаи донистани

хусусиятҳои сохтории ҷумла (муайян кардани асосҳои грамматикӣ) дар баргузории корҳои озмоишӣ мавриди истифода қарор ёфт.

Барои намуна чанд вазифаро пешниҳод мекунем.

**Вазифаи 1.** Матнро ифоданок хонед. Ҳудуди абзатсҳоро муайян кунед. Сарҳадҳои мантиқии матнро ишора созед. Мавзӯъ ва идеяи асосиро муайян кунед. Дар матн аломатҳоро гузоред.

Дар асоси маводи матн, сатҳи ташаккули малакаҳои таҳлили матн, донистани мафҳумҳои нутқ санҷида шуд. Натиҷаҳои иҷрои супориш дар диаграммаи №1 оварда шудаанд.

**Диаграмма №1.**




**Вазифаи 2.** Бо мақсади пайгирии динамикаи сатҳи ташаккули сохтори синтаксисии нутқи мактаббачагон дар синфҳои 9-11 иншои «Китоб – сарчашмаи дониш» гузаронида шуд. Зимни ин супориш муайян карда шуд, ки хонандагон дар нутқи худ кадом конструксияҳои синтаксисиро истифода мебаранд. Кори 78 нафар хонандангон таҳлил карда шуд.

**Диаграммаи №2**




Натиҷаи таҳлили иншо нишон медиҳад, ки бештар фоизи хонандагон сатҳи муътадили нутқ дошта, дар иншо аз конструксияҳои гуногуни синтаксисӣ, воситаҳои ифодаи забонӣ истифода мебаранд, ки дар навбати худ нутқро аз ҷиҳати мантиқӣ дуруст пайваст ва ифоданок месозад.

Дар назар доштан зарур аст, ки мавриди таҳлили иншо хонандагон оид ба матн, хусусиятхои жанру услуби он, усулҳои интишори ҷумлаҳо, қоидаҳои ҷойгиркунии қисмҳои матн дониши кофӣ пайдо намуда, фикри худро озодона ва мантиқан дуруст мавриди аз як қисм ба дигари супоришҳо иброз ва хулосаҳоро дуруст баён менамуданд. Аксари хонандагон (66%) дар кори худ ҷумлаҳои мураккабро истифода мебаранд ва танҳо тақрибан 34% ҷумлаҳои соддаро истифода мебаранд.

Мавриди кор муайян гардид, ки барои он ки хатоҳои талабагон мунтазам таъкид карда шаванд, донистан лозим, ки ҳар яки он ба кадом гурӯҳи хатоҳо роҳ медиҳанд ва сабабҳои рӯй додани онҳо кадомҳоянд. Омӯзиши забон, махсусан забони англисӣ бо истифода аз заминаҳои педагогӣ-психологӣ барои расидан ба се мақсад нигаронида шуд:

-дар хонандагон самаранок ташаккул додани донишу малакаҳои имлоӣ, донистани қоидаҳои грамматикӣ;

-барои дар мактаббачаҳо ташаккул ёфтани худи фаъолияти таълимӣ ва дар навбати аввал ба ҳаракати таълимии арзёбӣ мусоидат намудан;

-барои дар донишомӯзон ташаккул ёфтани рефлексия ҳамчун таснифи махсуси ҳаракати имлоӣ шароит ба вуҷуд овардан.

Ҳамин тавр, омӯзиши забон бо истифода аз заминаҳои психологӣ-педагогӣ барои расидан мақсадҳои зерин нигаронида шудааст:

- барои дар хонандагон самаранок ташаккул додани донишу малакаҳои имлоӣ, грамматикӣ;

- барои дар хонандагон ташаккул ёфтани малакаҳои нутқӣ, салоҳиятҳои коммуникативӣ мусоидат намудан ва дар навбати аввал арзёбии мазмуни он.

Инчунин, дар натиҷаи таҷриба маълум гардид, ки дар методологияи муқарраргардида ба ҷанбаи амалии фаъолияти хонандагон, ки ба ташаккули малакаҳои муоширатӣ ва нутқӣ, омӯзиши хусусиятҳои функсионалии хонандагон равона гардидааст, мусоидат намуда, дар ин маврид хонанда мафҳумҳои забонӣ, аз қабили матн, мавзӯъ, ғояи асосӣ, тарзи интиқоли ҷумлаҳо дар матн, намуд ва услуби нутқро дониста мегирад. Хулоса, ҳадафи асосии фароҳам овардани заминаҳои педагогӣ-психологӣ дар таълими забони англисӣ баланд бардоштани сифати дониши хонандагон, рушди қобилияти маърифатӣ ва нутқии онҳо мебошад.

## АДАБИЁТ:

1. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.(Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (30.06.2012, №334)Душанбе,2012
2. Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонiои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (30 .08.2019 № 438).
3. Авганов С.С. Профессиональная подготовка будущего учителя иностранных языков на основе использования компьютерных технологий в общеобразовательных школах: автореф. ... канд. пед.наук / С. С. Авганов. - Душанбе, 2006.- 44 с.
4. Колшанский Г.В. Коммуникативная функция и структура язык. М.: 2007.240 с.
5. Лутфуллоев М. Дарс / М. Лутфуллоев [Матн] - Душанбе: Маориф, 1995. - 117 с.
6. Иматзода Л.М. Тамоюлҳои асосии рушди таҳсилот ва роҳҳои татбиқ дар ҷараёни таълим. // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2020. - №1(29). - С.5-8.
7. Полат Е.С. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования / Е. С. Полат. -М., 2000.- с 29-32
8. Шипелевич Л. Пути и методы повышения мотивации обучения русскому языку с использованием современных технологий: Автореф. ... доктор пед. Наук: 13.00.02: Москва, 2000.53 с.

## ЗАМИНАҲОИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГИИ ИНКИШОФИ НУТҚИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Барои хонандагони синфҳои болоӣ омӯзиши забони англисӣ ҳамчун воситаи муошират, ташаккули фарҳанги маърифатӣ, инкишофи ахлоқию маънавӣ ҳисобида мешавад. Таҳқиқотҳо исбот менамоянд, ки забони англисӣ барои талабагон на танҳо фанни омӯзишӣ, балки воситаи дарки асосҳои илмии фан ва худтакмилдиҳӣ мебошад. Дар ин маврид фаъолияти коммуникативӣ пешбаранда ҳисобида шуда, рушди салоҳияти коммуникативӣ зимни корҳои озмоишӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтанд. Барои самаранокии раванди таълими забони хориҷӣ ва фаъол гардонидани фаъолияти коммуникативӣ ва нутқии хонандагон муҳим аст, ки технологияҳои муосир ва самараноки таълим мавриди истифода қарор ёбад, ки дар ин маврид хонанда мафҳумҳои забонӣ, аз қабили матн, мавзӯъ, ғояи асосӣ, тарзи интиқоли ҷумлаҳо дар матн, намуд ва услуби нутқро дониста мегирад. Хадафи асосии фароҳам овардани заминаҳои педагогӣ-психологӣ дар таълими забони англисӣ баланд бардоштани сифати дониши хонандагон, рушди қобилияти маърифатӣ ва нутқии онҳо мебошад.

***Калидвожаҳо:*** *заминаҳои педагогӣ-психологӣ, фарҳанги маърифатӣ, малакаҳои нутқӣ, салоҳиятҳои фаннӣ, фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ, воситаҳои таълимӣ, мафҳумҳои забонӣ.*

**ПЕДАГОГИЧЕСКИ-ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ РАЗВИТИЯ РЕЧИ СТАРШИХ ШКОЛЬНИКОВ НА УРОКАХ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА**

Для старшеклассников изучение английского языка рассматривается как средство общения, формирования познавательной культуры, нравственного и духовного развития. Исследования доказывают, что английский язык является для учащихся не только предметом изучения, но и средством познания научных основ предмета и самосовершенствования. При этом коммуникативная деятельность считалась ведущей, а развитие коммуникативной компетенции изучалось в ходе экспериментальной работы. Для эффективности процесса обучения иностранному языку и активизации коммуникативно-речевой деятельности учащихся важно использовать современные и эффективные технологии обучения, при которых учащийся усваивает языковые понятия, такие как текст, тема, основная мысль, способ передачи предложений в тексте, знает тип и стиль речи. Основной целью обеспечения педагогико-психологических основ обучения английскому языку является повышение качества знаний учащихся, развитие их познавательных и речевых способностей.

***Ключевые слова:*** *педагогико-психологические предпосылки, познавательная культура, речевые навыки, учебные компетенции, экспериментально-проверочная деятельность, средства обучения, лингвистические концепты.*

**PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL PREREQUISITES FOR THE DEVELOPMENT OF SPEECH IN ENGLISH LESSONS**

For high school students, the study of English is considered as a means of communication, the formation of a cognitive culture, moral and spiritual development. Research proves that English is not only a subject of study for students, but also a means of learning the scientific foundations of the subject and self-improvement. At the same time, communicative activity was considered the leading one, and the development of communicative competence was studied in experimental work. At the same time, communicative activity was considered the leading one, and the development of communicative competence was studied in the course of experimental work. For the effectiveness of the process of teaching a foreign language and enhancing the communicative and speech activity of students, it is important to use modern and effective teaching technologies, in which the student learns language concepts such as text, topic, main idea, the way sentences are conveyed in the text, knows the type and style of speech. The main goal of providing the pedagogical and psychological foundations for teaching English is to improve the quality of students' knowledge, the development of their cognitive and speech abilities.

***Key words:*** *pedagogical and psychological prerequisites, cognitive culture, speech skills, learning competencies, experimental testing activities, teaching aids, linguistic concepts.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Иматзода Лутфия Махмадулло, доктори илмҳои педагогӣ, профессор., Тел:(+992)934-662002, Почтаи эл.: imatoval@mail.ru.

Ҷамолбии Ҳабибулло–омӯзгори кафедраи забонҳои хориҷии *Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.* Тел: (992) 933087377

**Сведения об авторе:** Иматзода Лутфия Махмадулло, доктор педагогических наук, профессор. Тел:(+992)934-662002, Эл. почта: imatoval@mail.ru

*Джамолбии Х. – ассистент кафедры иностранных языков Кулябского Государственного Университета имени Абуабдуллох Рудаки.* Тел: (992) 933087377

**Information about the author:** Imatzoda Lutfiya Makhmadullo, Doctor of Pedagogy, Professor, Tel: (+992) 934-662002, Email: imatoval@mail.ru

Jamolbii H –English teacher of the department of foreign languages of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Phone: (992) 93308737

**РАҶАБОВ С.М.**

# ЧАНД ОМИЛИ САМАРАНОКИ ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар замони муосир таълиму тарбияи насли наврас ба масъалаи муҳимми ҷомеа табдил ёфтааст. Ин стратегия ба омилҳои берунӣ ва дохилӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Дар шароити бархурди тамаддунҳо давлатҳои абарқудрат раванди ғасби кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ заифро густариш медиҳанд, бархурди анъанаю одатҳои мардумӣ, мубориза тавассути воситаҳои ахбор дар шаклҳои гуногун идома дошта, ҷараёни ҳалли масъалаҳои таълиму тарбияро ба душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ месозанд. Таъсири раванди ҷаҳонишавӣ бо ҳузури ҷараёнҳои мухталифи фарҳангҳои ҷаҳонӣ барои коҳиши худогоҳии миллии ҷомеа назаррас буда, дар ҷараёни таълими фанҳои ҷомеашиносӣ руҷуъи бештар ба масъалаҳои

муҳимми сиёсати давлатӣ, таблиғи дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ба ин восита боло бурдани тафаккури ҳуқуқии ҷавонон амри зарурӣ дониста мешаванд.

Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94 қабул шудааст, масъулиятшиносии тамоми омӯзгоронро дар ҷараёни афзун гардондани моҳияти тарбиявии дарс бештар гардонда, дар ҷараёни таъсири мутақобилаи равандҳои ҷаҳонишавӣ бояд таҳким бахшидани донишҳои сиёсиву афкори маънавии толибилмон бо мақсади эмин мондан аз таъсири ҳар гуна андешаҳои номатлуби гурӯҳҳои ифротӣ ва радикалӣ зарур аст. Ҳар як устод новобаста аз бахш ё самти таълим бояд ҳиссаеро аз дарси худ ба ин мавзуи муҳим бахшанд ва ба ҳамин восита ба шуури ахлоқии ҷавонон таъсиргузор бошад. Дар ин самт, бахусус, омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ, бештар мувазаф мешаванд. **Қувваҳои ифротгарро ба таблиғи идеологияҳои тафриқакорона ва хурофотӣ миёни ҷомеа, ҳисси бадбинӣ ва нафрат нисбат ба якдигар, мазҳабгароӣ ва миллатпарастиро густариш медиҳанд, аз ҷониби дигар, ба суботи ҷомеа монеа эҷод карда, ҳуқуқи инсонро поймол мекунанд. Барои амалӣ кардани ҳадафҳои сиёсӣ ва иқтисодии ғаразноки худ, аз ҳама гуна воситаву имконот истифода мебаранд.**

Имрӯз, дунёи сармоядорӣ мақсадҳои худро дар самтҳои гуногун роҳандозӣ карда, бо роҳи ошкоро ташкил кардани зиддиятҳои байниқавмӣ, байнидавлатӣ, низоъҳои маҳаллӣ, инчунин бо истифода аз комёбиҳои илмӣ-техникӣ хусусан дар фарогирии ҷабҳаи биологӣ, психологӣ кӯшишҳо анҷом диҳанд. Бахри расидан ба ҳадафҳои худ онҳо тавассути маъракаҳои фароғатӣ, фарҳангӣ, варзишӣ то ҷое муваффақ ҳам шуда, мардумро аз андешаҳои солим, нангу номус, ватандӯстӣ, маънавиёти воло фориғ месозанд. Дар ин шароит тамоми ниҳодҳое, ки масъулияти таълиму тарбияи насли наврасро бар дӯш доранд, бояд таъкиди зерини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро аз мадди назар дур насозанд ва зиракиву ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳанд, зеро тавре Пешвои миллат таъкид намудаанд: «зоҳирпарастӣ, бегонапарастӣ ва хурофот барои ҷомеа ва давлату миллати куҳанбунёди тоҷик оқибатҳои даҳшатнок дорад».

**Ниҳодҳои иҷтимой, тарбиявӣ бояд масъулиятро ба таври аниқ дарк кунанд ва ҳар яки мо бояд аз худ бипурсем, ки ба фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо, ба меъёрҳои зиндагии насли наврас, ба рафтору гуфтору амали онҳо чи гуна баҳо медиҳем?. Аз ин рӯ, насли калонсол, омӯзгорон мебояд атрофи масъалаҳои таълиму тарбия, маънавиёт, муоширату муомила ва ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ пайваста андеша намоем.**

Дар чунин вазъият ҳалли проблемаи таълиму тарбия дар оила ва тарбияи ҷомеаи солим зарур мебошад. Аз он ки доираи таълиму тарбия хеле фаррох аст ва душвориҳои зиёде дорад, аҳли ҷомеаро водор месозад, ки аз амалҳои судманд истифода баранд. Зеро масъалаҳое, ки ба таълиму тарбия марбутанд, набояд ба якумдараҷаю дуюмдараҷа тақсим шаванд. Бинобар ин, раванди таълиму тарбия, ки дар заминаи устувори илми педагогика қарор дорад, бояд ба таври самаранок истифода бурда шавад,аз он ҷумла аз анъанаҳои педагогикаи халқи тоҷик низ.

Яке аз самтҳои самарабахши таълиму тарбия омӯзиши эҷоди аҷдоди хеш мебошад. Агар мардуми тоҷик фаҳмиши хешро дар робита ба фарҳангу анъанаҳои аҷдоди хеш сидқан бипазиранд, ба мероси гузаштагони хеш арҷ гузоранд, ба таҷрибаи имрӯзаи мардум бемуҳобот ва зиёдаравӣ нигоҳ кунанд, бешубҳа дар ҳалли масъалаҳои таълиму тарбияи аҳли ҷомеа муваффақ хоҳанд шуд. Дар баробари ин, дар радифи равандҳои минбаъдаи ҷомеъа бояд ба меъёрхои ахлоқии ниёгон ва дар заминаи онҳо иқдому ният ва амалҳои худро бо таърихи ҳазорсолаи аҷдоди мардуми тоҷик, қиёс кунем, пас маълум мегардад, ки масъалаҳои таълиму тарбия ҳеҷ гоҳ аз мадди назари аҷдоди мо дур набуда, балки аз муҳимтарин масъалаҳои давру замон дониста мешуданд.

Самти дигари муҳимтарин барои дарёфти рукнҳои таълиму тарбия дар пояи омӯзиши таҷрибаи гузаштагон тарбия кардани насли наврас дониста мешавад. Омӯзиши таҷрибаи аҷдодон низ яке аз талаботи илми педагогика мебошад . Бешубҳа, дар раванди тулонии таърихӣ авзои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии ҳар як давраи таърихӣ ба сатҳи фаҳмиш, тафаккур, андеша, ҷаҳонбинӣ ва худшиносии инсон таъсир мерасонад ва алоқамандии ногусастанӣ доранд. Ин таъсирот ва алоқамандӣ дар фазои маърифатӣ, фарҳангӣ дар ҳар як қавм, оила, маҳал ворид мешаванд. Ин фазилатҳо дар рафтору гуфтор ва амали одамон бетаъсир намемонад. Аз ин рӯ, таҷриба ва анъанаҳои волое, ки аз гузаштагони мо дар шакли панду ҳикмат ва насиҳат, андарзҳо, аз он ҷумла дар асарҳои адибони номвари классик ба мо

мерос мондаанд, густариш меёфтанд. Меъёрҳои зарурии тарбия, ки дар оила аз аҷдод мерос мондаанд, бояд аз нигоҳи илмӣ омӯхт ва дар амалия рӯйи кор омада, рукнҳои панду ҳикмат бояд тавассути методҳои оддитарин роҳандозӣ шаванд.

Анъанаҳои накӯро аҷдоди мардуми тоҷик дар раванди зиндагии хеш, на танҳо омили асоси солимии ҷомеа медонистанд, балки ҳамчун арзишҳои муқаддас барои устувории оила ва ҷомеа арҷ гузорӣ намуда, насли наврасро аз рӯйи таҷриба ва фаҳмиши хеш мунтазам огоҳ месохтанд. Замонҳое ҳам буданд, ки ниёгони мо дар оила ва ҷомеъа зиндагиро на тавассути қонунҳо, низомномаҳо ва ғайра, балки тавассути меъёрҳои ахлоқӣ пеш бурда, вайроншавии ахлоқу одобро хилофи анъанаҳои худ медонистанд. Чунин раванди тарбияро бояд, ҳамчун дастури зиндагӣ амиқ омӯхт, зеро ин шакли тарбия яъне тарбияи суннатӣ дар асоси бузургтарин услубҳои илмӣ роҳандозӣ шудааст.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки таълиму тарбия бояд ҳамеша дар пайи устуворию пойдории оила, муҳити зист, ҷомеъа қарор дошта бошад. Бинобар ин, фозилон ва донишмандони ҷомеъа, ҳамеша дар ҷустуҷӯйи он буданд, ки чӣ гуна равишҳои таълиму тарбияро амалӣ созанд, то ки ба ҳадафу натиҷаҳо расидан бо осонӣ муяссар гардад. Баҳри таъмини оромии оилаю ҷомеъа шахсиятҳои фарҳангӣ аз рӯйи фаҳмиш ва маънавиёти хеш мекӯшиданд таҷрибаи гузаштагони хешро омӯзанд ва аз он истифода баранд.Аз ин рӯ, ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа аз ҷумлаи принсипҳои асосӣ ва омили муҳимми рушди соҳаи таҳсилот ба ҳисоб меравад. Зимнан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли зиё ва маорифи кишвар мунтазам таъкид менамоянд, ки «дар татбиқи сиёсати иҷтимоию фарҳангии давлатии Тоҷикистон се омили асосӣ – ҷомеа, мактаб ва оила бояд дар ҳамбастагии зич фаъол бошанд, то ки насли наврасу ҷавони кишвар дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносии миллӣ ва таҳаммулгароӣ тарбия ёбанд». Ин андешаи воқеан созандаи сардори давлатро мо бояд сармашқи фаъолияти хеш намоем.

Илми имрӯза ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ исбот кардааст, ки таълиму тарбияи насли наврас муҳимтарин масъалаи ҳастии инсон буда, он на танҳо устувории оила балки пешравии ҷомеаро таъмин мекунад. Дар ҳар як давраи таърихӣ, дар раванди таълиму тарбия мушкилоти нав ба нав пеш меоянд ва ҳалли онҳо набояд ба таъхир гузошта шаванд. Масъалаи тарбияи фарзанд дар оила рукнҳои таълиму тарбияи оилавиро бояд аз лаҳзаҳои аввалини муомила ва муносибату рафтор ва амали аъзои оила, психологияи падару модар, одамони атроф, ҳамсояҳо ва маҳалла, ҷустӯҷӯ намуд, танҳо дар ин замина мақсадҳо амалӣ хоҳанд шуд. Тарбияро танҳо дар шакли табиӣ, дар доираи ҷаҳонбинии рафтору кирдори падару модар ва одобу ахлоқи онҳо ташкил намуд, то ки дар кӯдак ҳисси меҳру муҳаббат, дӯстию рафоқат ташаккул ёбад. Аз ин рӯ, бояд ин раванд дар асоси меъёрҳо дар давраи тифлӣ-кӯдакӣ, ҷавонӣ, камолот сурат бигирад. Зеро насл беғаразӣ ва солимсолорииро аз айёми кӯдакӣ дар оила, дар оғӯши падару модар, мактаб, дарк мекунад, ва ин барои ҳар халқу миллате, ки нисбат баояндаи худ бе тафовут нест, ниҳоят зарур аст. Чунки ба таъбири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон -«ояндаи ҳар халқу кишвар ба ворисони он вобастагии қавӣ дорад».

Дар давраҳои ба камолот расидани кӯдак нақши ҷаҳонбинии падару модар, муҳити зист, хеле муҳим ва таъсиргузор аст. Аз ин ҷост, ки дар моддаи 8-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар радифи уҳдадориҳои гуногуни волидон дар самти тарбияи фарзанд, аз ҷумла қайд гардидааст, ки падару модар уҳдадоранд:

«--барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намоянд:

--фарзандро ба зиндагии мустақилона омода намоянд;

--фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд;

Бояд ёдовар шуд, ки масъалаи тарбияи фарзанд дар оила дар таҳкурсии устувори таҳкимбахши осорони ниёгони бузурги халқи тоҷик қарор гирифтааст, аз ҷумла Нуъмон ибни Собит, Ал-Бухорӣ, Ал-Хоразмӣ, Ал-Берунӣ, Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Рудакӣ, Камоли Хуҷандӣ ва бисёр дигарон.

Дар замони муосир, дарки авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ талаб мекунад, ки барои самарабахшии таълиму тарбия бояд дар навбати аввал барои муйаян

кардани роҳу воситаҳои омӯзиши он худро омода созем, дар пайи амалӣ шудани онҳо иқдомҳои зиёде анҷом диҳем. Аввал аз неруи тарбиявии доираи васеъи ҷомеа аз хурд то калон, аз оддитарин ҷузъиёти идоракунӣ ва то зинаҳои сохтори ҳокимияти давлатӣ бояд истифода бурд. Вале пеш аз ҳама бояд дарк намоем, ки онҳо ба иқдому амал, муносибат ба қонунҳо, ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии рӯз пайванди ногусастанӣ доранд. Инро бояд ҳар як фарди ҷомеа дарк кунад, донад ва фаъолияти худро ҳамарӯза таҳлил намояд. Ин гуфтаҳо бештар ба мо олимон ва устодони муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар бевосита дахл доранд, зеро аз бо роҳи тадриси фанҳои таълимӣ ва тарбияи донишҷӯёни имрӯза, ки ба касби ояндаи худ омӯзгорӣ тайёрӣ мебинанд, амаликунандагони ҳадафҳои педагогӣ дар ҷомеаи мо хоҳанд шуд.

Таваҷҷуҳ ба омӯзиши рӯзгору эҷодиёти гузаштагони хеш, шоирон, нависандагон низ аз аҳамият холӣ нест. Ба иқдомоти пешиниёни худ бояд диққат дод, ки тарбия ва одобу ахлоқро аз гузаштаи рӯзгори хеш аз рӯйи ҳикоя, достонҳо, замбурмасалҳо, панду андарзҳо, муносибатҳои холисонаи онҳо ба ифшои меҳру муҳаббат, самимият нисбат ба қаҳрамонҳои офаридаи хеш, ҳазлу шӯхиҳо дар шакли шифоҳӣ насрро ба фаъолият ва амалҳои нек ҳидоят мекунанд.

Зимни тарбияи худшиносии миллии хонандагон ва донишҷӯён пеш аз он ки атрофи проблемаҳои таълиму тарбия андеша намоем, бояд самтҳо ва воситаеро муйаян созем, ки ба худшиносии насли наврас мусоидат мекунанд;

-ҳамаҷониба ва беғаразона аз рӯйи талаботи илмӣ омӯхтани сабақҳои таърих;

-муайян кардани арзишҳои истиқлолияти миллӣ дар замони гузашта ва имрӯза, дар ин замина ба арзишҳои миллӣ муваффақ шудан;

-арҷ гузоштан ба дастовардҳои воқеияти ваҳдати миллӣ, омӯзиш ва муайян кардани ҳудуди худшиносӣ дар доира ва принсипҳои идеологияи миллӣ, муваффақ шудан ба худшиносии миллӣ, мунтазам арҷ гузоштан ба сарватҳои миллӣ -забон, таърих, адабиёт;

- дар ҳама ҷабҳаҳои зиндагӣ муайян кардани самтҳои афзалиятноки фаъолият;

- шинохт ва муайян кардани арзишҳои Истиқлолияти миллӣ, ҳувийяти миллӣ, ифтихори миллӣ дар муқоиса ва алоқамандӣ бо ифтихори аҷдодони хеш.

Хушбахтона, имрӯзҳо мардуми тоҷик аз он ифтихор доранд, ки давлати тоҷикон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар амалӣ шудани ин самтҳо ва проблемаҳои маориф тамоми қувваю тавоноии худро бахри бартараф кардани камбудиҳо дар соҳаи таълиму тарбияи насли наврас ва умуман соҳаи маориф сарф менамояд. Бояд тазаккур дод, ки масоили таълиму тарбия дар ҳаёти инсоният ва пешравии ҷомеа яке аз рукнҳои асосӣ мебошанд ва меҳвари асосии он омӯзгор ба шумор меравад. Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд-“дар тарбияи насли оянда ва ба воя расонидани неруи тавонои ватандӯсту ватанпарвар накши омӯзгор ниҳоят бузург мебошад”

Дар баробари ин, ҳар як фарди ҷомеа бояд ба ҷабҳаҳои илмии таълиму тарбия таваҷҷуҳ зоҳир намояд ва андешаҳои худро иброз дорад, танҳо дар ҳамон сурат дар қиёси андешаҳо воқеият зуҳур ёфта, раванди таълиму тарбияи наслиояндасози миллат боз ҳам рушд карда ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯй хоҳад шуд.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонони саодатманди мо муроҷиат карда чунин гуфтаанд: «Ба шумо, ҷавонони азиз муроҷиат менамоям, ки ин дастоварди бузурги таърихӣ - ваҳдати миллиро гиромӣ доред, онро эҳтирому эҳтиёт кунед,ояндабину дурандеш бошед, парчами ваҳдатро баланд бардоред, ба Ватани маҳбубамон содиқу вафодор бошед ва ҳар порчаи сарзамини аҷдодиро чун ҷони худ азизу чун модар дӯст доред.»

Наврасону ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ тарбия бояд кард, то ки онҳо ворисони ҳақиқии ин давлату ҷамъият буданашонро эҳсос намоянд ва барои ободии сарзаминамон огоҳона саъю талош варзанд. Ҳадафи ниҳоии мо-омӯзгорон бо истифода аз дастовардҳои илму техникаи муосир ва технологияҳои пешрафта, инчунин аз расму ойин ва арзишҳои миллии маънавӣ ва ахлоқӣ тарбия кардану ба камол расонидани наслҳои закиву донишманд ва соҳибмаърифату соҳибмаълумот мебошад, то дар оянда тақдири давлату миллати худро ба даст гирифта тавонанд.

Бинобар ин, зарур аст, ки фармудаанд Пешвои миллат – дар зеҳну шуури афроди ҷомеа сатҳи мувофиқ ва муассири масъулияти иҷтимоӣ тарбия карда шавад, то ҳар фард дар назди

Ватан ва сарнавишти он, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ масъулияти хосса эҳсос намуда, барои иҷрои қарзи фарзандии худ ҳамеша омода бошад. Дар ин озмунгоҳи ҳассоси таърих моро мебояд, ки иродаи матин ва шикастнопазирро чи дар сатҳи саросарии миллӣ ва чи дар сатҳи фардиву иҷтимоӣ мустаҳкам намоем. Масъулияти азими таърихӣ ва рисолати шаҳрвандии мо аз он иборат аст, ки давлати ҷавони миллӣ, истиқлолияти он ва ҷомеаи худро аз пайомадҳои манфӣ эмин нигоҳ дорем.

Ба ҳар яки мо омӯзгорон маълум аст, ки илму маориф яке аз самтҳои муҳимми амнияти миллии давлатӣ буда, пешрафти минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди маорифи миллӣ ва беҳдошти заминаи таълим вобаста аст. Дар замони дастовардҳои бузурги илмиву технологӣ ва кашфиёти нав ба нави ақли инсонӣ мо омӯзгоронро зарур аст, ки насли наврасро дар рӯҳияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ тарбия намоем. Дар ҷавонон ҳисси дӯст доштану ҳифз кардани ин сарзамини аҷдодӣ, ободу зебо гардонидани ватани биҳиштосо, неруманду пуриқтидор сохтани давлати тоҷикон ба тарзи бояду шояд ба ҳар як фарзанди бо нангу номуси ин марзу бум вазифаи имониву виҷдони худ шуморем ва дар ҳама ҷо сарбаландӣ изҳор намоем, ки мо ворисони Исмоили Сомониву Балъамӣ, Рӯдакиву Фирдавсӣ, Хайёму Ҳофиз, Ибни Синову Мавлоно, Саъдиву Камол, Имом Ғаззоливу Имоми Аъзам ва садҳо ҳазорон фарзонаву алломаҳо ҳастем.

Ҷавонони кишвари соҳибистиқлоли мо ҳамеша неруи пешбаранда, ворисони асилу арзандаи миллату давлат ва созандагони имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол бошанд ва дар ин ҷода ҳар яки мо омӯзгорон ҳиссагузор бошем.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумҳурии Точикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон 23 декабри соли 2022“ Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” қайд намудаанд-“Мақсад аз амалӣ сохтани иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгуй мебошад”.Аз ин рӯ дар раванди давлатдориву давлатсозии миллӣ, насли ҷавони кишварро дар пайравии сиёсати фарҳангпарварона ва хирадмандонаи Пешвои миллат, дар руҳияи худшиносӣ, худогоҳӣ, ватандустию ватанпарварӣ тарбият кард.**

**АДАБИЁТ:**

1.Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар ҶТ (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 май соли 2006,№197).
2.Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ. (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 марти соли 2006,№94)
3.Қонуни ҶТ “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” (Маҷлиси Олии ҶТ.15июли соли 2004,№52.)
4.Қонуни ҶТ “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” Душанбе, 2 августи соли 2011,№762Н.
5. Эмомалӣ Раҳмон “Чеҳраҳои мондагор” Д-Эр-Граф,2016.-364с.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” 23 декабри соли 2022. Душанбе:“Шарқи озод”, 2022. – 48 с.
7.Эмомалӣ Раҳмон “Забони миллат - ҳастии миллат”, Китоби II,Забон ва замон. Душанбе: Нашриёти муосир,2020. - 432 саҳ.

## ЧАНД ОМИЛИ САМАРАНОКИ ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Яке аз самтҳои самарабахши таълиму тарбия омӯзиши эҷоди аҷдодони хеш аст. Агар мардуми тоҷик фаҳмиши хешро дар робита ба фарҳангу анъанаҳои аҷдодони хеш сидқан бипазиранд, бознигарӣ карда, ба мероси гузаштагони хеш арҷ гузоранд, ба таҷрибаи имрӯзаи мардум бемуҳобот ва зиёдарави бознигарӣ кунанд бешубҳа дар ҳалли масъалаҳои таълиму тарбияи аҳли ҷомеа муваффақ хоҳанд шуд. Дар радифи равандҳои ҷомеъа бояд ба меъёрхои одобу ахлоқ ва дар заминаи онҳо иқдому ният ва амалҳои худро бо таърихи ҳазорсолаи аҷдоди мардуми тоҷик, қиёс кунем, пас маълум мегардад, ки масъалаҳои таълиму тарбия ҳеҷ гоҳ аз мадди назари аҷдоди мо дур набуда, балки аз муҳимтарин масъалаҳои давру замон дониста мешуданд. Наврасону ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ тарбия бояд кард, то ки онҳо вориси ҳақиқии ин давлату ҷамъият буданашонро эҳсос намоянд ва барои ободии сарзаминамон огоҳона саъю талош варзанд. Ҳадафи ниҳоии омӯзгорон бо истифода аз дастовардҳои илму техникаи муосир ва технологияҳои пешрафта, инчунин аз расму ойин ва арзишҳои миллии маънавӣ ва ахлоқӣ тарбия кардану ба камол расонидани наслҳои закиву донишманд ва соҳибмаърифату соҳибмаълумот мебошад, то дар оянда тақдири давлату миллати худро ба даст гирифта тавонанд.

***Калидвожаҳо:*** *тафаккур, ақлу хирад, қонунҳо, низомномаҳо, кодексҳо, нангу номус, ватандӯстӣ, худшиносӣ, ваҳдати миллӣ, Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ, соҳибмаърифат, соҳибмаълумот.*

**НЕКОТОРЫЕ ДЕЙСТВУЮЩИЕ ФАКТОРЫ ВОСПИТАНИЯ МОЛОДОГО ПОКОЛЕНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ**

Одним из наиболее эффективных направлений образования является изучение творчества своих предков. Если таджикский народ искренне воспримет свое понимание по отношению к культуре и традициям своих предков, пересмотрит и воздаст должное наследию своих предков, пересмотрит современный опыт народа, он обязательно добьется успеха в решении вопросов образования и воспитание людей общества. В соответствии с процессами общества, мы должны сопоставить свои действия, намерения и действия с тысячелетней историей предков таджикского народа с нормами этики и морали, тогда станет ясно, что вопросы образования и воспитания никогда не были далеко от глаз наших предков, но важнейшими вопросами считалась эпоха. Подростки и молодежь должны воспитываться в духе патриотизма чтобы они чувствовали себя истинными наследниками этого государства и общества и прилагали сознательные усилия для процветания нашей земли. Конечной целью педагогов, используя достижения современной науки и техники и передовые технологии, а также обычаи и национальные духовно-нравственные ценности, является воспитание и совершенствование поколений интеллигентных,  и знающих людей, с тем чтобы они могли овладеть судьбу своего государства и нации в будущем.

***Ключевые слова:*** *мышление, мудрость, законы, уставы, кодексы, стыд и честь, патриотизм, самосознание, национальное единство, Родина, право, национальные ценности, знание, познание.*

**SOME EFFECTIVE FACTORS OF EDUCATION OF THE YOUNG GENERATION IN MODERN CONDITIONS**

One of the most effective areas of education is learning about the creation of one's ancestors. If the Tajik people sincerely accept their understanding in relation to the culture and traditions of their ancestors, review and pay tribute to the heritage of their ancestors, and review the current experience of the people, they will definitely succeed in solving the issues of education and upbringing of the people of the society. In accordance with the processes of the society, we should compare our actions, intentions and actions with the thousand-year history of the ancestors of the Tajik people to the standards of ethics and morality, then it becomes clear that the issues of education and upbringing were never far from the eyes of our ancestors, but the most important issues. were considered the era. Teenagers and young people should be educated in the spirit of patriotism and patriotism, so that they feel that they are the true heirs of this state and society and make conscious efforts for the prosperity of our land. The ultimate goal of teachers, using the achievements of modern science and technology and advanced technologies, as well as customs and national spiritual and moral values, is to educate and perfect generations of intelligent, knowledgeable and knowledgeable people, so that they can take control of the destiny of their state and nation in the future.

***Keywords:*** *thinking, wisdom, laws, regulations, codes, shame and honor, patriotism, self-awareness, national unity, homeland, law, national values, knowledge, knowledge.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: Раҷабов Саиднимон Мулоҷонович номзади илмҳои таърих, мушовири директори ПРМ ба номи А. Ҷомии  АТТ.  Адрес: ш.Душанбе,  к.Айнӣ  126, Эл.почта: Saidnemon @dk.ru, тел: 900611118

**Сведения об авторе:** Раджабов Саиднимон Мулоджонович, кандидат исторических наук, советник директора ИРО им. Джами АОТ. Адрес: г. Душанбе, к. Айни, 126, E-mail: Saidnemon @dk.ru, телефон: 900611118

**Information about the author:** Rajabov Saidnimon Mulojonovich, candidate of historical sciences, advisor to the director of IDE named after A. Jamii AET. Address: Dushanbe city, 126 Aini k., E-mail: Saidnemon @dk.ru, phone: 900611118

**ШАРИПОВА М.Ё.**

## ПСИХОСОМАТИКА - ЭМОТСИЯИ БА ТАВАРИ ПСИХОЛОГӢ ЭЪТИНОНАШУДА

Ҳолатҳои ҳаяҷонангези гуногуне, ки шахс бо онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза во мехӯрад, метавонанд шиддати баландро дар системаҳои ҳаётан муҳимми инсон ба вуҷуд оранд, ки ӯ ба онҳо мутобиқ шуда наметавонад ва дар натиҷа вайроншавиҳои соматикӣ ва психикӣ ба амал меоянд. Ин мутаассиршавиҳо боиси пайдоиши изтироб, тарс, осебҳо ва шиддати аффективӣ гашта, аксуламалҳои эмотсионалӣ тағйироти соматовегетативиро дар огранизм ба амал меоранд. Чанде ки ин мутаассиршавиҳо дар шахс сахттар бошанд, ҳамон қадар зуҳуроти соматовегетативӣ шиддатноктар мешаванд. Мутаассиршавиҳои манфӣ ва тулонӣ ба рушди синдроми астеникӣ, эҳсоси пастшавии қувваи ҷисмонӣ ва равонӣ боис мешаванд,

ки зуҳуроти ипохондрикиро ташаккул диҳад. Мафҳуми психосоматика аз калимаҳои юнонии «psyche» - руҳ ва «soma» - ҷисм гирифта шуда, таъсирнамоии омилҳои психологӣ ба пайдошавӣ ва рушди бемориҳои ҷисмонӣ (соматикӣ) [18], алоқаи мутақобилаи зуҳуроти руҳ ва ҷисм [1,12], ва аксуламали ҷисмонӣ ба вазъият ва ё ҳолати руҳии инсонро мефаҳмонад [11].

Психосоматика проблемаи байнисоҳавӣ ба ҳисоб рафта, соҳаҳои гуногуни илмҳои психологӣ, иҷтимоӣ ва тиббиро дар бар мегирад. Ҳамин аст, ки ҳангоми кор бо психосоматика бояд раҳёфти биопсихоиҷтимоиро пеша намуд, зеро танҳо интегратсияи омилҳои психологӣ, биологӣ ва иҷтимоӣ ҳангоми тадқиқи психосоматика метавонанд ҷавоби мукаммалро вобаста ба мавзуи тадқиқшаванда пешниҳод намоянд [17].

Муҳаққиқон дар он ақидаанд, ки тақрибан 80% тамоми бемориҳо психосоматикианд.Вайроншавиҳои психосоматикӣ бештар дар шакли ихтилолҳои функсионалии узвҳо ва системаҳои гуногуни паҳнгаштаи патологияҳои соматикӣ зоҳир мешаванд, ин тақрибан 40 - 68% - и муроҷиаткунандагонеро ташкил медиҳад, ки барои гирифтани кумаки тиббӣ ба духтур мурочиат мекунанд [1]. Тақрибан 30% - и шахсоне, ки бо аломатҳои гуногуни бемориҳои ҷисмонӣ мурочиат мекунанд, одамони ҷисман солим буда, танҳо ба гирифтани кумаки психологӣ\психотерапевтӣ ва ислоҳнамоии ҳолати эмотсионалиашон ниёз доранд [14].Аз 15 то 60 % - и аҳолии замин аз вайроншавиҳои психосоматикӣ азият мекашанд [5, 17]. Ин ададҳо аз он далолат мекунанд, ки психосоматика проблемаи душвор, паҳнгашта ва рӯзмарра буда, моҳияти интегралӣ ва комлексиро дорад.

Бархе аз консепсияҳое, ки дар рушди психосоматикаи тиббӣ нақши калон бозиданд - ин назарияи нервизм (К. Бернар, И.М. Сеченов ва ИП. Павлов), таълимоти психофизиологӣ (И.П. Павлов) ва назарияи психосоматикӣ (З. Фрейд) ба ҳисоб мераванд. Дар рушди тадқиқотҳо доир ба ин мавзӯ бошад саҳми муҳаққиқон Ф. Александер, Х.Ф. Данбар ва И. Волф басо калон аст. Дар омӯзиши таносуби вайроншавиҳои соматикӣ ва психикӣ бошад, саҳми олимони зерин ва консепсияҳои онҳо пурарзиш ба шумор меравад: В.М. Бехтерев бо консепсияи соматофрения, В.А. Гиляровский бо консепсияи механизмҳои катестетикӣ, К.А. Скворцов бо консепсияи соматогения, Е.К. Краснушкин бо маҷмӯйи таасурот, ки дар натиҷаи бемориҳои ҷисмонӣ ба амал меоянд, А.Р. Лурия бо консепсияи тасвири ботинии беморӣ ва омӯзиши психосоматика дар ду дараҷа: сенситивӣ (маҷмӯйи эҳсосот дар натиҷаи бемориҳо ба амал меояд) ва зеҳнӣ (тасаввуроти бемор аксуламали ӯро ба беморӣ инъикос мекунад) [17].

З. Фрейд дар корҳои худ мафҳуми психосоматикаро умуман истифода намебурд [6], вале дар назария худ тақвиятдиҳандаи он ақида буд, киихтилофҳои психологӣ боиси бемориҳои гуногуни на танҳо психика, балкиҷисм низ мегарданд. Мувофиқи ақидаи олим чунин ихтилофҳо дар натиҷаи қонеъ нагаштани талаботи шаҳвонӣ ба амал омада, зоҳиршавии онҳоро бошад бешуурӣ идора менамояд.

Мафҳуми «психосоматика» - ро психиатри олмонӣ С. Хенрот ба истифодаи илм ворид намудааст. Олим зуҳуроти бемориҳои психикӣ ва патологияи узвҳои дохилиро чун натиҷаи ихтилофи ботинӣ тавсиф менамуд.

Ихтилолҳои психосоматикӣ ба вайроншавиҳои соматоформӣ ва бемориҳои психосоматикӣ ҷудо мешаванд. Вайроншавиҳои соматоформӣ - ин ихтилоҳои психогении вазифаҳои организм мебошанд. Ба ин гурӯҳ бехобӣ, дарди сар, мушакҳо ва буғумҳо, вайроншавии функсияҳои системаи вегетативию рагҳои хунгард, вайроншавии роҳи нафас, системаи ҳозима ва дисфунксияҳои шаҳвонӣ дохил мешаванд. Бо гузашти вақт ихтилолҳо ба вайроншавиҳо ва бемориҳои психосоматикӣ мубаддал мегарданд. Ҳангоми тулонӣ давом ёфтани бемории психосоматикӣ рушди психосоматикии шахс ба амал меояд [18].

Сарогоз кӯшишҳои мутахассисон - психосоматикҳо ба омӯзиш ва ошкор кардани нақши ихтилофҳои психологӣ, ки дар асоси он стресси эмотсионалӣ ва тағйиротҳои патологӣ дар майнаи сар ва ҷисм ба амал меоянд, равона мешуданд. Суоле ба миён меояд, ки барои чӣ ҳангоми таъсири якхелаи иҷтимоӣ, ки ихтилофҳои психологиро ба амал меорад, дар як нафар дарди меъда, дар дигаре дил, дар сеюм гурда ва ғайраҳоро ба амал меорад?! Дар натиҷаи тадқиқот, ки ба гирифтани ҷавоб ба саволи додашуда равона шуда буд, ошкор карда шуд, ки чунин фарқ дар натиҷаи гуногун будани одамон, дарки онҳо, муносибат ба ихтилофҳои психологӣ ва аксуламалҳо ба бемориҳо низ гуногун мешавад [1, 12, 13, 18].

Х.Ф. Данбар соли 1943 дар ин радиф «профили шахсият» - хусусиятҳои психологии шахсиятро ҷудо намуд, ки мувофиқи он ҳар як инсон майл ба рушди шаклҳои муайяни бемориҳои соматикиро дорад. Ҳамин аст, ки ҳангоми гирифтани осеб ҳар як шахс ба он беморие гирифтор мешавад, ки заминаҳои онро дорад[13]. Мувофиқи ақидаи олим эмотсияҳои манфӣ боиси носозгории соматикӣ мегарданд [1].

Баъдтар меъёри «махсусияти муносибат» - и инсон ба ин ё он таъсиррасонандаҳои берунӣ ҷудо карда шуд. Яъне ин ё он бemорӣ дар натиҷаи хусусиятҳои муносибати шахс ба амал меояд. Омӯзишҳо доир ба зуҳуроти психосоматика пештар ва бештар дар корҳои психоаналитикҳо вомехӯрд, ки вайроншавиҳои типикии психосоматикиро, ки пайдоиши психогенӣ доранд, ҷудо мекунанд.

Сабаби асосии вайроншавиҳои психосоматикӣ -пахш кардани ҳиссиёт мебошад. Дилхоҳ ҳиссиёт ниёз ба зоҳиршавиро дорад, вақте, ки он пахш карда мешавад, зуҳуроти ҳиссиёти мазкур дар шакли аксуламали ҷисмонӣ зоҳир меёбанд.Ҳангоми ба амал омадани чунин аломатҳо одатан одамон барои гирифтани кумак ба табибон муроҷиат мекунанд, ки онҳо дар навбати худ беморро барои аз ташхис гузаштан равона мекунанд. Баъди гузаштани ташхис табобати бемор ба роҳ монда мешавад, ки ҳолатро муваққатан беҳтар менамояд, вале худи бemорӣ бартараф намешавад. Дар чунин ҳолат метавон гуфт, ки шахс аз психосоматика азият мекашад.

Натиҷаҳои тадқиқоти зиёд исбот намуданд, ки сарборӣ таъсиррасонандаи пурқувват ба системаи асаб ва психикаи инсон буда, боиси вайроншавиҳои гуногуни соматикӣ мегардад [14].Яке аз омилҳои асосӣ дар рушди бемориҳои психосоматикӣ ҳаяҷон ба ҳисоб меравад, ки исботи худро дар мушоҳидаҳои клиникӣ, тадқиқот ва таҷрибаҳо ёфтааст. Омили ҳаяҷон дар пайдоиши тамоми бемориҳо нақши асосиро мебозад, ки ин аз табиати психосоматикӣ доштани вайроншавиҳо шаҳодат медиҳад. Ин бошад зарурати кумаки психотерапевтӣ ва психологиро мефаҳмонад, ки ба ин гуна беморон дар давраҳои гуногуни маризӣ лозим аст [12]. Он ҷараёни мутобиқат буда, мутобиқшавии организмро ба шароити нав таъмин менамояд[16]. Шаклҳои ҳаяҷонмузмин ва такрорёбанда некуаҳволии эмотсионалии шахсро вайрон карда, метавонанд ба саломатии ҷисмонӣ зарари худро расонанд. Далели он, ки аксуламалҳои давомдори ҳаяҷонӣ бо шумораи зиёди бемориҳои психосоматикӣ алоқаи зич доранд, кайҳо исботи худро ёфтааст.Қайд кардан ба маврид аст, ки худи ҳаяҷон сабаби бемориҳо набуда, яке аз омилҳои хатарзои рушди вайроншавиҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин ҳолат эмотсия сабаби бевоситаи вайроншавиҳои психосоматикӣ нею, омил ва ё ангезандаи таъсиррасонанда мебошад, ки ба рушди вайроншавиҳои психосоматикӣ ва ихтилолҳои солимии равонӣ оварда мерасонад.

Солимии равонӣ ва ҷисмонии шахс аз фикрҳои ӯ, ҳолати руҳии ӯ, мавҷудияти муҳаббат ва ё набудани он, назари мусбат ва ё манфии инсон ба ин ё он зуҳурот, тарзи муносибату аксуламалҳо ба муваффақиятҳо дар ҳаёт ва кор вобастаанд. Вобаста ба солимии равонии инсон ақидаҳои гуногун ҷой доранд ва баъзе аломату нишонаҳое ном будра мешаванд, ки аз некуаҳволии психологии шахс шаҳодат медиҳанд. Ба онҳо дохил мешаванд:

- дарки мувофиқи олами иҳотакарда ва вобаста ба он зоҳир намудани рафтори мақбул;
- дарк ва эътирофи душвориҳои иҷтимоӣ-психологии ҷойдошта ва кӯшиши баратарафнамоии онҳо;
- ҷой доштани ҳадафҳои ҳаётии мувофиқ, ки ба оянда нигаронида шудааанду шахс кӯшиши амалисозоии онҳоро ба роҳ мемонад;
- коршоямӣ ва фаъолии шахс;
- муносибатҳои мувофиқи иҷтимоӣ ва оилавӣ;
- мутобиқшавандагӣ ба шароити доим тағйирёбанда;
- кӯшиш ба худтакмилдиҳӣ;
- аксуламали мувофиқ ба ангезандаҳои таъсиррасон ва ғ.

Шаклгирии ҷавоби организм ба ангезанда аз давраи воридшавии сигнал (хабар) ба системаи марказии асаб оғоз меёбад. Пас аз коркарди мувофиқи ангезанда аксуламали ҷавобӣ ба ду восита (системаи асаб ва гуморалӣ) амалӣ мегардад.Сигнали асабӣ дар муддати ҳиссаи сонияҳо ба марказҳои мувофиқ расида, амали ҷавобӣ дарҳол амалӣ мегардад. Ҷавоби гуморалӣ бошад, дертар мерасад, вале нисбатан пурқувват ва давомдор

аст. Импулси гуморалӣ дар гипоталамус пайдо шуда, аз он ҷо ба воситаи системаи хуну рагҳо дар шакли ҳормон ба ҳипофиз ворид мешавад [16].

Дар психосоматика зуҳуроти марказӣ дард ба ҳисоб меравад. Дард - ин аксуламалӣ муҳофизатие мебошад, ки барои амал кардан сигнал медиҳад. Эсоси дардро тамоми узвҳо ва бофтаҳои инсон ба амал оварда метавонанд. Дард метавонад бо сабабҳои объективӣ (ихтилолёбии ягонагии узвҳо ва бофтаҳо) ва ё субъективӣ (дардро майнаи сар ба амал меорад ва дард воқеан ҳам ҳис карда мешавад) ба амал ояд. Дард ба ин ё он ихтилолҳо дар фаъолияти организм ишора мекунад. Эҳсоси дард дар майнаи сар ба амал меояд, ки импулсҳо ва сигналҳоро аз тамоми узвҳо ва бофтаҳо қабул намуда, ба эҳсосе мубаддал мегардонад, ки мо онро ҷисман ҳис мекунем. Сифат ва дурустии коркарди ахбор аз ҳолати майнаи сар ва ягонагии тамоми системаи асаб вобастагӣ дорад. Равандҳои гуногуни патологие, ки дар майнаи сар ба амал меоянд, метавонанд сигналҳоро омехта карда, дар майнаи сар онҳоро ба образи дард дар ин ё он минтақа ва ё узв мубаддал гардонанд, ки аз тарафи одам он дар шакли эҳсоси дарди воқеӣ дарк карда мешавад. Бо вуҷуди ин, тағйирот ва ҷараёнҳои дардовар дар ин минтақа ба таври объективӣ ҷой надоранд.

Вобаста ба омӯзиши вайроншавиҳои психосоматикӣ якчанд раҳёфтҳо ҷой доранд. Мувофиқан, 3 категорияи вайроншавиҳои психосоматикиро ҷудо мекунанд:

1. Онҳое, ки бо сохтори умумии шахсияти одам алоқаманданд (масалан, одамони изтиробнок бештарба вайроншавиҳои системаи нафаскашӣ тамоил доранд);

2. Онҳое, ки бо образи ҳаёти шахс зич алоқаманданд (дар одамоне, ки фаъолияташон бо шиддат ва стрессҳо алоқаманданд, бештар бемориҳои гипертензия ва вайроншавиҳои меъда вомехӯранд);

3. Онҳое, ки дар шакли эътинонамоии барзиёд ба ягон чиз ва ҳолат зоҳир мешаванд (аллергия).

Вайроншавиҳои психосоматикӣ чун анъана дар доираи ду раҳёфти асосӣ - «психомарказӣ» ва «соматомарказӣ» дида баромада мешаванд. Бемориҳои психомарказӣ дар натиҷаи таъсири стресси шадиди психикӣ ва музмин, ки бемориҳои адаптатсионӣ ном доранд, ба амал меоянд. Бемориҳои соматомарказӣ бошанд, вайроншавиҳои соматогенӣ ва нозогениро дар бар мегиранд [3].

Назарияҳо вобаста ба пайдоиш ва рушди бемориҳои психосоматикӣ ақидаҳои гуногунро доранд. Мувофиқи якеаш бемориҳои психосоматикӣ дар натиҷаи стресси тулонӣ ва осебҳои психикии баратарафнашаванда ба амал меоянд. Назарияи дигараш бемориҳои психосоматикиро бо пайдошавии ихтилофҳои ботинии шахс алоқаманд менамояд.Шахс ба шиддат ва талаботи зиёде, ки бо ихтилофҳо алоқаманданд, одатан аксуламалҳоро дар шакли ихтилоли психикӣ ва вегетативӣ, пастшавии фаъолӣ ва вайроншавиҳои ҳолати руҳӣ зоҳир менамояд. Тахмин карда мешавад, ки баъзе типҳои ихтилофҳо дар системаи маромҳо хосси шаклҳои муайяни бемориҳои психосоматикӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, гипертония бо мавҷудияти ихтилоф дар байни дараҷаи баланди идоранамоии иҷтимоии рафтор ва талабот ба ҳукмронии амалинагаштаи шахс алоқаманд карда мешавад. Талаботи амалинагашта ғазабро ба амал меорад, вале шахс вобаста ба тамоилҳои иҷтимоӣ онро зоҳир карда наметавонад. Мутаносибат, аҳамияти ҷиддӣ надорад, ки инсон аз чӣ мутаассир мешавад, муҳим он аст, ки ӯ чихел таассуроташро коркард менамояд ва дар кадом шакл ба он аксуламал нишон медиҳад. Барои ҳамин ҳам, на худи ихтилофҳо, балки тарзи зоҳиршавии онҳо, дарки субъективии онҳо ва аксуламали бемор ба онҳо дар рушди вайроншавиҳои психосоматикӣ муҳим ба ҳисоб мераванд.

Мувофиқи назарияи сеюм, ихтилофи ҳалнагаштаи маромҳо ба монанди стресси баратарафнашаванда дар ниҳояти ҳол аксуламали таслишавиро ба амал меорад, ки сабаби рушди бемориҳои психосоматикӣ мегарданд. Ин дар шакли депрессияи воқеи ва ё ниҳонӣ зоҳир мешавад. Иллати узвҳо ва системаҳои мушаххас бошад, бо сабаби омилҳои генетикӣ ва ё хусусиятҳои рушди онтогенетикӣ ба амал меоянд.

Аз нуқтаи назари психологияи муносибатҳо мутаассиршавӣ дар натиҷаи ихтилоли муносибатҳои инсон ба амал меоянд. Характери патогении дарднок бошад, ҳангоми пайдо шудани вайроншавиҳо дар системаи муносибатҳои шахс пайдо мешавад. Бемории соматикии музмин вазъияти иҷтимоии рушди инсонро ба таври қатъӣ тағйир медиҳад. Он имкониятҳои одамро дар иҷрои фаъолиятҳои гуногун иваз намуда, доираи робитаҳоро бо одамони иҳотакарда маҳдуд менамояд ва ба тағйир додани мавқеи дар ҳаёт ишғолкардаи шахс оварда мерасонад. Вобаста ба ин заифшавии фаъолияти иродавӣ, маҳдудшавии

доираи шавқу ҳавасҳо, беҳолӣ, ҳолати апатикӣ, вайроншавии мақсаднокии фаъолият ва пастшавии коршоямӣ мушоҳида мешавад.

Зуҳуроти дигаре, ки дар мавриди вайроншавиҳои психосоматикӣ ба амал меояд, алекситимия мебошад, ки аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънояш - «барои ифодаи ҳиссиёт сухан намеёбам» мебошад. Алекситимия ин қобил набудани шахс барои фаҳмидани ҳиссиёти худ ва тавсифи эҳсоси ҷисмониаш мебошад. Барои алекситимикҳо забони бадан забони воқеиро иваз мекунад. Барои онҳо интихобан ҷудо кардани калимаҳо ва мафҳумҳо барои тавсифи ҳиссиёташон ниҳоят душвор аст. Дар вазъиятҳои душвор онҳо азоб ва машаққати ногуфтаниро аз сар мегузаронанд [11,18].

Алекситимия тавсифдиҳандаи психологие мебошад, ки бо хусусиятҳои зерини маърифатӣ-аффективӣ фарқ мекунад:

1. Душворӣ дар муайян кардан ва тавсиф додани ҳиссиёти худ;
2. Душворӣ дар тафовутгузорӣ миёни ҳиссиёт ва эҳсоси ҷисмонӣ;
3. Заифшавии тахайюлот ва дигар зуҳуроти тасаввурот;
4. Таваҷҷуҳ ба ҳодисаҳои берунӣ нисбат ба мутаассиршавҳои дохилӣ бештар мешавад [6].

Давргардиши психосоматикӣ [8] ба амалишавии мавсимии проблемаҳои психологӣ ва эмотсияҳои бо онҳо алоқаманди пуршиддат ба декомпенсатсия соматикӣ, авҷгирии бемории соматикӣ ва ё рушди аломатҳои нави соматикӣ оварда мерасонад.Бемории психосоматикӣ, ки психосоматоз низ ном бурда мешавад, метавонад боиси бемориҳои гуногуни ҷисмонӣ, аз ҷумла астмаи бронхиалӣ, бемории гипертонӣ, стенокардия, бемории захми меъда, рудаи дувоздаҳангушта, нейродермит ва ғайраҳо гардад. Эмотсияҳо дар умум ба тамоми системаи масъуният ва ҳолатҳои ҳормоналӣ таъсири амиқро мерасонанд. Дар баробари ин зуҳуроти дигари ҳамсарҳадро низ бояд дар хотир дошт, ки соматопсихика ном бурда мешавад. Ин ихтилолҳо вайроншавиҳои психикию психологие, мебошанд, ки дар асоси бемориҳои ҷисмонӣ, аслан бемориҳои давомдор, музмин ва табобатнашаванда, сар мезананд [20].

Психосоматика бемории гуногунҷанба буда, дар раванди равондармонӣ омилҳое ҷой дошта метавонанд, ки ҷарайёни табобатро душвор мегардонанд:

- нақши механизмҳои психосоматикӣ ва зуҳуроти онҳо дар ҳаёти шахс (манфиати дубора);
- тавсифдиҳандаҳои шахсӣ;
- тасаввуроти шахс ва механизмҳои муҳофизатии психологии бемор;
- синну сол;
- аз тарафи бемор дарк нашудани душвории психологӣ ва ғайраҳо.

Душвории дигар дар ошкор ва бартараф кардани вайроншавиҳои психосоматикӣ аз коморбиднокии он низ вобаста аст. Коморбиднокӣ - ин зоҳиршавии якчанд вайроншавиҳои психикӣ дар як одам мебошад [9].

Меъёри асосии ташхисӣ барои муайян кардани мавҷудияти психосоматика ин ташхиси чандкарата мебошад, ки ягон нишонаи бемориҳои органикӣ (бемориҳои психикие мебошанд, ки бо ихтилолҳои устувори кори майнаи сар ва ҳамчун натиҷа он, пайдоиши тағйироти назаррас дар рафтори бемор тавсиф мешаванд) - ро ошкор намекунад. Маҳз ҳамин далел ишора ба он аст, ки бемор бояд ба психолог, психотерапевт ва ё психиатр муроҷиат кунад, зеро яқинан дар ӯ ихтилол ва ё вайроншавии психосоматикӣ ҷой дорад.

Асоси ташхиси вайроншавиҳои психосоматикиро пропедевтика (соҳаи илми тиб дар бораи ташхис) ташкил медиҳад. Донишҳо дар соҳаи пропедевтикаи психосоматикӣ ҳангоми азхудкунии воситаҳои расонидани кувмак ба беморони вайроншавиҳои психосоматикидошта, муҳим мебошад [9]. Асоси ташхиси вайроншавиҳои психосоматикиро суҳбат бо бемор ташкил медиҳад, зеро аз оне, ки бемор чӣ тавр дар бораи шикоятҳояш нақл мекунад мутахассис аллакай маълумоти муайяне ба даст оварда метавонад. Дар ин вазъият донишу маълумоти мукаммали мутахассис ва таҷрибаю касбияти ӯ нақши калидиро мебозад.Мутахассис бо саволҳои пешакӣ омоданамуда эҳтиёткорона дар бораи вазъият ва ё ҳодисаҳое аз ҳаёти бемор ва вақти зоҳиршавии ин нишонаҳо пурсон мешавад, ки яқинан метавонистанд боиси пайдошавии ин ихтилолҳо ва ё вайроншавиҳои соматикӣ гарданд. Масалан, ошкор кардани диссотсиатсияҳо дар байни шикоятҳои бемор ва зуҳуроти органикии бемории далели муҳимест, ки аз мавҷудияти психосоматика шаҳодат медиҳад.

Офиятбахшӣ, солимии психосоматикӣ ва нигоҳдории некуаҳволии бемор бе баэътиборгирии хусусиятҳои психоэмотсионалии ӯ, дараҷаи қонеъгардӣ аз ҳолати худ, эътиқодҳои шахсӣ ва дигар ҷанбаҳои муайянкунандаи дараҷаи ҳузуру ҳаловат ва роҳати шахс, ғайри имкон аст.Солимии психосоматикӣ - ин ҳолати беҳдошти равонӣ мебошад, ки зуҳуроти дардовари психикиро надошта, танзими рафтор ва фаъолиятро дар шароитҳои мувофиқ таъмин менамояд. Мазмуни мафҳуми психосоматика дар худ натанҳо зуҳуроти тиббӣ ва психологӣ инчунин иҷтимоиро низ дар бар мегирад. Дар он мудом меъёрҳои иҷтимоию гурӯҳӣ ва арзишҳои ахлоқии ҳаёти инсонинъикос меёбад.

Муайян кардани меъёрҳои саломатии психосоматикӣ - масъалаи душвор ва комплексӣ мебошанд, ки якчандтоашон инҳоянд:

- мувофиқати аксуламалҳои субъективии шахс ба ангезандаҳои воқеии ҳодисаҳои муҳими ҳаётӣ;
- мувофиқати дараҷаи балоғати соҳаҳои эмотсионалӣ, иродавӣ ва маърифатии шахс ба синну соли ӯ;
- мутобиқшавандагӣ дар муносибатҳои микроиҷтимоӣ (муошират бо доираи маҳдуди одамони иҳотакунанда);
- қобилияти худидоранамоӣ, уҳданамоии рафтори худ, банақшагирии оқилонаи мақсадҳои ҳаётӣ ва фаъол будан дар ноилшавии онҳо.

Чуноне, ки далелҳои илмӣ нишон медиҳанд, равандҳои психикӣ, ҳолатҳои психикӣ ва умуман, ҳаёти психикӣ таъсири бевоситаи худро чи ба саломатии шахс ва чи ба рушди ихтилолҳои гуногуни ҷисмонӣ мерасонанд. Дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ ҳар як шахс ҳамарӯза ба ин ё он намуди ҳодисаҳо дучор мешавад, ки таъсири амиқи худро ба +шуури шахс (хоҳ мусбат бошад, хоҳ манфӣ) мерасонад. Аз дараҷаи таъсир, давомнокӣ, такроршавандагӣ ва осеби расонида онҳо метавонанд боиси пайдоиш ва рушди вайроншавиҳои гуногуни психосоматикӣ гарданд.

Қайд кардан муҳим аст, ки омилҳои ҷинс, синну сол, таҷриба ва хусусиятҳои шахс ба дараҷаи мутаассиршавӣ таъсири бевосита мерасонанд. Ин аст, ки ҳангоми гузаронидани корҳои психологӣ, расонидани кӯмаки психологӣ раҳёфтҳо ва методҳои равондармонӣ низ гуногун мешаванд.

Барои он ки таъсиррасонандаҳои беруна дисстресс ва осебҳои психологиро ба амал наоранд ва ё таъсиррасониашон пасттар бошад, дар шахс ташаккул додани чунин хусусиятҳо ба монанди худуҳданамоӣ, интизому тартиб ва кӯшиши бартарафнамоии монеаҳо дар роҳи ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ муҳим аст. Дар ин самт истифода намудани техникаҳои худталқиннамоии аутогеннӣ низ мувофиқи мақсад мебошад.Зеро онҳо на танҳо воситаҳои равондармонианд, инчунин ба сифати такмилдиҳандаи рафторҳои копингии шахс баромад карда, боиси ташаккул додани ҳисси боварии шахс ба худ, имкониятҳо ва қобилиятҳои худ мешаванд, ки дар бартараф кардани ихтилолҳои психосоматикии бемор нақши муҳимро мебозад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки ҳолати психикӣ ва ё эмотсионалии шахс бо ҳолати ҷисмонии ӯ алоқаи бевосита дорад. Дар бисёри ҳолатҳо одамон эмотсияҳои пайдошудаашонро пахш карда, фуру менишонанд ва зоҳир наменамоянд. Лекин эмотсия ҳамчун ҳама гуна энергия талабот ба хориҷшавиро дорад. Чун ба воситаи эмотсияҳо хориҷшавӣ ба амал намеояд, шуур онро ба дигар шакл табдил дода, дар мушкилоти ҷисмонӣ зоҳир мекунад. Ин аст, ки ҷисми инсонро метавон ҳамчун оинаи ҳолати ботинии ӯ баҳогузорӣ кард. Бе сабаб нест, ки психосоматикаро бемории эмотсияҳои эътинонашуда ном мебаранд.

**АДАБИЁТ**


1. Антропов Ю.Ф. Психосоматические расстройства и патологические привычные действия у детей и подростков [Текст]: монография / Ю.Ф. Антропов, Ю.С. Шевченко. - М.: Из-во института психиатрии, 1999. - 297 с.: ил.
2. Бенько Л.А. Психосоматические и соматоформные расстройства (возрастные, клинико-терапевтические аспекты): Учебное пособие/ Под ред.проф. Н.Е.Буториной. - Челябинск: УГМАДО, 2005 - 42 с.
3. Великанова Л.П., Шевченко Ю.С. Психосоматические расстройства: современное состояние проблемы (часть 1) / Л.П. Великанова, Ю.С. Шевченко // Социальная и клиническая психиатрия. - 2005. - № 4. - С. 79 - 91.

4. Гройсман А.Л. Клиническая психология, психосоматика и психопрофилактика: Монография; СПб. [и др.]: Питер - Москва, 2019. - 452 с.
5. Исаев Д.Н. Эмоциональный стресс, психосоматические и соматопсихические расстройства у детей. - СПб.: Речь, 2005. - 400 с.
6. Карвасарский Б.Д. Клиническая психология: учебник / Под ред. Б.Д. Карвасарского. - СПб.: Питер, 2002. - 960 с.
7. Клиническая психология: учебник. Сидоров П.И., Парняков А.В. 3-е изд., испр. и доп. 2010. - 880 с.: ил.
8. Коркина М.В., Марилов В.В. Роль психосоматических циклов в генезе психосоматических заболеваний // Журнал невралогия и психиатрия имени С.С. Корсакова. - 1987. - № 11. - С. 1697 - 1700.
9. Кулаков С.А. Основы психосоматики. - СПб.: Речь, 2003. - 288 с.
10. Лекции по психосоматике: курс лекций/А.Б.Смулевич. - М.: МИА, 2014. - 352 с.
11. Малкина-Пых И.Г. Психосоматика: Справочник практического психолога. - М.: Изд-во Эксмо, 2004. - 992 с.
12. Новикова И.А., Соловьев А.Г. Психологические аспекты психосоматических заболеваний. Метод. Рекомендации / Под ред. П.И. Сидорова. - Архангельск, 2001. - 46 с.
13. Парцерняк С.А. Стресс. Вегетозы. Психосоматика / С.А. Парцерняк. -СПб.: А. В. К., 2002. 384 с.
14. Психология здоровья. Учебник для вузов / Под ред. Г.С.Никифорова. - СПб.: Питер, 2003. - 607 с.
15. Сандомирский М.Е. Психосоматика и телесная терапия: Практическое руководство. - М.: Независимая фирма «Класс», 2005. - 592 с.
16. Селье Г. Стресс без дистресса. М.: Прогресс, 1982. - 124с.
17. Смулевич А.Б., Сыркин А.Л., Козырев В.Н. и др. Психосоматические расстройства (клиника, эпидемиология, терапия, модели медицинской помощи) // Журнал неврологии и психиатрии им. С.С. Корсакова. - 1999. - т. 99, №4. - С.4-16.
18. Старшенбаум Г.В. Психосоматика и психотерапия: Исцеление души и тела. - Ростов: Феникс, 2014. - 350 с.
19. Тополянский В.Д., Струковская М.В. Психосоматические расстройства. - М.: Медицина, 1986.
20. ТухтароваИ.В. Соматопсихология [Текст]: учебно-методическое пособие по курсу «Соматопсихология» / И.В. Тухтарова, Т.З. Бектимиров. - Ульяновск: УлГу, 2005. - 715 с.
21. Фрейд З. Введение в психоанализ. Лекции. - М., 1989.
22. Ходырева Я.В. Психологические факторы здоровья // Актуальные проблемы практической психологии. - СПб., 1992.
23. Ясперс К. Общая психопатология: Пер. с нем. - М., 1997. - 1054 с.


## ПСИХОСОМАТИКА - ЭМОТСИЯИ БА ТАВАРИ ПСИХОЛОГӢ ЭЪТИНОНАШУДА


Ин мақола таҳлили психосоматика ва ихтилоли психосоматикиро ҳамчун эҳсоси аз ҷиҳати равонӣ беэътиноӣ медиҳад. Психосоматика якчанд соҳаҳоро дар бар гирифта, мавзуи тадқиқоти илмҳои равоншиносӣ, иҷтимоӣ ва тиб мебошад, ки дар он омилҳои иҷтимоӣ ва психологие, ки ба пайдоиши ихтилоли ва бемориҳои соматикӣ мусоидат мекунанд, меомӯзанд.Механизмҳои пайдоиш ва инкишофи ихтилоли психосоматикӣ. тахлил карда мешаванд. Ҳаяҷон, зиддиятҳои равонии дохилӣ, норозигӣ ва ангезаҳои гуногуни хусусияти психосоматикиро омилҳои асосии пайдоиши ихтилоли психосоматикӣ муайян мекунанд, ба назар гирифта мешаванд. Фикру мулохизахои олимон оид ба ташхиси самарабахши ихтилоли психосоматикй дода шуда, барои коре, ки ба бартараф намудани онҳо нигаронида шудааст, тавсияхои дахлдор пешниход карда мешаванд.



***Калидвожаҳо**: психосоматика ҳаяҷон, конфликтҳои психологӣ, таҷриба, алекситимия, системаҳои асаб ва гуморалӣ, падидаҳои соматовегетативӣ, ихтилоли функсионалӣ, ихтилоли психогенӣ, солимии равонӣ*


## ПСОХОСОМАТИКА - ПСИХОЛОГИЧЕСКИ НЕОТРЕАГИРОВАННАЯ ЭМОЦИЯ


В настоящей статье приведен анализ психосоматики и психосоматических расстройств как психологически неотреагированных эмоций. Психосоматика охватывает несколько сфер и является предметом исследования психологических, социальных и медицинских наук, где в основе исследуется социальные и психологические факторы, способствующие развитию нарушений, расстройств и болезней соматического характера.Анализируются механизмы появления и факторы развития психосоматических расстройств. В качестве ключевых факторов, способствующих психосоматическим расстройствам, выделяются стрессы, психологические внутренние конфликты и различные неудовлетворенности и мотивыпсихосоциального характера.Рассматриваются мнения

ученныхинаучные подходы к изучению психосоматики,ее проявлений, детерминации, развития и факторов, усложняющих или облегчающих психосоматические расстройства. Приводятся мнения исследователей по эффективной диагностике психосоматиких расстройств, и предлагаются соответствующие рекомендации поработе, направленной на их устранение.

***Ключевые слова:****психосоматика, стресс, психологические конфликты, переживание, алекситимия, нервная и гуморальная ситемы, соматовегетативные явления, функсиональные нарушения, психогенные нарушения, ментальное здоровье.*

## PSYCHOSOMATICS – PSYCHOLOGICALL UNREACTED EMOTION

This article presents an analysis of psychosomatics and psychosomatic disorders as psychologically unreacted emotions. Psychosomatics covers several areas and is the subject of research in psychological, social and medical sciences, where the social and psychological factors contributing to the development of disorders, disorders and diseases of a somatic nature are studied. The mechanisms of occurrence and factors of development of psychosomatic disorders are analyzed. Stress, psychological internal conflicts and various dissatisfactions and motives of a psychosocial nature are highlighted as key factors contributing to psychosomatic disorders. The opinions of scientists and scientific approaches to the study of psychosomatics, its manifestations, determination, development and factors complicating or facilitating psychosomatic disorders are considered. The opinions of researchers on the effectivediagnosis of psychosomatic disorders are given, and appropriate recommendations for work aimed at their elimination are proposed.

***Key words:****psychosomatics, stress, mental conflicts, experience, alexithymia, nervous and humoral systems, somatovegetative phenomena, functional disorders, psychogenic disorders, mental health.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**. Шарипова Мадина Ёдгоровна - номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. E-mail: madinjasha@yandex.ru, тел: (+992) 900179889.

**Информация об авторе.** Шарипова Мадина Ёдгоровна - кандидат психологических наук, доцент кафедры психологии Таджикского национального университета. E-mail: madinjasha@yandex.ru, тел: (+992) 900179889.

**Information about author.** Sharipova Madina Yodgorovna - candidate of psychological sciences, docent of psychological department of Tajik national university. E-mail: madinjasha@yandex.ru, тел: (+992) 900179889.

**ҶОБУЛОВА Н.**

# ТАЪСИРИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ БА ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ НАВРАСОН ВА ҶАВОНОН

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар Паёму баромадҳояшон қайд мекунанд, ки: «Ҷавонон неруи фаъоли ҷомеа, созандаи ояндаи дурахшони давлату миллат буда, дар рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ нақши назаррас доранд» [6]. Насли ояндасоз, махсусан, наврасону ҷавонон дар назди халқу Ватан масъулияти бузург дошта, дар таҳкими давлатдории миллӣ нақши аввалиндараҷаро мебозанд. Бинобар ин, тарбияи дурусти онҳо вазифаи муҳимми оила, мактаб ва ҷомеаву давлат ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, «таҳкими оила, таълиму тарбияи наслҳои солиму соҳибмаърифат яке аз воситаҳои рушди ҷомеа, мустаҳкамии қудрати давлат ва побарҷойии тамаддунҳо ба шумор меравад»[6] .

Таълиму тарбия дар пайвастагии мутақобилаи се ниҳоди иҷтимоӣ: **оила, мактаб ва ҷомеа** шарти асосии рушди ахлоқию маънавии ҳар як аъзои ҷомеа гардида, он асолати воқеӣ пайдо мекунад. Таъмин нагардидани ягонагии ин се ниҳоди иҷтимоӣ дар муҳити атроф ва фазои иттилоотӣ, ки дар зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ қарор доранд ва бо вусъати азиме пеш мераванд, хеле муҳим аст.

Таълиму тарбияи насли бунёдкори оянда дар оила чун ниҳоди аввали иҷтимоӣ тайи чанд соли охир яке аз масъалаҳои муҳим ва доғи рӯз гардидааст. Чунин мушкилотро ба ҳисоб гирифта Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардид. Мақсади асосии қабули Қонуни мазкур ба хотири боз ҳам баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, инчунин ташаккулдиҳии худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, эҳтироми арзишҳои милливу умуибашарӣ, риояи меъёрҳои одобу ахлоқи ҳамида, омода намудани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва ба роҳи рост ҳидоят намудани фарзандон равона шудааст.

Ҷаҳони зудтағйирёбанда, равандҳои сиёсӣ, зуҳуроти гуногун, ҳодисаҳои иҷтимоӣ, мушкилоти сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангию маънавиро ба миён оварда, ба тафаккури наврасону ҷавонон таъсир расонидаву мерасонад. Наврасону ҷавонони мо низ аз ин таҳдидҳо эмин нестанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки таъсири равонию маънавии ин омилҳои мушкиловар ва зараррасон сари вақт муайян карда шуда, безарар ва бартарафсозии онҳо таъмин карда шаванд.

Дар ин гуна ҳолат ниҳодҳое, ки дар боло зикр намудем, бояд якҷо бо расонаҳои миллии иттилоотӣ бо истифода аз неруву иқтидори кофӣ имконияти муқовимат кардан дошта бошанд, то ин ки вуруди ҷанбаҳои номатлуби фарҳанги бегонаро пешгирӣ намоянд ва нагузоранд, ки онҳо дар ҷомеаи мо миёни наврасону ҷавонон паҳн гарданд ва афкори онҳоро заҳролуд намоянд.

Яке аз падидаҳои ҷомеаи муосир ин интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад. Интернет дастоварди бузурги инсоният дар асри XXI мебошад ва яке аз воситаҳои асосии иттиллоотрасон дар ҷаҳон ба шумор меравад. Қайд кардан зарур аст, ки ҳар пешрафте, ки инсоният ба он ноил мегардад, ҷиҳатҳои мусбат ва манфӣ дорад, ки интернет низ истисно нест. Ҷиҳати мусбати интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар он аст, ки ҳар як фард метавонад тамоми маълумоти заруриро доир ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз он ҷо пайдо кунад ва талаботи маънавиашро қонеъ гардонад. Тарафи манфии истифодаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар он аст, ки вақтгузаронии барзиёд ва дар канор мондан аз олами воқеӣ дар байни наврасон ҷавонон ба назар мерасад. Албатта, дар тарзи истифода бурдани бомавқеи интерент ва шабакаҳои иҷтимоӣ нақши калонсолон, махсусан, падару модарон ниҳоят муҳим аст, чунки шабакаҳои иҷтимоӣ на ҳама вақт ба кормандони муассисаҳои таҳсилотии назоратшавандаанд ва на ҳамаи сарчашмаву маълумотҳое, ки дар он ҷо мавҷуд аст, дурусту беғаразанд.

Дар замони муосир шабакаҳои иҷтимоӣ барои доираи васеи одамон, новобаста аз намуди фаъолият, синну сол, ҷои истиқомат дастрасии бештар пайдо кардаанд. Пӯшида нест, ки одамон аз интернет барои дарёфти маълумот, муошират, фароғат, кор истифода мебаранд. Имрӯз қисми зиёди одамон ҳаёти худро бидуни интернет тасаввур карда наметавонанд, чунки қисми зиёди фаъолиятҳо бо он алоқаманданд. Махсусан, наврасон ва ҷавонон ба шабакаҳои иҷтимоӣ алоқаи зиёд доранд.

Интернет имконияти гирифтани ахборро дар ҳама соҳаҳо, ҳатто барои одамони дорои маълумот, ки қаблан на танҳо барои таҳсилоти миёна, инчунин барои гирифтани маълумоти олӣ имконият надоштанд, васеъ кардааст.

Интернет ба дидани он чизе, ки дар ҳаёти ҳаррӯза ғайриимкон аст, мусоидат менамояд ва ба одамон шароити дастрасиро ба маводи маърифатӣ фароҳам оварад. Ба воситаи интернет онҳо метавонанд бо ҷараёни зиёди иттилоот шинос шаванд, ки пештар дар бораи онҳо маълумот надоштанд.

Шабакаҳои иҷтимоӣ ба наврасону ҷавонон дар худшиносӣ низ кӯмак мерасонанд. Ба аксарияти онҳо муошират дар ҳаёти воқеӣ мушкилтар аст ва навиштани андешаҳои худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба монанди: Facebook, Instagram, Одноклассник хеле осонтар аст. Онҳо метавонанд бевосита андешаҳои худро, ки аз тарафи калонсолони оила бештари вақт қабул намешаванд, дар шабакаҳои иҷтимоӣ баён кунанд.

Равоншиносон, омӯзгорон ва падару модарон кӯшиш мекунанд, ки афзалиятҳои шабакаҳои иҷтимоиро дар самтҳои зерин нишон диҳанд, аммо шумораи онҳо на он қадар зиёд аст:

- дӯстони зиёд пайдо кардан;
- имконияти ёфтани шахсони ҳамфикр доир ба тамоми масъалаҳои ҳаёти гирду атроф;
- имконияти фосилавӣ (онлайн) таҳсил намудан ва ғ.

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ба инсон таъсир мусбат ҳам мерасонад ва ба инсон манфиати зиёд меоранд, ба шарте ки онро оқилонаву судманд истифода бурда тавонанд.

Дар баробари таъсири мусбат расонидан дарк кардан лозим аст, ки ҳар гуна раванд ё падида метавонад ба наврасону ҷавонон таъсири манфӣ ҳам расонад. Таъсири манфӣ ё номатлуби шабакаҳои иҷтимоиро ба таври зайл арзёбӣ кардан мумкин аст, ки донистани онҳо барои сиҳатии равонию муҳити солими маънавию ахлоқии шахс, оила ва ҷомеа муҳим аст.

➢ **Стресс** (дар психология) ҳолати фишори равонӣ мебошад, ки дар одам ҳангоми ҷараёни фаъолият дар шароити вазнину душвор, чи дар ҳаёти ҳаррӯза ва ҳам дар ҳолатҳои махсус, масалан, хангоми парвози кайҳонӣ, ҳангоми омодагӣ ба имтиҳони ҷамъбастӣ ё пеш аз оғози чорабинии варзишӣ ба вуҷуд меояд. Мафҳуми стресс аз тарафи физиологи Канада Г.Селье (1936) дар тавсифи синдроми адаптатсия пешниҳод карда шуд. Стресс метавонад ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ дошта бошад.

➢ **Хасташавии чашм,** шиддати биноӣ, бад шудани биноӣ, ҳатто ба ягон бемории чашм табдил ёфта метавонад. Махсусан, аз сабаби фишори чашм баъд аз як муддати кӯтоҳ сарчархзанӣ ва дарди сар пайдо мешавад. Воситаи беҳтарини ҳифзи чашмони фарзандон ин маҳдуд кардани вақти истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ, телефон ва компютер мебошад. Бояд дар хотир дошт, ки «муошират»-и дарозмуддати доимӣ ба ҳама гуна дастгоҳҳои муосири электронӣ боиси пайдо шудани хушкии чашм мегардад. Ба экрани дурахшон назар карда мо 2-3 маротиба камтар мижа занем, ва ин чунин маъно дорад, ки мо чашмони худро ба қадри кофӣ ба намӣ таъмин намекунем. Дар натиҷа чашмон хушк мешаванд ва ба рушди илтиҳоби чашм оварда мерасонад.

➢ **Хасташавӣ (мондашавӣ)-**вобаста ба ҳолати ҷисмонӣ, психикаи одам дар ҳолати ҳаяҷонӣ ба вуҷуд меояд. Ҳар қадаре ки одам ахборро зиёд қабул кунад, ҳамон қадар дараҷаи мондашавии майнаи сари ӯ ҳис карда мешавад, ки ин ҳолат боиси хастагии равонию чеҳра ва ба таври дилхоҳ иҷро нашудани амалҳои шахс мегардад. Хасташавӣ ба харобии асаб низ оварда мерасонад. Дар чунин ҳолат наврасону ҷавонон ниёз ба истироҳату фароғат ва барқарор кардани неруи равонию ҷисмонӣ пайдо мекунанд.

➢ **Камҳаракатӣ ҳангоми истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ.** Ҳолати нишасти камҳаракат дар муддати тӯлонӣ, ки на танҳо ба хасташавии чашм, осебёбии ҳаракати худ, балки ба каҷшавӣ ё бемории сутунмухра низ оварда мерасонад, ки он муддати тӯлониро барои табобат талаб менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми наврасону ҷавонон ба шабакаҳои иҷтимоӣ ҷалб шудан кам ҳаракат мекунанд, аз муошират рӯ ба рӯ дар канор мемонанд, аз хона берун намебароянд, аз ҳавои тоза нафас намегиранд, ки барои солимии равонию ҷисмонии муътадили ҳар яки мо зарур аст.

Бояд қайд кард, ки телевизион, компютер ва умуман тамоми шабакаҳои иҷтимоӣ истифодабарандагони худро интихоб намекунанд, балки он ба ҳамаи хоҳишмандон новобаста ба синну сол, таҷрибаи зиндагӣ, мавқеи иҷтимоӣ, дар ҳама лаҳзаҳои ҳаётӣ ва вақти мувофиқ имконияти шахсӣ дастрас аст.

Солҳои охир гурӯҳҳои ифротгарою тундрав тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ақидаҳои ифротии худро тарғиб намуда истодаанд, ки ин ба тафаккур ва эътиқоди наврасону ҷавонон таъсири манфӣ мерасонанд.

Ҳар як падару модар бояд ин омилҳоро ба назар гирифта, сари вақт ба таълиму тарбияи фарзандони худ машғул шаванд. Роҷеъ ба ин масъала уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзандро, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таъкид гардидааст ёдовар мешавем:

- ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоштан;
- барои саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанди худ ғамхорӣ намудан;
- фарзандонро ба ҳаёти мустақилона ва меҳнати софдилона омода намудан;
- фарзандонро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намудан;
- ба таълим фаро гирифтани фарзандонро таъмин намуда, ба таҳсили онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ монеъ нашудан;
- шаъну шарафи фарзандонро эҳтиром карда, ба муомилаи бераҳмона нисбат ба онҳо роҳ надодан;
- донишандӯзӣ ва иштироки фарзандро дар раванди таълиму тарбия назорат карда, бо омӯзгорон, ҳайати кормандон ва роҳбарияти муассисаи таълимӣ оид ба таълиму тарбияи фарзанд мунтазам ҳамкорӣ намудан. [2]

Маҳз тавассути иҷрои талаботи ин қонун истифодабарии имкониятҳои солимии маънавӣ ва рушди ахлоқии наврасону ҷавонон таъмин карда мешавад. Нақши оила ҳамчун ниҳоди аввалин дар таълиму тарбияи фарзанд бағоят муҳим мебошад. Падару модар, ки

сутуни хонавода ва муҳити солими оиларо ташкил медиҳанд, бояд ба таълим ва тарбияи фарзандони худ диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд. Як нуктаро ба эътибор гирифтан лозим аст, ки фарзандони солеҳ ва бомаърифат давоми умри падару модар мебошанд ва ба ин хотир, барои таълиму тарбияи онҳо ҳеҷ чизро набояд дареғ дошт.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бархе аз волидон дар таълиму тарбияи фарзандони худ то ҳол беаҳамиятӣ зоҳир менамоянд. Беназоратӣ ва беаҳамиятии онҳо то ҷое мерасад, ки фарзандони онҳо ба ҳизбу ҳаракатҳои гуногун шомил мешаванд ва ҳаёти худро зери хатар мегузоранд. Ин ҳама аз ғайримақсаднок истифода бурдани шабакаҳои иҷтимоӣ аз тарафи наврасону ҷавонон сар мезанад. Бинобар ин, ҳар як волидайн дар навбати худ бояд кӯшиш намоянд, ки аз хурдсолӣ истифодаи дуруст ва самараноки шабакаҳои иҷтимоиро ба фарзандони худ омӯзонанд, ки натиҷаи мусбат диҳад.

Падару модарро зарур аст, ки масъулиятро ҳис намуда, аз пайи сабабҷӯмӯзии фарзандон бошанд, ҳаргиз роҳ надиҳанд, ки онҳо бархилофи қонун рафтор намоянд.

Падару модарон метавонанд бо чунин роҳу усули гуногун дар истифодабарии шабакаҳои иҷтимоӣ ба фарзандони худ таъсир расонанд:

- маҳдуд намудани вақт ва назорат кардани маводи интернетие, ки онҳоро наврасону ҷавонон тамошо мекунанд, вале онҳо ҷабҳаи мусбати таъсиррасонӣ ба шуур, ҳиссиёт ва рафтори аҳли ҷомеа надоранд;
- ташкил намудани суҳбат, назарпурсии ҳамдигар оид ба мавзуъҳои гуногуни илмиву бадеӣ, сиёсию иҷтимоӣ бо фарзандон;
- ҷалб намудани фарзандон ба касбу ҳунарҳои гуногун ва ба варзиш машғул шудан;
- ҷалб намудани аҳли оила ба китобхонӣ (таълимӣ, илмӣ, бадеӣ) ва мусоидат намудан барои иштирок дар маҳфилҳои адабӣ, озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм-фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон-Ватани азизи ман», «Тоҷикон»-оинаи таърихи миллат»;
- дуруст ба роҳ мондани реҷаи рӯз ва ташкилу роҳбарӣ ба фаъолиятҳои арзишманд ва ғайраҳо.

Бузургону хирадмандони тоҷик бо заҳмату талоши пайвастаашон тавонистанд, ки барои наслҳои наврасу ҷавон ва умуман инсоният фарҳанги ғанӣ ва инсонсозро ба мерос гузоранд.

Доир ба назария ва амалияи нақши падару модар дар тарбияи фарзанд ва ё баръакс, вазифаи фарзанд дар бобати эҳтиром гузоштан ба падару модар китобҳои муътабаре, аз қабили «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Насиҳатнома»-и Имоми Аъзам, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насриддин Тӯсӣ, «Кимиёи саодат»-и Муҳаммад Ғазолӣ, «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Кошифӣ ва дигар панду андарзу насиҳатномаҳо таълиф шудаанд.

Дар ин асарҳо марҳилаҳои гуногуни таҷрибаи тарбия, ташаккулдиҳии сифатҳои ахлоқии миллати тоҷик ҷамъбаст гардида, нақши падару модар дар тарбия, таълим ва ташаккули фарзанд, киояндаи ҷомеаро муайян менамояд, бо далелҳои муътамад ба исбот расидаанд.

Таълиму тарбия равандест, ки бояд дар якҷоягӣ ба роҳ монда шавад ва он пайваста зина ба зина амалӣ гардад. Ҳодисаву воқеаҳои замони муосир бори дигар исбот менамоянд, ки агар таълиму тарбия сари вақт дуруст ба роҳ монда нашавад, оқибати ногуворро ба бор меорад ва дар натиҷаи ин беаҳамиятӣ ва беназоратии падару модарон фарзандон тарбияи нодуруст гирифта, ҳамчун ашхоси бадкирдору зараррасони ҷомеа ба воя мерасанд.

Аз ин рӯ, оила, мактаб, аҳли ҷомеа ва ҷомеаи шаҳрвандиро зарур аст, ки интернет ва шабакаҳои иҷтимоиро барои рушди ҷаҳонбинии илмии насли наврас ва ҷавонон ва ҳамзамон барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву ватанпарварӣ, инсондӯстию меҳнатдӯстӣ ва инкишофи дигар сифатҳои маънавиву ахлоқӣ самаранок истифода баранд.

Инчунин ҳар як фарди ватандӯсту худогоҳ бояд пайваста кӯшиш ба харҷ диҳад, ки фарҳанг, анъанаҳои неки миллӣ, арзишҳои маънавию ахлоқии миллати моро дар шабакаҳои иҷтимоӣ тарғиб намоянд ва маҳз ба ин восита метавон ҳувияти наслиояндасозро тақвият бахшид ва онҳоро аз бегонапарастӣ наҷот дод.

### АДАБИЁТ:


1. Влияние глобализации на воспитание детей в иранской семье: диссертация ... кандидата педагогических наук: Душанбе, 2011. - 175 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Душанбе, 2011.

3. Левин В.К. Защита информации в информационно-вычислительных системах и сетях // Программирование. - 2011. - N5. - С. 5-16.
4. Нуров А. Талаботи муосир ба тарбияи насли наврас ва ҷавонон. Душанбе, 2017. С.
5. Сидоренко И.В. Тренинг влияния и противостояние влиянию. - СПб.: Речь, Санкт - Петербург, 2003.
6. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». 14 декабри соли 2010, ш.Душанбе.
7. Сухомлинский В.А. Родительская педагогика. Москва, 1981.


## ТАЪСИРИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ БА ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ НАВРАСОН ВА ҶАВОНОН


Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳим, масъалаи таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба тарбияи ахлоқии наврасон ва ҷавонон бахшида шудааст. Ҷаҳони зудтағйирёбанда, равандҳои сиёсӣ, зуҳуроти гуногун, ҳодисаҳои иҷтимоӣ, мушкилоти сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангию маънавиро ба миён оварда, ба тафаккури наврасону ҷавонон таъсир расонидаву мерасонад. Наврасону ҷавонони мо низ аз ин таҳдидҳо эмин нестанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки таъсири равонию маънавии ин омилҳои мушкиловар ва зараррасон сари вақт муайян карда шуда, безарар ва бартарафсозии онҳо таъмин карда шаванд.



***Калидвожаҳо:*** *оила, мактаб, аҳли ҷомеа, шабакаҳои иҷтимоӣ, наврасон ва ҷавонон, зуҳуроти гунонун, интернет, фазои иттилоотӣ, одобу ахлоқи ҳамида, ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, рушди ҷомеа.*


## ВЛИЯНИЕ СОЦИАЛЬНЫХ СЕТЕЙ НА НРАВСТВЕННОЕ ВОСПИТАНИЕ ПОДРОСТКОВ И МОЛОДЕЖИ


Данная статья посвящена одному из важных вопросов- вопросу влияния социальных сетей на нравственное воспитание подростков и молодежи. Быстро меняющийся мир с политическими процессами, общественными событиями, политико-экономическими, культурно-духовными проблемами, все это влияло и влияет на мышление подростков и молодежи. Не застрахованы от этих угроз и наши подростки и молодежь. Поэтому необходимо выявить психологические и духовные последствия этих проблемных и вредных факторов и обеспечить их нейтрализацию и устранение.



***Ключевые слова:*** *семья, школа, члены сообщества, социальные сети, подростки и молодежь, гендерные проявления, интернет, информационное пространство, мораль и нравственность, формирование нравственных качеств, развитие общества.*


## THE EFFECT OF SOCIAL NETWORKS ON THE MORAL EDUCATION OF TEENAGERS AND YOUNG PEOPLE


This article is devoted to one of the important issues, the issue of the influence of social: networks on the moral education of adolescents and youth. The rapidly changing world, political processes, various manifestations, social events, political, economic, cultural and spiritual problems, all this affects the thinking of adolescents and young people. Our teenagers and young people are not immune from these threats either. Therefore, it is necessary to identify the psychological and spiritual consequences of these problematic and harmful factors and ensure their neutralization and elimination.



***Keywords:*** *Family, school, community members, social networks, adolescents and youth, gender manifestations, the Internet, information space, moral and morality, the formation of moral qualities, the development of society.*



**Маълумот дар бораи муаллиф:** Чобулова Наргиза Мемондустовна муаллимаи калони кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Тел: +992 988-66-98-96, E-mail: nargis_89chobulova@mail.ru

**Сведения об авторе:** Чобулова Наргиза Мемондустовна, старший преподаватель кафедры педагогики и психологии начальных классов Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни Тел: +992 988-66-98-96, E-mail: nargis_89chobulova@mail. RU

**Information about the author:** Chobulova Nargiza Memondustovna, senior teacher of the department of pedagogy and psychology of elementary grades of the Sadriddin Aini State Pedagogical University of Tajikistan Tel: +992 988-66-98-96, E-mail: nargis_89chobulova@mail.ru

ҚУРБОНОВ С.

# ТАШАККУЛИ ҲИССИ ИНСОНДӮСТИИ КӮДАКОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ ДАР ОИЛА

Меҳри инсонӣ- сарвати нафису нозук, латифу пурарзиш ва дорои қудрати бузурги созандагист, ки ҷисму ҷонро ҳамеша гармию неру мебахшад.

Ин сарвати бебаҳои рӯҳи инсонӣ дар таълиму тарбияти фарзандону шогирдон барои падару модарон ва ҳам омӯзгорон ҳамеша мавриди зарурат ва корбурд қарор дорад, ки наметавон бидуни он киштиро ба соҳили мурод кашид. Маҳз ҳамин муҳаббат аст, ки мо дар партави гармии он бо умедҳои фаровон фардои босаодати фарзандону шогирдони худро чашмдорем.

Тақвият бахшидани ҳисси инсондӯстӣ дар худ имкон медиҳад, ки онро дар рӯҳияи фарзандон ҷо кунем ва он ҳамчун сарчашмаи шодиву сурур дар зиндагии онҳо ҷобаҷо хоҳад шуд.

Эҳсоси меҳру муҳаббат ва инсондӯстӣ дар шуури кӯдак ҷой гирифта, ҷисму ҷонашро навозиш мекунад, он ҳамчун мусиқии сози ҷӯр ҳама нағмаҳои ноҷӯрро хомӯш месозад ва завқи дарки зебоиро ангеза медиҳад.

Мо ҳеҷ, замона ҳеҷ, дунё ҳама ҳеҷ,
Эй ҳеҷ, зи баҳри ҳеҷ, бо ҳеҷ мапеч.
Донӣ, ки зи одамӣ, чӣ мемонаду бас,
Меҳр асту муҳаббат асту боқӣ, ҳама ҳеҷ.

Омӯзгор бояд шогирди худро бо ормон ва ғояҳои дӯстиву садоқат ва меҳру муҳаббат парвариш диҳад ва нагузорад, ки андешаҳои инсонситезӣ, кинаварзӣ, бухлу ҳасад ва кибру тамаъ дар дили ӯ рахна созанд. Инсондӯсти ҳақиқӣ касест, ки барои хушбахтии одамон талош мекунад ва омода аст тамоми неруи худро барои тақвияти дӯстиву рафоқат ва адолату инсоф бубахшад.

Одамият берун аз муборизаи сиёсии тезу тунд, ки дар айёми мо дар ҷаҳон ба вуқуъ мепайванданд, буда наметавонад. Аммо он бояд дар асоси меъёрҳои ахлоқие парвариш ёбад, ки нисбат ба ҳар гуна истисмор, бандагӣ ва истибдод оштинопазир бошад ва онҳое, ки мо тарбия мекунем, одамони ҳақиқӣ ва башардӯстони асил бошанд.

Деҳқон аз киштзор, боғбон аз боғ ва чӯпон аз рамаи худ ифтихор мекунад. Мо омӯзгорон офариниши дигар дорем: инсон, саодати олӣ ва ифтихори волои мост. Агар шогирди мо омодаи як зиндагии муносиб ва рӯзгори босафо бошад, ҳамчун узви фаъоли ҷомеа дар ривоҷу равнақи он саҳмгузорӣ намояд, шаҳрванди боифтихор бошад, албатта мо низ ифтихор мекунем.

Насли наврас ҳамон вақт инсондӯст, халқпарвар, инсони ҳақиқӣ мегардад, ки дар оила бо меҳру муҳаббат ва дар фазои якдигарфаҳмии аъзои он тарбия ёфта бошад.

Дар оила тарбия кардани фарзанд асосан ба зиммаи занҳо гузошта шудааст. Модар барои фарзанд азизтарин шахс аст ва ҳамеша кӯшиш мекунад, ки ӯ шоду хурсанд бошад ва барои ин неруи ҷисмонию маънавӣ ба харҷ медиҳад.

Кӯдак тарзи муносибатро аз равишҳову нишонаву рафторҳои нозуку ба назар ноаёни падару модар ёд мегирад. Барои мисол, ҳар боре, ки рӯзи кори модар вазнину пурташвиш бошад, падар ҳамроҳи бачаҳо хӯрок пухта, дегу табақ ва дигар маводро омода месозад, модар аз ин ба ваҷд омада, ба онҳо изҳори миннатдорӣ мекунад ва хурсадиашро пинҳон намедорад. Кӯдакон аз кори кардаи худ хурсанд шуда, боз бештар саъй меварзанд, ки ризоияти падару модарро ба даст оварда, онҳоро шод кунанд. Чунин муҳитро муҳити меҳрофар метавон гуфт, ки тобеияти наслӣ ва шарти риояти эҳтиромро бо ҳарири меҳру муҳаббат печ дода, оҳари зебоӣ мебахшад.

Муносибати нарму ҳалим бо риояти эҳтироми тарафайн, суҳбатҳои пурмаъниву тарбиятӣ дар ҳузури фарзандон, нақлу ҳикояти достону қиссаҳо, таҷлили ҷашнҳои хонаводагӣ, қабулу пазироии меҳмонони худиву бегона намунаи ҳамон корҳое ҳастанд, ки мавриди таваҷҷуҳи фарзандон қарор мегиранд ва ба дурустиву ростии онҳо касе шак намеорад.

Ахлоқи накӯ танҳо дар зери таъсири эҳсоси накӯ ба вуҷуд меояд ва муҳити солими хонаводагӣ, ки асосаси онро меҳру муҳаббат ташкил медиҳад, сарчашмаи тавоно ва бебаҳои тарбияи эҳсоси инсондӯстӣ ба шумор меравад.

Дар бораи инсондӯст шудани шахс, ки яке аз хислатҳои ҳамидаи ӯ ҳисоб мешавад, бисёре аз гузаштагони мо сухан гуфтаанд. Масалан, осори Саъдӣ саршори ғояҳои инсондӯстист. Ӯ иллатҳои рӯзгору пайкори табақаи болои ҷомеаро мазаммат мекунад ва таъкид менамояд, ки фазилатҳои наҷиби инсонӣ аслан, хосси халқи меҳнаткашанд, вале мутаассифона бенавониёни ҳиматбаландро дасти қудрат бастааст.

Афкори Саъдӣ доир ба қимат ва фазилатҳои инсон ҷолибанд. Саъдӣ итминон дорад, ки қимати аслии инсонро на сарват, балки фазилатҳои ӯ муайян менамоянд. Ба фикри ӯ агар касе дар баробари бечорагон дасти кушод дошта бошад, бо вуҷуди айб доштанаш соҳибу иззату эҳтиром мегардад ва айби ӯ ба ҳунар ва қубҳи ӯ ба ҳусн табдил мeёбад ва баръакс касе, ки ба мардум нафъе намерасонад дар фазо муаллақ аст ва қимати сангеро надорад.

Ба қавли Саъдӣ инсон бояд дармондагонро дар фалокату бадбахтӣ дастгирӣ намояд. Ӯ ба халқ хизмат намуданро вазифаи асосии инсон мешуморад. Аз нуқтаи назари Саъдӣ маънои аслии мафҳуми одамият маҳз дар ҳамин аст.

Дӯст машмор он ки дар неъмат занад,
Лофи ёриву бародархондагӣ.
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст
Дар парешонҳоливу дармондагӣ.

Ба инсон на аз рӯйи гуфтор, балки аз рӯйи рафтори ӯ баҳо додан даркор аст.

Қобили қайд аст, ки Саъдӣ дар афкори инсондӯстонаи худ танҳо ба ҳимояи манфиату ҳуқуқи бенавоён ва барои онҳо муҳайё намудани ҳаёти хуш маҳдуд нашуда, дар шароите, ки қимати инсон аз руйи молу мулк ва сарват муайян мешуд, даъвате ба миён гузошт, ки он ҳам бошад, қадр кардани шарафи инсонии табақаи поёни ҷамъият ва сазовори эҳтиром донистани он мебошад. Ӯ бо ҷасорати хос аз табақаи ҳоким талаб менамояд, ки нисбат ба бенавоён беэътиноӣ ва беҳурматӣ накунанд, зеро фақиру сарватманд аз як гавҳаранд.

Мутафаккир Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар бораи инсон ва инсондӯстӣ андешаҳои зиёде баён намудааст, ки дар тарбияи наврасону ҷавонон аҳамияти бузург доранд. Ӯ таъкид мекунад, ки меҳру муҳаббати ҳар як фарди хонавода нисбат ба ҳамдигар оиларо мустаҳкам намуда, кинаву адоватро пароканда месозад.

Аз нигоҳи ориф яке аз роҳҳои ҳалли масоили оилавӣ эҳтироми падару модар аз ҷониби фарзандон мебошад. Муҳити соф ва солими хонавода, кӯдакро ба дӯстӣ ва меҳрпарварӣ нисбат ба аъзои калонсол ҳидоят мекунад ва меҳвари асосии устувории оила мегардад.

Шинохти муҳити хонавода, ки ба таъриху сарнавишти миллат робита дорад, кӯдакро ба шинохти худ ва фарҳанги миллат водор сохта, эҳсоси эътимод ба нафс ва арзи сипосро таҳким мебахшад. Кӯдак, ки дар ҷаҳони воқеӣ зиндагӣ мекунад, офтобу ситораҳоро мебинад, аз дидору мулоқот бо дигарон шод мешаваду лаззат мебарад, аз баракати меҳнат баҳра мегирад, аз ҳусну латофати гулҳо ба шавқ омада, зебоиро ҳис мекунад, бояд саъй варзад, то дар ҳифзи чунин олами зебо саҳмгузор бошад. Ӯ бояд донад, ки муҳаббат нисбат ба инсон меҳвар ва меъёри асосии зиндагии босаодат аст.

Дар тарбияи эҳсоси инсондӯстӣ, ҳифзу посдории онҳо арзишҳои маънавии хонавода ҷойгоҳи муҳим доранд. Муҳимтарини ин арзишҳо ҷаҳоншиносӣ ва диди воқеият аст. Аз ин рӯ, нуқтаи асосии тарбияи инсондӯстӣ дар ҳар як насл устувор сохтани ғояи олии зиндагӣ – зистан баҳри одамон мебошад.

Инсондӯст шудан бо ғояҳои фавқулодагӣ, ҷудоӣ ва саргунии нажодиву миллӣ бегона аст. Инсондӯстӣ бо миллатгароӣ кулан созишнопазир аст.

Мантиқи тарбияи инсондӯстӣ маҳз аз он иборат аст, ки меҳри инсон дар ниҳоди инсон, дар асоси зуҳури фаъоли рӯҳи шахс, диду хиради вай устувор шавад. Оила бояд кӯшад, ки кӯдак аз хурдӣ меҳрогандаву меҳрпарвар гардад.

Умдатарин вазифаи тарбия дар оила он аст, ки кӯдак тавонад, то худро шиносад, бубинад ва бифаҳмад, ки кист, чӣ неруе дораду чӣ гуна касе шуда метавонад. Таманнои инсони ҳақиқӣ шудан дошта бошад, кӯшиш намояд, ки барои ҷамъият зиндагӣ бикунад.

Инкишофи ҷамъият ва шароити нави ҳаёти имрӯза беш аз пеш тақозо дорад, ки тартибу низоми расму оин, анъана ва суннатҳои дар гузашта маълуму пешқадам ба таври беҳтар дар байни мардум тарғтб гарданд, ҷиҳатҳои кӯҳнашудаи онҳо рад гардида, ҷиҳатҳои муфид пешниҳод шаванд. Аксарияти анъана, оину таомулҳо, ки дар гузашта роиҷ буданд, дар замони мо низ хусусиятҳои хуби тарбиявӣ-ахлоқӣ, зебопарастӣ ва рафтории худро набохтаанд.

Дар ҳар оила масъалаи тарбияи ахлоқию маънавии фарзандон дар заминаи ҷаҳонбинии падару модарон ва дигар афроди калонсоли муваззаф зери таваҷҷуҳ қарор дорад. Ин водор месозад, ки ба расму оин ва суннатҳои тарбиятии миллӣ эҳтироми хосса зоҳир карда шавад. Барои мисол метавон ёдовар шуд, ки таваллуди фарзанд дар ҳар хонавода боиси хурсандӣ ва болидагии падару модар ва наздикон мегардад. Аз ин рӯ, бо маслиҳат ба кӯдак номи зебою бамаънӣ гузоштан, дар ҳалқаи пирони рӯзгордида ба гаҳвора хобондан, бо ширкати аҳли хонавода ҷашн гирифтани зодрӯз, маслиҳату машварат бо ашхоси серфарзанди муваффақ роҷеъ ба тарбияи дурусти фарзандон аз рукнҳои муҳимми тарбияи хонаводагӣ ба шумор меравандд.

Тавре ки зикр шуд, ҳамаи ин дар тарбияи инсондӯстии кӯдакони синни хурди мактабӣ бе таъсир намемонад. Бачаҳо аз хурдсолӣ ба ҳамаи урфу одатҳои миллии худ шинос мешаванд. Чун кӯдак дар муқобили худ ба ҷуз хайрхоҳиву меҳру муҳаббат чизи дигаре намебинад, нисбат ба аъзои хонавода ва пайвандону хешу табор хушбину меҳрубон мешавад, ба онҳо бештар такя намуда, маслиҳат мепурсад ва посухи чандин саволҳои печидаву мураккабро пайдо мекунад.

Ҷашнҳои хонаводагӣ аслан, мисли дигар тадбирҳои зарурӣ боиси хароҷоти муайян мегарданд, ки падару модарон бояд фаромӯш накунанд, ки кӯдак тамаи камтаре зоҳир кунад ва донад, ки маблағ дар хонавода аз осмон намеафтад, балки бо меҳнату машаққат ба даст меояд, аз ин рӯ, исрофи он кори савоб нест. Ҳеҷ гоҳ бояд роҳ надод, ки зодрӯзи кӯдаконро тавассути радио, телевизион ва дигар васоити ахбор шодбош гӯянд, зеро ин дар назари аввал гуворову хушоянд намояд ҳам, боиси такаббуру худкомагӣ ва иззаталабии кӯдак мегардад.

Ба ҳамдигар дасти ёрӣ дароз кардани калонсолон дар доираи пайвандону ҳамтаборон, тасалло додан дар ғаму андуҳ, кумакҳои дастрас аз назари хурдсолони зирак дур намемонанд ва ин эҳсос рафта-рафта дар шуури онҳо ҷой гирифта, шахсият ва рӯзгорашонро оро медиҳад. Яъне ба қадри одаму одамгарӣ расидан аз дарки маниши росту дуруст, рафтори хубу зебо сарчашма мегирад.

Шаклу воситаҳои тарбияи инсондӯстӣ дар оила хеле гуногун мебошанд. Барои ташкили дурусти тарбияи одамдӯстии насли наврас дар оила масъалаҳои зеринро ба эътибор гирифтан ба мақсад мувофиқ аст:

1) Дар оила дуруст ташкил кардани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар боби эҳтироми одамон.

2) Мустаҳкам гардонидани дӯстии байни аъзои хонавода.

3) Якҷоя муҳокима кардани рӯйдодҳои оилавӣ.

Роҳҳое, ки падару модарон интихоб мекунанд, бояд мақсади муайян дошта бошанд, онҳо бояд чӣ гуна амал карданро донанд. Муносибат бо кӯдакону наврасон бояд хосияти озоди якдигарфаҳмӣ дошта бошад ва шахсияти тарбиятшаванда ҳеҷ гоҳ мавриди таҳқиру зӯроварӣ ва фармонгузаронӣ қарор нагирад.

Яке аз воситаҳои муҳимми тарбияи инсондӯстии насли наврас дар оила ин тамос бо хешу табори дурдаст ва ҳамсолону дӯстон мебошад. Зеро онҳо дар иттилооташон ё паёмҳояшон аз мушкилоту масоили дигари кору бори худ суҳбат карда, баъзан, ба маслиҳати якдигар ниёз пайдо мекунанд, ки гоҳҳо бе ширкати калонсолон аз уҳдаи ҳалли баъзе душвориҳо мебароянд. Иртиботи доимӣ бо дӯстону хешовандон монанди дидору суҳбатҳо ҳикмати мардумиро ба хотир меорад, ки гуфтаанд: «Меҳр дар чашм аст».

Дар ташаккули сифатҳои дӯстиву ҳамкорӣ, ҳурмату эҳтироми миллату халқиятҳои дигар нақши падару модарон ва дигар ашхоси калони хона аҳамияти калон дорад.

Шаклгирии муносибатҳои дӯстии байни бачаҳои миллатҳои гуногунро на танҳо дар мукотибаву муошират, балки дар ташкилшавии оилаҳои интернасионалӣ низ дидан ва истифода кардан мумкин аст. Кӯдакони дар ин оилаҳо рушдёбанда ба ҳамдигар дӯсту бародар шуда, ҳурмату эҳтароми якдигарро нигоҳ медоранд.

Яке аз воситаҳои ташаккул додани ҳисси инсондӯстӣ бо ёрии мутолиаи адабиёти бадеӣ, шунидани мусиқии халқҳои гуногун, тамошои кинофилмҳо, ва барномаҳои телевизионӣ низ

ба шумор меравaнд. Баробари тамошои кинофилмҳо, ки дар он қаҳрамонҳо аз ҳар миллат иштирок доранд, ҳиссиёти кӯдакон нисба ба ҳамон халқият зиёда мегардад.

Ташаккули ҳисси инсондӯстӣ дар кӯдакони синни хурди мактабӣ бо роҳи бозӣ низ тарғиб карда мешавад. Бачаҳо барои ташкил намудани бозиҳо якҷоя шуда, равиши бозиро ба ҳамдигар фаҳмонда, ба иҷрои он мепардозанд. Муошират тавассути бозӣ ҳисси дӯстиро ба якдигар тақвият бахшида, боиси нармию беозориии муносибат мегардад.

Риояти одоби меҳмондорӣ ва меҳмонӣ низ барои кӯдакон манбаи тарбияи инсондӯстӣ буда, ба рӯяшон даричаи ҷаҳони тозаеро боз мекунад. Кӯдак бояд донад, ки меҳмон метавонад ситоиш ва ҳам айб кунад, аз ин рӯ, бояд ҳама хубиҳои худро дар робита ба пазироии меҳмон ё риояти одоби меҳмонӣ ба намоиш гузорад, зеро ӯ таблиғгар намояндаи як хонавода аст. Кӯдакони хушрафтору муаддаб ҳамеша мавриди ситоиши меҳмонони худиву бегона қарор мегиранд, ки минбаъд низ пайомадҳои хушу гуворо хоҳад дошт. Кӯдакон бештар ба меҳмонӣ рафтанро хуш доранд ва аз ҷониби калонсолон бояд ҳушдор бигиранд, ки чӣ тавр дар меҳмонӣ бояд рафтор кард. Рафтуомади дӯстонаи одамон аксар вақт сабаби хешутабории тоза ва ташкили оилаҳои солим мегардад.

Иззату эҳтироми шахси меҳмоншударо донистани кӯдак ба худи волидон вобатагӣ дорад. Чунки кӯдак ба таъби падару модар нигоҳ карда, ба пазироии меҳмон шуруъ мекунад. Таъби хираи худро нисбат ба меҳмон дар назди кӯдак нишон додани волидон лозим нест, зеро ин муомила ба ҳиссиёти кӯдак сахт таъсир карда, нисбат ба ҳамон шахс нафрат ҳосил менамояд ва ба тарбияи инсондӯстии кӯдак таъсири манфӣ мерасонад. Чӣ қадаре, ки волидон қадру қимати меҳмонро донанд, ҳамон қадар фарзандон низ ба эҳтироми одамон саргарм мешаванд.

Муносибат бо меҳмонҳои худиву бегона дар гунаи ҳазлу шӯхӣ ва зарофатҳои номатбуъ набояд дар ҳузури кӯдакону наврасон сурат бигирад, балки зарофат бояд ҳусни маънӣ ва мазмуни тарбиякунанда дошта бошад. Зеро кӯдакон тақлидкоранд ва ҳама гуна рафторро чун меъёр қабул менамоянд.

Фарзандони мо давоми мо ваояндаи ҷамъиятанд ва нагузорем, ки ҳусни одамгарӣ коҳиш ва девори дӯстӣ рахна пайдо кунад.

Адаб ороиши афъол бошад,
Адаб осоиши аҳвол бошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Арабов, И. Дар остонаи ҳаёти оилавӣ,- Д.,1990
2. Винеградовой, Н.Ф. Воспитателю с работе с семей.- М.,1989
3. Загик,Л.Б., Иванова, В.М. Воспитатели и родители.- М., 1985
4. Қодиров, С. Меҳнат – асоси тарбияи граждании ҷавонон. - Д., 1995
5. Крупская, Н.К. Асарҳо,ҷ. 28. С. 203-205
6. Крупская, Н.К. Асарҳои мунтахаби педагогӣ, нашриёти академияи педагогӣ РСФСР. - 1955
7. Қулматов, Ақидаҳои ахлоқии Саъдӣ. – Д. 1989
8. Меликсетян, А.С. Имрӯзу фардои оила. - Д.,1986
9. Мустафоқулов, Т., Назруллоева, М.Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ. - Кӯлоб
10. Нуров, А. Кори якҷояи оила ва мактаб дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол.- Д., 1969
11. Островская, Л.Ф. Беседи с родителями в нравственнем воспитании дошкольника. - М.,1987
12. Сухомлинский, В.А. Асарҳои мунтахаби педагогӣ. – Д.1985
13. Сухомлинский, В.А. Ватан дар дил. - Д. 1986.


**ТАШАККУЛИ ҲИССИ ИНСОНДӮСТИИ КӮДАКОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ ДАР ОИЛА**


Дар мақола сухан аз меҳру муҳаббати насли оянда меравад ва муаллиф қайд мекунад, ки парвариши меҳру муҳаббат дар вуҷуди кӯдакон вазифаи ҷонии ҳар як падару модар мебошад, зеро меҳру муҳаббати кӯдак нисбат ба хонавода, аҳли ҷомеа, олами атроф ва зуҳуроти мусбат заминаест барои хушнигарӣ ба оянда ва ташаккули эҳсоси инсондӯстӣ. Ин сарватест, ки торҳои эҳсоси кӯдакро ҳамеша созу чӯр нигоҳ дошта, маниш, гуфтор ва рафторро оро медиҳад ва раванди иҷтимоишавиро тақвият медиҳад.

Ҳамчунин таъкид мегардад, ки анъанаҳои миллӣ ва фарҳанги суннатии халқи тоҷик барои парвариши меҳру муҳаббат дар вуҷуди кӯдакон имконоти фаровон дорад. Истифода аз ин заминаи

мусоид чараёни парваришу таҳкими эҳҳсоси инсондӯстии кӯдаконро мазмунан таъсирбахш намуда, фазои ҷомеаро нарм месозад.

***Калидвожаҳо:*** *муҳаббат, инсон, тарбия, руҳи инсон, кӯдак, мусиқӣ, созу ҷӯр, иродаи нек, навозиш, самимият, наврас, муносибат.*

## ФОРМИРОВАНИЕ ГУМАННОГО ЧУВСТВА ДЕТЕЙ МЛАДШЕГО ШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА В СЕМЬЕ

В статье говорится о любви и взоимопонимании автор отмечает, что воспитание любви у детей является важной задачей для каждого родителя, поскольку забота ребенка о домашнем хозяйстве, обществе, окружающем мире и позитивном появлении является основой для удовольствия в будущем и развития чувства человечности гумманизма. Это богатство, которое всегда поддерживает сеть чувств ребенка, украшает его речь и поведение и способствует социальному процессу. Также подчеркнуто, что национальные традиции и традиционная культура таджикского народа имеют большой потенциал для развития любви у детей. Использование этой благоприятной базы существенно влияет на процесс воспитания и укрепления человеческого чувства детей, смягчая атмосферу общества.

***Ключевые слова****: любовь, человек, воспитание, человек, ребенок, музыка, созерцание, доброжелательность, ласки, искренность, подросток, отношение.*

## FORMATION OF A HUMANE SENSE OF CHILDREN PRIMARY SCHOOL AGE IN THE FAMILY

The article talks about the love of the next generation, and the author notes that the education of love in children is an important task for every parent, since the care of the child about the household, society, the world around him and the positive appearance is the basis for pleasure in the future and the development of a sense of humanity of humanism. It is a wealth that always supports the child's network of feelings, adorns his speech and behavior and contributes to the social process. It was also emphasized that the national traditions and traditional culture of the Tajik people have great potential for the development of love among children. The use of this favorable base significantly affects the process of educating and strengthening the human sense of children, softening the atmosphere of society

***Key words:*** *affection, love, human, upbringing, human spirit, child, music, harmony, benevolence, affection, sincerity, teenager, relationship.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Қурбонов *Сайқал Садиллаевич* – унвончӯйи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, **тел.**: + (998) 91 513 01 78

**Сведения об авторе:** Курбонов Сайкал Садиллаевич – соискатель Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121, **тел.**: + (998) 91 513 01 78

**Information about the author:** Qurbonov Saikal Sadillaevich– applicant of the Tajik state pedagogical University S. Aini, Ave. 121, Rudaki, **Phone:** + (998) 91 513 01 78

**РАҲМОНОВ Б.С.**
**САИДЗОДА Б.Х.**

## АФКОРИ ПСИХОЛОГИИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

Мавриди қайд аст, ки дар осори мутафаккирони форсу тоҷик баррасию омӯзиши маъсалаҳои психологӣ мавкеи хоса дорад. Бархе аз мутафаккирон оид ба психология асарҳои алоҳида низ эҷод кардаанд. Аз ҷумла ал-Ҳинди китоберо зери унвони «Китоб ал-ақл ал-инси» ва Абунасри Форобӣ осоре бо номи «Китоб фи мани ал ақли» боқи гузоштаанд, ки дар онҳо умдатарин масъалаҳои психологӣ мавриди омӯзишу тадқиқ қарор дода шудаанд. Ибни Туфайл дар заминаи омӯзиши масоили психологӣ китоби «Ҳай ибн Яқзон»-ро иншо кардааст ва дар осори ал-Араби масоили психологиро дар китоби «Маколот фи ан-нафс ал башорият» дарёфт кардан мумкин аст. Аммо Ибни Сино аз дигар мутаффакирони шарқ дида, зиёдтар ба масъалаҳои психологӣ мароқ зоҳир намудааст.

Баррасию таҳқиқи масъалаҳои психологӣ дар осори Ибни Сино бештар ба мушоҳида мерасад. Ӯ баррасии масъалаҳои психологиро дар чунин китобу рисолаҳои худ ҷой додааст: «Рисолаи нафс», «Рисолат баён ал-Чавҳар», «Қасидаи нафс», «Рисолат фи ал-қувва ал инсониятӣ ва идрокотихи» ва ғайра.

Таълимоти Ибни Сино ин марҳилаи таърихии рушди афкори пстихологӣ аст, ки таълимоти пешинаро бо минбаъда мепайвандад. Зеро маҳз дар осори ӯ басистемадории муайяни донишҳои психоллогӣ дида мешавад, ки дар осори мутафаккирони пеш аз ӯ фаъолияткарда дида намешавад. «Рисолаи нафс»-и Ибни Синоро метавон аввалин китоби мушаххас оид ба илми психологя дар олами шарқи исломӣ шуморид.

Ибни Сино бахусус оид ба мизоҷ андешаҳои ҷолиби илмиро баён намудааст. Ӯ ба монанди Гиппократ, асоси мизоҷро дар фаъолияти чор моеъ (хун, луоб, зарда, зардаи сиёҳ) дидааст. Хун-дар артерия ва рагҳо, луоб-дар мағзи сар, зарда-дар ҷигар ва зардаи сиёҳ - дар испурч ҷоигиранд. Бартарии ин ё он моеъ дар организм типи мизоҷи инсонро муайян мекунад. Масалан, бартарии зардаи сиёҳ аз мавҷудияти мизоҷи меланхоликӣ дарак медиҳад. Ҳар чанд ин чор моеъ асоси илмии пайдоиши мизоҷро муайян накунанд хам, вале алоқаманд намудани он бо дигаршавии моддаҳои системаи асаб-мағзи сар андешаи нешкадам буд. Хизмати Ибни Сино дар он аст, ки ӯ муносибати фардӣ намуданро бо ҳар як мизоҷи одам пешниҳод намуд. Ба қавли ӯ, ҳар як фарди алоҳида дорои табиатест, ки шахсан ба ӯ хос аст: бисёр кам мешавад, ки касе бо касе табиати якхеларо дошта бошад. Ин талаботи муҳиму қатъӣ дар системаи назариёти психологӣ ба ҳисоб меравад [2, с. 13].

Ба қавли психологони машҳури рус А.В. Петровский ва М.Г. Ярошевский, «Ибни Сино – духтур ва психологи машҳури тоҷик мебошад». Ибни Сино ҳамчун забардасттарин олими аср ва шахси энсиклопедист (ҳамадон) аз худ мероси бойе боқӣ гузоштааст. Асарҳои ӯро ба се гуруҳ ҷудо кардан мумкин аст: а) асарҳо оид ба илми тиб; б) асарҳо оид ба фалсафа ва мантиқ; в) асарҳо доир ба забон ва адабиёту санъат. Асарҳои тиббии олим «Урҷуза фит-тиб», «Рисола дар бораи набз» ва «ал-Қонун» буда, дар соҳаи фалсафа «Китоб - уш – шифо», «Ишорот», «Донишнома», «Лисон – ул – араб», «Ҳай ибни Яқзон», «Ат-Тайр», «Саломон ва Абсол», «Мақола дар бораи мусиқӣ», «Қасидаи нафс» барин асарҳояш машҳуранд.

Назарияи психологии Ибни Сино дар ду равия мушоҳида мешавад: а) метафизикӣ, ки бо назариёти Арасту ва Афлотун алоқаманданд; б) материалистӣ, ки аз амалияи тиб ва психофизиология бармеояд. Бояд қайд кард, ки Ибни Сино таълимоти Арастуро доир ба руҳ дар заминаи нави илмӣ, бо дарназардошти дастовардҳои илмҳои табиатшиносӣ ва тибби замони худ инкишоф додааст. Дар таълимоти Ибни Сино масъалаи локализатсияи (маҳдудшавӣ) марказҳои қувваҳои руҳӣ ва қобилиятҳо дар системаи асаби марказӣ мавқеи муайянеро ишғол мекунад. Ӯ асосан се маркази асосии ҳаракат, ҳиссиёт ва ақлро ҷудо намудааст. Дар мағзи сар инчунин марказҳои танзимдиҳандаи кори қувваҳои ботинии ҳискунӣ ва қобилиятҳо мавҷуданд. Марказҳои эҳсос дар қисмати пеши мағзи сар ва маркази хотир бошад, дар қисмати ақиби он ҷойгир шудаст; маркази хаёл дар қисмати пеши ҷӯякҳои мобайнии мағзи сар воқеъ аст; маркази қобилияти фикрӣ – дар ҷӯякҳои мобайнӣ ва маркази қобилиятҳои ҳаракатҳои ихтиёрӣ бошад дар қисмати ақиби ҷӯякҳои мағзи сар ҷой гирифтааст.

Ибни Сино ба соҳаи аффективии ҳаёти руҳии инсон эътибор дода, онро бо тағйиротҳои ҷисмӣ алоқаманд намудааст. Масалан, ӯ сабаби психологии бемадории ҷисми ҷавонеро аз рӯйи набзаш муайян намуд. Шояд дар таърихи психология ин зуҳуроти аввалини ташхиси психологӣ бошад.

Ибни Сино яке аз асосгузорони психологияи физиологӣ дониста шудааст. Ӯ психофизиологияи эҳсосро дар асоси таҷрибаҳои табиию илмӣ кор карда баромад. Ӯ дар мавриди масълаҳои назарияи маърифат дар мавқеи материалистӣ меистод ва кӯшиши шарҳи детерминантии (сабабии) баъзе протсессҳои психикиро кардааст.

Ибни Сино таъкид менамояд, ки психика, ҳаёти руҳии инсон – ин инъикоси олами беруна мебошад. Мувофиқи ин андеша, эҳсос зимни таъсири ангезаҳои олами беруна ба вуҷуд меояд. Пас, протсесси маърифат аз эҳсос оғоз меёбад. Ӯ боварӣ дорад, ки агар ангезаҳои олами беруна набошанд, он гоҳ ҳеҷ гуна эҳсос ҳам намешавад. Чунин мавқеи илмӣ дар шароити асримиёнагӣ қадами ҷиддӣ ва устувор ба шумор меравад.

Ибни Сино панҷ намуди эҳсосро фарқ мекунад: бинойӣ, шунавойӣ, ломисавӣ, маза, бӯй. Эътибори махсусро ба эҳсоси бинойӣ ва шунавойӣ медод, зеро онҳо «посбонҳои» руҳи инсонанд. Ба андешаи қатъии Ибни Сино, «касе, ки аз эҳсос маҳрум аст, ӯ аз маърифаткунӣ ҳам маҳрум мешавад»- ин аст шиори асосии назарияи маърифати ӯ. Мувофиқи ин назария, руҳи инсон, ба андешаи Ибни Сино, ду василаи маърифат дорад: яке ҳис ва дигаре ақл. Руҳи инсон ба воситаи ҳис чизҳои конкретӣ ва ҷузъиро, вале бо воситаи ақл чизҳои абстрактии универсалиро, ки бо роҳи хулосабарорӣ, абстраксия намудан ва суратҳои конкретии ҷузъ

ҳосил мешаванд, маърифат мекунад. Аз ин рӯ, назарияи маърифатии Ибни Сино донишҳоро ба донишҳои ҳиссию ақлӣ ҷудо намудан мумкин аст. Ӯ ин масъаларо дар асарҳои «Китоб-уш-шифо», «Китоб-ун-наҷот», «Донишнома» ва «Китоб-ул-ишорат в-ат-танбеҳот» дида баромадааст

Ибни Сино сарчашмаи тамоми донишҳои инсонро ба олами беруна вобаста мекунад. Ҳодиса ва ашёҳои олами беруна ба узвҳои ҳисси мо (қувваи босира, қувваи сомиа, ломиса, шомма, зоиқа) таъсир расонида, эҳсосро ба вуҷуд меоваранд, ки он шакли дониши ҳиссӣ аст. Дар асоси ин шаклҳо тафаккури назариявӣ ва шаклҳои он (мафҳум, ҳукм ва хулосабарорӣ) ташаккул меёбанд.

Ҳамин тариқ, назарияи маърифати Ибни Синоро ҳамчун назарияи инъикос эзоҳ додан мумкин аст, ки он маънии материалистиро дошт.

Ибни Сино протсесси идрокро дар «Китоб-уш-шифо» таъриф дода мегӯяд: «Идрок ҷараёнест, ки туфайли он образҳои ашё (иртисомот) дар олами ботинии инсон инъикос меёбад». Ӯ идрокро ба ду намуд ҷудо намуд: а) идроки пассив (идроки билофеъл) ва б) фаъол (идрокун маал феъл). Идроки пассив инъикоси стихиявии ашёро дар шуури инсон ва идроки фаъол бошад, инъикоси яклухти унсурҳои гуногуни ашёро ифода мекунад.

Ибни Сино диққати махсусро ба хаёл ҳамчун протсесси муҳими донистагирии олами берунӣ додааст. Мувофиқи андешаи ӯ, вазифаи асосии хаёлро тағйирдиҳӣ ва аз нав кор карда баромадани он образҳое мебошад, ки дар хотири инсон нигоҳ дошта шудаанд. Ӯ дар асари худ «Ҳадяттар – раис – ал – амир» навиштааст, ки дигарсозӣ ва хаёл намудани ягон образ бо якҷоя намудани образҳои гуногун дар шаклҳои гуногун ба амал меояд. Масалан, агар образи одамро бо образи асп якҷоя кунем, он гоҳ образи «одам-асп»- ро тасаввур мекунем. Баъзан тавассути нест кардан ва ё кам кардани ягон қисми образ ба даст оварда мешавад. Масалан, метавонем образи «одами бесар»-ро тасаввур намоем. Ибни Сино хотирро асоси хаёл медонад, чӣ тавре ки эҳсосро асоси тасаввурот. Ӯ хотирро қисми ҷудонашавандаи фаъолияти психикӣ ва «яроқи асосӣ»-и протсесси маърифат донистааст. Мувофиқи таълимоти ӯ, асоси хотирро «роҳҳои алоқа» ташкил медиҳанд, ки дар мағзи сар зери таъсири ангезаҳои олами беруна ба амал меоянд. Вазифаҳои асосии хотирро бахотиргирӣ, дархотирнигаҳдорӣ, азнавҳосилкунӣ ва шинохтан дар бар мегиранд, ки ба фаҳмиши имрӯза мувофиқат мекунанд.

Дар назарияи маърифати Ибни Сино маълумот доир ба ақлу хирад мавқеи махсусро дорад. Ӯ мантиқро хуб медониста бошад ҳам, вале дар масъалаи таҳқиқи тафаккур дар доираи шақлҳои мантиқӣ маҳдуд намешуд. Маърифати оқилона дар одам аз рӯйи зинаҳои муайян ба амал меояд. Ӯ панҷ зинаи тараққиёти ақлро дар инсон муайян намуд: а) ақл аз рӯйи қувва ва имкониятҳо; б) ақл аз рӯйи кори муайян; в) ақли бадастовардашуда, ки дорои малака нест; г) ақли бадастовардашуда, ки дорои малакаю таҷриба аст; д) ақли софи руҳонӣ. Ибни Сино ақли инсонро ба ақли фаъол (ақли эҷодӣ), пассив (ақли хаёл), ба ақли дар амал ва ақли амалӣ ҷудо менамоянд. Ақл имконият медиҳад, ки мо дар бораи олами беруна дониш ҳосил кунем ва ниҳоят ҳақиқати воқеиро тавассуташ дониста гирем. Ибни Сино қайд мекунад, ки ақли амалӣ бояд қувваҳои ҷисмиро, яъне қаҳру ғазабро идора кунад. Агар ақли амалӣ ин қувваҳоро идора накунад, он гоҳ инсон ба дараҷаи ҳайвонӣ расиданаш мумкин аст. Шавқу рағбат ҳамон вақт хуб аст, ки агар аз тарафи ақл идора шавад. Аз ин ҷо Ибни Сино ба хулоса меояд, ки ахлоқ бо ақли амалӣ алоқаманд аст. Ибни Сино таъкид мекунад, ки рафти идоракунӣ низ зимни ақли амалӣ ба амал меояд ва сурат мегирад.

Ибни Сино ба тадқиқи даврабандии синнусолӣ даст зада, зимни он масъалаҳои инкишофи шахсияти кӯдаконро баррасӣ мекунад. Ӯ дар асари бузурги худ «ал-Қонун фит-тиб» бобҳои алоҳидаро ба тарбия ва нигоҳубини кӯдакон мебахшад. Ибни Сино ба масъалаи ғизодиҳӣ, низоми рӯзу хоби кӯдак ва таснифи даврахои синнусолӣ эътибори хоса медиҳад.Ҳангоми таснифи даврахои синнусолӣ ҳамчун меъёр хусусиятҳои муҳими биологӣ ва психикии тараққиёти фард дар ин синну сол ба асос гирифта мешаванд.

Инкишофи психикиро Ибни Сино дар алоқамандӣ бо инкишофи ҷисмонӣ ва дар вобастагӣ аз таъсири муҳити иҳотакарда дида мебарояд. Тарбияи кӯдаконро бояд аз рӯйи нақшаи муайян оқилона ташкил намуд ва он бояд мазмуни маънавӣ, фикрӣ, ҷисмонӣ, меҳнатӣ ва эстетикиро дошта бошад. Тарбияи дурусти кӯдакон барои ташаккули характер ва руҳи солими ӯ зарур аст. Мувофиқи андешаи олим, кӯдак дар ибтидо ҳамчун мавҷудияти ба ҳама чиз эҳтиёҷдошта буда, танҳо тадриҷан дар натиҷаи зоҳир намудани муносибати фаъол бо олами беруна тавассути фаъолияти бозӣ ҷисман ва руҳан инкишоф ёфтан мегирад.

Аз ин рӯ, мегӯянд; «Ҳар як синну сол арзишҳои худро дорад, кӯдакон бояд бозӣ кунанд ва ба ҳар як синну сол бояд бо назари хоса нигарист» [3, с. 106].

Дар осори Ибни Сино ба масъалаҳои психологияи иҷтимоӣ диққати махсус дода мешавад, ки онҳо дар ташаккули шахсияти инсон муҳиманд. Ба ақидаи ӯ, ҳайвонот ба он чӣ, ки дар табиат ҳаст, қаноат мекунад. Агар инсон фақат ба неъматҳои табиӣ қаноат мекард, он гоҳ ҳалок мегардид ё ба ҳолатҳои номатлуби руҳӣ гирифтор мешуд. Ҳайвон соҳиби либосу хӯроки табиист. Инсон бошад барои нӯшидану хӯрдан ба зироату саноат эҳтиёҷ дорад ва ин фарқи якуми инсон аз ҳайвон аст. Дар баробари ин, инсони якка саноату зироатро инкишоф дода наметавонад. Пас, инсонҳо муҳтоҷи якдигаранд. Ин фарқи дуюми инсон аз ҳайвон аст. Инсони бефикру забон саноату зироятро инкишоф дода наметавонад. Танҳо бо воситаи забон фикрро ифода кардан мумкин аст. Забон – нутқ ва фикр тафовути сеюми инсонро аз ҳайвон нишон медиҳанд. Инсон пеш аз он ки сухан гӯяд, чанд зинаро тай мекунад. Зинаи аввалини ӯ овозу ишора аст. Аниқ аст, ки инсон бо воситаи онҳо ҳама орзуву талаби худро ифода карда наметавонад. Барои ин инкишофи забон зарур аст. Дар ҳайвонот ҳам баъзе қобилиятҳои ба инсон монандро дидан мумкин аст. Чунончӣ, ҳайвон мисли инсон барои худаш хона месозад, захира мекунад ва ҳоказо. Аммо ҳайвон ҳамаи инро тавассути ақл не, балки туфайли инстинктҳо ба ҷо меорад. Аз ин ҷост, ки фаъолияти вай якранг аст. Ҳамин тавр, ба ақидаи Ибни Сино, инсон табиатан махлуқи иҷтимоӣ буда, берун аз ҷамъият зиндагӣ карда наметавонад ва маҳз дар якҷоягӣ метавонад талаботҳои моддӣ, маънавӣ ва иҷтимоии худро қонеъ созад.

Ҳамин тавр, андешаҳои гуманистонаи Ибни Сино дар бобати тарбияи шахсияти кӯдакон, баэътиборгирии хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии онҳо дар инкишофи психикӣ имрӯзҳо ҳам муҳиманд [3, с. 3].

Ибни Сино яке аз аввалин файласуфони Шарқ аст, ки муносибати ҷисм ва рухро баррасӣ намудааст. Ӯ кӯшиш намудааст, ки қолаби консепсияи анъанави дуалистиро шиканад ва ба ягонагии ин категорияҳо майл кардааст. Аз ин лиҳоз, ӯ марҳилаи мобайнӣ – ҷонро пешниҳод намуд, ки дар ҷавҳар бо руҳ як буда, ба ҷисм наздик аст ва гӯё ҳаракатдиҳандаи бевоситаи ҷисм мебошад. Ин ақида аввалин бор аз ҷониби Ибни Сино гуфта шудааст ва дар афкори файласуфони қабл аз ӯ фаъолияткарда дида намешавад.

Ибни Сино фарқиятро дар байни нафс (психика) ва руҳ (ҷон) гузоштааст. Ба ақидаи ӯ, нафс ибтидои ғайримодии ҳаёти психикӣ аст ва руҳ бошад ибтидои моддӣ ва барандаи қувваи ҳаётӣ дар ҳайвон ва одам. Чунин тафриқагузорӣ дар асарҳои Платон ва дар осори Арасту дида намешавад [4, с. 15].

Ибни Сино ҳангоми тарҳрезии таълимоти худ дар бораи нафс ва тан низ бештар ба Арасту моил будааст: дар асл вай ҳама нуктаҳои ин таълимоти ӯро ҷонибдорӣ кардааст, ба ҷуз ин андешаи вай, ки ҳамаи навъҳои нафс, аз ҷумла нафси оқилаи инсон ҳам фонианд. Дар бораи нафси оқила Ибни Сино бар хилофи Арасту мавқеи дигар дошт: нафси оқилаи инсон баъди фанои тан фано намепазирад, балки ҷудо аз он ҳастии худро идома медиҳад. Ин аз як тараф, натиҷаи он тағйироти акидатие буда, ки дар ҷомеаи замони Ибни Сино рух дод, аз тарафи дигар амри мазкур марбут ба таъсири назариёти мактабҳои дигари фалсафӣ, фалсафӣ-динӣ ва мазҳабӣ аст. Вале Ибни Сино ба ҳайси табиб тавонистааст, ки масъалаи таносуби руҳониёт ва ҷисмониётро нисбат ба Арасту муфассалтар баррасӣ кунад ва чун яке аз аввалинҳо андешаи мутеияти руҳониятро аз ҷисмоният баён кунад: сиҳҳати руҳӣ натиҷаи сиҳҳати ҷисмонӣ ва физиологии мағзи сар аст, бемории руҳӣ пайомади носиҳҳатии ҷисмонӣ ва физиологии мағзи сар мебошад. Зиёда аз ин, вай таъсири акси руҳонӣ ба ҷисмониро барои замони худаш бисёр боварибахш мудаллал сохта аст.

Шайхурраис яке аз аввалин олимоне аст, ки заминаи моддии фарояндаҳои руҳонӣ ҳисҳо, тасаввур, ваҳм, хаёл, ҳофиза, хотира ва тафакурро дақиқ нишон додаст. Ба ин васила, ӯ яке аз шартҳои зарурии дарки воқеъбинонаи ҳаёти руҳониро муайян кардааст. Ҳеҷ шакке нест, ки Ибни Сино ба ин ҳама дастовардҳо дар заминаи пешрафтҳои фалсафа ва илм, хусусан тиб, ки то замони ӯ рух дода буданд, ноил шудааст.

Бояд қайд кард, ки Ибни Сино таълимоти Арастуро доир ба руҳ дар заминаи нави илмӣ, бо дарназардошти дастовардҳои илмҳои табиатшиносӣ ва тибби замони худ инкишоф додааст. Ӯ мафҳуми «нафс»-ро истифода мебарад ва зери он қобилияти дидан, шунидан ва ламс кардани ҳодисаю ашёро аз ҷониби ҷисми инсон мефаҳмад. Ибни Сино ду таълимотро доир ба нафс кор карда баромад. Таълимоти якум, ки нуқтаи назари духтурро ифода

мекунад ва дар «Қонун фит-тиб» оварда шудааст. Ин таълимот моҳиятан материалистӣ мебошад. Таълимоти дуюм функсияҳои психофизиологиро дар бар мегирад.

Ҷустуҷӯҳои Ибни Сино дар бораи пайдоиши нафс чунин аст: нафс, чуноне, ки Афлотун пиндоштааст, азалӣ нест, балки ҳамзамон бо ҷисме пайдо мешавад, ки омодааст онро бипазирад. Ӯ дар «Шифо» қотеъона навишта буд: «Мо мегуем, ки нафсҳои инсон аз тан ҷудо вуҷуд надоранд. Вале агар пиндорем, ки нафси инсон на ҳамроҳ (ҳамзамон) бо ҷисм пайдо мешавад, балки аз он ҷудо вучуд дорад, пас наметавон гумон бурд, ки нафс бешумор бошад». Дар ҳамин замина Ибни Сино ба ин натиҷа мерасад, ки нахустин ашё, ки аз имтиёзи унсурҳои бандҳо пайдо мешаванд ғайриолӣ (ғайризинда) буданд. Танҳо пас аз он ки имтиёзи унсурҳо такмил ёфт ва боз ҳам мураттабтар гардид, ашё ба қабули ғизо омода гардиданд ва пеш аз ҳама қувваи нав пайдо мешавад. Ин чунин маънӣ дорад, ки фақат дар марҳалаи имтиёзи басе мутаносиб ва мутаъодили унсурҳо қобилияти пазирои қувваи набототӣ, ки нафс наботӣ ном дорад, пайдо мешавад. Ҳар гоҳ имтиёзи унсурҳо боз ҳам комилтар ва мураттабтар шавад, он заминаи пайдоиши шакли олитари ҳаёт, яъне ҳайвонӣ мегардад. Дар ин марҳила аст, ки нафси ҳайвонӣ пайдо мешавад ва ҷисмҳои зинда сифатҳои нав пайдо мекунанд, ки қобилияти ҳаракати инфиродӣ, дарки хосиятҳои ҷудогонаи ашё ва маъниҳои ҷузъӣ аз ҷумлаи онҳост. Вале дар ин ҷо метавон ҳадс зад, ки Ибни Сино дарки маханизмҳои ҷузъиро на сифати ҳайвонот, балки хосияти ҳайвоноти олӣ медонист.

Ибни Сино дар навбати худ, пайдоиши нафси нотиқа (оқила)-и инсонро маҳсули боз ҳам бештар комил ва мураттаб гардидани имтиёзи унсурҳои бастҳо медонист. «Пас, - навишта буд ӯ – чун мизоҷ муътадилтар бувад, мар ҷони мардумиро пазиро шавад». Дар марҳилаи нафси инсонӣ қобилияти нутқ, қувваи ҳаракати ақлонӣ ва маърифати ақлонӣ пайдо мешаванд, ки танҳо хоси инсонанд [1, с. 219-220].

Вале сарфи назар аз эътирофи ҳамзамонии пайдоищи нафс ва ҷисми ҳомили он, таълимоти Ибни Синоро дар ин бора наметавон таълимоти пайгиронаи фалсафӣ- табиӣ донист, зеро ӯ исрор дорад, ки ҷисм на сабаби инкишофи нафс аст, на сабаби моддӣ, на сабаби таназзул ва на сабаби ғоиби он; байни нафс ва ҷисм танҳо робитаи сабабии аразӣ вуҷуд дорад. Бинобар ин барои таъини дақиқтари моҳияти ҷаҳоншиносии таълимоти Ибни Сино дар барои пайдоиши нафс зарур аст, ки назарияи ӯро дар бораи таносуби нафсу тан бояд мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор дод. Хулосаҳои умдаи мутафаккир дар ин мавзӯъ чунинад: а) нафсу тан дар ҳолати робитаи мутақобила ва таъсири мутақобил вуҷуд доранд. Нафс мабдаи зинда будан, мабдаи ҳамаи ҳаракатҳо ва ҳаяҷонот ва маърифатҳои тан аст. Он танро тадбир мекунад ва ба ҳама ҳолатҳои равонию ҳаётии вай таъсир мерасонад. Тан дар навбати худ, ба нафс дар кори иқтисоби дониш ёрӣ мерасонад, онро мушаххас месозад ва такмил медиҳад. Ҳолати нафс аз тан ва аз мизоҷи он тобеъ аст; б) нафсҳои наботӣ ва ҳайвонӣ ҷисмонианд ва бинобар ин мунтатобеъ дар ҷисм (тан) мебошанд; ҳамзамон бо тан пайдо ва нест мешаванд; в) ҳарчанд нафси нотиқаи инсонӣ ҳамроҳ (ҳамзамон) бо ҷисми пазирои худ ба вуҷуд меояд, вале ҷисмӣ нест, дар ҷисм мунатобеъ намебошад ва баъди фанои ҷисми пазирои худ фано намегардад, балки ҷовидона боқӣ мемонад. Пас, маълум мешавад, ки Ибни Сино фақат нафси набототӣ ва ҳайвониро амал ва хосияти ҷисм медонад, вале нафси нотиқаи инсониро амал ва хосияти ҷисм намеҳисобад. Ин нуқтаи охирин ба дастовардҳои назариявии тибии худи ӯ, ки дар ҳудуди он вобастагии комили падидаҳои равонӣ ба ҷисм – ба мағзи сар таъкид мешавад, зид аст.

Ибни Сино дар китоби «Шифо» нафсро заминаи камоли аввали ҷисми табиии олӣ номида аст. Ӯ навишта буд: «Аз усуле, ки дар пеш гузашт, донистед, ки нафс ҷисм нест. Ва агар барои шумо собит шавад, ки порае аз нафс метавонанд ба зоти худ пойдор ва муҷаррад аз модда бимонанд, дигар шакке нест, ки нафс ҷавҳар аст. Таҷарруд ва бениёзӣ аз модда амре лозим барои ҳама афроди нафс нест… Пораи нафс метавонад муҷаррад ва ғайримоддӣ бошад. Аммо маъное надорад, ки ҳама афродӣ нафси набототӣ, ҳайвонӣ ва модда муҷаррад бошад» [5, с. 107-140]. Пас аз ин шарҳи Ибни Сино чунин натиҷа метавон гирифт, ки ҷавҳар фақат нафси нотиқаи инсон аст, зеро танҳо он аст, ки худ ба худ, бе тааллуқ ба модда ҳастии ҷовид дорад.

Ба ақидаи Ибни Сино, ҳар се нафс – наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ дорои функсияҳои хоси худ мебошанд ва ҳаёти наботот, ҳайвонот ва инсонро бо воситаи қувваи махсус идора мекунанд. Зери мафҳуми қувваи равонӣ, Ибни Сино қувваеро дар назар дорад, ки бо ягон чиз алоқаманд нест ва имконияти қабул кардани сифати муқобилро дорад. Ҳамин тариқ

Ибни Сино низ монанди Арасту ибораи қувваи равониро ба маънои қобилиятҳои равонӣ истифода мебарад.

Ибни Сино дар китобаш «Наҷот» қувваи равониро чунин гуруҳбандӣ кардааст:

1. Қувваи нaботот – ғизогирӣ, афзоишёбӣ ва наслгузорӣ.
2. Қувваи равонии ҳайвонот – маърифатӣ ва амалкунанда. Қувваҳои амалкунанда дар навбати худ, ба қувваи ҳаяҷон ва иҷрокунанда ҷудо мешванд. Қувваи маърифаткунандаро низ Ибни Сино ба ду гуруҳ – берун маърифаткунанда ва дарун маърифаткунанда ҷудо мекунад. Ӯ панҷ узви эҳсос ва эҳсоси аз онҳо барояндаро қувваҳои берунаи маърифат меҳисобид. Қувваҳои дарккунадаи ботинӣ бошад ба ақидаи ӯ, инҳоянд: ҳиссиёти умумӣ, воҳима, хаёл, ҳофиза ва тахаюллот.

Ибни Сино дар китобаш «Ишорот ва танбеҳот» қувваи нафси инсониро ба ду гуруҳ ҷудо намудааст: амалкунанда ва маърифаткунанда. Ин ду қувваи нафси инсонӣ дар таълимоти мутафаккир номи умумии ақлро гирифтаанд, ки дорои зинаҳои гуногуни инкишоф аст.

Таҳқиқи масъалаи таносуби нафс ва тан аз як тараф ва нафс ва ҳаёти психикӣ аз тарафи дигар, дар фалсафа ва психологияи идеалистӣ аз масъалаи умда ва хеле пурмаммо маҳсуб меёбад. Нафсро ғайримоддӣ хонда, Ибни Сино ба ақидаҳои идеалистӣ такя мекард, аммо баъдтар ӯ маҷбур шуд, ки ин нафси ғайримоддиро бо субстансияи моддӣ, яъне тан алоқаманд намоянд. Ҳамин тариқ, дар назарияи Ибни Сино оид ба мансубияти нафсу тан калавиш дар байни идеализм ва материализм ба вуҷуд омад. Ибни Сино дар баробари эътироф кардани нафси ғайримоддии инсон руҳи моддиро (арвоҳ) эътироф мекард ва сарчашмаи онро дар дил ва майнаи сар медонист. Ба ақидаи ӯ, руҳ аз дил ва майнаи сар бармехезад, дар тамоми бадан паҳн мешавад ва функсияҳои ҳаётиро иҷро мекунад.

Ибни Сино муътақид буд, ки тавассути ҳамин руҳи модии нозук алоқаи нафсу тан ба вуҷуд меояд. Ибни Сино муносибати нафсу танро эътироф менамояд ва нафсро ҳукмфармою танро тобеъ тавсиф медиҳад. Ба ақида ӯ, нафс ба тан бо роҳҳои гуногун таъсир мерасонад. Масалан, ҳангоми дар нафс ба вуҷуд омадани образи ғазаб мизоҷ гарм мешавад ва рӯй сурх мешавад. Ӯ имконияти таъсиррасонии танро ба нафс низ эътироф мекунад. Масалан, аз рӯйӣ мушоҳидаи ӯ, ҳангоми зарарбинии функсияи гузаронандаи наххоҳи асабӣ нафс қобилияти эҳсос карданро аз даст медиҳад ва ҳолати бешуурӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳамин тариқ, назари Сино оид ба масъалаҳои психофизиологӣ характери дуалистӣ дорост. Аммо ба дуализм нигоҳ накарда, тамоюлаш ба материализм бештар аст, зеро ба ақидаи ӯ, қувваҳои нафсонӣ, ки туфайли онҳо нафс танро идора мекунад, дар майнаи сар мутамарказ шудаанд ва аз ҳолати майнаи сар вобастагӣ амиқ доранд.

**АДАБИЁТ**


1. Диноршоев М. Матолиби фалсафии Ибни Сино. - Душанбе, 2011
2. Богоутдинов А. Данишнаме, - Сталинабад, 1961
3. Психология зери таҳрири Давлатов М. Душанбе: Собириён, 2010
4. Закуев А.К. Психологияи Ибн. - Сины. –Бак, 1958
5. Ибн Сина. Канон врачебной науки. Т.1. – Ташкент, 1982


## АФКОРИ ПСИХОЛОГИИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО

Чӣ тавре ки ба ҳамагон иаълум аст, масъалаи мазкур аз давраҳои гузашта то ба имрӯз масъалаи асосӣ буд ва мемонад. Масъалае, ки мо имрӯз баррасӣ кардан мехоҳем, оид ба нақши донишҳои психологӣ дар раванди беморӣ ва бартарияту камбудиҳои раванди табобат мебошад. Мо имрӯз чи тавре мебинем, нақши бисёре аз олимон дар ин самт дида мешавад, вале нақши олим, файласуф, табиб ва психологи барҷаста Абуалӣ ибни Сино беандоза бузургтар аст. Ва дар ҳамин замина мақсад гузоштем аз ҳаёту фаъолияти психологии олим ва роҳҳои муфиди ҳалли мушкилиҳои психологӣ дар раванди табобат равшанӣ андозем. Мавзуи мазкур танҳо ба раванди табобат маҳдуд нашуда, балки ҳамаи он ҷанбаҳои фаъолияте, ки олим дар илми психология намудааст, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Аз Абуалӣ ибни Сино бисёр асарҳо боқӣ мондааст, вале фикрҳои психологии олим бештар дар ин асарҳояш оварда шудааст: «Китоб - уш – шифо», «Ишорот», «Донишнома», «Қасидаи нафс» ва «Наҷот». Ӯ бештар оид ба мизоҷ, равандҳои психикӣ, даврабандии синнусолӣ, психологияи иҷтимоӣ, нафс, қувваи равонии инсон, омода намудани бемор ба раванди табобат ва таъсири равандҳои психосоматикӣ ва соматопсихикӣ ва раванди беморӣ инчунин оид ба психофизиология фикронӣ намудааст.

***Калидвожаҳо:*** *мизоҷ, равандҳои маърифатӣ, нафс, психосоматикӣ, соматопсихикӣ, психофизиология, наботот, ҳайвонот, даврабандии синнусолӣ, психологияи иҷтимоӣ, омоданамоии бемор ба раванди табобат ва қувваи равонии инсон.*

## ПСИХОЛОГИЯ МЫСЛИ АБУАЛИ ИБН СИНО

Как известно, этот вопрос время от времени был и остается главным. Вопрос, который мы хотим обсудить сегодня, - это роль психологов в процессе болезни, преимущества и недостатки процесса лечения. Как мы видим сегодня, в этом направлении просматривается роль многих ученых. И в этом контексте мы поставили цель прояснить жизнь и работу психолога ученого и правильные пути решения психологических проблем в процессе лечения. Эта тематика не ограничивается лечебным процессом, а рассматривает все те аспекты деятельности, которыми занимался ученый в науке психологии. Сохранилось много произведений Абу Али ибн Сины, но психологические размышления ученого в большей степени представлены в этих произведениях: «Китаб уш шифа», «Ишорот», «Донишнама», «Касидан нафс» и «Спасение». Он больше думал о клиенте, психических процессах, возрастной классификации, социальной психологии, душе, душевной силы человека, подготовке больного к лечебному процессу и влиянии психосоматических и соматопсихических процессов на лечебный процесс, а также о психофизиологии.

***Ключевые слова***: *клиент, познавательные процессы, душа, психосоматика, соматопсихология, психофизиология, растения, животные, возрастная классификация, социальная психология, готовность больного к лечебному процессу и психические силы человека.*

## PSYCHOLOGY OF THE THOUGHT OF ABUALI IBN SINA

As everyone knows, this issue has been and remains the main issue from the past to the present day. The issue we would like to discuss today is the role of psychological knowledge in the disease process and the advantages and disadvantages of the treatment process. As we can see today, the role of many scientists can be seen in this direction. And in this context, we set a goal to clarify the life and activity of a psychologist scientist and useful ways to solve psychological problems in the treatment process. This topic is only for The process of treatment is not limited, but all the activities of the scientist in the science of psychology are discussed. Many works of Abu Ali ibn Sina have sur are mostly presented in these works: "Kitab - ush-shifa", "Ishorot", "Donishnoma", "Kasida nafs" and "Salvation". He thought more about the client, mental processes, age classification, social psychology, soul, mental strength of man, preparation of the patient for the treatment process and the effect of psychosomatic and somatopsychic processes and the disease process, as well as psychophysiology.

***Keywords:*** *client, cognitive processes, soul, psychosomatic, somatopsychic, psychophysiology, plants, animals, age classification, social psychology, patient's readiness for the treatment process and human mental strength*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Раҳмонов Бахтиёр Саторович магистранти кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Телефон:** 908082792, Email: Bakhtiyor--8989@mail.ru

**Саидзода Баҳрулло Хол** – доктори фалсафа Phd, аз рӯйи ихтисоси психология, мудири кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Телефон:** 987957070, **Email:** bahrullo_90@mail.ru

**Сведения об авторах:** Рахмонов Бахтиёр Саторович - магистрант кафедры психологии философского факультета Национального университета Таджикистана.

**Телефон:** 908082792, Email: Bakhtiyor--8989@mail.ru

**Саидзода Бахрулло Хол** – доктор философии PhD, по психологии, заведующий кафедры психологии философского факультета Таджикского национального университета. **Телефон:** 987957070, **электронная почта:** bahrullo_90@mail.ru

**Information about the authors:** Rahmonov Bakhtiyor Satorovich, graduate student of the Department of Psychology of the Faculty of Philosophy of the National University of Tajikistan. **Phone:** 908082792, Email: Bakhtiyor--8989@mail.ru

**Saidzoda Bahrullo Khol** – doctor of philosophy PhD in psychology, head of the department of psychology, faculty of philosophy, Tajik national university.**Phone:** 987957070, **Email:** bahrullo_90@mail.ru

**КОМИЛОВ Н.Н.**

## СОЦИАЛЬНО-НРАВСТВЕННОЕ ЗНАЧЕНИЕ ПРОБЛЕМЫ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ СТУДЕНЧЕСКОЙ МОЛОДЕЖИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Проблема организации физического воспитания студентов - одна из важных проблем, стоящих перед современной высшей и средней профессиональной школой. В «Национальной стратегии развития образования Республики Таджикистан на период до

2030 года» отмечается, что правильно организованное физическое воспитание должно способствовать не только укреплению здоровья учащейся молодежи, их физическому развитию, но и формированию нравственной личности[8]. Последнее становится возможным, так как в процессе физического воспитания у учащейся молодежи формируется готовность и способность осуществлять здоровый образ жизни. Такой образ жизни, предполагающий помимо заботы о здоровье, о физической форме, о правильном питании и т.д. еще и отказ от вредных привычек (табак, алкоголь, наркотики), способствует нравственному оздоровлению человека. Зачастую именно вредные привычки делают человека агрессивным, равнодушным, а иногда и просто опасным для других людей, поэтому, отказ от них - одно из средств возрастания нравственности человека. Незамутненный алкоголем и наркотиками человек открыт добру, милосердию, справедливости.

Проблема физического воспитания студентов - проблема в науке не новая, поэтому, казалось бы, нет необходимости раскрывать то, что уже теоретически обосновано и экспериментально проверено педагогической наукой. Однако мы обращаемся к данной проблеме, так как, во-первых, ее решение имеет не только педагогическое, но и социальное значение; во-вторых, как показывает анализ научной литературы, ученые далеко не всегда акцентируют внимание на нравственном аспекте физического воспитания.

Социальное значение проблемы физического воспитания учащейся молодежи состоит в том, что целенаправленное осуществление такого воспитания способствует сохранению здоровья человека. Здоровье людей является одним из важнейших условий сохранения человеческой цивилизации. Однако «совре-

менный человек, - как отмечает И.И. Брехман, - хорошо зная, что полезно и что вредно, очень часто поступает неразумно по отношению к своему здоровью» [1, с. 85].

Здоровье напрямую связано с образом жизни человека. Сохранению и укреплению здоровья способствует здоровый образ жизни. Мы не будем подробно останавливаться на здоровом образе жизни как научной проблеме, так как данное явление стало предметом многих научных исследований (Р.М.Баевский, В.К. Бальсевич, М.Я. Виленский, В.К. Волков, П.И. Ключик, В.А. Околелова, П.Д. Тищенко и др.).

Как видим, спектр ценностей физической культуры, которые могут составить аксиологическую основу физического воспитания студентов, довольно широк. Мы полагаем, что организация физического воспитания студентов как их приобщения к ценностям должна базироваться на более конкретной системе ценностей, а их отбор, с нашей точки зрения, должен быть осуществлен, исходя из нравственной составляющей физического воспитания.

Мы полагаем, что такими ценностями могут стать нравственные ценности, представляющие собой аксиологические основания физического воспитания. Речь о ценностях, определяющих аксиологические основания физического воспитания, пойдет ниже.

На первый взгляд, нет необходимости наделять физическое воспитание нравственной составляющей, так как основными задачами физического воспитания, ориентированного на формирование физической культуры, являются: содействие правильному физическому развитию студентов, повышение их работоспособности, закаливание, охрана здоровья; развитие основных двигательных качеств; формирование жизненно важных двигательных умений и навыков; воспитание устойчивого интереса и потребности в систематических занятиях физической культурой; приобретение необходимого минимума знаний в области гигиены и медицины, физической культуры и спорта.

Однако мы убеждены в необходимости выявления нравственной составляющей физического воспитания. Естественно, речь не идет о подмене физического воспитания нравственным. Это два различных вида воспитания, каждый из которых имеет свои цели и задачи. Физическое воспитание, прежде всего, связано с телесностью человека. Однако обращение внимания на нравственное в физическом позволит, на наш взгляд, избежать тех ситуаций, когда человек использует свои физические данные, свою физическую активность во вред другим людям, а, главное, воспитать человека, готового и стремящегося направить свои физические силы на помощь другим людям.

Подтверждение сказанному мы находим в трудах известного таджикского ученого-исследователя Ш.А.Сафарова, который высказывает идею о значении нравственности

личности в развитии телесности, о взаимосвязи телесности и нравственности человека. Нравственные кодексы, как подчеркивает ученый, просто абстракция, пока им не даруется жизнь через воплощение их в телесные предрасположения и действия. Всякое должным образом реализованное нравственное достоинство зависит не только от некоторого телесного акта (включая акт речи), но и от соответствующей позы и выражения лица, указывающих на подобающие чувства. То, что предлагается с недовольным, холодным, сердитым лицом, не может быть подлинным актом милосердия [10].

Постановка ученым вопроса о становлении нравственности человека через его телесность представляет интерес для педагогики, потому что речь идет о взаимосвязи телесных действий человека и его нравственности: «Будучи вписанными в наши тела, социальные нормы и этические ценности могут сохранять свою силу и без того, чтобы высказываться явно или навязываться законами; они соблюдаются сами собой и навязываются нами привычками нашего тела, включая привычку чувствовать (коренящуюся в теле)» [10, с. 171].

В контексте такого понимания ученым значения телесности в развитии нравственности высвечивается педагогическая задача осуществления физического воспитания учащейся молодежи через формирование у них телесных привычек, коренящихся в его нравственности.

Еще одним подтверждением важности нравственной составляющей физического воспитания является, на наш взгляд, утверждение А.С. Запесоцкого, что в физическом воспитании необходим акцент на целостности человека, на его природном и духовном единстве: «Физическое воспитание должно быть ориентировано на формирование и воспроизводство целостной сущности человека, его природного и духовного, соматопсихического и социокультурного единства» [3, с. 128].

Целостная сущность человека предполагает гармонию физического и духовного в человеке.

По утверждению М.Я.Виленского, физическая культура прямо и опосредованно охватывает такие свойства, качества, ориентации личности, которые позволяют ей развиваться в гармонии с культурой общества, достигать гармонии знаний и творческого действия, чувств и общения, физического и духовного, разрешать противоречия между природой и производством, трудом и отдыхом, физическим и духовным. Достижение личностью такой гармонии обеспечивает ей социальную устойчивость, продуктивную включенность в жизнь и труд, создает ей психический комфорт [2].

Значение физической культуры заключается не только в приоритетности влияния занятий физическими упражнениями, физической тренировкой на биологическую сущность человека: на его здоровье, физическое развитие, воспитание физических качеств, - утверждает Л.П. Матвеев, - но и на духовную сферу, как на одно из действенных средств интеллектуального, нравственного и эстетического воспитания, воспитания патриотизма и гражданственности, жизненной и профессиональной позиции [7].

Физическое воспитание, как подчеркивает Ш.А.Сафаров, есть целенаправленная, четко организованная и планомерно осуществляемая система физкультурной и спортивной деятельности студентов. Она включает подрастающее поколение в разнообразные формы занятий физической культурой, спортом, военноприкладной деятельностью, гармонично развивает тело ребенка в единстве с его интеллектом, чувствами, волей и нравственностью [9, с.88].

Физическое воспитание как воспитание, направленное на формирование физической культуры, обладает возможностью одновременного влияния на физическое и духовное в человеке, что позволяет говорить о значимости физического воспитания для воспитания нравственного человека.

Как пишет Л.И. Лубышева: «Качественно новая стадия осмысления сущности физической культуры связывается с ее влиянием на духовную сферу человека как действенного средства интеллектуального, нравственного, эстетического воспитания. И если нет особой надобности доказывать огромное влияние занятий физическими упражнениями на биологическую сущность человека: на его здоровье, физическое развитие, морфофункциональные структуры, то ее влияние на развитие духовности требует особых пояснений и доказательств. Важным аргументом в пользу значимости физической культуры

для всестороннего развития человека может стать осмысление ценностного потенциала этого феномена» [6].

Выдвигая в качестве основных механизмов физического воспитания физкультурно-спортивную деятельность, систему отношений в процессе этой деятельности и возникающее на ее основе физическое общение, Б.Т. Лихачев раскрывает сущность данных механизмов: «Благодаря физкультурно-спортивной деятельности крепнут мышцы, укрепляются костная, нервная, сосудистая системы, растет сопротивляемость организма заболеваниям, оттачиваются физические способности, повышается уровень морально-психологической устойчивости. В ней проявляются и закаляются такие черты характера, как выдержка, упорство, самоопределение и самодисциплина, настойчивость и трудолюбие. Система отношений как результат хорошо организованной физкультурно- спортивной деятельности, воспитывает нравственные качества: коллективизм, иммунитет против индивидуализма и эгоизма, самоотверженность и взаимовыручку, сдержанность и скромность в победе, достоинство в поражении. Общение удовлетворяет духовную потребность в другом человеке, в освоении опыта товарищей, формирует общественное мнение, объединяет детей в полезном использовании свободного времени» [5,с.341]. Данные механизмы представляют особый интерес в контексте нашего исследования, так как, во-первых, система отношений есть ни что иное как система ценностей; во- вторых, общение порождает общность: «общность ценностей, которая достигается не внешним давлением, а внутренним принятием, переживанием ценностей другого, становящихся моими ценностными установками» [5,с.176].

Осуществление физического воспитания связано с физическим совершенством. Еще П.Ф. Лесгафт обращал внимание на тот факт, что если у человека сформировались устойчивые ценностные ориентации, если процесс физического совершенствования осуществляется в гармонии с совершенствованием духовным, если налицо все основные элементы физической культуры, правомерно говорить о его физическом совершенстве, как гармоническом всестороннем развитии деятельности человеческого организма [4,с.25].

Мы обращаемся к понятию «физическое совершенство» в рамках проблемы обоснования аксиологических оснований физического воспитания, потому, что именно «физическое совершенство», - утверждает А.С. Запесоцкий, - является ключевым для понимания ценностно-нормативного аспекта физической культуры [3,с.126]. Наряду с ценностно-нормативным аспектом физической культуры ученый выделяет технологический ее аспект, ключевым для которого является понятие «деятельность». При этом ученый утверждает, что ценности выполняют интегрирующую функцию и в системе деятельности (технологическая сторона), определяя выбор человеком целей и средств их достижения, поэтому приоритет духовности должен быть и в процессе обучения человека двигательному действию [3,с.126-127].

Созвучна нашим убеждениям о необходимости акцентирования внимания на аксиологических основаниях физического воспитания идея А.С. Запесоцкого о том, что формирование физической культуры (осуществляемое прежде всего в процессе физического воспитания) предполагает работу с духовным миром человека, его установками, ценностями, взглядами, его мировоззрением и мироощущением [3].

Система ценностей служит основой и критерием принятия или непринятия человеком новых или ранее выработанных ценностей. Чем богаче мир ценностей человека, тем эффективнее и целенаправленнее идут отбор и приращение новых ценностей, их переход в мотивы поведения и деятельности.

Наше внимание к аксиологическим основаниям физического воспитания обусловлено тем, что подлинная человечность достигается воспитанием, в котором физическое и нравственное объединены самым тесным образом. Выявляя аксиологические основания физического воспитания, мы выявляем его возможности в формировании нравственного человека, что способствует удовлетворению, как теоретического интереса педагогической науки, так и запросов педагогической практики, направленной, в том числе, и на воспитание здорового, физически развитого и одновременно нравственного человека.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Брехман, И.И. Валеология - наука о здоровье / И.И. Брехман. - М. : Физкультура и спорт, 1990. - 206 с.
2. Виленский, М.Я. Ценности физической культуры и их интериориза- ция учащимися / М.Я.

Виленский // В фокусе внимания. Наука учителю [Электронный ресурс].- Режим доступа:http: //spo. 1september.ru /articlef.php. ID=200701713
3. Запесоцкий, А.С. Образование : философия, культурология, политика / Запесоцкий. - М. : Наука, 2002. - 456 с.
4. Колпачев, В.В. Ценностные основания формирования физической культуры личности в истории европейской педагогики (до начала XX века) /В. Колпачев, П.В. Курмилев, И.Н. Моргун. - Ставрополь : Изд-во СГПИ, - 116 с.
5. Лихачев, Б.Т. Педагогика : курс лекций / Б.Т. Лихачев. - М. : Прометей, 1992. - 528 с.
6. Лубышева, Л.И. Концепция физкультурного воспитания : методология развития и технология реализации / Л.И. Лубышева // Физическая культура. 1996. - № 2. - С. 11-17.
7. Матвеев, Л.П. Теория и методика физической культуры. Введение в предмет : учебник для высших специальных физкультурных учебных заведений / Л.П. Матвеев. - СПб. : Лань, 2004. - 160 с.
8. Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан на период до 2030 года. Душанбе.Ирфон.2020.
9. Сафаров Ш.А. Национальные игры в цивилизации таджикского народа.-монография// Сафаров Ш.А. Душанбе. Мир издателей 2012.- С – 320.
10. Сафаров Ш.А. Нравственные основы и ценности физической культуры// Вестник Таджикского национального университета. -2014.-№3/7(99).-С.170-175.
11. Сафаров Ш.А. Педагогика на уроках физической культуры// Вестник Таджикского национального университета. -2015.-№3/6(96).-С.241-245.
12. Сафаров Ш.А. Таджикские национальные игры и их нравственный потенциал// Вестник Таджикского (Славянского) университета (РТСУ) 2017. №4 (43).-С.182-186.

## СОЦИАЛЬНО-НРАВСТВЕННОЕ ЗНАЧЕНИЕ ПРОБЛЕМЫ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ СТУДЕНЧЕСКОЙ МОЛОДЕЖИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматривается вопросы социально-нравственное значение проблемы физического воспитания студенческой молодежи в современных условиях. Отмечается, что правильно организованное физическое воспитание должно способствовать не только укреплению здоровья учащейся молодежи, их физическому развитию, но и формированию нравственной личности. Последнее становится возможным, так как в процессе физического воспитания у учащейся молодежи формируется готовность и способность осуществлять здоровый образ жизни. Такой образ жизни, предполагающий помимо заботы о здоровье, о физической форме, о правильном питании и т.д. еще и отказ от вредных привычек (табак, алкоголь, наркотики), способствует нравственному оздоровлению человека. Делается вывод о том, что чем богаче мир ценностей человека, тем эффективнее и целенаправленнее идут отбор и приращение новых ценностей, их переход в мотивы поведения и деятельности.

***Ключевые слова:*** *нравственное воспитание, физическое воспитание, формирование, физическая культура, спортивная деятельность, аксиология, физические качества, студенты, преподаватели*

## АҲАМИЯТИ ИҶТИМОӢ-АХЛОҚИИ МУАММОҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МАРҲАЛАИ МУОСИР

Дар мақола масъалаҳои аҳамияти иҷтимоӣ-ахлоқии муаммоҳои тарбияи ҷисмонии донишҷӯён дар марҳалаи муосир баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки ташкили дурусти тарбияи ҷисмонӣ бояд на танҳо ба обутоб додани саломатӣ ва ҷисмонии муҳассилин, балки ба ташаккули ахлоқии онҳо мусоидат намояд. Охирин дар ҳолате амалӣ мегардад, агар дар раванди тарбияи ҷисмонӣ омодагии онҳо ба тарзи ҳаёти солим ташаккул дода шавад. Чунин тарзи ҳаёт, ки ғамхориро оиди тансиҳатӣ, рушди ҷисмонӣ, реҷаи хӯроккурӣ ва ғайра, инчунин дуриро аз одатҳои зарарнок(тамоку, машрубот, нашаъмандӣ) пешбинӣ менамояд ба ташаккули маънавии одам мусоидат менамояд. Хулоса карда мешавад, ки то чӣ андоза арзишҳои маънавии инсон баланд бошад, ҳамон қадар интихоб ва ҳамгироии сифатҳои нави арзишҳо, интиқоли онҳо ба ангезиши рафтор ва фаъолият самаранок мегардад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *тарбияи ахлоқӣ, тарбияи ҷисмонӣ, ташаккул, фарҳанги ҷисмонӣ, фаъолияти варзишӣ, аксиология, сифатҳои ҷисмонӣ, донишҷӯён, омӯзгорон*

## SOCIO-MORAL SIGNIFICANCE OF THE PROBLEM OF PHYSICAL EDUCATION OF STUDENT YOUTH IN MODERN CONDITIONS

The article deals with the issues of social and moral significance of the problem of physical education of student youth in modern conditions. It is noted that properly organized physical education should contribute not only to strengthening the health of young students, their physical development, but also to the formation of a moral personality. The latter becomes possible, because in the process of physical education, students develop the readiness and ability to carry out a healthy lifestyle. Such a way of life, which, in addition to taking care of health, physical fitness, proper nutrition, etc. also the rejection of bad habits (tobacco, alcohol,

drugs), contributes to the moral improvement of a person. It is concluded that the richer the world of human values, the more efficient and purposeful the selection and increment of new values, their transition into motives of behavior and activity.

***Keywords***: *moral education, physical education, formation, physical culture, sports activities, axiology, physical qualities, students, teacher*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Комилов Назирҷон Наимович-**унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров». (735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз. Мавлонбеков 1.). тел.92-9660966. Nazir77@mail.ru

**Сведения об авторе: Комилов Назирджон Наимович-**соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ им.ак.Б.Гафурова».(735700. Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1.). тел.92-9660966. Nazir77@mail.ru

**Information about the author: Komilov Nazirjon Naimovich-**applicant of the Department of Social and Professional Pedagogy of the State Educational Establishment "KhGU named after B. Gafurov" (735700. Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.). tel.92-9660966. Nazir77@mail.ru

**МАҲКАМОВ Д.**

# НАҚШИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ ДАР СОҲИБКАСБ НАМУДАНИ ҶАВОНОНИ БЕКАСБУ КОР ТАВАССУТИ КУРСҲОИ ОМӮЗИШӢ

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷкистон аз 21. 12. 2021 омада буд: *« Ҳукумати мамлакат вазифадор аст то соли 2026 шаҳрвандони аз 18-сола болоро, ки касбу ҳунар надоранд, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб карда, ҷиҳати саросар соҳибкасб гардидани аҳолӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд».*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии хеш қарор дода, барои таълиму тарбияи насли бомаърифату соҳибҳунар ва ворисони сазовори халқу давлат пайваста кӯшиш дорад. Ба ҳамаи Шумо маълум аст, ки тамоми ҳодисаҳои нангине, ки дар Тоҷикистон дар байни ҷавонон рӯй медиҳанд, сарчашмаи асосии он бекорӣ ва вақтро бесамар гузаронидани ҷавонон мебошад.

Дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 63 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият намуда, аз рӯи 97 ихтисос 23000 нафар ҷавононро ба таҳсил фаро гирифтаанд, ки аз он 4925 нафарашро духтарон ташкил медиҳанд. Мубрамияти таҳсилоти ибтидоии касбиро дар инкишофи иҷтимоӣ- иқтисодии Тоҷикистон дарк намуда, дар ВМКБ 1 то, дар вилояти Суғд 22 то, дар вилояти Хатлон 18 то, дар шаҳри Душанбе 11 то, дар НТҶ 11 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба соҳибкасб гардонидани ҷавонон сару кор гирифтаанд. Парокандагии ҳудуди ВМБК-ро ба эътибор гирифта, дар ВМБК 9 филиали ЛКТ № 77 дар соҳибкасб гардонидани ҷавонон саҳми арзанда мегузорад.

Дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 78 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯи 200 касбу ҳунар бо такроршавӣ 93531 нафар ҷавононро ба таҳсил фаро гирифта, соҳибкасб мегардонанд. Аз теъдоди умумии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 1 то дар ВМКБ, 26- то дар вилояти Хатлон, 21- то дар вилояти Суғд, 14-то дар шаҳри Душанбе, ва 16-то дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳур ба омода намудани 93531 нафар донишҷӯён, ки аз он 61904 нафарашро духтарон ташкил медиҳанд машжуланд.

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷкистон аз 23 юми декабри соли 2022 таъкид гардидааст: *«Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу суббот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад».*

Бо мақсади омӯзиши раванди татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ба касбу ҳунар фаро гирифтини ҷавонон, ҷавондухтарон ва бонувон мутобиқи моддаи 174-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 24-и Оиннома ва 10-и Низомномаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, мудири шубаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ Маҳкамов Д ва ходими пешбари илмии шуъба Зулфонов Б, ходими илмии шуъба Гадоев И аз 12.04. 2022 то 16. 04. 2022 ба шаҳри Ҳисор, Турсунзода ва Шаҳринав дар сафари хизматӣ қарор доштем.

Озмоишро дар қоллеҷи омӯзгории ш. Турсунзода 12.04.2022 оғоз намудем. Ба ҳайси иҷрокунандаи вазифаи директори коллеҷи номбурда Абдуаминова Фируза, ки бештар аз 22 сол собиқаи умумии корӣ дорад, моро ҳамроҳӣ намуд. Бинои таълимии коллеҷ аз ду бинои якошёна иборат буда, теъдоди донишҷӯён 836 нафарро ташкил медод, ки аз он 526 нафарашон дар шуъбаи рӯзона ва ғоибона аз рӯи 4 ихтисос: таҳсилоти ибтидоӣ, забон ва адабиёти рус, забон ва адабиёти тоҷик, забони англисӣ таҳсил менамоянд.

Инчунин дар муассиса дар партави дастуру нишондодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавонон, духтарон ва бонувони аз 18 сола боло аз рӯи 9 ихтисос: дӯзандагӣ, омӯзиши компютер, забони русӣ, забони олмонӣ, забони англисӣ, забон ва адабиёти тоҷик дар курсҳои кӯтоҳмуддат касб омӯхта, аз санҷиш гузашта барои машғул шудан ба фаъолияти омӯзгорӣ ва мураббиягӣ дар муассисаҳои томактабӣ ҳуқуқ пайдо менамоянд. Дар муассисаи мазкур пояи кадрӣ чандон боқувват набуда, нарасидани маводҳои таълимӣ, методӣ, айёният ва воситаҳои техникӣ дар омодагии касбӣ ҳис карда мешавад.

Дар муассиса 1- устохона, 1- парки технологӣ мавҷуд аст ва барои баргузор намудани таҷрибаомӯзӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шартнома мавҷуд буда, донишҷӯён маҳорати касбии хешро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сайқал медиҳанд. Дар нақшаи кории кафедраҳо аз камтаҷрибагӣ бошад, масъалаҳои на чандон муҳим ба муҳокима гузошта шудаанд. Ҳолати ба дарсҳо ҳозиршавии донишҷӯён чандон хуб нест, аксар донишҷӯён бо қафомонӣ ба дарсҳо ҳозир мешаванд, ки ин суст будани корҳои тарбиявиро ошкор менамояд.

Сифати таълим дар коллеҷи омӯзгории Турсунзода чандон хуб набуданаш дар он зоҳир мегардад, ки аксар донишҷӯён ифоданок матнро хонда нақл кардан наметавонанд ва ҳангоми навиштан ба хатоҳои имлоӣ ва грамматикӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Рӯзи **13.04.2022** аз коллеҷи металлургии ш. Турсунзода, дар бораи рафти амалӣ гардидани дастуру супоришҳои Пешвои миллат оиди соҳибкасб гардонидани ҷавонони аз 18 сола боло тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат дидан намудем. Коллеҷи мазкур аз соли 1986 зери муассисии ҶСК “ШАТ” фаъолият менамояд. Дар назди он 8 маркази касбомӯзӣ барои ҷавонон, духтарон ва бонувони аз 18- сола боло ташкил дода шудааст. Ин муассиса фаъолияташ ташвишовар буда, чандин моҳ боз омӯзгорон маош ва донишҷӯён идрорпулӣ нагирифтаанд. Дар муассисаи мазкур китоби дарсӣ, воситаҳои техникӣ қариб вуҷуд надоранд, барои кафшергарони газию барқӣ ва сантехникҳо китоб, дастурҳои методӣ намерасад.

Аксар омӯзгорон бо дили нохоҳам кор мекунанд ва хоҳиши кори омӯзгориро тарк кардан дар онҳо ҳис карда мешавад. Мавқеи ҷойгиршавии муассиса барои рафтуомади донишҷӯён ва омӯзгорон гаронӣ эҷод менамояд. Кори таълим ва тарбия дар сатҳи зарурӣ қарор надорад ва дар муассиса нарасидани китоби дарсӣ, ба хусус назарияи иқтисод ҳис карда мешавад. Барои баргузор намудани корҳои амалӣ умуман чизе вуҷуд надорад, агар бошад ҳам, ба стандарт ва талаботи муосир мувофиқат намекунад.

Барои омода намудани муҳосибони 1 сола, китоби дарсӣ бо забони давлатӣ умуман вуҷуд надорад. Умуман барои омода намудани мутахассисони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ягон чиз ҷавобгӯ ба талаботи омодагии касбӣ вуҷуд надорад. Дар раванди суҳбат бо мутахассисони муассиса, ҳамаи онҳо аз нарасидани китоби дарсӣ шикоят намуданд. Мо савол гузоштем, ки оё аз дохили худатон шахсеро пайдо намудан мумкин нест, ки ин масъулиятро бар дӯш гирад, касе ин масъулиятро ба зимма гирифтан нахост.

Рӯзи 14. 04. соли 2022 литсейи касбӣ- техникии Шаҳринавро мавриди омӯзиш қарор додем. Ин муассисаи дорои таърихи бою ғанӣ мебошад, ки дар солҳои 1936 ҳамчун таълимгоҳи “Тракторчизанон” ташкил ёфта буд. Дар шароити муосир бошад, муассиса дар асоси Оиннома ва Иҷозатномаи АУ № 0002236 аз 10.02 2017 зери № 2794 аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, фаъолият менамояд. Ҳоло бошад, муассиса дар асоси Иҷозатнома ҷавононро аз рӯи 7 ихтисос ба муҳлати 1сол ва 2 сол аз рӯи ихтисосҳои зерин ба фаъолияти касбӣ омода менамояд:

1. Тракторчӣ- мошинисти истеҳсолоти кишоварзӣ;
2. Дӯзанда;

3. Мантиёри барқ оид ба хизматрасонии таҷҳизотҳои барқӣ;
4. Системаи компюторӣ ва Интернет-технология;
5. Кафшергари барқию газӣ;
6. Челонгар-таъмиргари муҳаррикҳи автомобилӣ;
7. Ҳисобдор бо донистани компютер.

Дар муассисаи маскур базаи моддӣ-техникӣ, пояи таъминоти кадрӣ, ороиши эстетикӣ, шароити утоқҳои корӣ ва таълимӣ, таъминот бо компютор ва доскаи электронӣ аз дигар муассисаҳои минтақа ба таври куллӣ фарқ мекунад. Дар муассиса аз рӯи "Барномаи давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон" кор ба роҳ монда шуда, сардори гурӯҳи фаъолияти инноватсионӣ ва аъзоёни он аз рӯи самтҳои инноватсионӣ кор мебаранд.

Дар муассиса тамоми техникаҳои хоҷагии қишлоқ дар ҳолати корӣ қарор доранд ва донишҷӯён дар он корҳои амалӣ мебаранд. Дар даруни устохона дастгоҳи муосири кансервакунии меваю сабзавон фаъолият менамояд, ки донишҷӯён дар он бо технологияи омоданамоии консерва шинос мегарданд. Дар муассиса корҳои тарбиявӣ, беруназсинфӣ ва чорабиниҳои маърифатӣ дар сатҳи баланд баргузор карда мешавад. Ҷавонони бекасбу кор дар муассиса аз рӯи дастуру супоришҳои Паёмӣ навбатӣ ба касбу кор фаро гирифта шудаанд ва минбаъд теъдоди онҳо бештар гардонида мешавад. Муассиса бо Донишгоҳи аграрӣ ва ДТТ дар ҳамкории зич қарор дорад ва фаъолияти онро мо қаноатбахш баҳогузорӣ намудем.

Рӯзи 15.04.2022 озмоишро аз коллеҷи омӯзгории ш. Ҳисор оғоз бахшидам. Аз рӯи ҳуҷҷатҳои мавҷуда ошкор гардид, ки муассиса аз 23.07 1964 фаъолият менамояд ва чандин наслҳоро тарбия намуда ба воя расонидааст. Дар муассисаи маскур ҷавонон аз рӯи ихтисосҳои зерин омода карда мешаванд: муаллимони забон ва адабиёти тоҷик, таҳсилоти ибтидоӣ, таҳсилоти томактабӣ, биология, география, забони англисӣ, забон ва адабиёти рус, математика, информатика, технология, математика-информатика, тарбияи ҷисмонӣ ва дар маҷмӯъ аз рӯи 13 ихтисос ҷавононро соҳибкасб мегардонанд.

Дар баробари ихтисосҳои мавҷуда дар муассиса курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзии омӯзгорони забони русӣ, забони олмонӣ, омӯзиши кор бо компютор, муҳосиб бо дониши компюторӣ, ошпаз, ошпаз- қаннод, дӯзанда, ороишгари мӯй, дизайн, кафшергари барқӣ, мантиёри барқӣ, ҳуҷҷатнигор, пешхизмат, бофанда, миненҷменти тарабхона аз ҳисоби ҷавонон, духтарон ва бонувони аз 18 сола боло, ташкил дода шудааст. Инчунин дар шаҳри Ҳисор аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ 4 маркази таълими касбу ҳунаромӯзии калонсолон фаъолият менамояд, ки дар соҳибкасб гардонидани ҷавонони аз 18-сола боло ҳиссаи шахсии хешро мегузоранд. Дар муассисаи маскур 5 кафедра фаъолият намуда, марҳилаи якум ва дуюми мониторингӣ сифати таълимро баргузор намуда, ба натиҷаҳои хуб ноил гардидаанд.

Аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани омӯзгорон дуруст ба роҳ монда шудааст. Дар муассиса курсҳои кутоҳмуддати ронандагӣ аз ҷониби ширкати "Фароз" ташкил дода шуда, ҷавонони бекасбу корро соҳибкасб мегардонад. Курсҳои мантажчии ноқилҳои барқӣ, кор бо газо блок, кафшери хунук, автоген ва ғайра фаъолият менамояд.

Базаи моддӣ- техникии коллеҷи омӯзгории Ҳисорро инҳо ташкил медиҳанд: 15 синфхона, 6 кабинети махсусгардонидашуда, устохона, 2 озмоишгоҳ, толори маҷлисгоҳ, толори варзишӣ, майдончаи варзишӣ, 470 миз, 309 курсӣ 161 мизи махсус, 20 адад компютер, 3 тахтаи электронӣ, 5 дона принтер, 2 дона проектор, 3 озмоишгоҳи таълимӣ, ки имконияти ба касбомӯзи фаро гирифтани бештари ҷавонони бе касбу корро дорад.

16.04. 2022 аз Литсейи касбӣ техникии Ҳисор дидан намудем, ва ихтисосу тедоди гурӯҳҳои академиро дар чунин шакл дар ҷадвал ҷойгир намудем:

| т/р | Феҳристи ихтисосҳо | Теъдоди гурӯҳо | Писар | Духтар | Шумораи умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Кафшергари барқию-газӣ | 2 | 60 | - | 60 |
| 2 | Тракторчӣ-машинисти истеҳсолоти кишоварзӣ | 2 | 58 | - | 58 |
| 3 | Системаи компютерӣ ва Интернет технология | 3 | 73 | 5 | 78 |
| 4 | Дӯзанда | 2 | - | 40 | 40 |
| 5 | Челонгар оид ба таъмири муҳарикҳи | 4 | 100 | | 100 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | автомобилӣ | | | | |
| 6 | Ронандаи автомобил | 1 | 30 | - | 30 |
| | **Дар маҷмӯъ** | **12** | **321** | **45** | **366** |

Хонандагони Литсейи касбӣ- техникии Ҳисор истиқоматкунандагони бештар аз 12 ҷамоати деҳоти ш. Ҳисор, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Шаҳринав ва шаҳри Душанбе мебошанд. Дар литсейи маскур чунин курсҳои кӯтоҳмуддат дар соҳибкасб гардонидани писарон, духтарон ва бонувони аз 18 сола боло дар партави нишондодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд:

| **т/р** | **Феҳристи ихтисосҳо** | **Теъдоди гурӯҳҳо** | **Духтарон** | **Шумораи умумӣ** |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Сохтмончӣ | 2 | - | 28 нафар писар |
| 2. | Дузанда | 1 | 8 | 8нафар |
| 3. | Қаннод | 1 | 8 | 8 нафар |
| 4. | Пешхизмат | 1 | 6 | 6 нафар |
| 5. | Ҷамъ: | 5 | 22 | 50 нафар |

Таъминоти кадрии литсейи касбӣ техникии ноҳияи Ҳисор чандон паст набуда, ҷавобгӯи талабот мебошад.

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Теъдоди омӯзгорони асосӣ<br>Аз ҷумла, занон | 30 нафар<br>13 нафар |
| | Бо таҳсилоти олии касбӣ<br>Аз ҷумла, занҳо | 20 нафар<br>6 нафар |
| | Бо таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамагӣ<br>Аз ҷумла, занҳо | 9 нафар<br>4 нафар |
| | Бо таҳсилоти ибтидоии касбӣ<br>Аз ҷумла, занҳо | 5 нафар<br>2 нафар |
| | **Аз ҷумла, аз рӯи дараҷаи тахассусӣ:** | |
| | Дараҷаи илмӣ (доктор, номзади илм):<br>(Аз ҷумла, занҳо ) | нест<br>нест |
| | Бо маълумоти олӣ<br>аз ҷумлаи он занон | 5 нафар<br>2 нафар |
| | Бо категорияи якум<br>аз ҷумлаи он занон | 2 нафар<br>- |
| | Бо категорияи дуюм<br>аз ҷумла, занон | 12 нафар<br>5 нафар |
| | Бедараҷаи тахассусӣ, ҳамагӣ<br>аз ҷумла, занон | 9 нафар<br>6 нафар |

**Вазъи таминоти муассиса бо устоҳои таълимӣ- истеҳсолӣ**

| | | |
|---|---|---|
| 2. | Теъдоди устоҳои таълимӣ- истеҳсолӣ<br>Аз ҷумла, занон | 14 нафар<br>5 нафар |
| | Бо таҳсилоти олии касбӣ<br>Аз ҷумла, занон | 7 нафар<br>3 нафар |
| | Бо таҳсилоти миёнаи касбӣ<br>аз ҷумла, занон | 5 нафар<br>3 нафар |
| | Бо таҳсилоти ибтидоии касбӣ<br>аз ҷумла, занон | 2 нафар<br>1 нафар |
| | **Аз ҷумла, аз рӯи дараҷаи тахассусӣ:** | |
| | Дараҷаи илмӣ (доктор, номзади илм):<br>аз ҷумла, занҳо | нест<br>нест |
| | Оли, ҳамагӣ<br>аз ҷумла, занҳо - | 4<br>нест |
| | Бо категорияи якум<br>Аз ҷумла, занҳо | 2 нафар<br>немт |
| | Бо категорияи дуюм | 4 нафар |

| | | |
|---|---|---|
| | аз ҷумла, занҳо | 1нафар |
| | Бедараҷаи тахассусӣ<br>аз ҷумла, занҳо | 5 нафар<br>1 нафар |

Боиси хурсандист, ки аз вазъияти 4 маркази таълимии касбу ҳунаромӯзии ҷавонони шаҳри Ҳисор дидан намоем, гар чанде онҳо ин хоҳишро надоштанд. Лекин аз рафти мушоҳида маълум гардид, ки шароити касбу ҳунаромӯзии ҷавонон хело ҳам хуб ба роҳ монда шудааст ва барои соҳибкасб гардонидани ҷавонони бекасбу кор базаи моддӣ-техникии хуб ташкил дода шудааст. Дар марказҳои касбомӯзӣ дастгоҳу таҷҳизотҳои нави ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат васл карда шудааст ва 64 нафар ҷавонон ба касбу ҳунаромӯзӣ машғул буданд.

Дар ин марказҳо ҳолати санитарӣ хуб буда, техникаи бехатарӣ сахт риоя карда мешавад. Пас аз анҷоми таҳсил дар курсҳо довталабон имтиҳон супорида, сертификат мегиранд, ки дар асоси он фаъолияти меҳнатӣ намуда, сафи бекорон коҳиш ёфта, камбизоати маҳдуд гардида, қонуншиканӣ дар байни ҷавонон паст мегардад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ солҳои охир нарасидани омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба мушоҳида мерасид. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ин вазъиятро дарк намуда, дар як қатор ноҳияҳо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии омӯзгориро дар чунин шакл таъсис дод: дар ноҳияи Рӯдакӣ (1991), ноҳияи Мастчоҳ (1991), ноҳияи Лахш (1995), ноҳияи Нуробод (2004), ноҳияи Қубодиён (1990), шаҳри Роғун (1995), шаҳри Турсунзода (2001), ки дар маҷмӯ шумораи онҳо ба 17 адад расидааст.

Бо мақсади аз байн нарафтан ва эҳё гардидани ҳунарҳои мардумӣ ба монанди, санъати меъморӣ, заргарӣ, дуредгарию хиштпазӣ, оҳангарию кордсозӣ, танӯрсозию қошуқтарошӣ, қандакориву ҷомадӯзӣ ва гулдӯзию қолинбофӣ Коллеҷи ҳунарҳои мардумӣ дар шаҳри Истаравшан бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.02.2009, №76 таъсис дода шудааст, ки дар шароити муосир ҷавонон, духтарон ва бонувонро ба касбомӯзӣ фаро гирифта, баҳри саро сар саводнок гардонидани мардум хизмат менамояд.

Барои ба танзим даровардани муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ соли 2004 омӯзишгоҳҳо ба литсей ва техникумҳо ба коллеҷ табдил дода шуданд. Бо сабаби суст будани заминаи моддию техникӣ, таълимию кадрӣ ва набудани талабот як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҷумла Коллеҷи савдои шаҳри Душанбе, Коллеҷи аграрии шаҳри Хуҷанд, Коллеҷи политехникии шаҳри Панҷакент, филиалҳои техникуми политехникии шаҳри Душанбе дар ВМКБ ва ноҳияи Ховалинг, гурӯҳҳои таълимии дар ноҳияҳо буда барҳам дода шуданд.

Рӯзҳои 12-13. 02. 2023 оид ба масъалаи ба касбу кор фаро гирифтани ҷавонони аз 18 сола боло, ки ниҳоят мавзуи мубрами рӯз мебошад, аз Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С.Айнӣ дар асоси талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ҷиҳати фаро гирифтани ҷавонон ва ҷавондухтарону бонувони аз 18 сола боло ба касбу ҳунар дидан намудем.

Дар ҳақиқат дар назди муассисаи таълимӣ Парки технологӣ фаъол гардонида шуда, сохтори он таҷдиди назар гардид. Тибқи сохтори он дар назди Парки технологӣ шуъбаи хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ, сехи таълимии-истеҳсолии коркарди чӯб, курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ сартарош ташкил дода шудааст. Дар назди парки технологӣ курсҳои таълимӣ, сехи дӯзандагӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, матбааи муассиса ташкил карда шуда, мавриди корбарӣ қарор гирифта ва барои фаъол гардонидани он ҷавонон ва ҷавондухтарон аз ҳисоби донишҷӯёни муассиса ба омӯзиши касбҳои мардумӣ ҷалб карда шудаанд.

Дар назди коллеҷи омӯзгории ДДОТ барои ба касбу ҳунар фаро гирифтани ҷавонписарон, духтарон ва бонувони аз 18 сола боло чунин курсҳои касбомӯзӣ ташкил дода шудааст:

1. Дар назди Парки технологии муассиса, айни замон, шуъбаи хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ фаъолият карда истодааст, ки дар он 15 нафар донишҷӯён ба касдомӯзӣ ҷалб гардидаанд.

2. Дар курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ 24 нафар ба омӯзиши забони русӣ, забони англисӣ ҷалб карда шудаанд ва тибқи нақша аз аввали моҳи март ба тадрис фаро гирифта мешаванд.

3.Ҳамзамон, фаъолияти сехи дӯзандагӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба роҳ монда шуда истодааст, ки дар он метавонанд дар як баст 10 нафар ин касби нозукро омӯзанд

4.Матбааи муассиса низ ба фаъолият оғоз намудааст, ки дар он 2 нафар донишҷӯ ба омӯзиши ҳунари журналистӣ пайравӣ менамоянд.

Дар коллеҷи омӯзгорӣ барои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти Парки технологӣ чунин шароит ташкил дода шудааст:

- мавҷуд будани 6 мошинаҳои дарздӯзӣ;
- дастгоҳи коркарди чӯб;
- таҷҳизоти чопкунии матбаа;
- таҷҳизот дар шуъбаи хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ;
- синфхонаҳои забономӯзӣ (англисӣ, русӣ ва олмонӣ).

Агар дар бораи шароити техникӣ, технологӣ ва технологияи касбомӯзӣ чизе гуфтан хоҳем шиносоӣ бо муассиса собит намуд, ки он дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ ва курсҳои касбомӯзӣ то қадри имкон шароити техникӣ ва технологӣ фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, дар Коллеҷи омӯзгорӣ се синфхонаи компютерӣ бо фарогирии 78 компютер, 10 проектор ва 10 тахтаи электронӣ, таҷҳизоти матбаа, китобхонаи электронӣ бо фарогирии зиёда аз 7000 ҳазор китоб, мошинаҳои дарздӯзӣ ба миқдори 6 адад, 1 дастгоҳи коркарди чӯб ва ғайра мавҷуд аст.

Дар коллеҷи омӯзгории шаҳри Душанбе дар назди Парки технологӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда, устоҳои таълимӣ ҷиҳати таълими касбомӯзон ҷалб гардида истодаанд. Дар муассиса 1 устохонаи муҷаҳаз ва 2 озмоишгоҳ фаъолият менамояд. Ба касбомӯзон пас аз омӯзиши курсҳои кӯтоҳмуддат ва курсҳои касбомӯзӣ сертификат дода мешавад, ки метавонанд ҷавонон ба воситаи он фаъолияти меҳнатӣ намуда, ба корҳои манфиатовар банд гарданд.

Омода намудани мутахассисони касбу ҳунарҳои гуногуни ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ яке аз вазифаи асосӣ ба ҳисоб рафта, дар сиёсати стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятнок маҳсуб меёбад. Тибқи талаботи Стратегияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари мо аз кишвари аграрӣ ба кишвари саноатӣ табдил ёфта истодааст, аз ин рӯ муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба он даъват карда мешаванд, ки дар бораи соҳибкасб гардонидани ҷавонони бекасбу кори аз 18 сола боло, духтарону бонувон тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ, вазорату кумитаҳои дахлдор Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи касбиро дар таҳрири нав омода намуда, ба таснифоти самту ихтисосҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тағйироту иловаҳо ворид карда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 01.10.2016, № 418) тасдиқ намудаанд. Ҷиҳати амалишавии он фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида, вобаста ба талаботи бозори дохилию хориҷии кишвар дар Таснифоти давлатии равия ва ихтисосҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ зиёда аз 50 ихтисосҳои нав ворид гардидааст.

Ғайр аз ин бахри дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат дар Паёми навбатӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ даҳҳо курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишии касбҳои коргарӣ кушода шуда, ҷавонон, ҷавондухтарон ва бонувони бе касбу корро соҳибкасб гардонида мешаванд.

Рузи 15.02. 2022 аз литсейи касбӣ техникии ш. Ваҳдат дидан намудем. Муассиса барои ташкил ва ба роҳ мондани курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши касб барои фаро гирифтани ҷавонон ва ҷавондухтарон чораҳои зарурӣ андешида истода, аз ҷумла дар байни донишҷуён ва ахолии шаҳри Вахдат ташвиқу тарғибот гузаронида, варақахои ташвиқотиро ба чоп расонида таксимот намудаанд, ки тамоми муассисаҳо бояд ба он пайравӣ намуда, варақаҳои ташвиқи касбро дар байни аҳолӣ паҳн намоянд.

Курсҳои кӯтоҳмуддат аз фанхои забони русй, забони англисй ва омӯзиши кор бо компютер дар муассиса ба роҳ монда шудааст. Курси кутоҳмуддати омӯзиши кор бо компютерро 18 нафар хатм намуданд, ки 9 нафарашон писарону 9 нафарашон духтарони сину солашон аз 18-сола боло мебошанд.

Барои гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддат кабинетҳои фаннӣ аз ҷумла барои омӯзиши компютер лабораторияҳои компютерӣ, фанни англисӣ кабинети лингафонӣ мавҷуд мебошад.

Муассиса дорои 3 лабораторияи компютерӣ бо 61 адад компютерхои ҳозиразамон, 4 тахтаи электронӣ, 1 кабинета лингафонӣ, китобхона, кироатхона бо 30 ҷои нишаст ва 12

компютери пайваст ба шабакаи интернет мебошад. Баъди хатми донишомӯзони курсҳои кӯтоҳмуддати як моҳа шаҳодатнома ва курси семоҳа диплом дода мешавад.

Литсейи касбии техникии ш.Ваҳдат хоҳишмандонро аз рӯи 10 ихтисос ба курсҳои кӯтоҳмуддат фаро гирифта, ба онҳо "Шаҳодатнома" медиҳад, ки фикр мекунам дар шароити муосир ниҳоят муҳим мебошанд. Ихтисосҳои пешниҳодгардида инҳо мебошанд:

1. Челонгари таъмири муҳаррикҳи автомобилӣ;
2. Кафшергарӣ баркӣ- газӣ;
3. Мошинчии булдозер;
4. Мантиёри баркӣ оид ба таъмир ва хизматрасонии таҷҳизоти баркӣ;
5. Кандакорӣ дар чӯб ва пусту чӯб.

Кори ҷолибтарине, ки Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии шаҳри Ваҳдат"пеш гирифтааст аз он иборат аст, ки"Эълон даъватнома"- и муассисаро дар варақи ҷудогона чоп намуда, бо рамзи ихтисос дастраси хоҳишмандон гардонидааст.

Рузи 14-15 02.2023 аз Коллеҷи техникӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 49 аз 17-уми январи соли 1997 дар заминаи техникуми сохтмонии шаҳри Душанбе таъсис ёфта, ба сифати муассисаи давлатии таълимии техникӣ фаъолият дорад дидан намудем. Ин муассиса бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми декабри соли 1997 техникуми индустриалии шаҳри Душанбе ва 1-уми октябри соли 2009 коллеҷи политехникии ДТТ ба номи академик М.Осимӣ (собиқ политехникум) низ ба коллеҷи техникӣ ҳамроҳ карда шуданд.

Коллеҷи техникӣ дар давоми 23 соли мавҷудияташ аз рӯйи сохтори тасдиқкардаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият карда, иҷрои Стандартҳои давлатӣ ва нақшаҳои таълимиро таъмин намуда истодааст.

Дар коллеҷи техникӣ таҳсил дар 2-шакл: рӯзона ва ғоибона, буҷавӣ ва шартномавӣ ба роҳ монда шудааст. Дар коллеҷ 5 факултет ва 1 шуъбаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ мавҷуд аст. Дар коллеҷи техникии ДТТ, 14 кафедра аз рӯи 37 ихтисос фаъолият менамояд. Факултетҳои муассиса инҳоанд:

1. Муҳандисию иқтисодӣ;
2. Технологияи иттилоотӣ;
3. Нақлиёт ва технология;
4. Сохтмон ва роҳсозӣ;
5. Энергетика ва техникаи тиббӣ;
6. Шуъбаи таҳсилоти ибтидоии касбӣмавҷуд аст.

14 кафедраи муассиса инҳоанд:

**1. КАФЕДРАҲОИ ТАХАССУСӢ**

1. Сохтмон ва меъморӣ;
2. Нақлиёт ва технология;
3. Электроэнергетика;
4. Физика ва телекоммуникатсия;
5. Иқтисодиёт ва идора;
6. Молия ва ҳисобдорӣ;
7. Технологияи иттилоотӣ ва барномасозӣ;
8. Химия ва экология.

**2. КАФЕДРАҲОИ УМУМИКОЛЛЕҶӢ**

1. Математика ва информатика;
2. Забони тоҷикӣ;
3. Забонҳои хориҷӣ;
4. Фанҳои гуманитарӣ;
5. Таърих ва ҳуқуқ;
6. Варзиш ва мудофиаи шахрвандӣ.

Барои дар амал татбиқ намудани Нуқтаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи то соли 2026 бо истифода аз тамоми имкониятҳо дар бобати бо касбу ҳунар ҷалб намудани ҷавонон, ҷавондухтарон ва бонувони аз 18-сола боло, ки касбу ҳунар надоранд барои соҳибкасб гардонидани ин табақаи аҳолӣ, коллеҷи техникӣ як қатор корҳоро ба сомон расондааст, ки ин бошад пеш аз ҳама ташкил намудани курсҳои кутоҳмуддати омӯзишӣ мебошад:

1. Омӯзиши кор бо компютер;

2. Таъмиргари наклиёти автомобилӣ;
3. Омӯзиши забони англисӣ ва русӣ;
4. Таъмири асбобҳои барқӣ, ки дар ин курсҳо ҳамасола то 110 нафар хоҳишмандон хонда соҳибкасб мегарданд.

Ба ғайр аз ин, дар назди коллеҷи тахникӣ шуъбаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият менамояд, ки он аз рӯи 5-ихтисос 17 гурӯҳҳи академӣ, 9-гурӯҳ дар бахши 1 ва 8-гурӯҳ дар бахши 2, ки шумораи умумии хонандагон бештар аз 329-нафар мебошад ба касбомӯзӣ фаро гирифта шудаанд. Коллеҷи мазкур вазифа гузоштааст, ки ҳамасола аз 150 то 200 нафар ҷавононро соҳибкасб гардонида, ба хоҷагии халқи Ҷумҳурӣ мефиристонад ва дар соҳибкасб гардонидани ҷавонон, ҷавондухтарон ва бонувони аз 18 сола боло ҳиссаи шахсии худро мегузорад.

**АДАБИЁТ:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ" аз 21 12. 2021.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ" аз 23 12. 2022
3. Маҷмӯи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми 2 Душанбе- 2021


## НАҚШИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ ДАР СОҲИБКАСБ НАМУДАНИ ҶАВОНОНИ БЕ КАСБУ КОР ТАВАССУТИ КУРСҲОИ ОМӮЗИШӢ.


Дар ин мақола сухан дар бораи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи соҳибкасб гардонидани ҷавонон, ҷавондухтарон ва бонувони аз 18 сола боло меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии хеш қарор дода, барои таълиму тарбияи насли бомаърифату соҳибҳунар ва ворисони сазовори халқу давлат пайваста кӯшиш дорад.



***Калидвожаҳо:*** *фарогирӣ, курсҳои кӯтоҳмуддат, омӯзиши касб, соҳибҳунар, ворисони сазовори халқу миллат,ҷавонон, духтарон, бонувон.*


## РОЛЬ НАЧАЛЬНЫХ И СРЕДНЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ В РАЗВИТИИ ПРОФЕССИОНАЛИЗМА МОЛОДЁЖИ ЧЕРЕЗ КУРСЫ ОБУЧЕНИЯ


В данной статье рассказывается о политике Правительства Республики Таджикистан в отношении предпринимательской деятельности юношей, девушек и женщин старше 18 лет. Правительство Республики Таджикистан сделало развитие сферы образования одним из приоритетных направлений своей социальной политики. И постоянно стремится к охвате широких масс молодежи к профессии и профессиональной деятельность.



***Ключевые слова:*** *инклюзивность, краткосрочные курсы, профессиональное обучение, предпринимательство, достойные наследники народа и нации, молодежь, девушки, женщины.*


## THE ROLE OF INSTITUTIONS OF PRIMARY AND SECONDARY VOCATIONAL EDUCATION IN THE EMPLOYMENT OF UNEMPLOYED YOUTH THROUGH ADVANCED TRAINING COURSES.


This article describes the policy of the Government of the Republic of Tajikistan regarding the entrepreneurial activities of boys, girls and women over 18 years of age. The Government of the Republic of Tajikistan has made the development of the education sector one of the priorities of its social policy, constantly striving to educate and educate an educated and qualified generation, worthy heirs of the people and the state.



***Keywords:*** *inclusiveness, short-term courses, vocational training, entrepreneurship, worthy heirs of the people and nation, youth, girls, women.*



***Маълумот дар бораи муаллиф:*** Маҳкамов Дастам, н.и.п, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ

**Сведение об авторе:** Махкамов Дастам, к.п.н. заведующий отдела начального и среднего профессионального образования Института развития образования имени А. Джоми АОТ.

**Information about the author:** Makhkamov Dastam, Ph.D. Head of the Department of Primary and Secondary Vocational Education of the Institute for the Development of Education named after A. Jomi AOT.

ТДУ: 37. 035. (372,3)

МАҶИДОВ У.

# ТАРБИЯИ ЗЕБОИПАРАСТӢ ДАР ДАРСҲОИ МУСИҚИИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Инсон аз замони мавҷудияти худ ба таври доимӣ барои зебо гардонидани зоҳиру ботин ва мухити зисташ талош мекардааст. Вай мафтуни зебоиҳои табиат гардида, хонаю палос,сару либос, симои худро оро медиҳад. Чунин одамеро ёфтан ғайриимкон аст, ки ҳисси зебоипарастӣ надошта бошад. Одам қобилияту маҳоратҳои дарк ва кадр кардани зебоиро дошта,вобаста ба ниёзҳояш фаъолиятҳои зебоипарастӣ ва зебогардонии худро ба роҳ мемонад.

Маҳорату малакаҳои эҳсос кардани зебоӣ, дарку пайхас кардани он ҳисси эстетикӣ номида шуда, бо шиносоӣ ба намунаҳои беҳтарини зебоиҳо, ташаккул меёбад.

Ҳиссиёти эстетикии инсон аз хурдӣ тавассути тарбияи дуруст ташкилшуда ба парвариш карда мешавад, ки он ҷузъе аз тарбияи гуманистӣ – ахлоқӣ ба шумор меравад.

Устодон Хайрулло Раҳимов ва Абдулбоқӣ Нуров тарбияи эстетикиро "... қисмати ташаккули ҳамаҷониба ва инкишофи мутаносиби шахсият, ки система, инкишофи идеалҳои эстетикӣ, талабот ва завқу ҳаваси тарбиягирандагон..." хисобида, вазифаҳои онро шартан ба ду гурӯҳ ҷудо намудаанд: "...ҳосил намудани донишҳои назариявӣ ва ташаккул додани маҳорати амалӣ. Ба гурӯҳи аввали вазифаҳо масъалаи шинос кардани талабагон бо паҳлуҳои муҳими эстетикӣ, ба гурӯҳи дуюм – фаъолона иштирок намудан ба амалиёти эстетикӣ мансубият дорад" [3, 37].

Онҳо моҳияти тарбияи эстетикиро дар талабагон ташаккул додани қобилияти дарккунии зебоии арзанда ва дуруст фаҳмидани он дар санъат, ҳаёт, омӯзиши мафҳумот, рағбат ва идеалҳои эстетикӣ бахри инкишофи аломатҳои эҷодӣ ва истеъдод нисбат ба соҳаҳои санъат мешуморанд. [3, 234-235].

Чуноне, ки профессор Маҷидова Б. қайд менамоянд, "тарбияи эстетикӣ раванди мақсадноки таъсиррасонӣ ба шахсияти кӯдак буда рушди маҳорату қобилияти эҷодкории ӯро таъмин менамояд. Дар раванди тарбияи эстетикӣ таҷрибаи ҳиссӣ, олами эмотсионалии кӯдак бой гардида маҳорату қобилияти дарккунии зебоӣ, яъне зебоишиносӣ инкишоф меёбад, яъне ӯ метавонад зебоиро дар ҳайёт, табиат ва санъат дарк кунад ва эҷод намояд".[2]

Тарбияи эстетикиро аввалин шуда чун истилоҳи илмӣ XVII олими философ-педагоги олмонӣ Баумгартин Александр Готлиб (1714 – 1762) дар асри 17 истифода намуда, онро ҳамчун равияи махсус ва мустақили фалсафӣ шумоёридааст. Асли баромади истилоҳи эстетика аз забони қадимаи юнонии aisthetikos буда, манояш эҳсосот ва дарки зебоӣ мебошад. Таълимоти эстетикӣ таърихи тӯлонӣ дошта, ҳанӯз дар Афина ва Спарта ривоҷу равнақи назаррас доштааст. [3, 284].

Тарбияи эстетикӣ маънавиёти шахсиятро бой гардонида, хоҳиши эҷодкорӣ, меҳрубонӣ, шавқмандии зебогардонии муҳити табии муҳити зисташро бармеангезад.

Аҳамияти тарбияи эстетикиро Харламов И. Ф. дар ташаккули ахлоқ чунин арзёбӣ намудааст: "Санъат ва тарбияи эстетикӣ дар ташаккули ахлоқ нақши калон мебозанд. Ҳатто Арасту навишта буд, ки мусиқӣ қобилияти таъсиргузорӣ ба ҷанбаи эстетикии нафсро дорад бинобар ин онро бояд ба қатори фанҳои тарбияи ҷавонон дохил кард. Ин паҳлуи таъсири санъатро ба ташаккули шахсият қайд намуда, А. М. Горкий эстетикаро ахлоқи оянда номидааст" [4, 37].

Тарбияи эстетикӣ, моҳиятан ба дар хонандагони хурдсол ташаккул додани қобилияти дарки зебоиҳои санъат, ҳаёт, табиат ва ғояҳои эстетикӣ баҳри инкишофи хосиятҳои эҷодӣ дар соҳаҳои гуногуни санъат нигаронида шудааст. Тавассути дарки зебоӣ ва санъат хонандаи хурдсол дар шуури худ ғояҳои ҷамъияташро пайдо ва мустаҳкам карда, дар муносибат бо дигаразъзоёни ҷомеа аз роҳи лутфу меҳрубонӣ истифода менамояд.

Дарк намудани зебоӣ аз ҳодисаҳои равонӣ ба шумор рафта ба равандҳои психикии дар шахсиятгузаранда таъсири худро мерасонад.

Юнусов Й. тарбияи зебоипарастиро бо нафосат(покӣ) тавъам дониста, чунин меҳисобад: "Ба кори маҳфили ҳаваскорони санъат, клубу студияҳо, ташкили инсенировкаҳо ва аз рӯйи нақшҳо иҷрои асарҳои хурди саҳнавӣ, бозиҳои гуногуни миллӣ хонандагон ҷалб

карда шаванд, меҳру муҳаббаташон ба зебоӣ афзуда, худашон ҳам оянда дар офаридани зебоӣ ширкат меварзанд [5, 285].

Мусиқӣ зебоиҳои ҷаҳони ботинии инсонро ба таври ғайриоддӣ таҷассум намуда, ба нозуктарин торҳои эҳсосоти инсон таъсир мерасонад. Тавассути мусиқӣ дараҷаи ваҳимии фоҷеаҳо, хушбахтӣ, мадҳуш гардидан аз шодӣ, андӯҳу ваҷд, хашму ғазаб, дилсардӣ, ғам ва шавқ, меҳру муҳаббат ва ишқу самимиятро ки бо сухан ифода шуданашон ғайриимкон аст, ифода намудан мумкин аст, ки ин чунин дараҷаи имкониятро ягон соҳаи санъат надорад. Дар пардаи садоҳо инсон садои дили худро мешиносад, дурушттарин ва сахттарин ҷузъияти эҳсосашро ба ангеза меорад. Мусиқӣ, шунавандаи закитабъро ба ҳолати рӯҳии шахси мусиқиро эҷоднамуда ва навозанда интиқол дода, онҳоро рӯхан наздик месозад, ҳолатҳои равониро тавъам мегардонад.

Омӯзгори мусиқии синфҳои ибтидоӣ на танҳо дар барои таълим аз фанни худ балки барои дар кӯдак тарбия намудани эҳсоси зебоипарастӣ, маънавӣ, маданӣ, ва фарҳангӣ масъулият дорад. Худи раванди таълим низ як навъ эҷодкорона бояд ташкил карда шавад.

Нутқи муаллим бояд равон, ширину гуворо, шавқовар, дорои бадеият, бошад! Ба ӯ лозим аст раванди таълимро тарзе ташкил намояд, ки кӯдакон ба дарс бо шавқмандии бузург ҳозир шаванд, аз донишҳои нав ба даст овардаашон, малакаҳо, арзишҳои нав ҳосил намудаашон хурсандӣ ва мамнуният нишон дода, вокуниш нишон диҳанд, мустақилона фикрронӣ намудан, эҷодкорона ва бо эҳсосот ба одат табдил диҳанд.

Тарбияи эстетикиро дар мактаб дар раванди таълими ҳамаи фанҳо ташкил кардан мумкин аст, аммо фанҳои сикли эстетикӣ барои татбиқи ин ҳадафҳо бештар мувофиқанд, ки ба инҳо санъати тасвирӣ, адабиёт, санъати ва меҳнат ва мусиқӣ дохил мешаванд.

Эстетика илмест, ки зебоиро дар табиат, ҷамъият, истехсолоти моддӣ, маънавиёт, санъат, конуниятҳои рушди фаъолияти шуури эстетикӣ ва принсипхои умумии эҷодкориро аз рӯйи қонунҳои зебоипарастӣ, аз чумла қонунхои инкишоф ва фаъолият дар ҷамъияти инсониро ҳамчун шакли мушаххаси инъикоси воқеият меомӯзад.

Тарбияи эстетикӣ муносибати эмотсионалӣ ва меъёрҳои арзёбии шахсро ба воқеият муайян намуда, соҳаҳои гуногуни санъатро барои ифодаи мазмуни он ҷалб мекунад, яъне он бо роҳи ташкил кунонидани таъсиррасонии эстетикӣ ба ташаккули эътиқодот, амали бошуурона ва ташаккули шахсияти муташаккили ҷисман солим, ахлоқан пок мусоидат мекунад.

Фарҳанги эстетикӣ ин қобилияти дарк ва арзёбӣ намудани зебоиҳо дар ҳаёт ва санъат буда, ҳамзамон фаъолона эҷод намудан ва такмил донаи онро низ дар бар мегирад. Яке аз ҷузъиёти он муносибати эҷодкорона ба зебо гардонидани фаъолияти меҳнатӣ мебошад.

Ҳиссиёти эстетикӣ, дар одам дар ҷараёни тамоми ҳаёташ, дар рафти таҳсил, фаъолияти меҳнатӣ, иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ, саёҳат, варзиш, мутолиаи асархои бадеӣ, дидани кино ва ё барномаҳои театрӣ ба амал омада дар натиҷа тарбияи эстетикии одамон ҳосил мешавад, дар онҳо майлу хохиши офаридани чизҳои зебо, рафтор ва симои зебо, ташаккул меёбад.

Дар назди тарбияи еэстетикӣ як қатор вазифаҳо меистад.

Аввало вазифаи тарбияи эстетикӣ танхо дар шахсияти навташаккулёфтаистода инкишоф додани фарҳанги эстетикӣ мебошад. Яъне шавқу завқи эстетикии он, масири инкишоф, ғояҳои зебоипарастиро ташаккул додан мебошад.

Баъдан одамро вазифадор мекунад, ки барои зебой, иникоси эҷодкоронаи он дар фаъолияти меҳнатӣ ва самараи он, муносибатхои ҷамъиятӣ дар ҳаёти ҳаррӯза ба амалоянда мубориза барад.

Роҳҳои гуногуни татбиқи тарбияи эстетикӣ мавҷуд аст. Яке аз воситаҳои муҳимтарини тарбияи эстетикӣ ин ҳамаи намудҳои санъат ба шумор меравад. Бо воситаи он ба ақлу ирода ва эҳсоси ҳар як шахс таъсир расонидан мумкин аст. Бо воситаи санъат дар шахсияти ташаккулёфтаистода образ ва хусусиятҳои муайянро офаридан мумкин аст. Тарбияи эстетикӣ тавассути санъати мусикӣ дар дарси мусиқӣ ва суруд бо роҳи ҷалб намудани хонандагон ба ҷараёни эҷодиёти бадеӣ амалӣ карда мешавад, ки дарк ва азхудкунии зебоиҳои олами атроф ба он мусоидат менамояд.

Дар ин сурат мақсади дарсҳои суруд ва мусиқиро инкишоф додани ҳамаҷонибаи неруи эҷодии шахсии хонандаи хурдсол ва дар заминаи он ташаккул додани фарҳанги эстетикии ӯ, тафаккур ва фаъолияти маърифаи онҳоро некбинона ташаккул додан, ошкор сохтани неруи инкишофдиҳандаи мусиқӣ ва таъсири он ба шахсияти кӯдак, аз тарафи

хонандагон азхуд намудани забони мусиқӣ ташаккули маҳорати дарки мусиқӣ, алоқаи он бо дигар соҳаҳои санъатхои алоқаманд ба монанди адабиёт, рассомӣ, меъморӣ ва ғайраҳо мебошад. Ҳамчунин дарки моҳияти талаффуз дар мусиқӣ, драматургияи он ба воситаи шаклхои гуногуни мусикии ва навохтани асбоби мусиқӣ аз вазифаҳои умдаи дарсҳои мусиқӣ ба шумор мераванд .

Ҳадафҳои гузошташуда вазифаҳои дарси мусиқиро ҳамчун дарси санъат, дарси эҷодкорӣ муайян мекунанд:

- Инкишоф додани қобилияти ҳамфикрии эстетикӣ нисбат ба воқеияти атроф ва санъат ҳамчун қобилияти дарк намудани шакли махсуси иртиботи маънавӣ бо олами беруна ва ҳиссиёти инсон ва ҳаёлоташ. Ҳамфикрии эстетикӣ дар дарсҳои мусиқӣ ин раванди дарки якҷояи зебогиҳои санъат, ки бо мавзуи дарс алоқаманд аст, асоси фаъолияти мустақилона ва эҷодии хонандагон мебошад. Аз ин рӯ, тарбияи эстетикии фарҳангии кӯдак шарти муҳимтарини оптимизатсияи шахсияти аз ҷиҳати бадеӣ инкишофёфта мебошад.

- Татбиқи донишҳои бадеӣ аз ҷониби хонандагон тавассути фаъолияти эҷодиашон. Нақшофарӣ шакли дастрастарини худнамоишдиҳии самараноки хонандагони хурдсол буда, ба ташаккули шахсияти озод оварда мерасонад. Тарбия эҷодии кӯдак маънои ташаккули шахсияти инсондӯсти дорои тафаккури солимро лорад.

- Фаъолияти бозӣ дар нақшофари эвристикӣ нақши муҳим бозида метавонад.

Бозӣ яке аз пуртаъсиртарин воситаҳои инкишофдиҳии эстеикии хонандагони хурдсол ба шумор меравад, ки дар рафти он чунин раванди психологие ба монанди барангезиши илҳоми эҷодкорӣ ба амал меояд. Бозӣ дар дарсҳои мусиқӣ ду намуд мешавад: бозиҳои нақшофарӣ ва бозиҳои тақлидӣ. Дар бозиҳои нақшофарӣ натиҷаҳои тарбияи эстетикӣ бо воситаи такрор намудан ва воридшавии кӯдак ба образи қаҳрамон дар олами бадеии асар ба даст меояд. Дар ин намуди бозӣ ҷузъҳои зерин, ба монанди сюжет, нақш, тахайюлот муҳим ба шумор меравад. Тайёрӣ ба офариниши нақш аз таҳлили асарҳои мусиқӣ, адабӣ, рассомӣ, ки мазмуни фоҷие, мазҳака ва ё дигарро доранд оғоз мешавад, ки он ба хонандагони хурдсол имкон медихад, ки образи қаҳрамони асари бадеӣ ба пуррагӣ мустақилона дарк гардида, ҳар яке онро дар бозӣ ба таври худ комилан ҳис мекунанд.

Бо воситаи мусиқӣ болида гардонидани табъи хонандагони хурдсол ва бой гардонидани тасаввуротҳои эстетикии онҳо ниҳоят аҳамияти калон дорад.

Мисол тавассути бо оҳанг ичро намудани шеъри «Себаки хубонӣ»-и Алӣ Бобоҷон, ки дар зер меорем тасаввуроти хонандагони синфи дуюмро ба зебоиҳо фасли заррини тирамоҳ, сурхии себи хубонӣ, бӯй ва таъми он ҷалб намудан мумкин аст.

Эй себаки хубонӣ
Мисли моҳи тобонӣ.
Сурху сафед рӯякат,
Аҷаб форам бӯякат.
Таъмат чун қанду асал,
Давои дарду касал.
Азизи аз бароям,
Ёдгорӣ аз бобоям.

Вале таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки аксари муаллимони синфҳои ибтидоӣ аз надоштани саводи мусиқӣ ва қобилияти мусиқинавозӣ ин дарсҳоро сарсарӣ ва дар сатҳи паст ва ё ба ҷойи онҳо забони модарӣ, риёзӣ ва дигар фанҳоро мегузаранд, ки ин хеле ташвишовар аст. Ин ҳолат кӯдаконро ноумед сохта, шавқмандиашонро паст мегардонад.

Аз мавқеи равоншиносӣ дар синну соли хурди таҳсилот эҳсоси биноӣ, шунавоӣ ва тақлиднамоии кӯдакон хеле неруманд буда дар ташаккулёбии сифатҳои шахсияташон таъсиргузор мебошад.

Эҷод намудани вазъияти тахайюлӣ ҳангоми ташкил намудани бозӣ боиси муваффақона гузаштани тарбияи эстетикӣ гардида ба он талаффузи дуруст ва ифоданоки мусиқӣ ва калимаҳо, истифодаи рангхои равшан дар ороиши саҳна масалан, образҳои гулҳо, дарахтон, некию бадӣ, ғаму шодӣ ва ғ. ёрӣ мерасонанд.

Ҳамчунин ба бозиҳои амсиласозӣ, яъне эҷоди вазъи проблемавӣ дигар шаклу ҳолатҳои бозиро дохил менамоянд:

- Хонандагон ҳалқавор саф кашида мавзуеро интихоб менамоянд. Кӯдаки якум дар занҷир мисраи аввалро эҷод намуда месарояд, дуюмӣ онро идома медиҳад ва то охири ин

силсила эҷоди шеърро ба анҷом мерасонанд. Сипас оҳанг эҷод намуда онро бо ҳамин шакл бо мусиқӣ месароянд. Дар дохили ин ҳалқа ташкили рақс низ ба мақсад мувофиқ аст.

- Иҷрои саҳначаи як қисмат аз афсонаҳои мусиқавӣ. Сюжети афсонаи мусиқавӣ пешниҳод мешавад ва аз он як ҷузъи мушаххас интихоб карда шуда бачагон онро дар саҳнаи синфи худашон бозӣ мекунанд.

- Таҳия ва муаррифии лоиҳаҳои мусиқӣ дар жанри афсонавӣ: хонандагони хурдсол садои асбоби мусиқиро бо садои кадом ҳайвоне ва шаклашонро бо шакли ҳайвон ё растание муқоиса ва монанд карда аз таърихи асбоби мусиқӣ маълумот меоранд ва кӯшиш мекунанд, ки дурустии фикрашонро исбот кунанд.

- Шинохтани матни суруд ва муаллифу иҷрокунандаи он аз рӯи ритм.

Фаъол гардонидани қобилияти хулосабарорӣ ва ҷамъбастнамоии бадеии фикру хаёлот ва донишҳои навба дастовардашуда ҳамчун заминаи асосии дарки ҳамаҷонибаи соҳаҳои гуногуни санъат ва ташаккулу инкишоф додани сифатҳои ҳамгиронамоии идрок ва малакаҳо барои инъикоси таъсири санъат ба ташаккули шахсият низ аз вазифаю ҳадафҳои дарсҳои суруд ва мусиқӣ ба шумор мераад.

Дарки робитаҳои дохилии намудҳои гуногуни эҷодкорӣ, оптимизатсияи тафаккури хайёлӣ, ҳамчун шароити дарки бадеии ҷаҳон дарки гуногунии эстетикии муҳитро ташаккул дода онро бо воқеият, ҷустуҷӯйи роҳу воситаҳои нави фавқулоддаи ҳалли мушкилиҳои ҳаётӣ водор мекунад.

Ба неруи эҷодии хонандагони хурдсол такя намуда, сатҳи тарбияи эстетикии онҳоро ба таври назаррас баланд бардоштан мумкин аст. Дар рафти эҷоди мусиқӣ, ки аз воситаҳои муҳими тарбияи эстетикӣ ба шумор меравад имкониятҳо фарохтар гардида, дар дили кӯдакон эҳсосоти гуногун, ба монанди фараҳмандӣ аз масъулияти баланди инсонӣ ва ватандӯстиро бедор бедор намудан мумкин аст. Эҷоди мусиқӣ ба ташакулёбии идеалҳо кӯмак намуда ба инкишофи рафтори эстетикии кӯдакон таъсири мусбат мерасонад. Эҷоди мусиқӣ ва суруд дар тарбияи эстетикии кӯдакон таъсири калон мерасонад, бинобар ин дар Роҳнамои фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъкид гардидааст: «ҳадафи асосии дарсҳои мусиқӣ ташаккули ақлу хиради баланд, тарбияи ахлоқи ҳамида, виҷдони пок, инсони ғамхору накӯкор, ватандӯсту сулҳҳоҳ, далеру бебок, ҷавонмарду шикебо» мебошад[1].

Ташкил намудани фаъолияти эҷодӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ алоқамандии соҳаҳои гуногуни санъатро бо ҷаҳони беруна ошкор намуда бояд тамоми дарсро аз аввал то ба охир дар бар гирад. Он аз як тараф бо мисолҳои ҳаётӣ ба таассуроти хонандагон таъсир мекунанд, аз тарафи дигар бо асарҳои бадеӣ образхо, ҳодисаю воқеаҳоро ба талабагон шинос мекунад.

Ин гуна супоришҳо тафаккури мантиқиро дар кӯдакон ташаккул ва инкишоф дода, маҳорат ва малакаҳои хулосабарории бадеиро инкишоф дода, қобилиятҳои эчодии хаётии онро ташаккул медиҳанд.

Барои самаранок татбиқ гардонидани ин гуфтаҳо аз роҳу воситаҳои зеррин истифода бурдан лозим мешавад.

1. Тавсифу тасвир намудани мазмуни матнҳои мусиқӣ дар шакли шифоҳӣ, наққошӣ (кашидани рӯҳияи умумии асар), ва хаттӣ .

Ва ё аз рӯйи характер ва суръати мусиқии пешниҳодшуда иҷро намудани харакатҳои мувофиқе, ки мазмун ва маънии онро ифода менамояд.

2. Моделсозии рангаи мусиқӣ. Мусиқиро шунида аз палитраи рангҳои пешниҳодшуда композицияи рангӣ сохтан дозим аст.

3. Моделсозии графикии мусиқӣ - ҳангоми навохтани ва ё шунидани порчаи мусиқӣ хонандагони хурдсол вобаста ба пасту баландшавии ритмҳои он бо қаламҳои ранга дар рӯи коғаз графики онро тасвир мекунанд.

4. Тасвирӣ шифоҳӣ (қаҳрамони асари мусиқиро бо таври шифоҳӣ тавсиф намуда нутқ, қиёфа ва мимикаи худро ба он монанд намудан). Он тасаввурот, нутқ, ва тафаккури мантиқӣ-бадеиро инкишоф медиҳад.

5. Тавсифи расми мусиқӣ, ин қобилияти тавсиф кардани шакл ва намуди зоҳирии персонажҳо ва қаҳрамонони аср, ҳолати эҳсосотии ӯ бо ёрии садоҳои мусиқӣ мебошад. Мисол бо воситаи асбобхои мусиқии дастрас садои ҳаракати автомашина, асп, парвоз ва садои оруи асал, садои паррандаҳо, чакидани чакраҳои боронро тасвир кунед.

Барои тарбияи эстеткии хонандагони хурдсол имконият ва роҳу воситаҳои фаровоне мавҷуд аст. Инҳо шаклҳои гуногуни эҷодии лоиҳавии дарсҳо ба монанди дарс - экскурсия, дарс - бозӣ, дарс - саёҳат, ташкили мағозаи мусиқӣ, дарс - консерт, дарс - эфир (радио), дарс - нишасти матбуотӣ, дарс - тадқиқот, дарс - конференцияи илмию амалӣ, машғулият - муаммоёбӣ мебошад.

Дар раванди ин фаъолиятҳое, ки ба ташаккули сифатҳои эстетикии хонандагони хурдсол нигаронида шудааст, бояд майлу хохиши хонандагонро ба фаъолияти мустакилона, ба амиқу возеҳ намудани донишҳои худ, васеъ намудани ҷаҳонбиниашон ба ангезиш оварда шаванд. Дар тӯли ҳар як соли хониш бояд ҳар як бача имконият пайдо кунад, ки нақши ғайримукаррариеро барои шинос намудани дигарон бо зебоиҳои диёр бозида тавонад ва мақомеро дар ин ҷода соҳиб шавад. Бинобар ин, гузарондани чунин машғулиятҳои характери эҷодидошта хеле самаранок аст.

Ташаккули фарҳанги эстетикии кӯдак тавассути мусиқӣ бояд ҳадафи асосии дарс бошад ва мазмуни дарс ба ин ҳадафҳо мутобиқ гардонида шавад. Аммо ба арзиши бузурги эстетикии мусиқӣ диққат дода вазифаҳои фаромӯш карда, тамоми аҳамияти онро танҳо ба нақши тарбиявӣ, маърифатӣ ва инкишофдиҳии онро набояд маҳдуд кард.

Хулоса муаллимони синфҳои ибтидоиро зарур аст, ки дар дарсҳои мусиқӣ иштирок намуда, бо муаллимони фани мусиқӣ ҳамкорӣ намуда ҳангоми банақшагирии корҳои беруназсинфӣ роҷеъ ба дарки моҳияти мусиқӣ дар ҳаёти инсон, суннатҳои мусиқавии бобоӣ ва ҷашну маросимҳои анъанавии ниёгон, баланд бардоштани шавқмандии хонандагон ба дарки зебоӣ ва ғайра бояд бо онҳо маслиҳат намуда чорабиниҳо ташкил кунанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Алиев А. /А. Алиев. С. Сатторов, Ш. Абдураҳмонова. Роҳнамои фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1-ум барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, «Маориф», 2016. 72 саҳ
2. Маҷидова Бибиҳафиза. Педагогикаи томактабӣ.Қисми 1.-Душанбе, 2011.
3. Нуров А. Методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ – Душанбе: 2021.-222с.
4. Раҳимов Х., Нуров А., Педагогика – Душанбе, «Ирфон», 2011, 520 с.
5. Харламов, Педагогика, D:\эл.книги\1111\76565\Эдектронные книги\ПЕДАГОГИКА C:\Program Files\MS Word 97\Normal.dot
6. Юнусов Й. Педагогика: Китоби дарсӣ барои коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои педагогӣ / Зери назари Обидов И.О. Муҳар. масъул Сулаймонӣ С.-Душанбе: Ирфон, 2005. - 380 с. 285

## ТАРБИЯИ ЗЕБОИПАРАСТӢ ДАР ДАРСҲОИ МУСИҚӢ, ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Тарбияи эстетикӣ аз ҷиҳати моҳияти худ ба ташаккули қобилияти хонандагони хурдсол барои дарки зебоии санъат, ҳаёт, табиат ва ақидаҳои эстетикӣ барои инкишоф додани хислатҳои эҷодӣ дар соҳаҳои гуногуни санъат нигаронида шудааст. Мактаббачаи хурдсол ба воситаи дарки зебоӣ ва санъат дар шуури худ идеяҳои эстетикии ҷамъиятиро дарёфт ва мустаҳкам намуда, дар муносибат бо дигар аъзоёни ҷамъият ва биосфера аз роҳи лутфу марҳамат истифода мебарад.

**Ҳадафи мақола:** муайян кардани воситаҳо ва роҳҳои ташаккули ҳиссиёти эстетикӣ дар инсон дар тӯли ҳаёт, дар раванди таълим, меҳнат, иҷрои вазифаҳои ҷамъиятӣ, сафар, варзиш, мутолиаи асарҳои бадеӣ, тамошои филмҳо ё барномаҳои театрӣ, ки дар натиҷа тарбияи эстетикии одамон ташаккул меёбад.

***Калидвожаҳо:*** *тарбия, таълим, эстетика, тарбияи мусиқӣ, тарбияи эстетикӣ, мактаби ибтидоӣ, кӯдак, хонандаи синфҳои ибтидоӣ.*

## ЭСТЕТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ НА УРОКАХ МУЗЫКИ

Эстетическое воспитание по своей сути направлено на развитие у младших школьников способности к пониманию красоты искусства, жизни, природы и эстетических идей с целью развития творческих свойств в различных областях искусства. Через восприятие красоты и искусства младший школьник находит и укрепляет в своем сознании общественных эстетических идей, использует путь изящества и доброты в своих отношениях с другими членами общества и биосферы.

**Цель статьи**: выявления средств и способы формирования эстетических чувств у человека на протяжении всей его жизни, в процессе обучения, труда, выполнения общественных обязанностей, путешествий, занятий спортом, чтения художественных произведений, просмотра фильмов или театральных программ, и в результате формируется эстетическое воспитание людей, в из них формируется желание и желание создавать красивые вещи, поведение и красивый образ.

***Ключевые слова:*** *Образования, воспитания, эстетика, музыкальная воспитания, эстеическое воспитание, начальная школа, ребёнок, младщий школьник.*

**AESTHETIC EDUCATION IN PRIMARY SCHOOL AND MUSIC LESSONS**

Aesthetic education, in its essence, is aimed at developing the ability of younger students to understand the beauty of art, life, nature and aesthetic ideas in order to develop creative properties in various fields of art. Through the perception of beauty and art, the junior schoolchild finds and strengthens social aesthetic ideas in his mind, uses the path of grace and kindness in his relations with other members of society and the biosphere.

**The purpose of the article:** to identify the means and ways of forming aesthetic feelings in a person throughout his life, in the process of learning, work, performing public duties, traveling, playing sports, reading works of art, watching films or theater programs, and as a result, aesthetic education of people is formed. , they form the desire and desire to create beautiful things, behavior and a beautiful image.

***Key words****: Education, upbringing, aesthetics, musical education, aesthetic education, elementary school, child, primary school student.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Маҷидов Умедҷон Маҳмадалиевич, муаллими калони кафедраи назария ва методикаи таълими мусиқӣ ва санъат, +992 554449652

**Сведения об авторе***: Маджидов Умеджон Махмадалиевич, старшый преподаватель кафедры Теория и методика музыкального воспитания и искуства, +992 554449652*

**Information about the author***: Majidov Umedjon Mahmadalievich, Senior Lecturer of the Department of Theory and Methods of Musical Education and Art, +992554449652*

**РАҶАБОВ Н.М.**
**МИРЗОШАРИПОВА Р.**

# МАШВАРАТИ ПСИХОЛОГӢ ҲАМЧУН САМТИ ФАЪОЛИЯТИ ПСИХОЛОГИ МАКТАБ: ҲАДАФ, ВАЗИФА ВА ПРИНСИПҲОИ АСОСӢ

Машварати психологӣ – ин татбиқи амалии донишҳои психологӣ дар ҳалли мушкилоти рӯзмарра мебошад, ки тавассути ҳамкории мутахассис-психолог бо мизоҷ амалӣ гардонида мешавад.

Машварати психологӣ дар баробари ташхиси психологӣ ваислоҳнамоии психологӣ яке аз самтҳои асосии амалияи психологӣ ба шумор рафта, ҳамзамон унсурҳои ду самти дигари зикршударо низ дар худ дорад, яъне дар раванди машварати психологӣ қисман унсурҳои ташхис ва ислоҳнамоии психологӣ низ амалӣ мегарданд.

Машварати психологӣ соҳаи нисбатан нави психологияи амалӣ ба шумор рафта, аслан аз психотерапия ҷудо шудааст. Таърихи пайдоиши онро ба соли 1951 мувафиқ медонанд. Чунин таърихи кӯтоҳи рушд имкон надодааст, ки машварати психологӣ ҳамчун соҳаи илм масъалаҳои методологии худро аз қабили мақсад, вазифа ва псинсипҳо дақиқ созад, аммо бо вуҷуди ин он дар самти амалӣ бо суръат тараққӣ карда, ҳам аз ҷониби мутахассисон ва ҳам аз ҷониби ниёзмандони он ҳамаҷониба дастирӣ ёфта истодааст. Ин намуди хадамоти психологӣ дар мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон ба таври васеъ истифода бурда мешавад ва татбиқи он аҳамияту зарурати худро собит намудааст.

Дар Тоҷикистон аввалин адабиёт доир ба машварати психологӣ дар зери таъсири психологияи шӯравӣ дар солҳои 80-уми асри XX пайдо гаштанд, аммо амалан ин намуди хадамоти касбии психологӣ дар ҷумҳурии мо тули ду даҳсолаи охир рушд кардааст. Айни замон дар кишвари мо низ талабот ба мутахассисон ва фаъолияти ин намуди хадамоти иҷтимоӣ вуҷуд дорад. Аммо бо вуҷуди ин машварати касбии психологӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз ба ягон муваффақияти назаррас ноил нагардидааст.

Машваратдиҳӣ як самти фаъолияти равоншиноси мактаб мебошад, ки дар он як мутахассис ба каси дигар барои ҳалли мушкилоти вуҷуддошта, одатан хонанда кӯмак мекунад. Машваратдиҳии муассир фаҳмиши муносибатҳои байни машваратдиҳанда, қабулкунандаи машварат ва хонанда ё хонандагони мавриди назарро талаб мекунад. Бисёр моделҳои гуногуни машварат низ мавҷуданд ва ёфтани модели мувофиқ барои шумо муҳим аст. Бисёр моделҳои машваратдиҳӣ дар доираи адабиёти соҳа тавсиф шудаанд ва дар байни онҳо баъзе аз моделҳои асосӣ машваратдиҳии солимии равонӣ, машваратдиҳии рафторӣ (форматҳои мустақим, ғайримустақим ва якҷоя) ва машваратдиҳии рушди ташкилиро дар бар мегиранд. Бо вуҷуди тафовутҳои мухталифе, ки дар моделҳои машваратдиҳӣ қайд карда шуданд, ҳамаи онҳо таҷрибаи машваратдиҳандаро дар ҳалли мушкилот дар доираи муносибатҳои сегона таъкид мекунанд, ки дар шароити мактабӣ ин машваратчӣ (масалан,

психологи мактаб ё дигар мутахассиси дорои таҷрибаи ҳалли мушкилот), қабулкунандаи машварат (масалан , омӯзгор ва/ё волидайн) ва мизоҷро дар бар мегирад.

Одатан хонанда ба равоншиноси мактаб оид ба мушкилоти эмотсионалӣ, иҷтимоӣ, тарбиявӣ ё дигар мушкилоте муроҷиат мекунад, ки ба ҳаёти мактабӣ ва қобилияти таълимии ӯ халал мерасонанд. Психологи мактаб пас аз он метавонад тасмим гирад, ки дар як қатор машғулиятҳо ба хонанда машварат диҳад ва дар давоми он ӯ барои дастгирии хонанда барои бартараф ё ҳалли мушкилот кӯшиш мекунад [5. с. 119].

Психолог - машваратчӣ назарияҳо ва моделҳои рушди инсонро барои асосноккунии амалияи худ истифода мебарад. Бо дониш ва таваҷҷуҳ ба рушди муқаррарӣ, машваратчӣ метавонад зиндагии онҳоеро, ки хизматрасонӣ мекунанд, тавассути кӯмак ба омӯзгорон, волидон ва дигарон беҳтар намуда, муҳити мусоиди  рушдро ба миён оранд. Ғайр аз ин равоншиносон метавонанд ба шахсони алоҳида малакаҳои ҳалли мушкилоти ҳаррӯзаро омӯзонанд. Масалан, равоншинос – маслиҳатгар  дар шароити мактаби миёна метавонанд барномаҳои омӯзиширо барои баланд бардоштани малакаҳои омӯзишӣ таҳия кунад ё семинарҳоро оид ба интихоби касб ва рушди хонандагон созмон диҳад ва ҳардуи онҳо масъалаҳоеанд, ки аз ҷиҳати инкишоф барои ҷавонон мувофиқ мебошанд. Ин тадбирҳо ба ҷойи он, ки норасоиҳои рафторро ислоҳ кунанд, малака ва рушди шахсии хонандагонро тақвият медиҳанд.

**Машваратдиҳӣ** ин як муносибати мустақими кумакест, ки дар он мизоҷ фаъолона дар пайи тағйирот аст. Барои ин муносибатҳо одатан эҳсоси амиқ хос аст. Машваратдиҳии бомуваффақият инчунин муносибати хуби байни мутахассис ва дигар калонсолонро талаб мекунад (масалан, волидайн, омӯзгор), ки бо хонандаи мақсаднок кор мекунад; аммо, муносибат он қадар аз ҷиҳати психологӣ наздик нест ва хизматрасониҳо бавосита пешниҳод карда мешаванд. Машварати солимии равонӣ метавонад ба омӯзгори синф малакаҳои зарурӣ барои кор бо хонандаи дорои мушкилоти изтироб ва интизомро фароҳам орад, аммо мустақиман бо хонанда кор намекунад. [2. с. 28].

Машваратро психологи ҳирфаии мактабӣ, ки одатан аз тренинг/таҳсилоти иловагӣ оиди машаваратдиҳӣ гузаштааст, дода метавонад. Зиёда аз 400 назарияи машваратдиҳӣ мавҷуд аст ва машваратдиҳанда бояд яке аз онҳоро омӯзад. Машваратдиҳиро хизматрасониҳои ёрирасони ХПМ иҷро карда наметавонанд. Хадамоти психологӣ дар системаи маориф дар мамлакати мо хеле босуръат рушд карда истодааст ва айни замон як бахши махсуси  психологияи амали ба ҳисоб меравад. Ҳадафи хадамоти психологӣ дар муассисаи таълимӣ ин таъмини солимии равонӣ **бо субъектҳои раванди таълим (хонандагон, волидон, омӯзгорон)** мебошад [2. с. 33].

Воситаи асосии ноил шудан ба ин ҳадаф фароҳам овардан ва риояи шароити психологӣ мебошад, ки рушди пурраи психологӣ **субъектҳои раванди таълим (хонандагон, волидон, омӯзгорон) таъмин менамояд**. Вайрон кардани ин шартҳо ба татбиқи саривақтии имкониятҳои синну сол ва фардияти хонандагон ва омӯзгорон халал мерасонад, ки ин ба бад шудани вазъи солимии психологии онҳо оварда мерасонад ва аз онҳо корбурди ислоҳӣ ё махсус таҳияшударо тақозо мекунад.

Машварати психологӣ, яке аз самтҳои кори хадамоти психологии муассисаи таълимӣ ба ҳисоб меравад. Машварати психологӣ ин расонидани кӯмак ба хонандагон, волидони онҳо (намояндагони қонунӣ), муаллимон ва дигар иштирокчиёни раванди таълим ва  тарбия мебошад.  Самаранокии тамоми кори психолог асосан аз он муайян карда мешавад, ки ӯ то чӣ андоза бо муаллимон, волидон ва маъмурияти мактаб дар ҳалли масъалаҳои таълим ва тарбияи мактаббачагон ҳамкории созанда ба роҳ мондааст. Дар таҷрибаи машваратии худ, психологи мактаб метавонад принсипҳои машваратро дар самтҳои гуногуни психологӣ татбиқ кунад. Ҳангоми кор бо хонандагоне, ки шахсияташон дар марҳилаи ташаккулёбии ҳастанд, бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ шарти ивазнашавандаи кори машварати психолог дар мактаб мебошад.

Умуман, вазифаи машварати психологӣ  чораёни инкишофи психологии кӯдак, муносибати омӯзгорону волидон ва маъмурияти муассисаи таълимӣ дар асоси ғояҳо дар бораи мундариҷаи меъёрӣ ва даврии синнусолии ин раванд мебошад.

1. Мавқеъгирии волидон, муаллимон ва дигар ашхоси ба таҳсил ҷалбшуда, ба синну сол ва хусусиятҳои рушди ақлии кӯдак.
2. Муайян кардани саривақтии зинаи ибтидоии кӯдакони дорои каҷравиҳо ва ихтилоли равонӣ ва фиристодани онҳо ба машваратҳои психологӣ, тиббӣ ва омӯзгорӣ.

3. Пешгирии мушкилоти психологии дуюмдараҷа дар кӯдакони дорои саломатии заифи соматикӣ ё нейропсихиатрӣ, тавсияҳо оид ба психогигиена ва психопрофилактика (дар якҷоягӣ бо психологҳо ва табибони кӯдакона).

4. Таҳияи тавсияҳо (дар якҷоягӣ бо психолог ва омӯзгорон) оид баислоҳи психологӣ ва педагогии мушкилоти таҳсил дар мактаб барои муаллимон, волидон ва дигарон.

5. Таҳияи тавсияҳо (дар якҷоягӣ бо мутахассисони психотерапияи оилавӣ) оид ба тарбияи фарзанд дар оила.

Кори ислоҳӣ ба таври инфиродӣ ва / ё гурӯҳҳои махсус бо машварати кӯдакон ва волидон. [1. с. 19].

Журнали бақайдгирӣ дар машварати психологӣ бояд чунин шакл ва сохтро дошта бошад:

| № | Ном ва насаби муроҷиаткунанда | Рӯзи гузаронидани машварати психологӣ | Вақти гузаронидани машварати психологӣ | Ном ва насаби машваратчӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

Шакли намунавии варақаи шахсии муроҷиаткунанда чунин аст:

| № | Ном ва насаби муроҷиатк унанда | Ҷинс | Синн у сол | Сабаби мурочиат, мушкилоти мурочиат-кунанда | Кӣ ва кай машварат-ро гузаронд | Хулосаи машваратчӣ оид ба мушкилоти муроҷиат-кунанда | Тавсияҳо ба муроҷиат-кунанда | Натиҷаи иҷрои тавсия-ҳои психо-логӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |

Калимаи "принсип" маънои мавқеи асосӣ, ибтидоии ҳама гуна назария, таълимот, қоидаи асосии амалро дорад. Ҳама касбҳо принсипҳо ва талаботи худро доранд. Ю.Е. Алешина ва дигар психологон дар машварати психологӣ принсипҳои зеринро муайян кардаанд: [1. с. 59].

1. *Эҳтироми шахсияти мизоҷ.* Эҳтиром ва муносибати хуб ва ҳассос ба мизоҷ имконият медиҳад, ки мо ӯро хуб гуш карда ва фаҳмида тавонем. Эҳтиром ин фазоест, ки мизоҷ дар асоси мавҷудияти он метавонад ба психолог машваратчӣ бовар намояд. Беэҳтиромӣ яке аз мушкилтарин татбиқи принсипҳост ва муносибати на он қадар хубро ба далелҳои гузоштагшуда пешбинӣ мекунад. Машваратчӣ набояд муносибати ҳукмкунанда ва хусумати шахсӣ нисбати ягон ҷанбаи рафтори мизоҷ нишон диҳад.

2. *Мавқеъгирӣ ба меъёрҳо ва арзишҳои муштарӣ.* Машваратчӣ набояд системаи арзишии худро дар соҳаи машваратӣ ҷорӣ кунад ва инчунин самтҳои арзиши мизоҷро зери шубҳа гузорад. Барои машваратчӣ муҳим аст, ки дар ҷараёни машварат муайян кунад, ки ин ё он ҳодиса барои муштарӣ чӣ маъно дорад. Ин принсип маънои онро дорад, ки психолог дар давоми кори худ на ба меъёрҳо ва қоидаҳои аз ҷониби ҷомеа пазируфташуда ва на ба он меъёрҳо ва арзишҳое, ки шахсан барои ӯ ҷолибанд, балки ба он принсипҳо ва идеалҳои ҳаётӣ, ки интиқолдиҳанда мизоҷ мебошад, диққат медиҳад.

3. *Муносибати эҳтиёткорона ба тавсияҳо.* Масъулият барои ҳаёти каси дигарро машваратчӣ ба ӯҳда гирифта наметавонад; тавсияи ӯ барои мизоҷони гуногун шакли иҷрои гуногунро дорад. Тавсия метавонад саривақтӣ ва мувофиқ бошад. Ба шахси дигар тавсияи кафолатнок додан ғайриимкон аст, зеро ҳаёти ҳама беназир ва пешгӯинашаванда аст. Ҳама гуна нокомии иҷрои ин тавсия одатан барои машваратчӣ боиси паст гардидани обу рӯ ва шаъну шарафи ӯ мегардад.

4. *Махфият.* Раванди кор бо хонандагон, омӯзгорон ва волидон ва ҳама гуна маълумоти ба онҳо дахлдошта рамзгузорӣ карда шуда, махфӣ нигоҳ дошта мешавад. Дар ҳолати зарурат танҳо бо розигии худи мизоҷ ва ё намояндаи қонунии ӯ маълумотро паҳн намудан ва ё ба ҷойи дахлдор равона намудан мумкин аст (ба истиснои ҳолатҳои дар қонунгузории ҶТ пешбинишуда).

5. *Маҳрамият.* Кори амалӣ бо хонандагон, омӯзгорон ва ва волидон (мизоҷон) ба таври инфиродӣ ва ё гуруҳӣ ташкил карда шуда, дар раванди он танҳо мутахассис-психолог ва хонанда (мизоҷ), ё хонандагон (мизоҷон) ва дар ҳолати зарурат намояндаи қонунии онҳо иштирок менамоянд. Ҳамагуна гӯшкунӣ ва сабт бидуни розигии худи мизоҷ манъ аст.

6. *Нарасонидани зарар.* Дар ҳолати мавҷудияти эҳтимолияти хатар ба саломатӣ, обрӯ ё раванди инкишофи шахсияти мизоҷ мутахассис кори худро бо мизоҷ қатъ менамояд ва ё мақсаднок тағйир медиҳад. Ин принсип ба психолог масъулияти амалҳои минбаъдаи мизоҷро хотиррасон мекунад.

7. *Масъулият.* Психолог ба дурустии натиҷаи ташхиси психологӣ, методу воситаҳои ташхисӣ, ташаккулдиҳанда, ислоҳкунандаю пешгирикунанда ва пешниҳодҳои додашуда, инчунин, нигоҳдории протоколҳои таҳқиқот, ҳуҷатҳо ва ҷо ба ҷо намудани онҳо бо тартиби қабулшуда масъул мебошад.

8. *Фарқи муносибатҳои шахсӣ ва касбӣ.* Бо мизоҷ берун аз машварат робита доштан тавсия дода намешавад. Машваратчӣ набояд аз мизоҷ истифода намояд ва бо мушкилоти ӯ кор кунад, то ниёзҳои шахсии худро қонеъ созад. Инчунин, ба машваратчӣ тавсия дода намешавад, ки бо хешовандон, дӯстон ва шиносонаш машварат кунад, зеро хавфи ғаразнок дарк кардани мушкилоти "мизоҷ" вуҷуд дорад, бинобар он, машваратчӣ метавонад нисбат ба мушкилоти мавҷуда назари худро дошта бошад , яъне ӯ дигар наметавонад дар робита ба мизоҷ мавқеи ғайриманқулро нигоҳ дорад.

9. *Арзёбии натиҷаҳо.* Мутахассис дар асоси нақшаи корӣ ва барномаи инфиродии кор бо хонанда (мизоҷ) раванди иҷрошавии корҳои амалӣ ва тавсияҳоро назорат намояд [4. с. 46].

Ҳаёти инсон ниҳоят мураккаб ва пур аз муаммост. Албатта ҳар як муаммо низ ҳалли худро дорад, вале баъзан бо сабаби хастаҳолӣ, парешонии диққат, ҳаяҷон ва ҳолатҳои дигари монеашаванда фард мушкилоти пешомадаро мустақилона ҳал карда наметавонад ва ё дар зери таъсири кибру ғурур ва ғазаб ӯ худ имкониятҳои мавҷудбударо сарфи назар мекунад, дар натиҷа ҳалли баъзе аз ин муаммоҳо тул кашида, лаҳзаи муайяни умри инсон ва миқдори муайяни кувваеро, ки метавонист ба кори манфиатоваре сарф гардад, зоеъ менамояд. Ҳолатҳои равонии монеашаванда одатан аз худи мушкилот сар мезананд ва боз худ монеаи ҳалли он мегарданд. Ҳамин тавр мушкилоти пешомада ба муаммои сарбаста табдил меёбад, ки роҳҳои баромад аз он ба назари худи фард нопайдост. Дар чунин лаҳзаҳои мушкил фард ба кумаки беғаразонаи мушовире ниёз дорад, ки ба муаммо аз мавқеи дигар нигариста тавонад. Кист он нафар? Албатта касе, ки ҳолати рӯҳии шахсро дарк карда бо ӯ ҳамҳис шуда метавонад, таҷрибаи кор бо мушкилоти шахсию байнишахсӣ дорад, аз асосҳои назариявии бурдани машварат бохабар аст, дар ҳолати зарурӣ махуфияти масъаларо таъмин када метавонад ва малакаҳои хуби муоширатӣ дорад. Хусусиятҳои номбаркардашуда ҳама сифатҳои идеалии психолог-машваратчӣ ба шумор мераванд. Машваратчӣ бо доштани ин сифатҳо мутахассисе мебошад, ки идеяҳои психологиро дар амал татбиқ месозад.

## АДАБИЁТ:


1. Алешина Ю.Е., Данилин К.Е., Дубовская Е.М. Спецпрактикум по социальной психологии: опрос, семейное и индивидуальное консультирование. М., 1989.
2. Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат 1. Муқаддимаи соҳаи хадамоти психологӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва кори психологи мактаб. Душанбе – 2021.
3. Кочюнас Р. Психологическое консультирование. Групповая психотерапия. - М.: Академический Проект, 2002. - 464 с.
4. Кумаки психологию иҷтимоӣ ба наврасони дорои майл ба рафтори суитсидӣ. Нозим Оғозода, доктори илми тиб ЮНИСЕФ, Тоҷикистон. Душанбе – 2018.
5. Мастерство психологического консультирования. Под ред. А.А. Бадхена, А.М. Родиной. – СПб.: Речь, 2010 – 229 с.
6. Машварати психологӣ: таҳлили вазъиятҳо ва тавсияҳо. Давлатов М., Ёраҳмадов А.С. Дастури таълимӣ-методӣ барои донишҷӯёни ихтисоси психология. Душанбе – 2019.
7. Рабочая книга школьного психолога / под ред. И. В. Дубровиной. М., 1991.
8. Хухлаева О.В. Основы психологического консультирования и психологической коррекции. - М.: Изд. центр «Академия», 2006
9. Черепанова Е. М. Психологический стресс: Помоги себе и ребенку Книга для школьных психологов, ... М.: Издательский центр «Академия», 1997. 96с.
10. Шеховцова Л. Ф. Консультирование в школе. СПб., 2003.

## МАШВАРАТИ ПСИХОЛОГӢ ҲАМЧУН САМТИ ФАЪОЛИЯТИ ПСИХОЛОГИ МАКТАБ: ҲАДАФ, ВАЗИФА ВА ПРИНСИПҲОИ АСОСӢ

Машварати психологӣ дар баробари ташхиси психологӣ ва ислоҳнамоии психологӣ яке аз самтҳои асосии амалияи психологӣ ба шумор рафта, ҳамзамон унсурҳои ду самти дигари зикршударо низ дар худ дорад, яъне дар раванди машварати психологӣ қисман унсурҳои ташхис ва ислоҳнамоии психологӣ низ амалӣ мегарданд. Дар Тоҷикистон аввалин адабиёт доир ба машварати психологӣ дар зери таъсири психологияи шӯравӣ дар солҳои 80-уми асри XX пайдо гаштанд, аммо амалан ин намуди хадамоти касбии психологӣ дар ҷумҳурии мо тули ду даҳсолаи охир рушд кардааст. Айни замон дар кишвари мо низ талабот ба мутахассисон ва фаъолияти ин намуди хадамоти иҷтимоӣ вуҷуд дорад. Аммо бо вуҷуди ин машварати касбии психологӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз ба ягон муваффақияти назаррас ноил нагардидааст.

Машваратдиҳӣ як самти фаъолияти психологи мактаб мебошад, ки дар он як мутахассис ба каси дигар барои ҳалли мушкилоти вуҷуддошта, одатан хонанда кӯмак мекунад. Машваратдиҳии муассир фаҳмиши муносибатҳои байни машваратдиҳанда, қабулкунандаи машварат ва хонанда ё хонандагони мавриди назарро талаб мекунад. Машварати психологӣ ин расонидани кӯмак ба хонандагон, волидони онҳо (намояндагони қонунӣ), муаллимон ва дигар иштирокчиёни раванди таълим ва тарбия мебошад. Самаранокии тамоми кори психолог асосан аз он муайян карда мешавад, ки ӯ то чӣ андоза бо муаллимон, волидон ва маъмурияти мактаб дар ҳалли масъалаҳои таълим ва тарбияи мактаббачагон ҳамкории созанда ба роҳ мондааст. Дар таҷрибаи машваратии худ, психологи мактаб метавонад принсипҳои машваратро дар самтҳои гуногуни психологӣ татбиқ кунад. Ҳангоми кор бо хонандагоне, ки шахсияташон дар марҳилаи ташаккулёбии ҳастанд, бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ шарти ивазнашавандаи кори машварати психолог дар мактаб мебошад.

***Калидвожаҳо:*** *машварати психологӣ, мактаб, хонандагон, омӯзгорон, волидайн, пешгиринамоии психологӣ, ташхиси психологӣ, ислоҳнамоии психологӣ, принсипҳои машварати психологӣ, махфият, эҳтироми якдигар.*

## ПСИХОЛОГИЧЕСКОЕ КОНСУЛЬТИРОВАНИЕ КАК НАПРАВЛЕНИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ШКОЛЬНОГО ПСИХОЛОГА: ЦЕЛЬ, ЗАДАЧА И ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ

Психологическое консультирование, наряду с психологической диагностикой и психологической коррекцией, является одним из основных направлений психологической практики, и в то же время оно содержит элементы двух других названных направлений, то есть в процессе психологического консультирования элементы также осуществляется психологическая диагностика и коррекция.

В Таджикистане первая литература по психологическому консультированию появилась под влиянием советской психологии в 80-х годах 20 века, но практически этот вид профессиональной психологической помощи получил развитие в нашей республике за последние два десятилетия. В настоящее время в нашей стране есть спрос на специалистов и деятельность данного вида социальных услуг. Однако, несмотря на это, профессиональное психологическое консультирование в Таджикистане еще не достигло значительных успехов.

Консультирование – это сфера деятельности школьного психолога, в которой профессионал помогает другому человеку решить существующие проблемы, как правило, ученику. Эффективное консультирование требует понимания отношений между консультантом, получателем консультации и читателем или читателями, о которых идет речь. Психологическое консультирование – это оказание помощи обучающимся, их родителям (законным представителям), педагогам и другим участникам воспитательного процесса.

Эффективность всей работы психолога во многом определяется тем, насколько конструктивно он сотрудничает с учителями, родителями и администрацией школы в решении вопросов обучения и воспитания школьников. В своей консультационной практике школьный психолог может применять принципы консультирования в различных психологических областях. При работе со школьниками, личность которых находится на стадии формирования, учет возрастных особенностей является незаменимым условием работы школьного психолога.

***Ключевые слова:*** *психологическое консультирование, школа, учащиеся, учителя, родители, психологическая профилактика, психологическая диагностика, психологическая коррекция, принципы психологического консультирования, конфиденциальность, взаимоуважение.*

## PSYCHOLOGICAL COUNSELING AS A LINE OF ACTIVITY OF A SCHOOL PSYCHOLOGIST: PURPOSE, OBJECTIVE AND BASIC PRINCIPLES

Psychological counseling, along with psychological diagnostics and psychological correction, is one of the main areas of psychological practice, and at the same time it contains elements of the other two named areas, that is, psychological diagnostics and correction are also carried out in the process of psychological counseling.

In Tajikistan, the first literature on psychological counseling appeared under the influence of Soviet psychology in the 80s of the 20th century, but in practice this type of professional psychological assistance has been developed in our republic over the past two decades. Currently, in our country there is a demand for specialists and activities of this type of social services. However, despite this, professional psychological counseling in Tajikistan has not yet achieved significant success.

Counseling is a field of activity of a school psychologist in which a professional helps another person to solve existing problems, usually a student. Effective counseling requires an understanding of the relationship between the counselor, the recipient of the counseling, and the reader or readers in question. Psychological counseling is the provision of assistance to students, their parents (legal representatives), teachers and other participants in the educational process.

The effectiveness of the entire work of a psychologist is largely determined by how constructively he cooperates with teachers, parents and school administration in resolving issues of teaching and educating schoolchildren. In their consulting practice, the school psychologist can apply the principles of counseling in various psychological areas. When working with schoolchildren whose personality is at the stage of formation, taking into account age characteristics is an indispensable condition for the work of a school psychologist.

***Key words:*** *psychological counseling, school, students, teachers, parents, psychological prevention, psychological diagnostics, psychological correction, principles of psychological counseling, confidentiality, mutual respect.*

**Сведение об авторов:** Раджабов Насим, кандидат философских наук, дотцент кафедры психологии Таджикского национального университета (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17). Телефон 918.31.04.02. e-mail: nasimjon_0402@mail.ru

**Мирзошарипова Рухшона**, магистр первого курса кафедры психологии философский факультет, Таджикского национального университета (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17). Телефон. 937.94.50.24. E-mail: @ mail.ru

**Information about authors:** Radjabov Nasim, candidate of philosophical Sciences, senior lecturer of the Department of psychology of the Tajik national University (734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17). Phone 918.31.04.02. e-mail: nasimjon_0402@mail.ru

Mirzosharipova Rukhshona, first year Master of Psychology and Faculty of Philosophy, Tajik National University (734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17). Telephone. 937.94.50.24.

**САИДЗОДА Б.Х.,**
**ҚУРБОНЗОДА М.**

# ХУСУСИЯТҲОИ ҶИНСИЮ СИННУСОЛИИ ИНКИШОФИ ХОТИР

Яке аз масъалаҳои муҳим ва марказӣ дар илми психология омӯзиши протсессҳои маърифатӣ, махсусан, ***хотир*** ба шумор меравад. Хотир дар ҳаёти инсон нақши бениҳоят бузургро мебозад, чунки аз лаҳзаи таваллуд то марг, ҳамаи он рӯйдодҳо, таҷрибаҳо, омӯхтаҳо, чизҳои эҳсосшудаю идрокшуда маҳз дар бойгонии хотир меистанд. Агар мо соҳиби хотир намебудем, он гоҳ ҳама касу ҳама чиз барои мо нав менамуд ва мо ба муҳити атрофи худ наметавонистем мутобиқ шавем. Он гоҳ зиндагӣ барои мо якзайлу бемаъно боқӣ мемонд. Дар раванди маърифати олам нақши хотир бисёр бузург аст, зеро “аввал ҳодисаҳо эҳсосу идрок карда мешаванд ва тасаввуроти пайдошуда дар шакли образҳо ва идеяҳо дар хотир нақш мебанданд ва дар вақти зарурат аз нав ба хотир оварда мешаванд” [2, с.216].

Дар илми психология бо пайдо шудани ***психологияи тафриқавӣ*** фарқгузорӣ дар инкишофи психикӣ пайдо шуд, махсусан байни зану мард. Психологҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки психологияи зану мардро ҳар чӣ зиёдтар омӯзанду тафовути психологии онҳоро ошкор созанд. Омӯзиши хотири зан ва мард низ диққати психологҳою тадқиқотчиёнро ба худ ҷалб намуд. Онҳо дар ин самт тадқиқоти зиёде гузаронидаанд, то ки тафовутҳоро дар хотири зану мард ошкор кунанд. Барои муайян сохатани ин, тадқиқот дар давраҳои гуногуни синнусолӣ гузаринида шуд. Масалан, “В.В. Волков (1981) дар хонандагони синфҳои 1-10 ҳаҷми хотири визуалии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддатро ҳангоми

ба хотир гирифтани ададҳои дурақама, калимаҳо, расми предметҳо омӯхтааст. Ба истисноии як синф, холҳо дар духтарон баландтар, вале тафовутҳо хело кам буданд” (ниг.расми 1.а.б).







*Расми 1.* Хотираи кӯтоҳмуддат (а) ва дарозмуддат (б) дар хонандагони синфҳои гуногун [1,с.195].

Ин нишондиҳанда назар ба таҳқиқи олими рус В.В. Волков хонандагони синфҳои 1-10 - синну соли аз 7-8 то 16-17 - соларо дар бар мегирад ва аз он шаҳодат медиҳад, ки гарчанде тафовутҳо камтаранд, вале хотира визуалии кутоҳмуддату дарозмуддат дар духтарон бартарият дорад.

Чӣ тавре ки аз таърих ба мову шумо маълум аст, муносибат бо зан дар чӣ шакл буд. Ҳамеша ба занон ва қобилиятҳои онҳо бо шубҳа менигаристанд ва онҳоро дар ҳама сатҳ аз мардон паст мешумориданд. Имрӯзҳо бо пешрафти шуури мардум, ин муносибат ва баҳодиҳӣ тағйир ёфт. Ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши муасир доштани занро дар ҳама соҳаҳои ҳаёт дарк намуд. Олимону муҳаққиқон бо тадқиқоти гуногун исбот намуда истодаанд, ки занон низ дар баробари мардон қодир ба анҷоми амалҳои гуногун буда, қобилиятҳои ба худ хосро доранд.

Баъзе аз муҳаққиқони дигар (Войтонис Н.Ю.,1936; Трошихина Ю.Г.,1973; Трошихина Ю.Г., Гизатуллина Д.Х.,1979) бо вуҷуди гузиронидани тадқиқот, натавонистанд тафовутеро дар хотири зану мард дар синну соли томактабӣ муайян кунанд ва тадқиқоти гузаронидаи

онҳо бе натиҷа анҷомидааст. Инчунин И.А. Сергеева (2001) ҳаҷм ва устувории хотири визуалӣ-фазоӣ, шунавоӣ-нутқӣ ва тафовути гендериро дар синни калони томактабӣ наёфтааст [1, с.194]. Инкишофи хотир ҳанӯз дар давраи ҷанинӣ шуруъ мешавад. Баъд аз таваллуди тифл, протсесси хотир дар кӯдакон то синни томактабӣ бо як суръати баланд инкишоф меёбад ва кӯдакон дар ин синну сол дорои хотири фавқуттабиӣ мебошанд. Ин раванд новобаста аз ҷинс дар ҳарду яксон аст. Аз ҳамин сабаб аст, ки дар ин синну сол дар хотири онҳо тафовути чашмрас ба назар намерасад.

Тадқиқоти нисбатан равшантареро дар синну соли аз 5 то 35 - солагӣ доир ба ҳаҷми хотир В.Ф. Коновалов (1987) гузаронидааст. Барои муайян намудани хотири кӯтоҳмуддат бахотиргирии ададҳои аз 0 то 9 ҳамчун мавод истифода шуд. Дар синни 5-10 - солагӣ дар духтарон ба хотир гирифтани ададҳо хубтар буд. Дар синни 15-17 - солагӣ дар байни писарон ва духтарон тафовут вуҷуд надошт. Дар синни 18-35 - солагӣ дар мардон суръати беҳтари бахотиргирӣ ба назар мерасид ва ин аз инкишофи хотири онҳо шаҳодат медиҳад. Дар занон бошад, инкишофи хотир дар сатҳи 15-17 - солагӣ боқӣ мондааст” (ниг. ба расми 2).




*Расми 2.* Ҳаҷми азнавбахотироварии рақамҳо дар ҷинсҳои гуногун [1, с. 196].

Аз тадқиқоти гузаронидаи В.Ф. Коновалов чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳаҷми хотир дар синну соли калони мактабӣ дар духтарон беҳтар аст, дар синни наврасӣ тафовути чашмрас ба назар намерасад ва шояд ин аз ҳисоби дар ин давраи ҳасос, *наврасӣ* қарор доштани онҳо бошад. Дар синни ҷавонӣ (18-35- солагӣ) бошад, дар мардон суръати баланди хотир ба мушоҳида расид. Дар занон бошад, дар ҳамон сатҳе, ки дар синни ҷавонӣ қарор дошт, истода буд. Вале тадқиқоте, ки дар маҷаллаи ***Menoparse*** нашр шудааст, “занони 45-55 сола дар ҳама ченакҳои хотир беҳтар аз мардонанд” [6]. Яъне, дар занон баъди 35-солагӣ инкишофи хотир баландтар мушоҳида мерасад. Ин гуфтаҳоро тадқиқоти гузаронидаи Я.И. Петров (1972) тақсдиқ мекунад. Ӯ муайян кардааст, ки дар синни 18-26 - солагӣ сатҳи инкишофи хотири мардон нисбат ба занон баландтар буда, дар синни 27-33 ва 41-46 - солагӣ бошад, баръакс, хотири занон аз мардон беҳтар аст [1, с.196].

Тадқиқоти дигари гузаронидашуда доир ба намудҳои хотир вобаста ба хусусиятҳои ҷинсӣ натиҷаҳои гуногун доданд: дар яке аз ҷинсҳо як намуди хотир бартарӣ дошту дар дигаре намуди дигар. Масалан, баъзе тадқиқот беҳтар ба хотир гирифтани ҳиҷоҳоро аз ҷониби мардон муайян кардаанд. (Моргунова Р.С., 1976; Умнов В.П., 1979; Андреева В.Н., 1973). Занҳо бошанд, номи чеҳраҳоеро, ки дар расмҳо дидаанд, беҳтар ба хотир гирифтаанд (Kaess W., Witryol S., 1955).

Занон аксҳои маъмулӣ ва тобиши эмотсионалидоштаро нисбат ба мардондида беҳтар ба хотир оварданд [3, с.10]. Ин аз он ҷиҳат аст, ки занон мавҷуди эмотсионалӣ мебошанд ва мардон-мантиқӣ. Аз ин нигоҳ, дар раванди бахотиргирӣ ҳар чизе, ки бо эмотсия ва ҳиссиёт алоқаманд аст, аз ҷониби занон беҳтар ба хотир гирифта мешавад ва дар раванди бахотироварӣ бошад зудтар аз нав ба хотир оварда мешавад.

Занон дар хотираи визуалӣ (махсусан дар ҷузънигарӣ ва дақиқӣ) аз мардон қавитаранд, аммо мардон бошанд, дар хотири фазоӣ беҳтаранд. Инчунин мардон дар қобилияти

бахотиргирии ададҳоро ва занон бошад, дар ба хотиргирии луғатҳо бартарӣ доранд [4, с.33]. Бояд қайд кард, ки идрок заминаи хотир ба шумор меравад. Дар занон идроки визуалӣ беҳтар инкишоф ёфтааст дар мардон идроки фазоӣ. Таъсири бевоситаи идрок ба хотир боиси он гаштааст, ки дар занон хотири визуалӣ хуб инкишоф ёфтааст дар мардон хотири фазоӣ. Мардон бештар дар фанҳои табиӣ-риёзӣ қобилиятҳои хуб нишон медиҳад ва аз ин рӯ, бештар ин фанҳоро меписанданду меомӯзанд ва занон бошанд, бештар ба фанҳои гуманитарӣ майл доранд. Таъсири дурударози раванди таълим боиси он гаштааст, ки мардон ададҳоро хуб бахотир гиранд ва занон лағатҳоро. Ин боис шудааст, ки занон забондонҳои хуб шаванду мардон математикҳои хуб.

Тибқи тадқиқот "занон дар бахотироварии чеҳраҳо ва номҳо беҳтар аз мардон амал мекунанд ва камтар аз мардон гирифтори фаромӯшӣ мешаванд. Мардон чеҳраҳо ва номҳоро зудтар аз занон фаромӯш мекунанд ва бештар аз занон гирифтори бемории Алстгеймер мешаванд" [3, с. 11]. Дар боло зикр карда гузаштем, ки дар занон идроки визуалӣ хуб инкишоф ёфтааст, ки он боиси инкишофи хотири визуалӣ мегардад. Аз сабаби он, ки дар онҳо хотири визуалӣ нисбат ба мардон бартарӣ доранд, онҳо чеҳраҳоро ва номҳоро хубтар ба хотир мегиранд. Алстгеймер бемории хоси даврони пиронсолӣ аст, ки боиси мушкилоти хотир, тафаккур ва рафтор мегардад. Дар синни пиронсолӣ фаромушкӯнии бармаҳали ҳодисаю воқеаҳо аз рӯи ин беморӣ сурат мегирад. Занон дар давоми ҳаёти худ хотироти манфӣ, ҳиссиёти манфӣ ва ҳолатҳои ногувории руҳии худро ба дигарон қисса мекунанду аз шиддатҳои эмотсионалӣ раҳоӣ меёбанд. Банобар ин, дар даврони пиронсолӣ камтар гирифтори бемории Алстгеймер мешаванд.

Донишмандони бритониёӣ доир ба хотири шифоҳӣ байни мардону занон тадқиқоти ҷолибе гузарониданд. Баъди анҷоми тадқиқот чунин натиҷаро ба даст оварданд: "Занон он чизеро, ки мегӯянд ва мешунаванд, хело хуб ба хотир мегиранд ва муддати тулонӣ дар хотир нигоҳ медоранд. Мардон бошанд, хело зуд фаромӯш мекунанд" [5]. Психологҳо муайян кардаанд, ки занон шахсиятҳои аудиалӣ (узви шунавоии фаъол) ва мардон бошанд шахсиятҳои визуалӣ (дидорӣ) мебошанд. Аз ин сабаб аст, ки занон он чиро, ки мешунаванд ё мегӯянд, хуб ба хотир мегиранду дер боз фаромӯш намесозанд.

Тадқиқоти гузаронидашуда онро собит намуданд, ки намудҳои хотир вобаста ба хусусиятҳои ҷинсӣ дар зану мард шакл мегиранд ва намояндагони ҷинсҳои гуногун дар функсияҳои хотир нақши муҳим доранд. На танҳо ҷинсияти шахс дар хотири шахс таъсир мерасонад, инчунин ҳузури ҷинси муқобил дар раванди бахотиргирӣ таъсир мерасонад. Н.М. Гнедова ва С.М. Елинова (1985 муайян кардаанд, ки) "ба хотир гирифтани мавод дар ҳузури кӯдаки ҷинси муқобил нисбат ба ҳузури кӯдаки ҳамҷинс ба натиҷаи беҳтар оварда мерасонад" [1, с. 193].

Агар аз зан пурсед, ки чӣ тавр бо шахси муҳимаш вохӯрд? Ва ӯ эҳтимол ба шумо мегӯяд, ки чӣ либос дошт, ҳавои он рӯз чӣ гуна буд, чӣ гуна мусиқӣ навохта шуда буд ва чӣ гуна эҳсосеро ҳис мекард. Ин навъи ҳикояҳои муфассал дар байни занон як хислати нодир аст ва он ба қобилияти онҳо барои ба хотир овардани чизҳои ба хотир гирифташуда кӯмак мерасонад.

Тибқи тадқиқоте, ки дар маҷаллаи ***Child Development*** нашр шудааст, қувваи хотири мо ба раванди омӯхташудае асос ёфтааст, ки чӣ гуна ба мо дар солҳои инкишофёбиамон ҳикоя гуфтанро таълим медиҳанд. Занон аз синни ҷавонӣ ба нақл кардани эҳсоси худ бо ҷузъиёташ ва тавсиф додани он ҳангоми ба хотир овардани ҳодиса таълим дода мешаванд. Ин тафсилоти хурд метавонанд ҳамчун "дастурҳои ҷустуҷӯӣ" хидмат кунанд, ки барои ба хотир овардани гузашта кумак мекунанд. (тадқиқоти шабеҳи донишҷӯёни коллеҷ, ки дар маҷаллаи ***Memory*** нашр шудааст, нишон дод, ки занон пас аз як ҳафта воқеаҳоро нисбат ба мардон дида дақиқтар ба ёд меоранд) [6]. Ин тадқиқот тасдиқи гуфтаҳои болост.

Омӯзиши тадқиқоти гузаронидашуда онро равшан менамояд, ки дар ҳақиқат тафовутҳо дар хотири зану мард ба назар мерасад, ҳарчанд, ки онҳо маълумоти нисбӣ ба шумор мераванд. Чунки сухан дар бораи аксарият меравад на ақаллият. Чунин натиҷаҳоро соҳиб шудан ва афзалият доштан дар қисмате аз хотир бе сабаб нест. Омилҳои таъсир-расоне, ки ба ин ҳолат оварда мерасонанд, пеш аз ҳама тарбия, муҳит, омилҳои ирсӣ ва хусусиятҳои психофизиологии занону мардон ба шумор мераванд. Ба андешаи мо омили аз ҳама муҳим-ин истифода аз нимкураҳои мағзи сар аз ҷониби ҷинсҳои гуногун мебошад. Тадқиқоти олимон собит кардааст, ки ҳар ду нимкураи мағзи сар фаъолиятҳои гуногун доранд ва ба рафторҳои гуногуни марду зан таъсири гуногун доранд. Нимкураи чап барои

коркарди иттилооти фазоӣ ва нимкураи рост барои коркарди иттилооти шифоҳӣ масъул аст. Бо мурури синну сол тафовути нимкурраҳо бештар ба чашм мерасанд. Натиҷаи ин тафовут ин аст, ки мардон дар коркарди иттилооти фазоӣ, математика, мантиқ ва геометрия назар ба занон муваффақтаранд. Истифодаи нимкураҳо бевосита ба хотир таъсир мерасонад. Аз ин сабаб дар мардон бештар хотири фазоӣ, ададӣ, абстрактӣ ва амсоли инҳо назар ба занон хуб инкишоф ёфтааст. Занон, ки бештар аз нимкураи рости мағзии сари худ истифода мебаранд, дар онҳо хотири шифоҳӣ, образӣ, визуалӣ, луғавӣ ва амсоли инҳо беҳтар аст. Ногуфта намонад, ки натиҷаҳои бадастомада хулосаи ниҳоӣ набуда, маънои онро надорад, ки дар мардон дигар намудҳои хотир, ки дар занон афзалият дорад, наметавонад инкишоф ёбад. Бо анҷомдиҳии ***машқ*** ва ***тамрин***ҳои гуногуни дар ин самт равонашуда метавон ба натиҷаи дилхоҳ расид.

Бо дарназардошти таҳлили адабиётҳои соҳавии ба ин самт бахшидашуда метавон ҷадвали заринро дар шакли хулосаи муаллиф овард:

| № | Намуди хотир | Афзалият |
|---|---|---|
| **1.** | Хотираи эпизодӣ (қисмат, бахш, манзара) | ***зан*** |
| **2.** | Хотираи эпизодӣ барои руйдодҳои мардона | ***мард*** |
| **3.** | Бахотиргирии чеҳраҳо | ***зан*** |
| **4.** | Бахотиргирии номҳо | ***зан*** |
| **5.** | Бахотиргирии бӯй | ***зан*** |
| **6.** | Меъёрии пастшавии хотир вобаста ба синну сол | ***фарқ надорад*** |
| **7.** | Хотираи семантикӣ (донишҳои умумӣ дар соҳаҳои гуногун) | ***мард*** |
| **8.** | Хотираи кӯтоҳмуддат | ***фарқ надорад*** |
| **9.** | Ба хотргирии садоҳо | ***зан*** |
| **10.** | Хотираи фазоӣ (умумӣ) | ***мард*** |
| **11.** | Хотираи фазоӣ (барои ҷойгиршавии объектҳо) | ***зан*** |
| **12.** | Хотираи фазоӣ (барои ҷойгиршавии объектҳои дурдаст) | ***мард*** |
| **13.** | Хотираи фазоӣ (барои ҷойгиршавии объектҳои мардона) | ***мард*** |
| **14.** | Хотираи шифоҳӣ | ***зан*** |
| **15.** | Бахотиргирии ҳиҷоҳо | ***мард*** |
| **16.** | Бахотиргирии тасвирҳои маъмулӣ ва ҳаяҷонӣ | ***зан*** |
| **17.** | Зиёдтар дучоршави ба Алстгеймер | ***мард*** |
| **18.** | Хотираи визуалӣ (махсусан дар ҷузънигарӣ ва дақиқӣ) | ***зан*** |
| **19.** | Бахотирии луғатҳо | ***зан*** |
| **20.** | Бахотиргирии адад | ***мард*** |
| **21.** | Бахотиргирии санаҳо ва ҷашну маросимҳо | ***зан*** |
| **22.** | Хотираи эмотсионалӣ | ***зан*** |
| **23.** | Хотираи образӣ | ***зан*** |

*Ҷадвали 1.* Тафовути намудҳои хотир дар ҷинсҳои гуногун

Имрӯзҳо бо ба миён омадани *баробарии гендерӣ* мардум гумон мекунанд, ки зану мард дар ҳама самт бо ҳам баробаранд ва қобилиятҳои бо ҳам баробарро доранд. Вале онҳо фаромӯш кардаанд, ки ҷинсияти онҳо дар ҳама самт метавонад ба онҳо таъсир расонад. Аз нигоҳи психологӣ зану мард хусусиятҳои психологии гуногуни ба худ хосро доранд. Ҳама протсессҳои маърифатӣ (эҳсос, идрок, хотир, диққат, нутқ, хаёл, тафаккур) дар онҳо ба таври мутафовит инкишоф ёфтаанд. Мо кӯшиш ба харҷ додем, ки хусусиятҳои мутафовити хотираи онҳоро муайян намоем ва омилҳои ба ин ҳолат оварандаи онро аз нигоҳи психологӣ муайян созем.

## АДАБИЁТ


1. Ильин Е.П. Пол и гендер. –СПб.: Питер, 2010. -688 с.
2. Психология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ/ Зери таҳрири Давлатов М.- Душанбе, 2010 -336 с.
3. Тафовутҳои занон ва мардон (Differences between women and men). Фотимаи Шайбӣ. - Теҳрон, 1392, 49 с.
4. Ҳамза Ганҷӣ. Равоншиносии умумӣ. Теҳрон, 1401, 376 с.
5. https://www.med-practic.com/rus/705/12882(санаи муроҷиат: 04. 01.2023)

6. https://axiawh.com/resources/why-women-have-better-memory-than-men (санаи муроҷиат: 05.01.2023)

## ХУСУСИЯТҲОИ ҶИНСИЮ СИННУСОЛИИ ИНКИШОФИ ХОТИР

Дар мақолаи мазкур масъалаи хусусиятҳои ҷинсии инкишофи хотир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба тадқиқоти навини дар солҳои наздик гузаронидашуда аз ҷониби олимони амрикоӣ, бритониёӣ ва русӣ такя намояд. Дар мақолаи мазкур барои равшантар зоҳир шудани андеша ва тадқиқот аз расмҳо ва диаграммаҳо истифода кардааст. Баъд аз таҳлили адабиёти соҳавии ба ин самт бахшидашуда хулосаи муаллиф дар шакли ҷадвал оварда шудааст, ки ин хело таъсирнок ва самаранок ба ҳисоб меравад.

Бо вуҷуди ин ки дар масъалаи хусусиятҳои ҷинсии инкишофи хотир байни муҳаққиқон мавқеи ягона вуҷуд надоар, муаллиф маълумотҳои дақиқро гирдоварӣ карда, каме ҳам бошад ба ин масъала равшанӣ андохтааст. Умуман, тафовути калоне байни хотири марду зан нест ва танҳо тафовутҳо дар ҷузъиёти хотир ба мушоҳида мерасад. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ба суолҳои гуногуне, ки хонандаҳо ҷавоб мекобанд, ҷавоб медиҳад.

***Калидвожаҳо:*** *хотир, тафовут, ҳаҷми хотир, хотири образӣ, хотири фазоӣ, хотири эпизодӣ, хотири шифоҳӣ, бемории Алстгеймер, нимкураи рости магз, нимкурраи чапи магз.*

## ПОЛОВОЗРОСТНЫЕ ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ ПАМЯТИ

В данной статье обсуждается вопрос половозростные особенности развития памяти. Автор попытался опираться на новейшие исследования, проведенные в последние годы американскими, британскими и российскими учеными. В этой статье он использовал изображения и диаграммы, чтобы сделать идею и исследование более понятными. Проанализировав литературу в этой области, авторский вывод представлен в виде таблицы, которая считается очень эффективной и действенной.

Несмотря на то, что среди исследователей не было единого мнения по вопросу половых особенностей развития памяти, было неясно, автор собрал достоверные данные и пролил некоторый свет на этот вопрос. В общем, между умом мужчины и женщины нет большой разницы, а различия заключаются только в деталях ума. Результаты автора дают ответы на различные вопросы, на которые люди ищут ответы.

***Ключевые слова:*** *память, различие, объем памяти, образная память, пространственная память, эпизодическая память, словесная память, болезнь Альцгеймера, правое полушарие головного мозга, левое полушарие головного мозга.*

## GENDER AND AGE CHARACTERISTIES OF MEMORY DEVELOPMENT

This article discusses the sexual characteristics of memory development. The author draws a conclusion about subsequent studies conducted in recent British years. In this article, he used images and diagrams to make the idea and research more realistic. After analyzing the literature in this area, the author presented a table that takes into account very important and actionable information.

Although there was no consensus among researchers on the issue of sexual characteristics of memory development, it was not clear that the author collected reliable data and shed some light on this issue. In general, there is not much difference between the mind of a man and a woman, and the differences are only in the details of the mind. The author's results provide answers to various questions that people are looking for answers to.

**Keywords:** memory, difference, memory size, figurative memory, spatial memory, episodic memory, verbal memory, Alzheimer's disease, right hemisphere of the brain, left hemisphere of the brain.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Саидзода Баҳрулло Хол – доктори илмҳои фалсафа Phd, аз рӯйи ихтисоси психология, мудири кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Телефон:** 987957070, **Email:** bahrullo_90@mail.ru

***Қурбонзода Меҳробиддин*** –магистранти кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 882-00-63-20

**Сведение об авторах:** Саидзода Бахрулло Хол – доктор философии PhD, по психологии, заведующий кафедры психологии философского факультета Таджикского национального университета.**Телефон:** 987957070, **электронная почта:** bahrullo_90@mail.ru

***Курбонзода Мехробиддин-*** магистр кафедры психологии философского факультета Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **882-00-63-20**

**Information about the authors:** Saidzoda Bahrullo Khol – doctor of philosophy PhD in psychology, head of the department of psychology, faculty of philosophy, Tajik national university.**Phone:** 987957070, **Email:** bahrullo_90@mail.ru

***Qurbonzoda Mehrobiddin-*** master degree student of Psychology Department in Philosofy Faculty, Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave.,17. Phone: **882-00-63-20**

**АБДУАЛИЗОДА Ш. Т.**

# ХУСУСИЯТҲОИ РАВАНДИ ТАҲҚИҚИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 5-9 ДАР ДАРСҲОИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Ахлоқ яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ ва ҳодисаи таърихӣ, маҷмуи қоидаҳои рафтори таърихии ташаккулёфтаи мардум мебошад, ки таҷрибаи чандинасраи муносибатҳои инсониро фаро мегирад. Мазмун ва роҳу равиши ахлоқро шароити моддии ҷомеа муайян карда, онро ба майдон меорад, муҳофизат мекунад ва тараққӣ медиҳад. Хулқ муносибати одамро ба одам, ҷамъият ва оила муайян мекунад. Бузургони илму адаби форсу тоҷик дар мавзуи хулқи поку соф басе ранҷҳо бурда, мафҳуми покиро ба арши аъло бароварда, то ба симои фариштаҳои беайб шабоҳат дода, дар тӯли қарнҳо аз илми ахлоқ баҳри беканоре ба вуҷуд овардаанд. Ин ранҷҳо дар таърих баҳри ахлоқ аз эҷодиёти халқ ва устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз ёфта, то мутафаккирони кунунӣ фаро расидааст. Назария, мавзуъ ва масоили таълиму тарбиявӣ дар эҷодиёти гурӯҳе аз адибон ҳамчун дастовардҳои мустақил набуда, дар таркиби асарҳои адабӣ омехта, бо афкори сиёсию иҷтимоӣ интишор ёфта, манзури аҳли биниш гардидаанд. Ба ин маънӣ офаридаҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯшакури Балхӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Асадии Тӯсӣ, Умари Хайём, Саъдиву Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон ба ин ё он муносибату мавриде таълиф ёфтаанд. Новобаста аз он, ки хонанда минбаъд дар куҷо зиндагӣ мекунад, адабиёти тоҷик ин асоси худшиносии миллии ӯ мебошад. Аз ин рӯ омӯзгорро зарур аст, ки дар дарсҳои адабиёти тоҷик завқи омӯхтани забон ва адбиёти тоҷик, шавқу завқи хонишро ташаккул диҳад. Дар раванди кори педагогӣ ба хонандагон ёд додан лозим аст, ки танҳо бо як забон сухан ронанд, то калимаҳо омехта шуда, маъноҳои дигар нагиранд. Ҳамин тавр, агар бе маънидод намудани мафҳумҳои асосӣ мо асарро таълим диҳем, маънои умумии он низ дигар хоҳад гашт. Мақсади таълими фани адабиёти тоҷик низ ҳамон аст, ки мафҳуми арзишҳои инсонии «инсон», «ҳаёт», «абадият», «рӯҳ», «муваффақият», «зодгоҳ» ва ғ. ба хонандагон фаҳмонида шавад. Агар аҳли синф омӯзгорро дарк кунад, пас ин нишондиҳандаи босамар будани дарс хоҳад буд. Бо ҳамин сабаб асоси методикаи кор бо мафҳумҳои адабиётро амалҳои зерин ташкил медиҳад: 1.Худи омӯзгор бояд маъниҳои онро донад. 2. Ба хонандагон фаҳмонида тавонистани маъноҳои луғавӣ ва мақсади корбурди онҳо. Категорияҳои вожаҳои ахлоқӣ-маънавиро дарк намудан барои тарбияи насли наврас бениҳоят муҳим аст, чунки барои ташаккули неруи дохилии инсон мусоидат менамояд. Ҷиҳати кор бо мафҳумҳо, ки аҳамияти беш дорад, имконият ҳаст тамоми дарс ва ё қисми зиёди онро сарф намоем. Тавсия дода мешавад, ки барои тайёр намудани чунин дарс фарҳангҳои тафсирӣ, луғат ва тазкираҳо истифода бурда шаванд. Бо кадом сабаб маҳз ҳамин китобҳоро истифода барем беҳтар аст? Сухан дар бораи он меравад, ин китобҳо аз ҷониби муассисаҳои дахлдор ҳамчун китобҳои дар дохили худ мафҳумҳои ахлоқӣ-маънавидошта ба нашр тавсия гардидаанд. Китобҳои дигаре, ки бо ин мақсад тавсия мегарданд ин «Гулистон» ва «Бӯстон» - и Саъдии Шерозӣ мебошад. Мафҳумҳои асосӣ ва ифодакунандаи афкори ахлоқӣ-маънавӣ ба монанди: одамият, адаб, қаноат, меҳнат, заҳмат, осудагӣ, умед, нанг, дӯстӣ, кӯшишу ғайрат, далерӣ, шарму ҳаё ва ғ. дар ин китобҳо бениҳоят зиёд оварда шудаанд, ки бе донистани ин мафҳумҳо дарси адабиёт ва умуман фаъолияти педагогиро тасаввур кардан номумкин аст.

Як-ду рӯзе, ки дар ин хонаи танг меҳмонӣ,
Боадаб бош, ки зинати инсон адаб аст.

Дар ҳақиқат, одамгарӣ ва адаби хуб зинати инсон аст. Кор ва зиндагӣ бо дарки ин мафҳумҳо осонтар мегардад. Шарму ҳаё ва нангу номус, далерию мардонагӣ на танҳо дар корзор ва вақти ҷангу ҷидол лозим аст, балки ҳангоми таълимгирӣ ва фаъолияти педагогӣ низ унсурҳои асосӣ ҳисоб мешаванд. Вожаҳои қаноат, меҳнат, заҳмат, осудагӣ ва ғ. барои дарк намудани муаммои вуҷуд ва интихоби роҳи ҳаёт ҳамчун вожаҳои калидӣ мебошанд. Калимаҳои зидмаъноӣ хусусияти маънавию ахлоқидошта низ яке аз воситаҳои муҳими таъсирбахш ифода намудани фикр мебошанд:

Бо **бад**он **бад** бошу бо **нек**он **накӯ**,
Ҷойи **гул гул** бошу ҷойи **хор хор** (Саъдии Шерозӣ).

Мутазодҳо ҷуфтистеъмол ҳам мешаванд: **ҷангу сулҳ, каму беш, пасту баланд.**

Яке аз пуртаъсиртарин воситаҳои тасвироти бадеӣ ҳамоно муқобил гузоштани ду фикр ба ҳамдигар аст ва ё бо таъбири дигар гӯем, сифат ва хислатҳои кас ва ё ду чизро ба таври муқоиса ба ҳам муқобил гузоштан аст, ки санъати тазод ва муқобила (мутобиқа) ном дорад.

Аз **каҷӣ** афтӣ ба каму костӣ,
Аз ҳама ғам растӣ, агар **ростӣ** (Низомӣ).
Чун шамъ ба ханда дар-ҳамезист,
Ширин хандиду талх бигрист (Низомӣ).
Ба кам хӯрдан касеро таб нагирад,
Ба пур хӯрдан ба рӯзе сад бимирад (Низомӣ).

Дар ин байт **каҷӣ** ба **ростӣ** ва **афтодан** ба **растан** (халос шудан) муқобил гузошта шудааст. Шоир ду хислатеро, ки зидди якдигаранд, ба ҳам рӯ ба рӯ гузошта, натиҷаи онҳоро, ки низ акси ҳамдигар аст, эзоҳ додааст. Ҳамин гуна зикр шудани ҳодисаҳое, ки зид ва акси якдигаранд, санъати тазод ва муқобила аст.

Чунин аст расми сарои дурушт,
Гаҳе **пушти зину** гаҳе **зин ба пушт** (Фирдавсӣ).

Дар ин байти Фирдавсӣ дар мисраъҳои дуюм ду ҳодиса ба ҳам зид гузошта шудааст. Дар байти аввал: дунё чунин аст, ки гоҳ кас савори пушти зин аст, аммо гох зинро ба пушт бардошта рафтани кас лозим меояд; дар байти дуюм калимаҳои **фароз (баландӣ) ва нишеб (пастӣ), дар сеюм калимаҳои чангу захр ва нӯшу (нозу неъмат) меҳр** ба ҳам муқобиланд.

Ба ҳангоми сахтӣ машав ноумед,
Ки абри **сияҳ** борад оби **сафед** (Низомӣ).

Аз мисолҳои Низомӣ дар байти аввал барои ифодаи фикр калимаҳои **сиёҳ ва сафед** (абри сияҳ ва оби сафед) истифода шудааст, ки инҳо зидди якдигаранд. Дар байти дуюм ду ҳолати қаҳрамон-**хандидан ва гиристани** ӯ, ки ду ҳолати зидди ҳамдигар аст, тасвир шудааст. Калимаҳои ширин ва талх сифати он ду ҳолатро ифода менамоянд ва низ сифатҳои зидди якдигаранд. Байтҳои минбаъда ҳам дар асоси ҳамин гуна тазод ва муқобилаҳо гуфта шудаанд.

Дар тарбияи ахлоқию маънавии хонандагон зимни таълими фанни адабиёт ин гуна муқобилгузорӣ ва ба онҳо аз рӯзгори адибон мисолҳо овардан низ манфиати зиёд меорад. Аз вожаҳои дигари ба тарбияи маънавии хонандагон алоқаманд, ин **умеду орзу** аст, ки шарҳи калимаи **умед** чунин аст: чашмдошт, орзу, таманно (Фарҳанги забони тоҷикӣ, 389), **орзу** - 1.ҳавас, хохиш, майл 2. мурод, матлаб, талаб, ком 3. маҷ. умед, интизорӣ (Фарҳанги забони тоҷикӣ, 921), мурод-хоҳиш, орзу (Фарҳанги забони тоҷикӣ, 745).

Саъй ва кӯшиш намудан дар ҳар коре омили болоравии ҷуръатнокии маънавии хонандагон мегардад. Ба хонанда маънидод намудани ин мафҳум низ пурманфиат хоҳад буд.

То даме ман **саъй дорам**, зиндагонӣ мекунам,
Хоҳ талху хоҳ ширин,
Бо худам хомӯш меандешаму ҳар маргро,
Мешуморам дар ҳисоби зиндагии хештан,
Зинда медорам азизонро чунин (Пайванд, 52).

Синоними феълии **саъй доштан - кӯшиш кардан** дар қитъаи боло истифода бурда шудааст. Калимаи **саъй** бештар дар назм истифода бурда мешавад. Агар дар наср истифода бурда шавад, маъмулан бо калимаи **кӯшиш ва талош** тавъам ҷуфти синонимиро ташкил дода корбурд мешавад: **саъю кӯшиш, саъю талош.**

Рӯзу шаб арвоҳи неконро ман аз баҳри савоб,
**Пос медорам, зиёрат мекунам** (Пайванд, 53).

Дар мисраи дуюми байти боло таркибҳои феълии **пос медорам ва зиёрат мекунам** маънои синонимӣ доранд ва шоир бо мақсади гурез аз такрор маънии **азиз ва муқаддас доштан**ро ифода намудааст. Ин таркиби феълӣ синонимҳои дигари: **табаррук, муқаддас, арҷманд, маҳбуб, киромӣ, муҳтарамро** низ дорад. Ин калимаҳо маънои умумикунандаи ба касе ё предмете эътибори махсус доданро дошта, онро аз дигар шахс ва предмедҳо фарқ менамояд. Калимаи **азиз** нисбат ба синонимҳои худ хусусиятҳои умумикунандагӣ дошта, дар матн онҳоро иваз карда метавонад ва серистеъмол аст. Дар мисоли боло низ калимаи **азиз** синонимҳои худро ба осонӣ иваз карда метавонад ва ба маънои ҷумла халале намерасонад (Муҳаммадиев, 9).

Антонимҳои ҳамреша дар забон дар натиҷаи истифодаи пешванди **бе-** низ сурат мегиранд, ки айнан ба монанди пешванди **не-** маънои муқобилро ифода мекунад: **застенчивый-беззастенчивый, порядок-беспорядок.** (Введенская,1971,4-5).

Дар забони тоҷикӣ низ чунин падидаҳои антонимӣ ба назар мерасанд. Яъне бо истифодаи пешванди **на-, бе-, бо-** калимаҳои ҳамреша антоним мешаванд: **нарафт-рафт, нагуфт-гуфт.** Қайд намудан лозим аст, ки дар асоси муборизаи ба ҳам зидҳо низоми дунё пойдор аст ва ҷомеа низ дар ҳамин замина ба пеш меравад. Маънавиёт доштан ва ё надоштани хонанда, ин як баҳси фалсафие хоҳад буд, чунки дар ниҳоди ӯ ин муборизаи ба ҳам зидҳо бараъло сурат мегирад ва дар он ҳолат омӯзгорро зарур аст, ки чун роҳнамо масири дурусти интихобро нишон диҳад.

Танхо як фарқ дар забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ҳангоми антоним шуда омадани калимаҳои ҳамреша бо пешванди **бе-**, пешванди **бо-** истифода мешавад. Яъне пешванди **бе-** инкор мекунад ва **бо-** тобиши маъноии тасдиқро дорад: **беадаб - боадаб, бемаърифат - бомаърифат**.

Инчунин антонимҳои ҳамреша бо роҳи истифодаи пешвандҳои забонҳои хориҷӣ низ сохта мешаванд: **револютсия - контрреволютсия, коррупсия - антикоррупсия, фашистӣ - антифашистӣ** ва ғ.

Антонимҳо қисман дар луғатҳои тафсирӣ низ дучор меоянд. Дар ин луғатҳо барои нишон додани маънои асосии калимаҳо антонимҳо корбурд мешаванд. Дар луғати тафсирии «Чароғи ҳидоят» тақрибан 15 адад калима дучор омад, ки муаллиф бо истифодаи калимаҳои «**муқобили**», «**зидди**» маънoҳои луғавии калимаҳоро шарҳ додаст: **пасин-муқобили пешин**; мансуб ба пеш; ва низ охири рӯз, муқобили пешин, ки он низ номи вақтест ва он баъд аз завол аст. (Чароғи ҳидоят,1992,53)

**сер - муқобили гурусна**; ва ба маънии бисёр аз ин маъхуз аст (Чароғи ҳидоят, 1992,135); **озод - зидди банда**; ва дар сифати савсан ва сарв воқеъ шавад (Чароғи ҳидоят, 1992,14). Мафҳумҳое мавҷуданд, ки дар замони муосир аз ҷониби педагогҳо бисёр истифода бурда намешаванд, вале фаъолияти комили педагогиро бе истифода аз онҳо тасаввур кардан номумкин аст. Масалан, мафҳуми **гуноҳ**. Умари Хайём гуфтааст:

Нокарда гуноҳ дар ин ҷаҳон кист, бигӯ?
Он кас, ки гунаҳ накард чун зист, бигӯ?
Ман бад кунаму ту бад мукофот диҳӣ,
Пас фарқ миёни ману ту чист, бигӯ?

Инсоне, ки гуноҳ мекунад, гӯё ба ҷони худ рахна мезанад. Гуноҳ мукаммал будани табиати инсонро пора мекунад ва ақли ӯро мерабояд. Ҳаматарафа маънидод намудани ин калима, сабабҳо ва оқибатҳо, таъсироти он барои инсон, ташаккул ва роҳҳои муқобилият бо сар задани гуноҳ, дар дарси адабиёт муҳим аст. Чун як беморӣ гуноҳ рӯҳу ҷони одамро тасхир мекунад, ақл кӯр мешавад, ирода суст ва дил озурда мегардад. Мувофиқи таълимоти динӣ гуноҳ инсонро аз биҳишт ронда гардонид. Сарчашмаи неруҳои бадӣ ва самараи асосии худпарастӣ аст. Гуноҳ ҷонро бараҳна месозад ва ният нек набошад, кори хуб низ ба кори манфӣ табдил меёбад. Омӯзгор бояд ба хонанда расонда тавонад, ки гуноҳ ақл ва виҷдонро тира месозад. Ҳар гуноҳ ба худ ҷавобгарӣ дорад. Барои дӯст доштани одамони наздиктаринамон дар зиндагӣ монеа мегардад. Ҳамчун захрест, ки одамонро аз якдигар ҷудо месозад ва инсонро бар кӯйи танҳоӣ мебарад. Мақсади кор бо мафҳуми гуноҳ дарк намудани намуд ва дараҷаҳои гуноҳ мебошад, ки ба маънавиёти паст далолат мекунад, инчунин, муҳокимаҳо оид ба намудҳои гуноҳи инсон ва кӯшишҳо ҷиҳати аз худ дур намудани онҳо мебошад. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки педагогика таҳлил ва таълими ин вожаро сарфи назар карда наметавонад. Чӣ тавре, ки Маслов Н. Дар монографияи «Асосҳои педагогикаи рус» қайд мекунад: «ворид намудани ин мафҳум ба педагогика ва системаи таълим имконият медиҳад, ки омӯзгор қобилияти дарсхонӣ ва рафтори хонандаро дарк кунад: «гуноҳ ақлро тира месозад», «зиндагии пургуноҳ қобилияти дарсхониро суст мегардонад» ва ғ.».

Мафҳуми дигари мавриди таҳқиқ **пушаймонӣ** аст. Омӯзгор ба ду хонанда супориш медиҳад, ки ин сангҳоро ба дуюм ошёна баред. Ба як хонанда як санги вазнин ва ба дигаре сангпораҳои бисёр. Хонандаи якум бо душворӣ ҳам бошад, санги калонро боло баровард. Вале хонандаи дуюм бошад, пас аз меҳнати зиёд иқрор гашт, ки як сангча–як сангча баровардан бисёр душвор аст. Омӯзгор мефаҳмонад, ки агар мо гуноҳ кунем ва сипас, пушаймон гардем, ба монанди ҳамин амали дар боло зикргардида хоҳад шуд. Яъне гуноҳи

мо низ якто бошад, пушаймонӣ ва тавбаи он осонтар аст, ва агар гуноҳҳои майда бисёр бошад, пушаймонӣ ва тавбаи он душвортар аст. Пушаймонӣ аз гуноҳ ҳамчун фаҳмидани рафтори худ, буридан аз рафтори бад маънидод карда мешавад. Дигаргун намудани ҳиссиёт, андешаронӣ ва тарзи ҳаёт низ натиҷаи пушаймонӣ аз гуноҳ аст. Ғайр аз ин, тавллуди дигар, бозсозии ботинӣ ҳам пушаймонӣ аст. Қобилияти аз нигоҳи дигарон худро дидан, муҳокимаи боадолатонаи андеша ва рафтори худ, тайёр будан ба машаққати дигаргуншавии маънавӣ нишонаи дигари пушаймонӣ аст. Пушаймонӣ ба осонӣ ба даст намеояд. Аз таҳти дил афсӯс хӯрдан аз он, ки ба дигаре ранҷ дода шуд, эҳсоси дигаре захмин карда шуд, пушаймонӣ аст. Агар ин ғамхӯрӣ холисона набошад, пушаймонӣ кардан суд надорад. **Пушаймонӣ** роҳ ёфтан ба маънавиёти олии инсонӣ аст. Қобилияти худтанқидкунӣ ва муҳокимаи ботинии рафтори худ, роҳ ба қаҳрамонии маънавӣ низ пушаймонӣ аст.

**Қаҳрамонӣ. Қаҳрамонӣ** дар луғат ба маънои «амали далерӣ, рафторе, ки аз одам қувваи зиёди ҷисмонӣ ва маънавӣ тақозо мекунад. Рафторест, ки ҷиҳати бартараф намудани душвориҳо мусоидат мекунад ва натиҷаи манфиатнокии он аз амалҳои дигар афзалияти зиёд дорад» омадааст. Дар луғати С. Ожегова навишта шудааст: «қаҳрамонӣ–рафтори далерона ва фидокорона». Ба шахсони маънавиёти баланддошта қаҳрамонӣ кардан хело зарур аст. Онҳо бояд ҷиҳати ба оромӣ ва фароғати комил расидан машаққат кашанд ва аҳволи ботинии худро тавассути қаҳрамонӣ дигаргун созанд. Қаҳрамонӣ кардан ин виҷдонро ором сохтан аст. Барои худро ба корҳои хуб кардан водор намудан қаҳрамонӣ лозим аст. Қаҳрамонӣ аз он иборат аст, ки худро ғалаба кунӣ. Қаҳрамонӣ ҳамеша дар миёни ҷисм ва рӯҳ қарор дорад. Агар фикрҳои манфиро аз худ дур созем, қаҳрамонӣ аст. Тоқатпазирӣ ба ҳавасҳо ва дилсӯзӣ яке аз унсурҳои қаҳрамонӣ аст. Ҳар қадаре, ки дилсӯзӣ бисёр бошад, ҳамдардӣ низ ҳамон қадар зиёд мегардад. Вале қаҳрамонӣ бе баҳс ва неруи мухолиф намешавад. Инсон чӣ тавр дар оянда зиндагонӣ мекунад, аз қаҳрамонӣ вобаста аст. Қаҳрамонӣ ҳамчун вазъияти доимии инсон дар таҳаммулпазирона бартараф намудани имтиҳонҳои зиндагӣ зуҳур меёбад. Бе қаҳрамонӣ инсони аз ҷиҳати ахлоқ ва маънавиёт комил будан имкон надорад, чунки қаҳрамонӣ чун ҳолати ботинии шахс ҳатмӣ ва зарур аст. Бар нафси худ ғолиб баромадан, камбудиҳои худро дар рафтор бартараф намуданиродаи мустаҳкам доштан маънои қаҳрамониро дорад. Дар ин бора Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гуфтааст:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

Қаҳрамонӣ маънавӣ низ мешавад. Дар рафтори ҳаррӯзаи инсон ин намуди қаҳрамонӣ истифода бурда шуда метавонад. Мисоли одии он ҷой додан ба калонсолон дар нақлиёти ҷамъиятӣ ва ғ.

Хусусиятҳои умумии шарҳи мафҳумҳои мансуб ба ахлоқ ва маънавиёт инҳоянд:

1.Онҳо категория ва мафҳумҳои ахлоқӣ-маънавиро васеъ, дақиқ ва ғанӣ мегардонанд ва омили ташаккул ва бой гардидани лексикони омӯзгор ва хонанда мегарданд.

2.Зимни шарҳу тафсири характеристикаи вазъияти ботинии маънавии инсон на танҳо маънои луғавӣ фаҳмонида мешавад, балки таълим дода мешавад, ки чӣ тавр ва бо кадом роҳҳо ба ахлоқу маънавиёти баланд расидан мумкин аст? Барои таҷрибаи педагогӣ ин омил бениҳоят муҳим аст ва ҳамзамон, боиси шакли таълими салоҳиятнокӣ мегардад.

3.Тамоми мафҳумҳое, ки ба тарбияи ахлоқӣ-маънавии хонандагон дахл доранд, оид ба офариниши инсон ва мавқеи он дар дунё маълумот медиҳанд ва аз ин сабаб тарбияи хештаншиносӣ, ватандӯстии хонандагонро таъмин месозанд.

4. Оид ба мушкилиҳо ва проблемаҳое, ки дар раванди ташаккули тарбияи ахлоқӣ-маънавии хонандагон пеш меоянд, маълумот медиҳад.

Маводи тафсирии мафҳумҳои ахлоқӣ-маънавӣ барои омӯзгор ва хонанда бо он сабаб муфид хоҳад буд, ки зимни кор бо мафҳумҳо интерпретатсияи категорияҳои калидии маънавиро пешниҳод менамояд. Маводи дидактикии луғат, донишнома ва тазкираҳо барои ноил гаштан ба ин мақсад мусоидат мекунад. Дар тамоми давраи таҳсил аҳамияти ҷиддӣ додани хонандагонро ба мафҳумҳои ахлоқӣ-маънавӣ ташаккул додан лозим аст.

Воситаи мантиқии дастрас намудани донишҳои назариявӣ ин тафаккурро бо амалиёти озмоишӣ ҷамъбаст намудан аст. Аз натиҷаи чунин муҳокимаҳо хулосаҳои нав қабул гардидан мегиранд, ки дар як доираи муайян бо афкори пешина монандӣ доранд. Хулосаҳои донишҳоро ба индуктивӣ ва дедуктивӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дедуктивӣ

чунин натиҷагирии донишҳоест, ки хулосаи маълумот дар асоси хусусияти умумии афкори ҷамъият сурат мегиранд. Зери мафҳуми индуктивӣ бошад, натиҷагирии донишҳо аз хусусӣ ба умумӣ фаҳмида мешавад, яъне дар асоси дониши як ё ду хонанда хулоса баровардан оид ба дониши тамоми синф аст. Тарзи таҳқиқи илмии абдуксияро низ илова намудан мумкин аст. Абдуксия истилоҳе мебошад, ки ҷиҳати ифода намудани хулосаҳои исботнашуда хизмат мекунад. Оид ба шарҳи мафҳумҳои индуксия, дедуксия ва абдуксия таълифоти зерин пешниҳод гардидааст: дедуксия амалеро мефаҳмонад, ки бояд иҷро гардад; индуксия кори иҷрошавандаро нишон медиҳад ва абдуксия бошад, амалеро мефаҳмонад, ки бояд иҷро шавад.




Расми 5. Муҳокимаронии абдуктивӣ.

Абдуксия на танҳо ба натиҷагириҳои мушаххас оварда мерасонад, балки ҳамчун методи махсуси ҷустуҷӯи гипотезаҳои илмӣ барои ошкор намудани ин далелҳо хизмат менамояд. Шакли муҳокимаронии абдуктивӣ чунин аст: – падидаи «А»–ро мушоҳида менамоем; падидаи «А» фаҳмонида мешуд, агар гипотезаи «Б» дуруст мебуд; –ҳамин тариқ, гипотезаи «Б» ин ҳақиқат аст (Расми 5). Абдуксия на танҳо ба хулосаҳои дақиқ оварда мерасонад, балки ҷиҳати маънидод намудани далелҳои мавҷудбуда ҳамчун методи ҷустуҷӯйи гипотезаҳои илмӣ хизмат мекунад. Шакли муҳокимаи абдуктивӣ чунин аст: падидаи «Б» мушоҳида мешавад; –агар гипотезаи «Б» дуруст бошад, ин падида фаҳмонида шудааст. –аз ин хулосаи аниқ баровардан мумкин аст, ки гипотезаи «Б» ҳақиқат аст. Раванди муҳокимаи абдуктивӣ ба хулосаҳои дедуктивӣ муқобил аст. Дедуксия аз гипотезаи қаблан тарҳрезишуда оғоз меёбад. Баръакс, муҳокимаи абдуктивӣ аз таҳлил ва баҳодиҳии дақиқи далелҳои мавҷудбуда, ки барои маънидод намудани интихоби гипотеза мусоидат мекунад, оғоз меёбад. Фарқияти асосии абдуксия аз индуксия он аст, ки аз ҷониби муҳаққиқон ба сифати методи бехато ва дақиқи ихтирои нав дар самти илм қабул нагардидааст. Мақсади он ҷустуҷӯи гипотезаҳо мебошад, ки ҷиҳати маънидод намудани далелҳо кӯмак мерасонад. Овардани далелҳо, ки дар асоси қоидаҳои мантиқ оварда мешаванд, барои ҳалли масъалаҳои зиёде ба муҳаққиқ ёрӣ мерасонанд. Далел овардан ин раванди мантиқиест, ки он ба ҳақиқат будани муҳокимарониҳои мо, яъне тезисҳои пешниҳодгардида бо ёрии муҳокимарониҳои дигарон асос меёбад. Агар қоидаҳои исбот намудан риоя карда шаванд, мақсади далел овардан ҳосил мегардад. Яке аз чунин қоидаҳо ин аст, ки тезиси исбот намуданро фаҳмо ва дақиқ бояд пешниҳод намоем. Ҳамзамон, ба духӯрагӣ роҳ додан мумкин нест. Масалан, шаклгирии тезиси зерин духӯрагӣ дорад: «қонунҳоро бояд риоя кард», чунки муайян нест, сухан дар бораи кадом қонун меравад: қонунҳои табиат, ё ин ки қонунҳои ҷамъият? Талабот ба пешниҳод намудани тезис он аст, ки ба духӯрагӣ роҳ дода нашавад ва ин бениҳоят муҳим аст. Сабаб он аст, ки ҳар як хато дар интихоби калима имконияти духӯра тафсир намудани ҷумларо ба миён меорад ва ҳатто бар зидди гӯянда баргаштани маънои он мумкин аст.

## АДАБИЁТ:

1. Суханҳои ҳикматомӯзи Президент Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забон. – Душанбе: Бунёди забон, 2015. – 116 саҳ.

2. Абдуқодиров А., Давронов А. Каломи Камол / А. Абдуқодиров, А. Давронов. – Хуҷанд, 1998. – 215с.
3. Буриев Ш. Р. Лексическая синонимия в «Маснавии маънави» Джалолиддина Руми / Ш. Р. Буриев– Автор.канд. дисс. – Душанбе, 2002. – 22с.
4. Давронов А. Муродифҳо дар «Қобуснома»-и Кайковус» / А. Давронов // Ахбороти АИ ҶТ. Шӯъбаи фанҳои ҷамъиятӣ, 1974. – № 2. – С. 78-81.
5. Джумаев М. О. Лексико-семантические особенности «Нафахат-ул-унса» Абдуррахмана Джами / М. О. Джумаев – Автор. канд. дисс. – Душанбе, 2007. – 22с.
6. Джураева С. Б. Синонимы в поэзии Абдурахмана Джами / С. Б. Джураева – Автор. канд. дисс. – Худжанд, 2009.
7. Джуразода Ш. Лексико-грамматические особенности «Маснавии маънавӣ» Джалоладдина Руми / Ш. Джуразода – Душанбе, 1998. – 144 с.
8. Каримов Ш. Семантикаи воҳидҳои луғавии ғазалиёти Ҳофиз / Ш. Каримов – Душанбе: Матбуот, 1993. – 146 с.
12. Хлевная Е.А., Штроо В.А., Киселева Т.С. Экспериментальное исследование возможности развития эмоционального интеллекта // Психологическая наука и образование. 2012. № 3. С. 50-60.
13. Шушляпин О.И., Богдан В.В. Сознание, эмоциональный, рациональный интеллект и вера в их взаимосвязи и взаимообусловленности // Сознание и физическая реальность. 2010. Т. 15. № 6. С. 2-12.
14. Якиманская И.С. и др. Психология и педагогика / учебное пособие. 3-е изд., перераб. и доп. Оренбург: Издательство Руссервис, 2012. 567 с.
15. Симонова Л.Б., доц. каф. психологии Волгогр. гос. соц.-пед. ун-та. Развитие эмоционального интеллекта будущего педагога: [Электронный ресурс] // irina.simonova@mail.ru.
16. Ситдикова И. Эмоциональный интеллект педагога как показатель профессионального мастерства: [Электронный ресурс] // http://do.gendocs.ru/docs/index-144747.html.


## ОСОБЕННОСТИ ЭМОЦИОНАЛЬНОГО ИНТЕЛЛЕКТА ПЕДАГОГА


В настоящее время в зарубежной и отечественной психологии наблюдается рост интереса к изучению эмоционального интеллекта. Внимание исследователей к проблеме эмоционального интеллекта связано с тем, что данный конструкт хорошо согласуется с представлениями житейской психологии и расширяет сложившиеся научные представления о разнообразии человеческих способностей, тем самым обогащая психологию.

Педагог - общественный субъект, носитель общественных знаний и ценностей. В силу этого в субъектной характеристике педагога соединяются интеллектуальная, эмоциональная, волевая, ценностная, нравственная, духовная и рефлексивная плоскости. В процессе педагогической деятельности нужно учитывать индивидуальность, неповторимость, уникальность каждого из субъектов деятельности, при этом педагоги должны обладать определенными профессионально важными качествами, к которым предъявляются очень высокие требования.


***Ключевые слова:*** *эмоциональный интеллект, индивидуальность, неповторимость, уникальность, теплота, чуткость, забота, личностные ресурсы.*

## ХУСУСИЯТҲОИ ЭҲСОСОТИ ЗЕҲНИИ ОМУЗГОР


Дар айни замон дар психологияи хориҷӣ ва ватанӣ таваҷҷӯҳ ба омӯзиши эҳсосоти зеҳнӣ афзоиш меёбад. Таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба проблемаи тафаккури эмотсионалӣ аз он иборат аст, ки ин конструксия бо ақидаҳои психологияи рӯзмарра мувофиқат мекунад ва дарки мавҷудаи илмиро оид ба гуногунии қобилиятҳои инсонӣ васеъ намуда, психологияро бой мегардонад.

Муаллим субъекти иҷтимоӣ, барандаи дониш ва арзишҳои иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, хусусиятҳои субъективии омӯзгор сатҳҳои интеллектуалӣ, эмотсионалӣ, ирода, арзиш, ахлоқ, маънавиёт ва рефлексивиро ба ҳам мепайвандад. Дар чараёни фаъолияти педагогӣ фардият, асолат, нотакрор будани хар як фаъолияти субъектро ба назар гирифтан лозим аст, дар айни замон муаллимон бояд сифатҳои муайян аз чихати касбӣ мухим дошта бошанд, ки ба онхо талаботи хеле баланд гузошта мешаванд.


***Калидвожаҳо:*** *эҳсосоти зеҳнӣ, фардият, асолат, беназирӣ, гармӣ, ҳассосият, ғамхорӣ, захираҳои шахсӣ.*

## FEATURES OF TEACHER'S EMOTIONAL INTELLIGENCE


Currently, in foreign and native psychology, there is a growing interest in the study of emotional intelligence. The attention of researchers to the problem of emotional intelligence is due to the fact that this construct is in good agreement with the ideas of everyday psychology and expands the existing scientific understanding of the diversity of human abilities, thereby enriching psychology.

A teacher is a social subject, a bearer of social knowledge and values. Because of this, the subjective characteristics of the teacher combine intellectual, emotional, volitional, value, moral, spiritual and reflexive planes. In the process of pedagogical activity, it is necessary to take into account the individuality, originality, uniqueness of each of the subjects of activity, while teachers must have certain professionally important qualities, which are subject to very high requirements.

***Key words:*** *emotional intelligence, individuality, originality, uniqueness, warmth, sensitivity, care, personal resources.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Хусанова Т.Қ.- дотсенти кафедраи забони русӣ ва таълими касбии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Тел: 935300333

**Сведения об авторе:** Хусанова Т.К.- доцент кафедры русского языка и профессионального образования Технологического университета Таджикистана. Тел: 935300333

**Information about the author:** Khusanova T.K. - Associate Professor of the Department of Russian Language and Vocational Education of the Technological University of Tajikistan. Tel: 935300333

**ҒОИБОВ К.Ш.**

## АСОСҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ОМӮЗГОРОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

Рушди босуръати илму техника дар шароити кунунии Низоми марифи кишвар аз омӯзгор маҳорати баланди касбӣ ва қобилияти эҷодиро талаб мекунад, ки ин масъала солҳои охир диққати муҳаққиқоти соҳаҳои психология, педагогика ва методикаи таълимро ба худ ҷалб кардааст. Омӯзгори навовару эҷодкор барои баланд бардоштани фаъолияти эҷодкоронаи мактаб хонандагони хурдсол аз усули инноватсионӣ бо маҳорати баланди тахассусӣ истифода намуда, дар ташаккули шахсияти онҳо саҳм мегузорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" дар назди мактаби муосир ва муаллимон вазифаҳои "... таъмини худидоракунии шахсро фароҳам овардан, барои худшиносии ӯ фароҳам овардани шароит" – ро мегузорад, ки моҳиятан онро фармоиши иҷтимоии давлат барои мактаб ҳисобидан дуруст аст. Дар мактаби муосир, вақте ки натиҷаи кафолатноки педагогӣ талаб карда мешавад, мундариҷаи таълим мунтазам такмил дода мешавад, ки ин зарурати муносибати эҷодӣ ба ҳалли масъалаҳои дар пеш истодаро ифода мекунад [5].

Эҷодкорӣ ҳама чизест, ки моро иҳота мекунад. Пеш аз ҳама, ин раванд ва натиҷаи фаъолияти эҷодӣ: фарҳанг, санъат, дониш, меҳнат, зебоӣ мебошад. Муаллими эҷодкор қайд мекунад Н.В. Кузьмина "Онест, ки маҳорати касбӣ зоҳир мекунад, ҳикмат мекунад ва рӯҳбаланд гардонад". Дар ин васила фаъолияти омӯзгорӣ зуҳуроти фаъолияти эҷодии омӯзгор дар шакли нав ба нави кори таълим инъикос мегардад [4].

Рушди фаъолияти эҷодии омӯзгор вазифаи мураккаб ва гуногунҷабҳа буда, на танҳо асоснокии назариявӣ, балки ҷустуҷӯйи усул, равишҳо, шаклҳои нави таълим, ғояҳои созанда дар тараққиёти технологияи таълим ва санҷиши таҷрибавии онҳоро талаб мекунад. Ва агар эҷодкорӣ моликияти модарзодии шахс набошад, пас фаъолияти ӯро тавре тарҳрезӣ кардан мумкин аст, ки инкишофи сифатҳои эҷодии шахсро аз натиҷаи ғайримустақим ба шакли мустақим табдил диҳад. Эҷодкорӣ туҳфаи чанд кас нест. Ин сифат эҳтимолан ба ҳар як инсон хос аст, гарчанде ки ихтилофи назаррас дар дараҷаи доштани он вуҷуд дорад. Худи раванди азхудкунии донишҳои психологӣ ва педагогӣ хусусияти эҷодӣ дорад, ки дар давоми он тағйироти сифатии шахсияти муаллим мушоҳида гашта, фаъолият, мустақилият, ихтироъкорӣ, тахайюл ва ҳисси ӯ тадриҷан инкишоф меёбад. Ба ибораи дигар, раванди рушди нерӯи эҷодӣ идома меёбад.

Фаъолияти эҷодии муаллим аз сифр оғоз намешавад. Эҷодкорӣ таҳкурсии мустаҳкам ва пеш аз ҳама, салоҳияти психологӣ – педагогии муаллим, аз ҷумла доштани тасаввуроти илми муосир дар бораи таълим ва тарбия, дарки қонунҳои раванди таълим ва қонуниятҳои рушди шахсиятро талаб мекунад.

Марҳилаи якуми омодасозии муаллим ба раванди эҷодкорӣ ба баланд бардоштани сатҳи зеҳнии ӯ равона карда шудааст, зеро байни зеҳн ва эҷод робитаи мустақим вуҷуд дорад. Ҳамин тариқ, муаммои мадди назари муҳаққиқон ва амалкунандагон - ин масъалаи зеҳн ва робитаи он бо фаъолияти эҷодии шахс, рушди қобилиятҳои эҷодии фардӣ ва тафаккури эҷодӣ мебошад.

Дар марҳилаи дуюм малакаҳои зарурии педагогӣ ташаккул меёбанд. Маҳорат ҳамчун усули кори амалӣ ба хусусияти муайяни сифатии азхудкунии дониши касбӣ мувофиқат мекунад. Алоқамандии сифати дониш ва малакаи омӯзгор ба мо имкон медиҳад, ки вобастагии намудҳои гуногуни малакаҳои ӯро бо хусусиятҳои фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодӣ дақиқ намоем.

Марҳилаи сеюми омодагӣ ба эҷодкорӣ ба муаллим истифодаи эҷодкоронаи донишро дар вазъияти тамоман ношинос таълим медиҳад. Дастурҳои асосӣ дар ин марҳила ҷаҳонбинии васеъ, амиқии методологӣ, донистани мавзуи худ дар доираи амсиласозии системаи таълим, тарбия ва ташкили таҷрибаи педагогии худ мебошанд. Дар ин марҳила муаллим вазифаҳои дорои хусусияти таҳқиқоти доштаро месозад, дар барномаҳои муаллифӣ иштирок менамояд, таҷрибаи пешқадами педагогиро ҷамъбаст менамояд, ба таҳқиқи мустақили мушкилоти раванди таълим машғул мегардад ва усули таълимии худро таҳия менамояд. Ин амсилаи зина ба зина омода кардани муаллим ба фаъолияти эҷодӣ тадриҷан ба навовариҳои педагогӣ оварда мерасонад.

Мазмун ва ташкили кори педагогиро танҳо бо роҳи муайян кардани сатҳи муносибати эҷодии муаллим ба фаъолияти ӯ дуруст арзёбӣ кардан мумкин аст, ки дараҷаи амалигардонии қобилиятҳои ӯро дар расидан ба ҳадафҳои гузошташуда инъикос мекунад. Аз ин рӯ, хусусияти эҷодии фаъолияти педагогӣ муҳимтарин хусусияти объективии омӯзгор мебошад. Аз он ҷост, ки гуногунии ҳолатҳои педагогӣ, номуайянии онҳо ба таҳлил ва ҳалли масъалаҳое, ки аз онҳо бар меоянд, равишҳои тағйирёбандаро талаб мекунанд.

Эҷодкорӣ фаъолиятест, ки чизи наверо тавлид мекунад, он қаблан дар асоси азнавташкилдиҳии таҷрибаи мавҷуда ва ташаккули таркиби нави дониш, малака, маҳсулот чизи наве ба вуҷуд наомадааст. Эҷодкорӣ сатҳи гуногун дорад. Як сатҳи эҷодкорӣ бо истифодаи дониши қаблан мавҷудбуда ва васеъ гардидани соҳаи истифодаи он тавсиф карда мешавад; дар сатҳи дигар, равиши комилан наве сохта мешавад, ки назари маъмулии ашё ё минтақаи донишро тағйир медиҳад.

Эҷодкорӣ дар фаъолияти омӯзгор бо сатҳҳои гуногун тавсиф карда мешавад ва сатҳҳои зерини фаъолияти эҷодии педагогиро фарқ мекунанд:

Сатҳи ҳамкории ибтидоӣ бо синф: Муаллим фикру ақидаҳоро истифода мебарад, таъсири худро ба натиҷаҳои он ислоҳ мекунад, аммо вай "тибқи методика", тибқи шаблон, тибқи таҷрибаи муаллимони дигар амал мекунад;

Ин сатҳро метавон ба таври маъмулӣ сатҳи дубораи тавсияҳои омода, оптимизатсия, эвристикӣ ва ё мустақилияти шахсӣ номид [10].

Пас, фаъолияти эҷодии педагогӣ худ аз худ равандест, ки аз азхудкунии чизҳои қаблан ҷамъшуда (мутобиқшавӣ, таҷдиди дубора, таҷдиди дониш ва таҷриба) то тағйирёбӣ, ивази таҷрибаи мавҷуда оғоз меёбад. Роҳи аз мутобиқшавӣ ба вазъияти педагогӣ то тағйирёбии он моҳияти динамикаи фаъолияти эҷодии муаллим мебошад.

Соҳаи зуҳури фаъолияти эҷодии педагогӣ бо сохтори фаъолияти педагогӣ муайян карда шуда, тамоми ҷанбаҳои он: созанда, ташкилӣ, коммуникативӣ ва гностикӣ (пайравӣ, пайравӣ ба дигарон) фаро гирифта шудааст. Аммо, барои татбиқи эҷодкорӣ дар фаъолияти омӯзгорӣ як қатор шароитҳо заруранд:

* зичии мувaққатии эҷодкорӣ, вақте ки байни вазифаҳо ва усули ҳалли онҳо фосилаи зиёди вақт вуҷуд надорад;

* пайвастани фаъолияти эҷодии муаллим бо фаъолияти эҷодии хонандагон;

* натиҷаи тағйирёфта ва зарурати пешгӯии он;

* фазои суханронӣ дар назди мардум;

* зарурати вобастагии доимии техникаи стандартии педагогӣ ва ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ [10, 63].

Дар адабиёти муосир психологӣ-педагогӣ тавсифи фаъолияти эҷодӣ ҳамчун раванди ҳалли масъалаҳои педагогӣ дар шароити тағйирёбанда фаҳмида мешавад. Омӯзгор ба ҳалли маҷмуи бешумори масъалаҳои маъмулӣ ва ғайристандартӣ рӯ оварда, мисли ҳар як муҳаққиқ, фаъолияти худро мутобиқи қоидаҳои умумии ҷустуҷӯйи эвристӣ (навоварӣ, кашфиёт) месозад: таҳлили вазъияти педагогӣ; тарҳрезии натиҷа мутобиқи маълумоти аввалия; таҳлили воситаҳои мавҷуда, ки барои санҷиши тахминӣ ва ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ заруранд; арзёбии маълумоти бадастомада; таҳияи вазифаҳои нав.

Дар натиҷа, таҷрибаи фаъолияти педагогии эҷодӣ - пайдоиши мафҳум, таҳия ва ба идея табдил ёфтан (гипотеза), кашфи роҳи татбиқи мафҳум ва ғоя - дар шароити машқҳои

мунтазам ҳангоми ҳалли масъалаҳои махсус интихобшуда, ки воқеияти омӯзгориро инъикос мекунанд, ва ташкили ҳам таълимӣ ва ҳам воқеии фаъолияти касбии нигаронидашудаи касбиятро ифода мекунад.

Махорати муаллим ба давомнокии кори ӯ бевосита нест. Дар муқоиса бо маҳорат, фаъолияти эҷодии педагогӣ, ба андешаи Э.И. Моносзон ҳамеша ҷустуҷӯ ва дарёфти чизи нав аст: ё барои худ (кашфи роҳҳои тағйирёбандаи ғайристандартии ҳалли масъалаҳои педагогӣ), ё барои худ ва дигарон (эҷоди равишҳои нави аслии усули инфиродӣ, ки таҷрибаи маъруфи педагогиро таҷдиди назар мекунанд) [8].

Дар шароити муосири кори таълиму тарбия торафт бештар муаллимон-устодони ҳунари худ пайдо мешаванд. Оё эҷодкорӣ ва ҳунармандӣ яксон аст ё не?

Усто (сохтмончӣ ва ё дуредгар) коргарест, ки касби худро хуб медонад ва маҳорат, чун қоида, бо таҷрибаи калон алоқаманд аст. Муаллими ҷавоне, ки ҳанӯз усто нест, инчунин метавонад эҷодкор бошад.

Сатҳи фаъолияти эҷодии муаллимонро ба якчанд гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳи аввал муаллимоне шомиланд, ки дорои маҷмуи усули стандартӣ мебошанд ва метавонанд дар доираи фаъолияти оддӣ чизҳои нав эҷод кунанд;

як гурӯҳи дигар - муаллимоне, ки саъй мекунанд системаи нави усулро дар шароити фаъолияти мураккабтар ба роҳ монанд;

ба гурӯҳи сеюм - муаллимоне, ки системаи технологияҳои таълимро эҷод мекунанд дохил мешаванд.

Раванди эҷодӣ аз муаллим неруҳои маънавӣ ва эҷодии ӯ ва дониши ба фаъолияти эҷодӣ хосро талаб мекунад.

Бо назардошти нуктаҳои зикршуда фаъолияти эҷодиро мо аз дидгоҳи фаъолияти якҷояи омӯзгор ва хонанда ва амалиёти якҷояи онҳо баррасӣ менамоем. Бо такя ба ин асоси консептуалӣ мо зоҳир гардидани фаъолияти эҷодиро дар таълим ва тарбия пайгирӣ менамоем.

Воқеан, фаъолияти омӯзгор табиатан хусусияти эҷодӣ дорад, ки моҳиятан хеле гуногун аст. Он ҳалли шумораи беохири масъалаҳои типӣ ва оригиналии педагогӣ бо муносибати ғайриқолабӣ; коркарди методҳо, шаклҳо, воситаҳои таълим; татбиқи таҷрибаи пешқадам дар шароити нав; маҳорати ворид кардани тавсияҳои методӣ, матлабҳои назарияи педагогӣ ба амалиёти мушаххаси педагогӣ; такмил додан, навсозии чизҳои маълум дар шароити мавҷуда ва бунёди низомҳои наву самарбахши таълиму тарбияи хонандагон мебошад.

Агар зуҳуроти гуногуни фаъолияти эҷодии омӯзгорро гурӯҳбандӣ намоем, ду шакли асосии онро муайян кардан мумкин аст: [13, 94]

1. Татбиқи воситаҳои маъруфи дидактикӣ дар ҳамбастагиҳои нав нисбат ба вазъияти педагогие, ки дар раванди таълиму тарбия ба миён меоянд, ҷорӣ кардани дастовардҳои илми педагогика ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар амалияи имрӯза.

2. Коркарди воситаҳои нав вобаста ба вазъияте, ки бо ҳаммонанди онҳоро омӯзгор пештар сари кор дошт.

Ин шаклҳои сатҳи зуҳурёбии эҷодкории омӯзгорон дар раванди таълим аз ҳам тафовут доранд.

Педагоги маъруфи шӯравӣ В.А.Сухомлинский хусусиятҳои зоҳиршавии шакли якуми фаъолияти эҷодиро дар кори омӯзгор дуруст муайян кардааст: "... амалӣ намудани ҳақиқати илмӣ дар таҷрибаи зиндаи меҳнати эҷодӣ соҳаи мураккабтарини ба ҳам иртибот пайдо кардани илм ва амалия мебошад. Бозёфте, ки дар рафти омӯзиш амалӣ шудааст, вақте ки дар муносибатҳои тарафайни одамон ҷон мегирад, дар авҷи зиндаи фикру эҳсосот дар назди омӯзгор ҳамчун масъалаи мураккабе падидор мешавад, ки онро бо роҳҳои гуногун ҳал кардан мумкин аст ва дар интихоби восита, таҷассуми ҳақиқати назариявӣ дар фикру эҳсосоти инсонӣ меҳнати эҷодӣ ифода меёбад"[12].

Дарвоқеъ, дар раванди таълим омилҳои зиёде ба ҳам алоқаманд гардида, якҷоя амал мекунанд, вазъияти такрорнашавандаи педагогие ба миён меоянд, ки омӯзгор пешбинӣ карда наметавонад. Ҳамин чиз фаъолияти эҷодии омӯзгорро вусъат мебахшад, ки ҳар дафъа масъалаҳои типии педагогиро дар вазъи нав ҳал мекунад ё масъалаҳои навро дар вазъияти типӣ пешниҳод менамояд. Ин масъалаҳоро ҳал карда, омӯзгор шаклҳои нави таълимро ба вуҷуд оварда метавонад, воситаҳои аллакай маълумро ба тарзи нав ё воситаҳои кӯҳнаро дар ҳамбастагии нав татбиқ менамояд.

Эҷоди педагогии омӯзгор ба вусъату амиқрафти аз ҷониби ӯ фаро гирифта шудани тамоми маҷмӯи донишҳои педагогӣ – дониши асосҳои фаннӣ қонунияти раванди педагогӣ, асосҳои психологии онҳо вобаста мебошад. Эҷод ба дараҷаи вусъати фарҳанги педагогӣ вобаста аст.

Ф. Шарифзода фарҳанги педагогиро бо фаъолияти эҷодии омӯзгор алоқаманд мекард ва муҳим мешуморид, ки "... омӯзгор ба масъалаҳои мураккабтарини илме, ки дар мактаб таълим медиҳад, ба масъалаҳое, ки афкори илмии пешқадамро муаррифӣ менамоянд, сарфаҳм равад.Агар шумо фанни физикаро таълим диҳед, бояд дар бораи ҳиссачаҳои хурдтарин огоҳӣ дошта бошед, назарияи майдонро хуб донад, оид ба дурнамои инкишофи энергетикаро ақаллан тасаввуроти умумӣ дошта бошад. Ба ин эрод гирифтан мумкин аст: ба омӯзгор донистани он чизе, ки дар дарсҳо омӯхта намешавад ва бевосита бо маводи дар мактаби миёна омӯхташаванда иртибот надорад, чӣ зарурат дорад? Барои он ки дониши барномаи мактаб барои омӯзгор асосҳо, алифбои ҷаҳоншиносии ӯ буданд. Вақте ки ҷаҳонфаҳмии ӯ нисбат ба барномаи мактаб густурдатар аст, танҳо дар ҳамин сурат ӯ устоди ҳақиқӣ, мусаввир, шоири раванди педагогӣ мегардад [14, 201].

Фарҳанги педагогӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки раванди таълимро мушоҳида карда, аз мавқеи илмӣ онро таҳлил намояд, ки ба андӯхтани фактҳои педагогӣ, дарки фактҳо дар низоми донишҳои педагогӣ бошад – ба пурра гардонидан ва такмил додани раванди таълим боис мешавад. Аксаран таҷрибаи пешқадами педагогӣ ба вуҷуд оварда мешавад, ки натиҷаи ҷустуҷӯи эҷодии мактаб ва омӯзгорон буда, фактҳои нави педагогӣ ошкор менамоянд, арзишҳои педагогиеро, ки пештар ба илм ва амалияи педагогика номаълум буданд, ба вуҷуд меорад ё вобаста ба вазифаҳои имрӯзаи таълиму тарбияи хонандагон шаклҳо, методҳо ва воситаҳои кори таълиму тарбияро таҷдид менамояд [2].

Соҳаи татбиқи эҷодкории педагогӣ бо сохтори қисматҳои асосии амалияи педагогӣ муайян мегардад. Дар адабиёти педагогӣ [35] қисматҳои зерини фаъолияти омӯзгор муқаррар шудаанд: фаъолияти созанда, фаъолияти ташкилӣ, фаъолияти коммуникативӣ, фаъолияти гностикӣ. Ба воситаи қисматҳои фаъолияти омӯзгорон таҷассум ёфтани фаъолияти эҷодиро баррасӣ менамоем:

Фаъолияти созанда (конструктивӣ)-и омӯзгор фаъолиятест, бо интихоб, ҷобаҷогузорӣ, тарҳрезии маводи таълиму тарбия алоқаманд аст. Дар ин фаъолият омӯзгор пеш аз ҳама, ба нақшаҳои таълим, барномаҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳо ва роҳнамоҳои таълим такя мекунад.

Фаъолияти созандаи омӯзгор ҳангоми сохтани мундариҷаи нави таҳсил, ки ба хонандагон пешниҳод мегардад, зуҳур меёбад. Чуноне, ки маълум аст, барнома мундариҷаи таҳсилотро тариқи рӯйхати саволҳо аз рӯйи тартиби муайян бо нишон додани вақти тахминии омӯзиши онҳо фаро мегирад.

Кор бурдани омӯзгор дар самти таҳияи барнома ва қисматҳои он кори зарурии эҷодии ӯ мебошад, зеро "барнома самтнамои меъёрии фаъолияти эҷодии омӯзгор аст"[4].

Омӯзгор вобаста ба вазъияти мушаххас ва шароити таълим масъалаи тақсимоти соатҳоро барои гузаштани мавзӯъҳо, пайдарҳамии онҳоро мустақилона ҳал намояд.

Барнома дар китоби дарсӣ инъикос меёбад, аммо таҷриба нишон медиҳад, ки аз рӯйи як барнома китобҳои дарсии гуногун метавонанд таълиф гарданд.

Омӯзгор, ки барои иҷрои барнома вазифадор аст, бояд имконияти ба нақша гирифтан, интихоб кардани китоби дарсиро дошта бошад. Аммо муҳимтар он аст, ки ӯ бояд норасоиҳоиро онро ҷуброн намояд, барои он ки хонандагон тамоми маводи барномаро аз худ кунанд, масъалаҳои мураккабро содатар баён созад. Эҷодкории омӯзгор метавонад ҳангоми кор бо китобҳои дарсӣ низ зоҳир гардад. Л.Я. Зорина менависад: "Омӯзгори эҷодкор, ки бо китоби дарсии хуб кор мекунад ва хоҳиши ба тарзи худ баён кардани маводро дорад, одатан, пайдарпаӣ ва мантиқи баёнро тағйир намедиҳад, тасвиятҳо (онҳоро дақиқ карда метавонад), замимаҳои илмӣ, тавзеҳи маводи намоишии китобҳои дарсӣ, ғояҳои ҷаҳоншиносии ӯ присипиалӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, тамоми ҷанбаҳои масъалаҳои инкишофи фаъолияти эҷодӣ, кори якҷояи эҷодии омӯзгор ва хонандагон дар раванди таълим ва омодагии онҳоро барои эҷодкории якҷоя фаро намегирад. Зарур аст, ки таҳқиқи амиқтари имконоти ҳар як силсилаи фанҳои дар мактаб омӯхташаванда дар ташаккули эҷодкории педагогӣ анҷом ёбад. Коркарди роҳҳои самарабахши инкишофи минбаъдаи ҳамкории эҷодии омӯзгор бо хонандагон дар давраи коромӯзии педагогҳои навкор омӯзишу баррасии махсусро тақозо менамояд.

## АДАБИЁТ:


1. Амонашвили Ш.А. Единство цели. (В добрый путь, ребята!): Пособие для учителя / Ш.А. Амонашвили [Текст]. - М.: Просвещение. 1987. – 208с.
2. Зорина Л.Я. Программа учебник – учитель / Л.Я. Зорина [Текст]. - М.: 1989. - 86с.
3. Иванова Н.Д., Педвузам – интегрированные курсы математика, в школе / Н.Д. Иванова, Н.Н. Забежанская, А.К. Ким. [Текст]. - М. 1991. №4. С. 12-13.
4. Кузьмина Н.В. Способности, одаренность, талант учителя/ Н.В. Кузьмина [Текст]. - Ленинград, отд. об-ва «Знание», 1985. С. 32.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” [Матн]. - Душанбе: “Шарқи озод”- (22.07.2013,№1004). 34 с.
6. Луначарский А.З. О воспитании и образовании / А.З. Луначарский [Текст]. –М.: Педагогика, 1976. – 640 с.
7. Матюшкин А.М. Проблемные ситуации в мышлении и обучении / А.М Матюшкин [Текст]. – Москва:, Просвещение, 1972.- 142с.
8. Моносзон Э.И. Методические и теоретические вопросы изучения, обобщения и использование педагогического опыта / Э.И.Моносзон [Текст]. М.:- Сов. педагогика, 1979. № 2. С.8.
9. Мустафоқулов Т., Асосҳои психологияи умумӣ/ Т. Мустафоқулов[Матн]. Душанбе -2012. 425 с.
10. Никандров Н.Д., Кан-Калик, В.А. Подготовка будущего учителя к педагогическому творчеству / Н.Д. Никандров [Текст]. М.: Сов. Педагогика, 1987.
11. Поташник М.М. Как развивать педагогическое творчество / М.М. Поташник [Текст]. М.: Знание, 1987. 82с.
12. Сухомлинский В.А. Сто советов учителю / В. А. Сухомлинский [Текст]. - Киев: Рад. шк., 1984.- 254 с.
13. Столяренко Л.Д., С.И. Самгин Психология общения / Л.Д.Столяренко [Текст]. - Ростов-на Дону-2015.-315с.
14. Шарифзода Ф, Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф. Шарифзода, М. Миралиева [Матн]. - Душанбе «Ирфон». 2012. - 561с.
15. Шаталов В. Ф. Куда и как исчезли тройки / В.Ф.Шаталов [Текст]. - Москва: Педагогика, 1979. – 132 с.


## АСОСҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ОМӮЗГОРОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ


Мақола ба яке аз масъалаҳои мубрами педагогика бахшида шудааст. Муаллиф фаъолияти эҷодии омӯзгорони синфҳои ибтидоиро бо истифода аз навтарин дастовардҳо ва усули интерактивӣ ҳамаҷониба баррасӣ кардааст.

Муаллиф имкониятҳои истифодаи намудҳои эҷодии фаъолиятро дар системаи таълими ибтидоии мактаббачагони хурдсол ва аҳамияти онро барои рушди равонии кӯдакон баррасӣ кардааст.

Ҷузъи зарурии фаъолияти эҷодии омӯзгор ҳамкории мутақобилаи омӯзгор ва хонандагон мебошад. Дар мақола инчунин хусусиятҳои психологии хонандагони сустхон ва роҳҳои бартараф кардани онҳо дар раванди таълим баррасӣ шудааст. Муаллиф та-лаби халкунандаи муаллимро мав-чудияти кобилияти педагогӣ, ки чузъи асосии сифати шахсият ба шумор меравад, нишон дода, чунин кобилиятҳоро номбар кардааст: ба монанди суггетикӣ, ташкилотчигӣ, тасвирӣ, муошират. Дар марҳилаи имрӯза озодии эҷодиёти омӯзгорон дар соҳаи маориф якҷоя аҳамият ва аҳамияти хоса пайдо мекунад.



***Калидвожа:*** *фаъолияти эҷодӣ, зеҳн, дониш, тафаккури эҷодӣ, қобилияти эҷодӣ, маҳорати касбӣ, муносибати эҷодӣ, худидоракунӣ, одоби муошират, хусусиятҳои синнусолӣ, такти педагогӣ, усул, равиш, таҷриба, таъсиррасонӣ, мустақилиятнокӣ, салоҳияти психологӣ – педагогӣ, раванди эҷодӣ, ҳамкории ибтидоӣ, гностика, ҷустуҷӯйи эвристӣ*


## ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИИ ТВОРЧЕСКИХ ДЕЯТЕЛЬНОСТЕЙ УЧИТЕЛЕЙ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ


Статья повещена одной из актуальных проблем педагогики. Автором всестороннее рассмотрена творческая деятельность учителей начальных классов с использованием новейших разработок и интерактивных методов.

Автором рассмотрены возможности использования творческих виров деятельности в системе начального образования младших школьников и её значение для психического развития детей.

Необходимый компонентам творческой деятельности учителей является взаймодействие между учителям и учениками. Также статья рассмотривает психологические оссобенности неуспивающих учеников и пути их преодоления в учебном процессе. Автор указывает, решающим требованием педагога является наличие педагогических способностей, представляющее собой главное

составляющее качество личности, и перечисляет способности: такие как сугестивные, организаторские, порсептивные, коммуникативные. На современном этапе свабода творчества учителей в системе образования и совместнами преобретает исключительно важное значения и актуальность.

***Ключевые слова:*** *творческое деятельность, интелект, знания, творческое мышление, творческие способности, педагогическое мастерство, творческий подход, самоуправление, культура обшение,возрастные особенности, педагогический такт, метод, способ, опыт, влияние, самостоятельность, психолого-педагогические компетентности, творческий процесс, гностика, эвристический поиск.*

## PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL FEATURES OF THE FORMATION OF CREATIVE ACTIVITIES OF TEACHERS AT THE LEARNING PROCESS

The article is belittled by one of the urgent problems of pedagogy. The author comprehensively examined the creative activity of primary school teachers using the latest developments and interactive methods.

The author considers the possibilities of using creative vines of activity in the primary education system of younger students and its significance for the mental development of children.

The necessary components of the creative activity of teachers is the interaction between teachers and students. The article also considers the psychological capacity of non -alcohol students and ways to overcome them in the educational process. The author indicates that the decisive requirement of the teacher is the presence of pedagogical abilities, which is the main component of personality quality, and perchs the abilities: such as suggestive, organizational, transeptic, communicative. In the modern stage of Svaboda, the works of teachers in the education system and jointly transforms extremely important meanings and relevance.

***Key words:*** *creative activity, intelligence, knowledge, creative thinking, pedagogical skills, creative approach, self-government, cultura, age-related features, pedagogical tact, method, method, experience, influence, independence, psychological and pedagogical competencies, creative process, initial compatibility , gnostics, heuristic search*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Uоибов Камолиддин Шарофиддинович,** н.и.п.,сармуаллими кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии факултети психология и ва таҳсилоти томактабии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), E-mail: gaibov-87@mail.ru

**Сведения об автор: Гаибов Камолиддин Шарофиддинович,** к.п.н.,старший преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии факультета психологии и дошкольного образования ГОУ "Худжандского государственного университета имени академика Б.Г.Гафуров» (Республики Таджикистан, г. Худжанд), E-mail: gaibov-87@mail.ru

**Information about the author: Goibov Kamoliddin Sharofiddinovich,** senior teacher, department of social and professional psychology, faculty of psychology and preschool education Hudzhand state University of a name of the academician B.Gafurov (Republic of Tajikistan, Hudzhand), E-mail: gaibov-87@mail.ru

**МАҶИДОВА Б.**
**ТОШОВА Ҳ.**

## ТАЪСИРИ АМАЛҲОИ АУТОАГРЕССИВӢ БА ЗАНОН

Аксарияти олимон бар он ақидаанд, ки худкушӣ падидаи равонист ва барои дарки он зарур аст ҳолати рӯҳии инсонеро, ки даст ба ин амал мезанад, дарк кард. Худкушӣ дар лаҳзаи ҳассостарини ҳаёт рух медиҳад, ҷанбаи равонии худкушӣ пеш аз ҳама ин ҳолати маъюсӣ ва ноумедиҳост. Ҳаёти инсон неъмати ноёфт ва бебаҳо буда, ҳамаи неъматҳои дигари моддӣ аз он сарчашма мегирад. Ҷони рафтаи инсон бебозгашт аст. Дар байни падидаҳои номатлуби ҷомеаи инсонӣ худкушӣ, яъне қасд намудан ба ҷони худ, мавқеи муайянеро ишғол кардааст. Ҳодисаҳои даст ба худкушӣ задани ҷавонон яке аз масъалаҳои доғи рӯз маҳсуб ёфтааст, ки ҷомеаи моро хеле ба ташвиш овардааст.

Дар ҷомеаи муосир даст ба худкушӣ задани наврасону ҷавонон ва махсусан духтарону занон, ба яке аз мушкилоти иҷтимоӣ-психологӣ мубаддал гардидааст. Илми муосир онро рафтори аутоагрессивӣ арзёбӣ менамояд. Тасвиру тавзеҳи рафтори аутоагрессивӣ ки аз дараҷаи баланди хушунат нисбат ба худ, яъне дунёро падруд гуфтан бармеояд, вобаста бо сабабу шаклҳои зуҳуроти он зери мафҳумҳои гуногун тавзеҳ дода мешавад.

Амалҳои аутоагрессивӣ новобаста аз синнусол дар ҳамаи одамон вобаста ба шакли зуҳуроти худ ба амал меояд. Яке аз чунин амалҳои аутоагрессивӣ дар байни занон зиёдтар

дида мешавад, ки имрӯзҳо садҳо нафар занону духтарон ба ин раванди номатлуб шомил шуда истодаанд.

Таҳлили адабиёти психологӣ нишон медиҳад, ки маҷмуи мафҳумҳое вуҷуд доранд, ки раванди расонидани зараррасониро нисбат ба худи шахс инъикос мекунанд: “рафтори аутоагресивӣ”, “рафтори аутодеструктивӣ”, “рафтори худкушӣ”, ки онҳо ҳамчун мафҳумҳои ҳаммаъно истифода мешаванд, вале дар навбати худ ҳамчун мафҳумҳои фарқкунанда ва идоракунандаи ҳолату рафтори махсус фаҳмида мешаванд. Ба ақидаи Руженков А.А, Лобов Г.А, Боева А.В ва дигарон аутоагрессия метавонад ҳамчун зарари вазнини ҷисмонӣ ба худ бо истифодаи машрубот, моводи мухаддир, рафтори хатарнок, интихоби касбҳои хатарнок ва дар дигар равандҳо зоҳир шавад[5].

Худкуширо ифодаи идора карда натавонистани эммотсияҳои шахсӣ низ ҳисобидан мумкин аст. Дар илми муосир Питер Словей, Ҷон Мастер, Даниел Гоулман дар заминаи таҳқиқотҳои худ мавҷудияти зеҳни эмотсионалиро пешниҳод намудаанд, ки тибқи он интеллекти эмотсионалӣ маҷмуи маҳорат ва қобилиятҳои шахсиест, ки он дар худшиносӣ (фаҳмидани эмотсияҳои шахсӣ), худидоракунӣ (идора карда тавонистани эмотсияҳои худ), ҳассосияти иҷтимоӣ (фаҳмидани эмотсияҳои дигарон), идоракунии муносибатҳо (идораи эмотсияҳои дигарон) зоҳир мегардад, яъне зеҳни эмотсионалӣ ин тарзи дурусти муоширату муносибат намудан дар фаъолиятҳо мебошад, ки таъсири он барои пешгирии худкушӣ таҳқиқ карда нашудааст.

Хотиррасон месозем, ки қаблан ҳодисаи худкушӣ зиёдтар аз тарафи мардҳо сар мезад, аммо ҳоло занҳо ва наврасон низ ба ин амали номатлуб рӯ овардаанд. Занон нисбат ба мардон 4 маротиба бештар қасди худкушӣ мекунанд ва бо назардошти худи онҳо ин амал баъзе ҷанбаҳои манфии оқибати он усули "бехавф"- ро интихоб намудан мебошад[2]. Дар натиҷа онҳо ҷароҳатҳои вазнин мебардоранд. Пӯшида нест, ки зан ҳамеша дар зери фишори иқтисодиву психологӣ қарор дорад. Ӯ на дар оила ва на дар мактаб бо бартараф кардани мушкилотҳои равонию иҷтимоӣ дар ҳаёти ҳаррӯза омода намешавад. Занҳои мо ҳангоми сар задани моҷаро ва муноқиша дар оила барқарор карда натавонистани муоширату муносибати арзишманду бехавф, ба куҷо муроҷиат карданашонро намедонанд, агар донанд ҳам аз шарм ё тарс ба ҷое нарафта роҳи ягонаи халосиро дар худкушӣ мебинанд.

Ба гуфти коршиносон, аксар занҳои даст ба худкушизада, дар зери зӯроварии хонаводагӣ ҳаёт ба сар мебурданд, назди шавҳар, хешовандон, фарзандон ва хушдоман қадру қимат надоштанд. Шаъну шарафи онҳоропаст мезаданд, бо рашки беасос суханони қабеҳ гуфта, лату кӯб мекарданд. Солҳои зиёд ба чунин шароит тоб овардан ғайри имкон мегардад. Дар натиҷа чунин одамон барои нишон додани эътироз ё аз беилоҷӣ ба ҳаёти худ хотима медиҳанд[3].

Психологи амрикоӣ Роберт Чалдинӣ дар он ақида аст, ки худкушӣ тақлидкунии ноилоҷ қабул кардани қарор: зист ё мурд аст. Инчунин таъкид менамояд, ки чӣ қадаре дар бораи худкушӣ зиёд маълумот пахн гардад, ин амал зиёдтар зухур мешавад.

Дар илми девиантология, ки он бо омӯзиши рафторҳои ғайримеъёрӣ, тамоили рафторҳои номатлуб ва аксуламали ҷамъиятӣ нисбати он бахшида шудааст, мафҳуми худкуширо ҳамчун рафтори девиантӣ маънои аз меъёрҳои муқаррарӣ дур рафтан, берун баромаданро нисбат медиҳанд. Он мувофиқи тадқиқотҳои олимон намудҳо, қисмҳои тартибӣ, аломату нишона, омилҳои психологӣ, аломату хусусиятҳои ба худ хос дорад. Дар наврасону навҷавонон сабаби афзоиши худкуширо ба афзоиш ёфтани стрессорҳои мактабӣ, маҳдудкунии ҳудуди шахсӣ ва ғайраро алоқаманд менамояд, ки дар байни онҳо таъсири ВАО ва воситаҳои коммуникатсионӣ махсус таъкид карда мешавад.

Бисёре аз муаллифон рафтори худкушӣ ва аутоагрессивиро ҳаммаъно ҳисоб мекунанд, вале дар асл байни онҳо аломатҳои фарқкунанда вуҷуд дорад. А.П.Ховрачёв ва Л.Н.Юрченко ба ҳамин нуқтаи назар пайравӣ мекунанд ва бовар доранд, ки «баррасии вобастагии машруботи спиртӣ ҳамчун як рафтори аутоагрессивӣ фаҳмида шудааст». Ба ҳамин монанд О.И.Сперанская ва О.И.Ефремова ҳамчун рафтори хашмгинӣ ва тамокукаширо низ мутаалиқ ба рафтори аутоагрессивӣ медонанд. Ба ибораи дигар онҳо рафтори аутоагрессияро ҳамчун ноайён ва зарари дер расонанда ба худ мешуморанд[1].

Дар таҷрибаи кишварҳое, ки истеъмоли машрубот дар муҳити хонавода ба ҳукми анъана ворид гаштааст, он сабаби осеббахшии равонӣ, ҷисмонӣ, маънавию моддии хонавода мешавад.

Вобастагӣ ба машруботи спиртӣ ва рафтори худкушӣ яке аз мушкилоти ҷиддии ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Омили ҷиддии хатари инкишофи майзадагӣ дар занони ҳама синну сол таъсири ҳамсаре мебошад, ки машруботи спиртиро сӯистифода мекунанд. Дар бисёр заноне, ки аз майзадагӣ ранҷ мекашанд, то 70% шавҳаронашон низ машруботи спиртиро истифода мебаранд.

Дар нушокиҳои спиртӣ раҳои аз мушкилотро меҷӯянд ё бо кумаки онҳо ба худ ва дӯстон чизеро исбот мекунанд. Аксар вақт бо ёрии машрубот холигии марбут ба гум кардани шахси наздик ё ин ки шахс мавқеи худро дар ҳаёт пайдо карда натавонистан алоқаманд карда мешавад.

Тибқи маълумоти бадастовардашуда дар ҳамаи кишварҳо аз 40% то 60% амалҳои аутоагрессивӣ (худкушӣ, кӯшиш ба худкушӣ ва расонидани зарарҳои ба ҳаёт таҳдидкунанда) аз ҷониби одамоне содир мешаванд, ки машруботи спиртиро истифода мебаранд. Усули маъмултарини худкушӣ заҳролудшавӣ бо доруҳо мебошад. Мушкилоти майзадаги занон дар чанд соли охир зиёдтар ба чашм мерасад. Бояд дар назар дошт, ки вобастагии майзадагии занон аз мардон бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунад: суръати тези гирифторшавӣ ба майзадагӣ, қувваи зиёди таъсир ба бадан, нозукиҳои истифодабарӣ[5].

Интихоби усули худкушӣ аз иҷтимоиёт, муҳити фарҳангӣ-эстетикӣ, маънавиёт, ҳолати руҳӣ ва хусусиятҳои психологӣ, фардии шахс вобаста аст. Аксар вақт, анъанаҳо метавонанд шахсро ҳангоми интихоби роҳи ҳаёт ба ин ё он амал равона созад. Ҷанбаи фарҳангӣ ва этнопсихологӣ дар он ифода меёбад, ки паҳншавии рафтори худкушӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон яксон нест. Гумон меравад, ки интихоби усули худкушӣ бештар аз ҷониби консепсияҳои эстетикии шахс муайян карда мешавад. Ба андешаи Л.З.Трегубова ва Ю.Р.Вагина барои интихоби усули амали худкушӣ се параметри асосии фарҳангӣ-эстетикӣ мавҷуд аст; ки аз муҳити зист бармеояд[7]. Онро чунин баррасӣ намудан мумкин аст:

**1.** Шахс кӯшиш мекунад, усули худкушиеро интихоб кунад, ки бештар ба мафҳумҳои номус ва зебоии ӯ мувофиқат кунад, қобили қабул ва иҷоза будани як усули мушаххаси худкушӣ дар шароити муайяни иҷтимоӣ бошад.

**2.** Шахс кӯшиш мекунад, ки усулеро интихоб намояд, ки ба ақидаи ӯ, боиси камтарин вайроншавии бадан мегардад.

**3.** Шахс кӯшиш мекунад, ки намуди зоҳирии баданаш дар дигарон чӣ таасурот ва таҷрибаҳои эстетикиро ба вуҷуд меорад[6].

Зиёд шудани амали худкуширо инчунин ба вазъи иқтисодӣ, мушкилоти иҷтимоӣ, таъсири ВАО, нақлу ҳикояҳо, маводи намоишӣ арзёбӣ карда мешавад. Имрӯзҳо занону духтарон роҳҳои наву куҳнаи худкуширо мавриди истифодабарӣ қарор додаанд: худро оташ задан, заҳролудкунии ҷисм (истеъмоли доруҳои гуногун, сирко), худро аз баландӣ партофтан, истифодаи яроқ (корд, аслиҳаи чангӣ), ба дор кашидан ва ғайраҳо, ки зиёдтар дар ҳолати изтиробу рӯҳафтодагӣ аз онҳо истифода мебаранд.

Набояд фаромӯш кард, ки дар ҳувияти миллии халқи тоҷик дар муҳити хонаводагӣ методҳои авторитарии муносибат бо духтарону занон, изҳори нобоварии мардҳо ба нерую тавоноии онҳо, садди роҳ гаштан ба илмомӯзию касбинтихобкунӣ, мустақилона интихоб намудани ҳамсару бунёди оила дахолат кардани наздикон ва ғайра вуҷуд дорад, ки дар чунин ҳолатҳо низ занону духтарон даст ба худкушӣ мезананд.

Сабаби дигари ба чунин амал даст задани занону духтарон боварӣ надоштан ба қувваю нерӯи худ, ояндаи нек, доимо дар ҳолати нороҳатии психологӣ қарор доштан, хавфи шармандагӣ аз амалу рафтори худ ва наздикон ва ғайраҳо буда метавонанд. Чунин гурӯҳи нафаронро "гурӯҳи хавфпазир" ҳисобидан мумкин аст, ки онҳо дар навбати аввал эҳтиёҷ ба мададу дастгирии иҷтимоию психологӣ доранд.

Чунин ҳолатҳоро низ сабаби худкушӣ ҳисобидан мумкин аст, ки аз мисолу далелҳои ҳаётӣ бармеоянд; пастравии шуҳрат ва нуфуз дар хонаводаю ҷомеа; аз даст додани сарвату даромад дар ҳолати махсус, болоравии ҳассосияту асабоният ҳангоми тамошо кардани маводҳои зидкунандаи майл ба худкушӣ, ба хабару овозаҳои бардуруғӯ беасос бовар кардан ва ғайраҳо.

Дар чунин ҳолатҳои муайяни зиндагӣ ва ҳаёт падруд гуфтан ин камолоти носолими ақл, суст будани ирода, маҳдудияти ҷаҳонбинӣ, ақли солими худододаро истифода набурдан, ҳушёрию зиракии шахсиро аз даст додан, идора карда натавонистани ҳиссиёту эҳсосоти шахсӣ ва ғайраҳо мебошад.

Мо ин ҷо баъзе андешаҳо оид ба таъсири омилҳои алоҳида ба амали аутоагрессивии занону наврасонро андешаронӣ намудем. Аксарияти онҳоро мо ҳатмӣ, қавӣ, қатъӣ ва баҳснопазир арзёбӣ карда наметавонем. Майл ба худкушӣ доштани наврасдухтарону занон масъалаи баҳснок ва осебпазири ҳаёти ҷомеа аст. Метавонем андеша ва натиҷагирии майл ба худкушӣ доштани нафаронеро, ки зери андешаи солим, мададу дастгирии атрофиён андешаи худро тағйир додаанд, дастгирӣ намоем ва дар ин самт ҳатман махфияти онро таъмин намоем. Вале ба шахсоне, ки ба ҳиссиёту эҳсосот дода шудааст ба амали номатлуб зада худро аз ҳаёту зиндагӣ маҳрум кардаанд, хешовандону наздикони худро зери ғаму андӯҳ гузоштаанд, дасти мадад дароз кардан амри маҳол аст. Дар пешгирии ин амали номатлуб ҳамдастию ҳамкории хешу пайвандон, омӯзгорону равоншиносон, сотсиологҳою табибон, кулли аҳли ҷомеа зарур аст.

## АДАБИЁТ:


1. Амбрумова А.Г. Социально-психологические факторы в формировании суицидального поведения: методические рекомендации / А.Г.Амбрумова. Л.И. Постовалова. –М., 1991. -17с.
2. Дюркгейм Э. Самоубийство / Пер. А. Н. Ильинский. — СПБ: Н. П. Карбасников, 1992.
3. ДюркгеймЭ.Самоубийство.Социологический этюд (http://www.psychiatry.rғ/sitecon st /ғserfiles/file/PDF/1706/4.pdf) / Пер. с фр. сокр. А. Н. Ильинского; под ред. В. А. Базарова. — М.: Мысль, 1994. — 400 с.
4. Клейберг.Ю.А. Девиантное поведение в вопросах и ответах: учебное пособие для вузов. – М.: Московский психолого-социальный институт, 2006. – 304с.
5. Комилова М.Д., Расулов С.В., Каримзода М.И. Девиантология. Душанбе. 2021-192с.
6. Руженков В.А., Лобов Г.А., Боева А.В. К вопросу об уточнении содержания понятия “аутоагрессивное поведение” //Электронныйресурсhttp:// www.vsma.ac.ru/pғb1/vest/ 032/article/ index4.htm – 11.04/2009/.
7. Реан А.А. Психология личности в трудах зарубежных психологов. Хрестоматия. – 1-е издание. – Санкт-Петербург, 2001. – 320 с. – (Хрестоматия). – ISBN 5-272-00143-5.
8. Тихоненко В.А. Классификация суицидальных проявлений // Актуальные проблемы суицидологии. М., 1978. С. 59-73.
9. Чалдини Р. Психология влияния. Москва. 2020.


## ТАЪСИРИ АМАЛҲОИ АУТОАГРЕССИВӢ ДАР ЗАНОН


Мақсади ин мақола муайян намудани таъсирнамоии амалҳои аутоагрессивӣ дар занон ба ҳисоб меравад. Зан ҳамеша дар зери фишори иқтисодиву психологӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, ин амалҳои номатлуб зиёдтар дар ҳаёти занону духтарон ба амал меояд.

Дар ҷомеаи муосир даст ба худкушӣ задани наврасону ҷавонон ва занон ба яке аз мушкилоти иҷтимоӣ-психологӣ мубаддал гардидааст. Илми муосир онро рафтори аутоагрессивӣ арзёбӣ менамояд. Амалҳои аутоагрессивӣ новобаста аз синнусол дар ҳамаи одамон вобаста ба шакли зуҳуроти худ ба амал меояд. Яке аз чунин амалҳои аутоагрессивӣ дар байни занон ба ҳисоб меравад, ки имрӯзҳо садҳо нафар занону духтарон ба ин раванди номатлуб шомил шуда истодаанд.



***Калидвожаҳо:*** *аутоагрессия, аутодеструксия, рафтори худкушӣ, амалҳои агрессивона, раванди иҷтимоишавӣ, аутоагрессия дар занон, худкушӣ дар занон.*


## ПОСЛЕДСТВИЯ АУТОАГРЕССИВНЫХ ДЕЙСТВИЙ У ЖЕНЩИН


Цель данной статьи определить влияние аутоагрессивных действий на женщин. Женщина всегда находится под экономическим и психологическим давлением. Вот почему эти нежелательные действия имеют место в жизни женщин и девушек.

В современном обществе суицид подростков, юношей и женщин стал одной из социально-психологических проблем. Современная наука считает это аутоагрессивным поведением. Аутоагрессивные действия независимо от возраста встречаются у всех людей в зависимости от формы их проявления. Одним из таких аутоагрессивных действий среди женщин считается то, что на сегодняшний день в этот нежелательный процесс вовлечены сотни женщин и девушек.



***Ключевые слова:*** *аутоагрессия, аутодеструкция, суицидальное поведение, агрессивное поведение, социальный процесс, аутоагрессия на женщине, суицид на женщине.*


## CONSEQUENCES OF AUTO-AGGRESSIVE ACTIONS IN WOMEN


The purpose of this article is to determine the impact of auto-aggressive behavior on women. A woman is always under economic and psychological pressure. That is why these unwanted activities take place in the lives of women and girls.

In modern society, suicide of adolescents, boys and women has become one of the socio-psychological problems. Modern science considers this to be self-aggressive behavior. Auto-aggressive actions, regardless

of age, occur in all people, depending on the form of their manifestation. One of such auto-aggressive actions among women is that today hundreds of women and girls are involved in this undesirable process.

***Key words:*** *autoaggression, autodestruction, suicidal behavior, aggressive behavior, social process, behavioral disorders, deviant behavior, autoaggressive, woman suicide of woman.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Маҷидова Бибиҳафиза, доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, почтаи электронӣ: bibihafiza mail. 985831902

**Тошова Хамидамох**, магистранти кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии факултети психология ва таълими инклюзивӣ. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. 911148481

**Сведения об авторах:** Маджидова Бибихафиза, доктор педагогических наук, профессор Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, e-mail: bibihafiza mail. 985831902

**Тошова Хамидамох**, магистр кафедра обшей и педагогической психологии факултета психологии и инклюзивного образования. Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. 911148481

**Information about aythors:** Majidova Bibihafiza, doctor of pedagogical science, professor Tajik state Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, e-mail bibihafiza mail. 98583190

**Toshova Hamidamoh,** masters degree, department of general and educational psychology, faculte of psychology and inclusive education. Tajik state Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. 911148481

**ҚОДИРОВА М.**

## ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ЗЕҲНИИ КӮДАКОНИ ТОМАКТАБӢ ТАВАССУТИ БОЗӢ

Кӯдакӣ давраи мукаммали инкишоф, тағйирот ва омӯзиш аст. Дар омӯзиши ин муносибатҳо бозӣ ҷойи махсусро ишғол менамояд, зеро бозӣ ҳамчун ҷузъи ҳатмии рушди шахсияти кӯдак фаҳмида шуда, аҳамияти ҳолатҳои ҳамоҳангсозии мутақобилаи байни калонсолон ва кӯдакро муайян мекунад.

Чуноне ки коршиносони соҳа муқаррар намудаанд, марҳилаи инкишофи кӯдакони синии томактабӣ аз 3 то 7 солро ташкил намуда, се давраро дар бар мегирад:

1.Синни томактабии хурдсол - аз 3 то 4 сол;

2.Синни миёнаи томактабӣ - аз 4 то 5 сол;

3.Синни томактабии калон -аз 5 то 7 сол. [3].

Дар ин марҳилаҳо дар ҳаёти кӯдакон бозӣ фаъолияти асосӣ маҳсуб ёфта, барои ташаккули шахсияти онҳо нақши муҳим дорад. Таъсири бозӣ дар рушди шахсияти кӯдак дар он зоҳир меёбад, ки ба воситаи он ӯ бо рафтор ва муносибатҳои калонсолон шинос шуда, ҳар як рафтори онҳоро барои худ ҳамчун намуна қабул карда, ба он онҳо тақлид мекунад ва тадриҷан рафтори калонсолон намунаи рафтори худи кӯдак шудан мегирад. Дар бозӣ кӯдак зиндагӣ карданро намеомӯзад, балки ҳаёти ҳақиқии мустақили худро ба сар мебарад. Дар раванди бозӣ амалҳое анҷом дода мешаванд, ки ӯ танҳо пас аз муддате, яъне дар оянда дар рафтори воқеӣ бо ин амалҳо дучор меояд. Масалан, дар раванди бозӣ кӯдак метавонад ошпаз, духтур, ронанда, мураббия, омӯзгор бошад ва ё метавонад модар, падар бибӣ, бобо ё худ кӯдак-фарзанд бошад ва қувваю имкониятҳои худро дар амал татбиқ намояд. Ин ҷо қайд кардан ҷоиз аст, ки одам дар умри калонсолаш чӣ коре кунад, дар кадом касбу коре машғул бошад, маҳорату малакаи асосии гирифтаи ӯ маҳз дар ҷараёни бозии бачагонааш ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, барои инкишофи зеҳнии кӯдак ва ташаккули шахсияти ӯ маҳз тарбия ва таълими дуруст нақши асосӣ мебозанд. Маҳз бо кӯмаки калонсолон, падару модарон ва мураббиён кӯдакон таҷрибаи иҷтимоиро соҳиб мегарданд, сифатҳои ахлоқиву инсониро аз худ намуда, ҳамчун шахсият тарбия меёбанд. Фаъолияти бозӣ ин заминаҳои ташаккули гузариш ба ҳар як фаъолияти зеҳнӣ, яъне ба даври нав мебошад. Дар рафти фаъолияти бозӣ кӯдакон усулҳои асосии фаъолият бо предметҳо ё таҷҳизот ва нормаҳои рафтори ҷамъиятиро аз худ мекунанд. Дар синну соли томактабӣ дар баробари фаъолияти бозӣ шаклҳои дигари фаъолият ташаккул меёбанд: тарҳрезӣ, расмкашӣ, яъне ҷанбаи эҷодии кӯдакон инкишоф меёбад. Дар ташаккули шахсият пайвастагии мутақобилаи ангезаҳо ва хоҳишҳои кӯдак муҳим дониста мешавад. Тибқи ин пайвастагиҳо дар ҳаёти кӯдак гузариш

аз рафтори импулсивӣ, вазъиятӣ ба рафторе, ки тавассути қоидаҳо ва намунаҳои муайян роҳандозӣ мегарданд, ба амал меояд.

Бозӣ барои кӯдакони синни томактабӣ фаъолияти пурэҳсос ва рангин аст. Барои онҳо канда шудан аз бозӣ хеле душвор аст. Кӯдакон дар раванди бозӣ ҳеҷ гоҳ хаста намешаванд ва агар ба онҳо имкон диҳед, бефосила бозӣ кардан мегиранд. Ҳангоми иҷрои амал, ҳатто агар ин амал ӯро ноком намояд ҳам, кӯдак такони эҳсосотӣ намехӯрад, яъне стресс намегирад. Ӯ таҷрибаи наверо намедонад, ки бо иҷрои он фаъолияти ноками худро бо фаъолияти нав фавран иваз намояд. Бинобар ин, зарур аст, ки кӯдакон ба бозиҳои ҳархела ҷалб карда шаванд. Истифода аз усулҳои гуногуни бозӣ вобаста ба синну сол ва табиати кӯдак ба роҳ монда мешавад. Қобили зикр аст, ки кӯдакон дар вақти бозӣ кардан аз синну соли миёнаи худ болотар рафтор мекнанд, рафторашон ба рафтори муқарраии ҳаррӯзаашон монанд нест. Ба ибораи дигар гӯем, бозӣ дар шакли фишурда оинаест, ки ҳамаи паҳлуҳои инкишофи кӯдакро инъикос мекунад. Албатта ҳам кӯдакони томактабӣ ва ҳам дигар кӯдакон дар дигар намуди фаъолиятҳо низ инкишоф меёбанд, вале мавқеи бозӣ дар раванди ташаккулёбии кӯдак нақши хеле бориз дорад. Бинобар ин бозӣ дар муассисаҳои томактабӣ фаъолияти пешқадаму асосӣ ба шумор меравад.

Бозиҳое, ки неруи зеҳниро инкишоф медиҳанд, дар инкишофи кӯдакон накши хосса доранд. Масалан, бозиҳо бо кубикҳо, бо лӯхтакҳо, мактаббозӣ, мағозабозӣ, ва ғайраҳо. Ба ҳамаи мо маълум аст, ки маҳз дар кӯдакӣ шахс бештар ба азхудкунии навъҳои гуногуни иттилоот омӯзонида мешавад. Кӯдак имкониятҳои интеллектии худро фаъолона азхуд мекунад: ҳаракат ва амалиёташ сол ба сол бошууронатар мегардад, сифати дарк кардан, диккат ва тафаккур беҳтар мегардад. Пеш аз ҳама, ҷараёни худсарона ё худ мустақилона рафтор кардан инкишоф меёбад.

Барои инкишофи зеҳнии кӯдакон муассисаҳои томактабӣ нақши бориз доранд. Чунки дар ин муассисаҳо тарбияи зеҳнии кӯдакон дар раванди машғулиятҳо дуруст, бо назардошти талаботи синну соли томакабӣ ба роҳ монда мешавад. Муҳаққиқи соҳа Котибова Ш. роҷеъ ба масъалаи рушди барвақтии кӯдакон ибрози ақида намуда, зикр менамояд, ки машғулият шакли асосии таълим дар кӯдакистон дониста шуда, дар онҳо бозиҳои дидактикӣ ва усусли омӯзиши васеъ истифода мегардад. Дар машғулиятҳо барои аз тарафи кӯдакон азхудкунии донишҳои нисбатан мураккаб ва инчунин ҳосил намудани маҳорату малака барои ташаккули қобилиятҳои гуногун шароити мусоид ба вуҷуд оварда мешавад. Тарбияи фикрӣ бар замми аз худ намудани дониш ва тарзҳои фаъолияти фикрии кӯдакон ташаккули сифатҳои муайяни шахсиятро низ дар бар мегирад [4,с.12].

Мо низ андешаи муҳаққиқро дастгирӣ намуда, ияроз менамоем, ки дар ҳақиқат ҳам бозӣ дар муассисаҳои томактабӣ фаъолияти асосию пешбарандаи кӯдакон буда, он тадриҷан фаъолона ба раванди таълим дар мактаб, мактаби олӣ, курсҳои гуногун ворид карда мешавад. Истифодаи бозӣ дар раванди таълимӣ мафҳумҳои «омӯзиш» ва «бозӣ»-ро бо ҳам наздик менамояд ва онҳо якдигарро дар раванди таълим пурра менамоянд.

Яке аз самтҳои асосӣ ва муҳими инкишофи зеҳнии кӯдакон дар онҳо рушду такомул додани тафаккури эҷодӣ, маҳорати ихтироъкорӣ ва дар хотир нигоҳ доштани ҳаҷми маълумоти ба дастоварда ба шумор меравад. “Бозии бачагона ин коркарди эҷодии таассуроти ботаҷриба, ба ҳам пайвастани онҳо ва аз онҳо сохтани воқеияти навест, ки ба эхтиёҷот ва талабот, майлҳои худи кӯдак ҷавоб медиҳад”-мегӯяд Выготский Л.С. [1,83]. Ӯ ҳамчунон зикр менамояд, ки зеҳни кӯдакон дар синну соли хурди макатбӣ нисбатан босуръат рушд мекунад. Фикрронӣ ва ташаккули ақл нақши асосиро мебозад ва он ба равандҳои маърифатии равонии зерин, аз қабили эҳсос, маърифат, диққат хотира, тасаввурот, фаҳмиш нутқ алоқаманд аст. Ва рушди тафаккур дар навбати худ ба тағйироти сифатии маърифат ва хотира, табдили он ба равандҳои танзимкунанда ва дилхоҳ оварда мерасонад [1,85]. Пас, коршиносон бар он акидаанд, ки эҷодкориро дар хонандагон бояд ҳар чӣ барвақттар инкишоф дод, вагарна ин истеъдод метавонад нобуд гардад.

Бозӣ инчунин вазифаи инкишофи аломати нутқро низ иҷро мекунад. Барои инкишофи нутқи кӯдак шарт нест, ки ӯро дар сари дастархон бар ба бари калонсолон нишонӣ ё барои кӯдаки хурдсол муҳити дарс фароҳам оварда шавад. Калимаҳои аввалини кӯдак дар бозии муштарак бо бозичаҳо ва калонсолон пайдо мешавад ва оҳиста-оҳиста дар раванди бозиҳо нутқи кӯдак инкишоф меёбад.

Яке аз роҳҳои асосии инкишофи нутқи кӯдакон ин муошироти байниҳамдигарии онҳост. Бозӣ ин фаъолияти мустақилест, ки дар рафти он кӯдакон бо ҳамсолони худ

муошират менамоянд ва ин муошират асосан дар ҷараёни бозии муштарак инкишоф меёбад. Кӯдакон якҷоя бозӣ карда, хоҳиш ва амалҳои дигареро ба инобат мегиранд, нуқтаи назари худро ҳимоя мекунанд, нақшаҳои муштарак таҳия ва амалӣ мекунанд. Аз ин рӯ, бозӣ дар ин давра ба рушди муоширати кӯдакон таъсири калон мерасонад. Дар раванди бозӣ онҳоро мақсади умумӣ муттаҳид месозад, яъне кӯшиши якҷоя ба мақсад расидан. Ин ҳолат заминаи асосиеест, ки кӯдаконро барои бо ҳам муошират кардан маҷбур месозад ва дар чунин муносибатҳо ҳам нутқи онҳо инкишоф меёбад ва ҳам тафаккури зеҳнияшон рушд мекунад.

Барои инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдакон азхудкунии забони модарӣ бо мақсади ташаккули нутқ аҳамияти калон дорад. «Инкишофи нутқ дар ҳама намуди фаъолиятҳо, дар машғулиятҳо, дар муошрати ҳаррӯза бо калонсолон ва ҳамсолон, мавриди шиносоӣ бо муҳити атроф, бо табиат, омодагӣ ба саводомӯзӣ, математика, расмкашӣ ва ғайра ба роҳ монда мешавад [4,с.12]. Ба ҳамин минвол, дар бозӣ тафаккур ва тахаюлу тасаввуроти кӯдак хеле равшан аён мегардад, ҳамчунон эҳсосот, фаъолият, талаботи ӯ нисбати муошират зуҳур меёбад.

Ҷанбаи дигару муҳими бозиҳои кӯдакон он аст, ки дар вақти бозӣ кӯдак таҷрибаҳои эмотсионалӣ: шодӣ, кина, хашм, ноумедӣ, қаноатмандӣ аз натиҷаи фаъолияти худро аз сар мегузаронад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти бозӣ малакаи худсарона рафтор карданро ташаккул медиҳад ва умуман, ба тамоми равандҳои равонӣ - аз ибтидоӣ то мураккабтарин таъсир мерасонад.

Мутахассисон фаъолияти бозиро аз нигоҳи равонию педагогӣ баррасӣ намуда, иброз доштаанд, ки бозӣ ба рушди рӯҳии кӯдаки синни томактабӣ таъсири сахт мерасонад. Бо объектҳои ивазкунанда амал карда, кӯдак дар фазои тасаввуршаванда ва шартӣ амал мекунад. Объекти ивазкунанда такягоҳи тафаккур мегардад. Оҳиста-оҳиста, амалҳои бозӣ кам мешаванд ва кӯдак дар сатҳи дохилӣ, равонӣ амал мекунад. Ҳамин тариқ, бозӣ ба он мусоидат мекунад, ки кӯдак ба тафаккур аз рӯйи тасвирҳо ва ғояҳо наздик мешавад. Илова бар ин, кӯдак дар бозӣ нақшҳои гуногунро иҷро карда, нуқтаи назари гуногунро қабул мекунад ва ба дидани ашё аз тарафҳои гуногун рӯ меорад. Ин ба инкишофи муҳимтарин қобилияти равонии кӯдак мусоидат карда, ба ӯ имкон медиҳад, ки назари дигар ва нуқтаи назари дигарро пешниҳод намояд.[8,с.22].

Гуфтахои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки бозӣ барои рушди тасаввурот аҳамияти ҳалкунанда дорад, зеро дар фаъолияти бозӣ кӯдак иваз кардани як предметро бо дигараш меомӯзад (чубро асп карда савор мешавад, аз лой зарфчаҳо месозад ва онҳоро бо «хӯроки пухтааш» пур мекунад, сангу алафҳоро ба ҷойи сабзавот истифода бурда,"хӯрок мепазад", ягон чизи лундаи ба тифли навзод монанд ё лӯхтакро ба бағал гирифта, аз номи ӯ гиря мекунад ва худ ӯро навозиш карда ором месозад) ва барои иҷрои нақшҳо, тасвирҳо ва амалҳои гуногун «кӯшиш» мекунад. Ин иҷрои амалҳо дар фазои хаёлӣ боиси он мегардад, ки кӯдакон қобилияти тасаввуроти эҷодӣ пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, кори мақсаднокро доир ба рушди тафаккури эҷодӣ бо назардошти қобилияти синусолӣ ва инфиродӣ ҳанӯз аз давраи то ба мактаб омадани кӯдакон анҷом додан қобили қабул аст.

Ба андешаи мо, бозии шавқовар фаъолияти зеҳнии кӯдакро меафзояд. Кӯдакон бозӣ карда истифодаи донишу малакаи худро дар амалия меомӯзанд, ҳамчунон донишу маҳорати худро дар шароити гуногун истифода менамоянд. Чуноне ки болотар ёдовар шудем, бозӣ ин фаъолияти мустақилест, ки дар рафти он кӯдакон бо ҳамсолони худ муошират менамоянд ва дар атрофи як мақсади умумӣ муттаҳид гардида, ҳама якҷоя барои ба мақсад расидан кӯшиш мекунанд ва ҳаяҷони якҷоя онҳоро ҳамсафар мешавад. Чунин ҳаяҷон дар рафти бозӣ ба шуури кӯдак сахт таъсир карда, ба ташаккулёбии ҳиссиёти некӯпарастӣ, кӯшишҳои шарафмандӣ, малакаи ҳаётӣ мусоидат менамояд. «Ташаккули хислатҳои нек дар бозӣ ин бо ҳамсолон хайрхоҳона муносибат кардани кӯдак, бозичаҳоро додан ё бахшидан, ба якдигар ёрӣ расонидан, нисбати бозичаҳою маводи бозӣ муносибати эҳтиёткорона ва сарфакорона намудан, масъалаҳои баҳсноки дар вақти бозӣ пайдошударо одилона ва мустақилона ҳал кардан, бомасъулият нисбати ашёи бозӣ муносибат кардан ва тартиботи бозиро, ки он талаботи одоби маънавӣ мебошад, риоя намуданро (хоси кӯдакони сини калони томактабист), пешбинӣ менамояд (ниг.Котибова). Дар ин замина А.С.Макаренко қайд менамояд, ки «бозии хуб ба кори хуб, бозии бад ба кори бад монанд аст». Хоҳиш ва масъулият барои ба мақсад расидан кӯдаконро ба фикронӣ, шавқмандӣ, ба эҷодкорӣ, фаъолиятҳои якҷоя муттаҳид менамоянд [6,с.52].

Бозӣ дар тарбияи ҷисмонӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ ва зебоипарастӣ нақши зиёде дорад. Барои кӯдак амали фаъоле зарур аст, ки шавқ, талаботҳои иҷтимоии ӯро қонеъ гардонад. Бозӣ аҳамияти зиёди таълимиро низ дорост. Бозӣ ва истифодаи он дар раванди таълим қобилияти мустақилона ҳал кардани масъала, истифодаи амалии дониши худ, баёни шифоҳии тасаввуроту ҳаёти кӯдакро меафзояд. Дар бозӣ, кӯдак амал карданро дар вазъияте меомӯзад, ки он на фақат амалро, балки донишро низ талаб мекунад. Амалҳое, ки аз тарафи кӯдак дар вазъияти тасаввуротӣ анҷом дода мешаванд, ба он оварда мерасонанд, ки кӯдак на танҳо ашёҳоро (дар ҳолати ӯ бештар бозичаҳоро) ё ҳолати воқеиро дарк мекунад, балки ба маънои он низ сарфаҳм меравад. Сифати нави муносибати одам ба олам ба миён меояд: бача аллакай воқеияти атрофро мебинад, ки он на танҳо рангҳои гуногун, шаклҳои гуногун, балки донишу маънӣ ҳам дорад.

Хусусияти муҳими бозӣ дар он зуҳур меёбад, ки дар рафти бозӣ ҳам кӯдак ва ҳам калонсолон худро дар ҳолати фавқулодда ҳис карда, саъю кӯшиши зиёдеро барои паси сар кардани ин мушкилиҳо ба харҷ медиҳанд. Воқеан, чунин фаъолият бидуни маҷбуркунӣ бо хоҳиши худи кӯдак амалӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, бозӣ дар ҳаёти кӯдак, пеш аз ҳама, хусусияти тарбиявӣ дошта, дар он ҳамаи талаботҳои кӯдак, майлу хоҳиш ба мустакилият, иштироки фаъолона дар ҳаёти калонсолон, ки дар ҳаёт воқеӣ ғайри имкон аст, инъикос меёбанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Выготский Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте. –М:Просвещение. 1993 с.
2. Иматова Л.М. Асосҳои методии таҳқиқи инкишофи нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ.-Душанбе, 2013.-142 с.
3. Иматова Л., Маҷидова Б., Мирхонова Н. Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвактии кӯдак (аз таваллуд то 7(6) солагӣ.-Душанбе, 2012.
4. Котибова Ш. Моҳияти рушди барвақтии кӯдак аз нигоҳи илми муосири педагогӣ.// Илм ва инноватсия.№ 1 2016 (15) саҳ.12.
5. Лутфуллоева П., Каримова Ш. Истифодаи бозӣ дар дарсҳои забони англисӣ//Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф.2019,№2,саҳ. 82-85
6. Макаренко А.С. Семья и воспитание детей.-М.: Педагогика, 1984.-200 с.
7. Маҷидова Ҳ. Педагогикаи томактабӣ. Қисми 1,2.-Душанбе, 2011.
8. Орлова, М. А. Игры для развития творческих способностей/ М.А. Орлова. - М.: Лада, 2016. - 160 с.

## ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ЗЕҲНИИ КӮДАКОНИ ТОМАКТАБӢ ТАВАССУТИ БОЗӢ

Дар мақола муаллиф кӯшиш ба харҷ додаст, ки давраҳои ташаккулу инкишофи зеҳнии кӯдакони синни томактабиро дар раванди бозӣ баррасӣ намояд. Иброз дошта мешавад, ки фаъолияти бозӣ барои инкишофи зеҳнӣ, равонӣ, ташаккули тафаккури эҷодӣ ва ба вуҷуд омадани заминаҳои ташаккули салоҳиятҳои меҳнатии кӯдакони синни томактабӣ нақши пешбаранда дорад. Таъкид карда мешавад, ки бозӣ худ тарбия буда, барои ҳамчун шахсияти мусбат рушд ёфтани кӯдакон нақши бориз дорад.

***Калидвожаҳо:*** *бозӣ, инкишофи зеҳнии кӯдакони сини томактабӣ, раванди бозӣ, тафаккури эҷодӣ, хусусиятҳои равонӣ, инкишофи эҷодӣ, тарбияи меҳнатӣ. фы*

## ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРОСТА ПРИ ПОСРЕДСТВЕ ИГРЫ

В статье автор предпринял попытку рассмотреть периоды интеллектуального становления и развития дошкольников в процессе игры. Показано, что игровая деятельность играет ведущую роль в интеллектуальном и психологическом развитии, формировании творческого мышления, создании основы для формирования профессиональных компетенций дошкольников. Подчеркивается, что игра сама по себе является воспитательной деятельности и играет значительную роль в развитии детей как положительной личности.

***Ключевые слова***: *игра, интеллектуальное развитие дошкольников, игровой процесс, творческое мышление, психические особенности, творческое развитие, трудовое воспитание.*

## BASES OF ORGANIZATION OF INTELLECTUAL ACTIVITY OF PRESCHOOL CHILDREN THROUGH GAME

In the article, the author made an attempt to consider the periods of intellectual formation and development of preschoolers in the process of playing. It is shown that gaming activity plays a leading role in the intellectual and psychological development, the formation of creative thinking, and the creation of a basis

for the formation of professional competencies of preschoolers. It is emphasized that the game itself is an educational activity and plays a significant role in the development of children as a positive personality.

***Key words:*** *game, intellectual development of preschoolers, game process, creative thinking, mental characteristics, creative development , labor education*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Қодирова Меҳрангез докторант аз рӯйи ихтисос (Phd) –и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ тел:558539494

**Сведения об авторе:** Кодирова Мехрангез, докторант по специальности PhD - Института развития образования им. А.Джомии, АОТ тел: 558539494

**Information about the author**: Qodirova Mehrangez, doctorant student speciality (PhD) Instiutute of Development of Education named by A. Jomi, AET tel: 558539494

**РАСУЛОВ С.Х.**

## ҶАНБАЪҲОИ ПСИХОЛОГИИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАРОМ БА ТАҲСИЛ ДАР ДОНИШҶӮЁН

Дар шароити кунунии рушди ҷомеа ва раванди ҷаҳонишавӣ, ки захираҳои инсонӣ ҳамчун боигарии асосии ин ё он давлат арзёбӣ карда мешаванд, масъалаи рушди қобилиятҳои зеҳнӣ яке аз маъалаҳои меҳварӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ маҳсуб меёбад, зеро меъёрӣ асосии захираи инсониро қобилиятҳои зеҳнӣ ташкил медиҳанд. Чун тибқи аксар назарияҳои шарҳдиҳандаи инкишофи психикӣ марҳилаи асосии инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ аз давраи барвақти бачагӣ то навҷавонӣ қаламдод карда мешавад, метавон хулоса кард, ки нақши таълим дар ин радиф пешбаранда аст.

Бешубҳа, самаранокии раванди таълим аз он вобастагӣ дорад, ки кадом мароми донишҷӯ водоркунандаи асосӣ ба фаъолияти таълимӣ мебошад, зеро “маромҳои пешбаранда ба фаъолият, объектҳо ва шароитҳои он маъно мебахшанд” [6, с.131]. Таълим он вақт самараи дилоҳ медиҳад, ки ба сифати водоркунанадаи асосӣ мароми маърифатӣ баромад кунад, аммо мутаассифона, дар шароити кунунии матабӣ олӣ ин на ҳама вақт мушоҳида мешавад. Дар омӯзиши масъалаи маромнокӣ олимони машҳур Б.Г. Ананев, Л.И. Божович, А.Н. Леонтев, С.Л. Рубинштейн, П.М. Якобсон, Ҷ. Аткинсон, Ф. Гертсберг, К. Левин, А. Маслоу, З. Фрейд ва дигарон саҳми калон гузоштаанд.

Маром ҳамчун унсури якуми ҳатмии фаъолияти таълимӣ ба сохтори фаъолият дохил шуда, дар муносибат ба он метавонад дохилӣ ё берунӣ бошад, аммо доимо тавсифдиҳандаи ботинии шахс ҳамчун субъекти ин фаъолият маҳсуб меёбад. Ба ин маъно «мароми таълимӣ – ин тамоили хонандагон ба тарафҳои мухталифи таълим мебошад, ки вобаста ба қаноатмандсозии талаботҳои гуногуни маърифатӣ ва дарки мақсади таҳсил шакл мегирад»[2, с. 24].

Маромҳои берунӣ бо азхудкунии дониш ва фаъолияти иҷрошаванда алоқамандӣ надоранд. Дар ин ҳолат таълим ҳамчун воситаи расидан ба дигар мақсадҳо дониста мешавад. Масалан, гирифтани дипломи маълумоти олии касбӣ ё дурӣ ҷӯстан аз хизмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ.

Мақсади фаъолияти таълимиро азхудкунии дониш ташкил медиҳад ва он наметавонад мақсади дигареро дар пай дошта бошад. Аммо агар донишҷӯ ба ин донишҳо талабот надошта бошад, бадастоварии ин мақсад маънои худро гум мекунад ва таълим ба роҳи бавоситаи қонеъ кардани дигар талабот табдил меёбад.

Ҳамин тариқ, таълим барои донишҷӯ метавонад маънои гуногуни психологӣ дошта бошад:

1. Қонеъкунандаи талаботи маърифатӣ ҳамчун мароми таълим, яъне ба сифати ҳаракатдиҳандаи фаъолияти таълимии он.

2. Ҳамчун воситаи расидан ба дигар мақсадҳо арзёбӣ мегардад. Ташаккул додани танҳо мароми маърифатӣ дар муносибат ба фанни таълимӣ бидуни баэътиборгирии маромнокӣ метавонад ба снобизми махсус барад. Донишҷӯ танҳо барои қонеъ кардани талабот ба дониш кӯшиш намуда, дар бораи уҳдадориҳои худ дар ҷомеа фикр намекунад. Аз ин лиҳоз, маромнокии таълимӣ-маърифатӣ бояд доимо тобеи талаботи ҷомеа бошад ва донишҷӯ кӯшиш намояд, ки барои ҷомеа фоидаовар будани худро ҳис кунад. Ин имкон медиҳад, ки тавассути ташаккул додани маром ба таҳсил барои рушди зеҳни эмотсионалии донишҷӯён шароит фароҳам оварем.

Дар илми психология зери мафҳуми «маромнокӣ» раванде фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи он фаъолияти муайян барои одам мазмуни шахсӣ мегирад, шавқу ҳаваси одамро ба

он устувор мегардонад ва амалҳои зоҳирии фаъолиятро ба талаботи ботинии шахс табдил медиҳад.

Аз таҳлили адабиёти илмӣ бармеояд, ки ба сохтори маромнокии таълимӣ шавқу ҳавас ба таълим ва фанни омӯхташаванда, талаботи маърифатӣ ва талабот ба дастовардаҳо, муносибати донишҷӯ ба таълим, омӯзгор ва ба мақсади таҳсил дохил мешаванд. Муайян карда шудааст, ки маромнокии таълимӣ аз дараҷаи инкишофи ақлӣ, маънавӣ, соҳаи эмотсионалӣ ва иродавии шахс, методҳои таълим, истифодаи водоркунандаҳои гуногун ва шахсияти омӯзгор вобастагӣ дорад.

Мавриди қайд аст, ки маромнокӣ дар раванди таълим мавқеи махсус дорад, зеро азхудкунии дониш ва усули фаъолият характери сирф шахсӣ доранд. Мусаллам аст, ки ба одам омӯзонидани ин ё он чиз ғайриимкон аст, агар худи ӯ хоҳиш ва шавқу ҳавас надошта бошад. Баръакс, агар одам ба омӯзиши ягон соҳаи илм хоҳишу шавқу ҳавас дошта бошад, он гоҳ ӯ монеаҳоро бартараф намуда, барои мустақилона гирифтани маълумот саъю кӯшиш мекунад.

Мутаассифона, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки на дар ҳамаи донишҷӯён маромнокии фаҳмидашуда ба азхудкунии дониш, маҳорат ва малака вуҷуд дорад. Мароми пешбарандаи аксарияти онҳоро супоридани имтиҳонҳо, тарс аз хориҷ шудан ва хоҳиши гирифтани диплом ташкил медиҳад, на мутахассиси баландихтисос шудан. Пас, саволе ба вуҷуд меояд, ки сабаби шаклгирии чунин маромнокӣ дар чист? Суҳбат бо донишҷӯён ва таҳлили вазъиятҳо нишон медиҳанд, ки сабабҳои шаклгирии маромнокии нодуруст дар донишҷӯён инҳоянд:

- интихоби нодурусти касб ё дохил шудан ба ихтисосе, ки ба ӯ маъқул нест;
- канораҷуйӣ кардан аз хизмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ;
- маҳдуд будани имкониятҳои ёфтани ҷойи кор аз рӯйи ихтисос дар оянда ё қаноатмандкунанда набудани талаботи бозори меҳнат;
- коҳиш ёфтани обрӯйи маълумоти олии касбӣ дар ҷомеа;
- мавҷудияти шаклпарастӣ дар раванди таълим;
- ҷой доштани усули идоракунӣ ва муошират авторитарӣ дар раванди таълим ва ғ.

Дар тадқиқоти психологӣ ба масъалаи маромнокии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ диққати махсус дода мешавад (Л.И. Божович, А.Н. Леонтев, А.К. Маркова ва диг.). Тадқиқот ошкор кардаанд, ки ба инкишофёбии шавқу ҳаваси маърифатӣ дар донишҷӯён шароити зерин мусоидат мекунанд:

а) дараҷаи баланди ибтидоии инкишофи ақлии донишҷӯён (агар таълим дар муассисаи таҳсилоти миёна умумӣ ба инкишофи ақл мусоидат карда бошад);

б) то ҳадди имкон такя кардан ба сатҳи фаъолияти ақлии муҳассилин; ҳал кардани масъалаҳои гуногуни вазъиятӣ, ҷӯстуҷӯйи фаъол ва муаммоҳо, ангезиши ақлҳо, таҳлили вазъиятҳои гуногун ва ғ.;

в) ташкил кардани раванди таълим дар шакле, ки ба инкишофи муҳассилин дар самтҳои гуногун мусоидат намояд (таълими дуруст бароҳмондашуда бояд барои инкишофи ҳаматарафаи муҳассилин заминагузор бошад ва ба инкишофёбӣ такон диҳанд);

г) фазои эмотсионалии таҳсил, ҳолати мусбати эмотсионалии донишҷӯён (фазои солими психологии аз тарафи омӯзгор дар рафти дарс ба вуҷуд овардашуда рӯҳияи донишҷӯёнро баланд бардошта, ба инкишофёбии шавқу ҳаваси маърифатии онҳо мусоидат менамояд);

д) муошират созанда дар раванди таълим (муоширати донишҷӯён байни ҳам ва бо омӯзгорон ба гуногунрангии муносибатҳо мебарад ва ба шавқу ҳаваси донишҷӯён таъсири мусбӣ мерасонад) [8, с.304].

Мавриди қайд аст, ки ба маромнокии таълимии донишҷӯён ҳолати эмотсионалии онҳо таъсири бевосита мерасонад. Ба ҳолати эмотсоналии онҳо на танҳо мақсадгузориҳои ботинӣ, балки як қатор омилҳои барои донишҷӯён объективӣ низ таъсир мерасонанд. Донишҷӯён танҳо дар ҳолатҳои зерин барои таҳсили хуб саъю кӯшиш намуда, ба фанни омӯхташаванда шавқ пайдо мекунанд:

- агар дар муассисаи таълимӣ (донишгоҳ ё донишкада) нисбат ба ӯ муносибати хайрхоҳона дошта бошанд;
- агар ӯ аҳамияти иҷтимоии таълимро дар маҷмуъ ва аҳамияти фанни омӯхташавандаро дар алоҳидагӣ дарк кунад;

- барои зоҳир намудани қобилиятҳо ва хониши хуб шароит фароҳам оварда шуда бошад;
- муваффақиятҳои бадастовардашуда аз тарафи дигар донишҷӯён ва махсусан омӯзгорон дуруст қабул, арзёбӣ ва баҳогузорӣ карда шаванд;
- донишҷӯён на танҳо ба фаъолияти таълимӣ, балки ба дигар намудҳои фаъолият (бозӣ, варзишӣ, меҳнатӣ, эҷодӣ ва ғ.) низ машғул шаванд.

Мутаассифона, дар аксари ҳолатҳо фаъолияти донишҷӯён дар доираи фаъолияти таълимӣ маҳдуд мешавад. Фаъолияти таълимии бисёрсоата вақтро барои машғул шудан ба дигар намудҳои фаъолият маҳдуд намуда, донишҷӯён дар рафти он қувваю нерӯйи зиёди ҷисмонию ақлонӣ сарф мекунанд. Якрангии дарсҳо ва соатҳои дароз дар паси миз нишастан дилгиркунанда буда, донишҷӯро ба он водор месозанд, ки муҳити роҳатбахшро берун аз муассисаи таълимӣ ҷӯстуҷӯ намояд.

Агар ба якрангӣ ва дилгиркунанда будани раванди таълим аз як тараф шаклпарастӣ таъсир расонад, ки боиси маҳдуд кардани озодии академии омӯзгорон мегардад, аз тарафи дигар, ҳукмфармоӣ доштани шаклҳои шахшудаи анъанавии гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ баръало мушоҳида мешавад. Аксари омӯзгорон дар рафти дарс ба додани ахбор доир ба мавзуъ машғулшуда, ба қабули дуруст, коркарди мустақилонаи он ва хулосабарориҳо аз тарафи донишҷӯён кам аҳамият медиҳанд. Ин боис мешавад, ки аксари вақти дарс ба навиштани лексия сарф мешавад, ки дар шароити кунинии рушди ҷомеа вақтгузаронии беҳудае беш нест. Инкишофи технологияи муосир ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки ба ахбор доир ба дилхоҳ фан дастрасии васеъ дошта бошанд ва омӯзгоронро лозим аст, ки ба онҳо роҳҳои дурусти ҷӯстуҷӯйи ахбори таълимӣ, дуруст қабул ва ҳазм кардани он, басистемадароии дурусти маълумотро доир ба мавзуъ, ҷамъбасткунӣ ва хулосабарориро нишон диҳанд. Яъне, дар шароити муосир муносибатро ба таълим бояд дигар кард – аз муносибати қолабӣ ба муносибати эҷодокорона, ки инро таълими салоҳиятнок тақозо мекунад. Чуноне ки педагогҳои шинохтаи тоҷик Раҳимов Н. ва Нуров А. қайд кардаанд, «вазифаи омӯзгор на омӯхтан, балки равона кардани омӯзиш, на тарбия кардан, балки роҳбарӣ кардан ба ҷараёнҳои тарбия мебошад» [7, с.94].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бархе аз омӯзгорон ба дараҷаи азхудкунии фан аз тарафи донишҷӯён диққат дода, баланд бардоштани маромнокиро ба таҳсил сарфи назар мекунанд. Ин боис мешавад, ки донишҷӯён мавзуъҳои фанниро барои супоридани имтиҳонҳо, ба даст овардани холҳои муайян ва гузаштан аз як сессия ба сессияи дигар аз худ мекунанд, на бо мақсади баланд бардоштани дониши касбӣ ва истифодабарӣ дар фаъолиятиояндаи касбӣ.

Аз суҳбат бо донишҷӯён бармеояд, ки қисме аз онҳо ҳангоми таҳсил дар курси якум на мароми муайян доранду на маромнокии таълимӣ. Дар баъзе аз донишҷӯён пайдошавии маромнокии таълимӣ дар охири курси дуюм ва аввали курси сеюм мушоҳида мешавад, дар ҳолате, ки мутаассифона, дар баъзе донишҷӯёни дигар дар ин марҳила сустшавӣ ва ҳатто нобудшавии маромнокии дуруст дида мешавад. Аз ин лиҳоз, омӯзгоронро зарур аст, ки дар рафти машғулиятҳои таълимӣ на танҳо ба дараҷаи азхудкунии фан аз тарафи донишҷӯён, балки ба баланд бардоштани дараҷаи маромнокии таълимии онҳо низ диққати ҷиддӣ диҳанд. Дар шароити мактаби олӣ чунин омилҳоро метавон ба сифати омилҳои ташаккулдиҳандаи маромнокӣ пешниҳод кард:

1. Шавқу ҳаваси донишҷӯ ба касби интихобкарда, дараҷаи умумии инкишофи ақлӣ, тарбия ва фарҳанги ӯ, обрӯйи касби инихобкарда дар ҷомеа.
2. Обрӯ ва сатҳи зиндагии намояндагони касб дар шароити муосир.
3. Ҳаҷми музди меҳнати мутахассис, мазмун ва шароити меҳнати ӯ.
4. Аҳамияти фанни омӯхташаванда дар омодагии касбии мутахассис.
5. Дараҷаи илмияти дарсгузарии омӯзгор, маҳорат ва малакаи ӯ.
6. Таъминоти методӣ ва моддии раванди таълим.
7. Гуногунрангии методҳо, воситаҳо ва шаклҳои ташкили таълим.
8. Ҳаҷми кори мустақилонаи донишҷӯён дар буҷаи умумии вақт.
9. Иштироки донишҷӯён дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва маърифатию равшаннамоӣ вобаста ба ихтисос.
10. Гузаронидани озмунҳо ва дигар чорабиниҳои ба рушди креативнокӣ ва малакаҳои иҷтимоӣ равонашуда дар байни донишҷӯён (озмунҳои эҷодӣ, ихтироъкорӣ, моделсозӣ ва ғ.).

Таҳлили унсурҳои маромнокӣ ва амалинамоии он дар раванди таълим нишон медиҳад, ки ташаккулёбии маромҳои мусбати фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ дар донишҷӯён яке аз омилҳои муҳими инкишоф додани қобилиятҳои зеҳнӣ маҳсуб меёбад. Барои истифоди бомуваффақи он бояд воситаҳои психологӣ-педагогӣ ва ташкилӣ-методӣ истифода бурда шаванд.

Таҷрибаи кории бисёрсола нишон медиҳад, ки аксари донишҷӯён ҳангоми истифодабарии усули фаъоли таълим дар машғулиятҳои таълимӣ фаъолона иштирок карда, вазифаҳо ва масъалаҳои таълимиро бо шавқ иҷро мекунанд, масъалаҳои вазъиятиро ҳал менамоянд ва дар онҳо маромнокии таълимӣ мушоҳида мешавад. Ба усули фаъоли таълим, ки барои ташаккулёбии маромнокии таълимӣ дар донишҷӯён мусоидат мекунанд, инҳо дохил мешаванд:

- ошкор кардани аҳамияти донишҳои касбӣ дар фаъолияти мутахассисиояндаи ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ тавассути ошкор кардани моҳияти ихтисос дар марҳилаи аввали таҳсил (роҳандозӣ кардани омӯзиши фанни «Мадхали ихтисос» дар семестри якуми таҳсил);
- истифодабарии тестҳо, саволномаҳо, анкетаҳо барои ошкор кардани тавсифдиҳандаҳои гурӯҳӣ;
- ташкил кардани чорабиниҳои фарҳангию маърифатии гурӯҳӣ;
- истифодаи васеи усули иннватсионии таълим;
- иштирок ва баромад кардан дар маҳфилҳо ва конференсияҳои донишҷӯён;
- мустақилона иҷро кардани корҳои назоратӣ ва мустақилона, омода кардани рӯнамо-намоишҳо, навиштани реферат, тарҷумаи матнҳо ва ғ.

Ба таври васеъ ворид кардани IT-технология дар раванди таълим, ки сарбории фикрии субъетҳои раванди таълимро зиёд мекунад, зарурати иваз кардани техника ва тактикаи пешниҳоди ахборро аз тарафи омӯзгорон ва қабулу коркарди онро аз тарафи донишҷӯён пеш меоварад. Бо дарназардошти хусусиятҳои психологии пешниҳоди ахбор дар сарчашмаҳои гуногун, таъсири он ба тафаккур ва ҷаҳонбинии донишҷӯён бояд:

1. Дар рафти гузаштани дарс дар доираи мавзуи муайян омӯзгорро зарур аст, ки аз пешниҳод намудани ахбори васеъ доир ба мавзуъ худдорӣ намуда, мазмуну моҳиятии мавзуъро дар шакли сохторӣ пешниҳод намояд. Ин имконият медиҳад, ки дар донишҷӯён андешаи меҳварӣ доир ба мавзуъ пайдо шавад ва дилхоҳ маълумоти иловагии доир ба мавзӯъ аз сарчашмаҳои гуногун гирифташаванда дар вобастагӣ бо ҳамин андешаи меҳварӣ таҳлил ва хулосагирӣ карда шавад, яъне фаҳмиши нодурусти мавзуъро пешгирӣ менамояд.
2. Феълан дар шабакаҳои гуногуни телевизионии чи ватанӣ ва чи хориҷӣ барномаҳои зиёди маърифатӣ пахш карда мешаванд, ки ба соҳаҳои муайяни илм бахшида шудаанд. Ҳатто шабакаҳои телевизионии махсуси илмӣ (Наука 2.0, Т 24, moya planeta, doctor, istoriya, nat geo WILD, discovery ва ғ.) амал мекунанд, ки ё ба илми махсус бахшида шудаанд, ё барномаҳоро доир ба мавзуъҳои бахшҳои гуногуни илм пешниҳод менамоянд. Дар баробари ин, сомонаҳои гуногуни интернетӣ доир ба илмҳои гуногун фаъолият менамоянд. Аз ин барномаҳо ва шабакаҳо, ки дар онҳо мавзӯъҳои мухталиф аз ҷиҳати илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, гузаронидани озмоишҳо намоиш дода мешаванд, тадқиқоти илмӣ пешниҳоди тамошобинон ва хонандагон гардонида мешавад, бешубҳа ахбори дақиқи илмиро метавон дастрас кард. Омӯзгоронро зарур аст, ки доир ба шабакаҳо ва барномаҳои ба фанни онҳо дахлдошта маълумот дошта бошанд ва дар баробари ба шогирдон пешниҳод кардани рӯйхати адабиёт, номи шабакаҳои телевизионӣ, барномаҳо (бо нишондоди замони пахш) ва сомонаҳои интернетиро низ пешкаш намоянд. Ин аз як тарафи имконият медиҳад, ки шогирдон ба истифодаи самарабахши телевизион ва интренет машғул шаванд, аз тарафи дигар, барои ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмӣ дар онҳо мусоидат мекунад.
3. Фаъолияти шабакаҳои иҷтимоӣ дар интеренет (fasebook, imo, viber, WantsApp ва ғ.) имконияти васеъро барои ташкил кардани майдони баҳси илмӣ фароҳам овардааст. Аз тарафи омӯзгор таъсис додани гурӯҳ дар ин шабакаҳо (фаъолияти омӯзгор ба сифати маъмури гурӯҳ ё ба сифати маъмур интихоб кардани ягон шогирди фаъол), ворид кардани шогирдон ба гурӯҳ танҳо дар сурати бақайдгирии худ бо ному насаби аслӣ, масъалгузориҳо барои баҳс, пешниҳод кардани ҳалли муаммоҳои илмӣ ва амсоли ин имконият медиҳад, ки вақтгузаронии беҳудаи донишҷӯён дар шабакаҳои иҷтимоӣ коҳиш дода шавад, онҳо тарзу усули иштирок дар баҳси илмиро аз худ кунанд, маълумоти наву шавқоварро байни ҳам мубодила намоянд, маҳорату малакаи иштирок намуданро дар ҳалли гурӯҳии масъалаҳо аз

худ кунанд ва ғ.

4. Дар рафти машғулиятҳо ва махсусан кори мустақилона бо роҳбарии омӯзгор (КМРО) даст кашидан аз усули анъанавии гузаронидани дарсҳои семинарӣ ва рӯ овардан ба истифодаи усули нави таълим (кор дар зергӯрӯҳҳо, ангезиши ақлҳо, ҳуҷуми зеҳнӣ, истифодаи машқҳои дидактикӣ, таҳлили кейсҳо ва ғ.). Ин имконият медиҳад, ки донишҷӯ тарзи ба дигарон пешниҳод кардани андешаи худро омӯзад, маҳорати гӯш кардани андешаи дигаронро аз худ кунад, дар асоси таҳлили андешаи ҳамсабақон ва омӯзгор хатогиҳои худро дарк кунад, аз техника ва тактикаи далеоварӣ бархурдор шавад ва умуман ҳамаи барои инкишоф ёфтани амалҳои фикрӣ, маҳорату малакаи кор дар гурӯҳ ва дигар малакаҳои таълимию иҷтимоӣ мусоидат менамояд. [3, с.47-48]

5. Фароҳам овардани шароит барои аз тарафи донишҷӯён қонеъ намудани талаботи худ ба худифоданамоӣ, ки талаботи пешбар дар синни ҷавонӣ маҳсуб меёбад бо истифода аз имконияту қобилиятҳои мавҷуда: таълимӣ, санъат, варзиш ва махсусан илмӣ. Чӣ тавре, ки психолог Мигдал А. қайд мекунад, «мароми фаъолияти илмии донишҷӯ – ин хоҳиши худифоданамоӣ буда, мехоҳад ба худ ва дигарон исбот кунад, ки ӯ корро то ба охир бурда метавонад ва бо ин фардияти худро ба дигарон нишон доданӣ мешавад. Аз ҳама мароми муҳимтарин барои донишҷӯ кунҷкобӣ буда, туфайли он мехоҳад асрори табиатро дониста гирад. Ин маромҳо дар ҳамбастагӣ мебошанд». [4, с.74]

Чӣ тавре дар боло қайд кардем, дар ҷараёни таълим инкишоф додани амалҳои фикрӣ шарти муҳимми таъмин намудани худомӯзӣ дар донишҷӯён аст. Дар ин радиф амали фикрии басистемадорӣ нақши муҳим мебозад. Танҳо туфайли истифодаи ин амали фикрӣ донишҷӯ имконият пайдо мекунад, ки маълумоти аз сарчашмаҳои гуногун доир ба мавзуъ бадастовардаашро ба система дароварда, сохтори онро тартиб диҳад ва хулосаи дурусти илмӣ барорад. Тадқиқоти бо донишҷӯёни курси якум гузаронидаи муҳаққиқ О.Е. Малской нишон медиҳанд, ки ҳангоми ба таври номураттаб ташаккул додани фаъолияти таълимӣ, донишҷӯён унсурҳои онро аз мазмуни мушаххаси маводи таълимӣ то вазъияти азхудкунии он бисёр суст тафриқа менамоянд. Ҳудуди 70%-и донишҷӯёни курси якум аз усулҳои басистемадарории маводи таълимӣ барои осонтар шудани фаҳмиши моҳияти он истифода намебаранд [5, с.284].

Ин мушкилӣ махсусан дар он донишҷӯёне дида мешавад, ки дар мактаби миёна ба таври кофӣ малака ва маҳоратҳои фаъолияти фикриро нагирифтаанд. П. К. Анохин қайд мекунад, ки рушди нокифояи тафаккур сабаби бадшавии саломатии одамон дар курсҳои аввали омӯзиш дар мактаби олӣ мегардад ва мегӯяд: «Гипертоникҳои ҷавон асосан донишҷӯёни курсҳои аввал мешаванд. Мағзи сари тамриннадида тоби ин сарбориҳоро надорад» [1, с.258]. Бинобар ин, муҳаққиқон ба хулоса омаданд, ки сабаби ин ҳама набудани робитаи созгор байни муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, амалия нишон медиҳад, ки агар дар донишҷӯён шавқу ҳаваси устувор ба фанҳои омӯхташаванда ва ихтисоси интихобшуда пайдо шавад, агар онҳо мақсаднок ва доимӣ ба омӯзиш машғул шаванд, масъалаҳои таълимиро фаъолона ҳал кунанд, он гоҳ имтиҳонҳоро бомуваффақият месупоранд ва донишҳои барои мутахассис шуданашон заруриро аз худ карда, соҳиби маҳорату малакаи касбӣ мегарданд. Барои ба ин ноил шудан омӯзгоронро зарур аст, ки ҷиҳати бедор кардан ва ташаккул додани маромнокии таълимӣ дар шогирдон аз усулҳои фаъоли таълим бо баэътиборгирии шароити муосири дастрасӣ ба ахбор истифода баранд.

## АДАБИЁТ:


1. Анохин П. К. Верю таланту. В кн.: Наука сегодня. - М., 1968.- С. 258
2. Атохонов Р. Педагогическая психология: психология обучения. –Тюмень, 2009. –С.24
3. Давлатов М.Т., Расулов С.Х Психологияи мактаби олӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, саҳ 47-48
4. Мигдал А. О психологии научного творчества //Наука и жизнь, 1976, №2. – С. 74
5. Педагогика и психология высшей школы: Учебное пособие /Под ред. М. В. Буланова-Топоркова. Ростов н/Д: Феникс, 2002. –С.284
6. Психология. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ /Зери таҳрири М. Давлатов. – Душанбе, 2010. – С.131-132
7. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. –С.94
8. Шарипов Ф. В. Педагогика и психология высшей школы. Учебное пособие. – М.: Логос, 2012. – С. 304

9. Ҷурабоев Ҷ. Нақши омӯзгор дар ташаккул додани мароми таълимии хонандагон //Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). –Душанбе 2014. –С. 260-268

## ҶАНБАЪҲОИ ПСИХОЛОГИИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАРОМ БА ТАҲСИЛ ДАР ДОНИШҶӮЁН

Дар мақолаи мазкур муаллиф омилҳои ташаккул додани маромро ба таҳсил дар донишҷӯён аз ҷиҳати психологӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар шарҳ додани мубрамияти масъала моҳияти мафҳумҳои маром, маромнокӣ ва маром ба таҳсил мавриди баррасӣ қарор дода шуда, сабабҳои шаклгирии маромнокии нодуруст дар донишҷӯён бо назардошти шароити воқеии фазои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ошкор карда шудаанд. Инчунин, дар мақола омилҳое муайян карда шудаанд, ки метавонанд дар шароити мактаби олӣ сифати омилҳои ташаккулдиҳандаи маромнокӣ ба таълим баромад кунанд. Дар хулоса муаллиф якчанд техникаи пешниҳод намудани ахбор ва истифодаи усули фаъоли таълимро бо мақсади ташаккул додани маром ба таҳсил дар донишҷӯён пешниҳод намудааст.

***Калидвожаҳо***: *маром, маромнокӣ, маром ба таҳсил, омил, усул, маърифат, фаъолияти таълимӣ, фаъолияти маърифатӣ, усули фаъол.*

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ МОТИВАЦИИ К ОБУЧЕНИЮ У СТУДЕНТОВ

В данной статье автор анализирует факторы формирования мотивации к обучению у студентов с позиции психологической науки. Объясняя актуальность проблемы, раскрывается сущность таких понятий как мотив, мотивация, мотивация к обучению и выявлены причины формирования неправильной мотивации к обучению у студентов с учетом реальных обстоятельств учебы в высших учебных заведениях страны. Также в статье определены факторы, которые в условиях высшего профессионального образования выступают как причины формирования мотивации к обучению. В заключение автор предлагает несколько техник предоставления информации и использование инновационных методов обучения с целью формирования мотивации к обучению у студентов.

***Ключевые слова***: *мотив, мотивация, мотивация к обучению, фактор, метод, познание, учебная деятельность, познавательная деятельность, инновационный метод.*

## PSYCHOLOGICAL ASPECTS OF FORMATION OF MOTIVATION TO LEARNING IN STUDENTS

In this article, the author analyzes the factors in the formation of students' motivation for learning from the standpoint of psychological science. Explaining the relevance of the problem, the essence of such concepts as motive, motivation, motivation for learning is revealed and the reasons for the formation of incorrect motivation for learning among students are revealed, taking into account the real circumstances of studying in higher educational institutions of the country. The article also identifies factors that, in the conditions of higher professional education, act as the reasons for the formation of motivation for learning. In conclusion, the author suggests several techniques for presenting information and using innovative teaching methods to motivate students to learn.

***Key words***: *motive, motivation, motivation for learning, factor, method, cognition, learning activity, cognitive activity, innovative method.*

**Маълумот дар борфаи муаллиф**: **Расулов Сайфидин Худоиевич** – н.и.п., дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел.: 918 80 68 07. Почтаи эл.: sayf76@mail.ru

**Сведения об авторе**: **Расулов Сайфидин Худоиевич** – к.п.н., доцент кафедры психологии Таджикского национального Университета. Тел.:918 80 68 07. Эл.почта: sayf76@mail.ru

**Information about authors**: **Rasulov Saifiddin KHudoievich** - Candidate of Political Sciences, Associate Professor of Psychology Tajik National University. 918 80 68 07. Эл. Почта: sayf76@mail.ru

**РАСУЛОВА А.С.**

## О ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ВОПРОСАХ РАЗВИТИЯ ГУМАНИСТИЧЕСКОЙ ПОЗИЦИИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ.

В современных условиях модернизации системы образования Республики Таджикистан подготовка студентов педагогического вуза к профессиональной деятельности представляет собой целостный процесс, важнейшим принципом которого является гуманизация образования и воспитания.

Ориентация на развитие студента как личности, как индивидуальности и как активного субъекта деятельности предполагает соответствующую стратегию деятельности

преподавателя, создающего условия для реализации творческих сил студента в системе взаимодействия с другими студентами и в конечном итоге для воспитания «человека-специалиста гуманного». Такая ориентация лежит в основе идеи о том, что люди по своей природе свободны и добры, что студенты - это прежде всего люди (а не носители социальной роли), что взаимодействие с ними конструктивно только тогда, когда преподавателю удается войти в межличностные (а не формальные) отношения [6]. Целью гуманистически ориентированного обучения является, в частности, становление гуманных отношений между людьми. К. Роджерс [9] выделил два типа обучения: информационное, обеспечивающее простое знание фактов, и значимое, дающее обучающимся действенные знания, необходимые для самоизменения и саморазвития. Обучение, помогающее человеку быть личностью и есть личностно ориентированное обучение, или, по Роджерсу, значимое. По мнению К. Роджерса, для саморазвития человека важно: опыт индивида, конгруэнтность, тенденция к росту и самоактуализаци, причем, источник и движущие силы развития находятся в самом человеке. Карлом Роджерсом выделены условия, необходимые для личностного роста: наполненность содержания общения жизненными проблемами обучающихся; реальность личности учителя, т.е. конгруэнтность; позитивное отношение учителя к ученику, принятие; возможность выбора и альтернативного решения проблемы обучающимся; создание учителям психологического климата, способствующего тенденции самоактуализации учащихся.

Согласно учению, К. Роджерса:

• современное образование исходит из общечеловеческих ценностей, согласованных с конкретными ценностями разных этнокультурных сообществ;

• цель образования есть становление самореализующейся личности;

• развитие личности происходит целостно, в единстве разума и чувства, души и тела;

• все права человека, в том числе и его право на свободный выбор содержания и форм, режимов образования, находятся под защитой;

• образование осуществляется посредством собственной деятельности ученика;

• групповая работа в школе сочетается с индивидуальной работой, причем особое внимание уделяется развитию индивидуального стиля деятельности ребенка;

• образование как деятельность личности основано на внутренней мотивации учения, а также на полноценном общении учителя и учащихся, причем участие школьников в равноправном диалоге уважается и поощряется;

• наиболее успешно образование осуществляется в обстановке заботы, внимания, сотрудничества, а не формального руководства [9].

В центре внимания гуманистической педагогики стоит уникальная целостная личность, которая стремится к максимальной реализации своих возможностей (самоактуализации), открытой для восприятия нового опыта способной на осознанный выбор в разнообразных жизненных ситуаций.

Обращение к гуманистической позиции требует выявления сущности гуманизма, лежащего в ее основе.

Гуманизм (hғmarғs) - человечный, т.е. обращенный к человеку, сделанный для человека, в его интересах, с учетом блага для человека. Под гуманизмом понимается исторически меняющаяся в соответствии с развитием общества и его культуры система воззрений, признающая ценность каждого отдельного человека и направленная на признание обществом этой ценности как реального фактора и главной цели развития данного общества.

Одной из основных гуманистических ценностей является гуманность, понимаемая, как человечность, человеколюбие, уважение к человеку. Принятие личностью этой ценности, превращение ее в личностное качество происходит в процессе гуманизации всей жизни.

Под гуманизацией понимается «усиление гуманистических начал в обществе, утверждение общечеловеческих ценностей» [7,с.105]. Будущему учителю необходимо выстраивать деятельность, согласуя ее с гуманистическими ценностями. Вопросы гуманизации образования имеют смысл лишь в той мере, в какой они увязаны со всем комплексом специфических особенностей современного этапа общественного развития. А он выявил необходимость кардинальной смены образовательной парадигмы, пересмотра сущности целей и социального назначения педагогической деятельности. Пока это

понимание не найдет необходимого распространения в образовании, «гуманизация» будет иметь ценность лишь как очередная кампания.

Гуманизация олицетворяет могучее культурно-творческое начало, обеспечивает самосознание и саморазвитие общества; помогает образованию человека, который должен стать более гармоничным в нравственном и духовном отношении, помогает раскрыться человеку, мотивируя и стимулируя его деятельность по преобразованию окружающего мира и себя самого.

В гуманистической позиции находят свое выражение многообразные отношения к человеку, к обществу, к духовным ценностям, к деятельности, составляющие содержание гуманистической сущности личности. Гуманность - это не просто отдельная черта личности, это интегративная характеристика, включающая комплекс ее свойств, выражающая отношение человека к человеку.

Гуманистическая позиция- это система отношений, позволяющих осмысливать, преобразовывать педагогическую действительность и оценивать ее по гуманистическим критериям.

Проблемой гуманизации образования занимаются научно- педагогические школы ученых В.П. Бездухова, Е.В. Бондаревской, В.В. Серикова и др.; в их трудах обоснована концепция гуманистического воспитания и парадигма личностно-развивающего обучения, основу которых составляют переосмысление ценностных оснований образования. Основными ценностями гуманистического образования выступают:

• человек как субъект культуры, собственной жизни и индивидуального развития;

• образование как культурная развивающая среда, растящая и питающая личность, придающая ее жизни культурные смыслы;

• творчество и диалог как способы существования и саморазвития человека в культурно-образовательном пространстве [1,с.137].

Гуманистическая позиция располагается именно в этом пространстве идей. Согласно концепции гуманистического образования Е.В. Бондаревской, важнейшими принципами реформирования педагогического образования должны быть: обращенность к общечеловеческим ценностям, к педагогической культуре, к детям, школе, к индивидуальности, творческому потенциалу студента[2].

Обращенность к гуманистическим ценностям означает, отношение к студенту как свободному суверенному субъекту профессиональной подготовки.

Научным основанием для формирования гуманистической позиции будущего учителя выступает теория личности. В отечественной и зарубежной науке существует несколько подходов к изучению личности, среди которых наиболее важными для нашего исследования являются взгляды И.Х.Каримовой, К.А. Абульхановой-Славской, А.Н.Леонтьева, В.В. Мясищева, С.Л. Рубинштейна, рассматривающих личность как субъект деятельности.

Согласно теории, разработанной С.Л.Рубинштейном, сущность личности проявляется в ее способности занимать определенную позицию. Личность - это не набор заданных качеств, а потребность человека «быть личностью», т.е. проявлять свои отношения к миру и самому себе [10].

В общественных науках личность рассматривается как особое качество человека, приобретаемое им в определенной социокультурной среде в процессе совместной деятельности и общения. Личность развивается в процессе деятельности под влиянием определенных факторов: наследственности, среды воспитания и активности самой личности.

Люди не свободны в выборе объективных условий своей жизни, а свободны в выборе средств для достижения поставленных целей, которые зависят от ценностных ориентации данной личности. По мнению А.В. Кирьяковой, восхождение личности к ценностям общества может продуктивно развиваться в заданном направлении только при определенных условиях, среди которых наиболее значима субъектная позиция личности [5]. Согласно концепции А.В. Кирьяковой, человек меняет ценностное отношение к миру на основе расширяющегося жизненного пространства, круга общения, выхода в более широкую сферу социального контекста жизнедеятельности. Процесс присвоения ценностей может осуществляться стихийно или целенаправленно. Задача педагогов - создание условий для становления позитивных для данной личности и общества ценностей, т.е. гуманистических ценностей. Позицию каждой конкретной личности определяют ее ценностные ориентации[5].

О значении ценностных ориентации в становлении гуманистической позиции, гуманистической направленности учителя пишут, в частности, исследователи В.П. Бездухов, В.И. Гусаров, О.К. Позднякова. Так В.П. Бездухов отмечает, что ценности, определяя строение мотивационной сферы (мотивы), смысловой (смысловые образования) и диспозиционной (ценностные ориентации) системы педагога, регулируют и направляют его профессиональную деятельность и общение по формированию у школьников эмоционально-ценностного отношения к миру, к людям и самим себе...» [1], т.е. по становлению его позиции. Гуманистические ценности учителя (человечность, справедливость, ответственность и др.) реализуются в «субъект-субъектных» отношениях в педагогической деятельности, развивая у учеников потребность быть человечными, справедливыми, ответственными.

«Поскольку (как бы этого не хотелось) ценности передать, тем более навязать, нельзя, то их молено только пережить, к ним можно только приобщиться (причем, по собственному желанию). В обучении передается информация, текст, вопросы; в воспитании как бы передается состояние (точнее, создается поле междусубъектных состояний), возникает экзистенциальная информация, внутренне формулируются вопросы, что способствует проявлению «состояния каждого», которое в процессе воспитания может становиться «достоянием всех»» [3].

Позиция личности выражает особенности ее как субъекта отношений. Об этом пишут исследователи И. И. Дивитовская, Т.М. Мальковская, и др.

Категория «отношение» имеет два толкования, и одно из них связано с позицией: как объективная связь человека и предмета; как субъективная позиция по отношению к предметам, вещам, явлениям, одной личности к другой [4].

Большой вклад в развитие учения об отношениях внесли Б.Г.Ананьев, В.Н.Мясищев и Л.Г.Ковалев, которые отмечали, что все отношения взаимосвязаны друг с другом и представляют систему отношений человека, отличающуюся тем, какие стороны отношений выступают на первый план в связи с историческим опытом личности. Исследование личности, как правило, направлено на изучение системы отношений человека.

В качестве компонентов отношения выделяются: субъект, испытывающий потребность; объект потребности; связь между субъектом и объектом, проявляющаяся в переживании тяготения к объекту и активной устремленности к овладению им.

Сущность личности составляет совокупность ее отношений (В.Н. Мясищев). Основой отношений людей является потребность в общении и в деятельности. Но потребность не сама по себе, а в соотнесении с эмоциями, интересами, убеждениями, оценками (Б.И. Додонов, В.Н. Мясищев, П.П. Симонов).

Исследования отношений личности как выражение ее позиции осуществили К.А. Абульханова-Славская, Б. Г. Ананьев, Н.А. Дивитовская, В.Н. Мясищев и др. Работы, выделяющие в качестве показателей позиции личности ее ценностные ориентации, интересы, идеалы, жизненные планы - различные формы направленности личности выполнили А.Г. Асмолов, А.Г. Ковалев, А.И. Щербаков, В.А.Ядов и др.

В разных концепциях эта характеристика личности раскрывается по- разному: динамическая тенденция (С.Л. Рубинштейн); смыслообразующий мотив (А.Н. Леонтьев); доминирующее отношение (В.Н. Мясищев); основная жизненная направленность (Б.Г. Ананьев); динамическая организация сущностных сил человека (А.С. Прангишвили); ценностные ориентации (А.В. Кирьякова) и т.д.

В психологии понятие «направленность» рассматривал С.Л. Рубинштейн, который определил ее как систему потребностей, интересов и идеалов личности. Этому вопросу посвящены исследования Л.И. Божович, Н. В. Кузьминой, А.Н. Леонтьева, В.Н. Мясищева и др.

Таким образом, можно констатировать, что: направленность - это ведущая характеристика личности, в которой фокусируется смысл деятельности и поведения личности; направленность личности - динамическая структура, подвергающаяся изменению, совершенствованию.

Между такими характеристиками, как направленность и личностная позиция существует взаимозависимость. Это две категории, которые характеризуют личность, ее деятельность и отношения.

Вуз несет ответственность за качество профессиональной подготовки, основное содержание которой должна составлять отечественная и мировая педагогическая культура.

Педагогическая культура рассматривается как динамическая система общечеловеческих педагогических ценностей, творческих способов педагогической деятельности и личностных достижений людей, занимающихся обучением и воспитанием.

Задача профессионального и личностного становления будущего учителя как компетентного специалиста и человека культуры состоит в том, чтобы ввести студента в мир педагогических ценностей, оказать помощь в становлении базовой культуры личности.

«Человек, если он действительно состоявшийся взрослый, уже не демонстрирует, тем более не навязывает свои субъектные ориентации, свои цели, ценности и отношения, а скорее выступает в роли посредника между собой и другим человеком, миром, культурой» [8].

В педагогической литературе позиция учителя рассматривается в контексте его педагогической позиции. (И.Х.Каримова, В.Г.Вершловский, Т.Г.Галактионова, Ф.М. Г'оноболин, Е.К. Дворянкина, Ю.Н. Кулюткин, JI.М. Митина, Г.С. Сухобская и др.) и характеризуется как:

• духовная культура педагога (Л.П. Тряпицына);
• нравственная культура (Ш.А. Амонашвили, Т.К. Ахаян);
• профессиональная культура (А.В. Барабанщиков, И.Ф. Исаев);
• гуманитарная культура (Н.М. Конжиев);
• педагогическое мастерство (Ю.П. Азаров, Н. В. Кузьмина);
• стиль учителя (В. А. Кан-Калик);
• педагогическое сознание (И.Я. Лернер, В.Л. Сластенин)
• культура педагогической деятельности (Л.Б. Соколова) и др.

Позиция педагога, в основном, трактуется как установка в структуре готовности выпускника педвуза (Л.В.Кондрашова); ингегративная личностно-профессиональная характеристика педагога (Т.Г. Галактионова); компонент педагогической культуры (С.С. Представители гуманистической психологии (А.Маслоу, Р.Мэй, К.Роджерс, В.Франкл) утверждали, что полноценное развитие личности возможно лишь в том случае, если школа будет служить лабораторией для открытия уникального «Я» каждого ребенка.

Садри Зиё отмечает, что как только сатира и оскорбления Афзала в адрес Ахмада Дониша стали достоянием общественности, большинство просвещенных людей сделали его мишенью своих упреков: « Просвещенный люд поднялся со всех сторон, и посыпались из их уст слова упреков и проклятий. В том числе Шамсиддин махдум Шахин, известный своей гордостью, который редко склонял голову перед чьим либо талантом, также не смог заглушить в себе чувство негодования и написал высокую оду во славу Дониша и порицание Афзала. Мулло Абдулмаджид Музтариб, по осмотрительности и осторожности, не позволявший себе малейшего замечания ни в чей адрес, также, из чувства справедливости, сочинил мухаммас на оду Шахина» [15, 94].

В числе вышеназванных личностей, поднявшихся в защиту Ахмада Дониша и его передовых идей, в «Воспоминаниях» С.Айни также упоминаются имена Шариф махдума Мутасима, Исо махдума, Иноят махдума, Яхеходжи, Кори Абдулмаджида Зуфунуна, Мулло Шарифа Соата и некоторых других.

Во времена жизни Ахмада Дониша простой народ был лишен возможности восприятия содержания произведений этой выдающейся личности и его сущности, его социально-политических взглядов. В пору жизни Ахмада Дониша и после его ухода из жизни, вплоть до победы революции, просветительские творения мыслителя также не были доступны народным массам и переписывались только лишь несколькими передовыми учеными и единомышленниками писателя сугубо для личного пользования. Невозможность своевременного ознакомления различных слоев общества с «Редкостными событиями» и другими творениями Ахмада Дониша были обусловлены следующими факторами:

1. В произведении Ахмада Дониша, в ходе применения и сравнения им религиозных учений в связи с различными явлениями и эпизодами реальной жизни, наблюдаются некоторые смелые и реформаторские высказывания, вызвавшие гнев и негодование официального духовенства того времени, которые обвиняя его в вероотступничестве и безбожии, накладывали запрет на чтение его книг.
2. В произведении резкой критике подвергался существующий строй эмирата Бухары, система правления государства и политика отношения к народу, вскрытие которых грозило большой опасностью для писателя.

Ахмад Дониш, как руководитель просветительской идеологии, верил в роль науки и человеческого разума в развитии общества. Поэтому он в начале своей просветительской деятельности, как другие реформаторы цивилизованного мира, представлением своей программы о реформе требовал у правителей внесения реформы в существующие системы образования и воспитания. Но правители категорически отказали в проведении реформы.

После того как решение проблемы реформы, мирным путём не дало результатов, для Дониша начался второй период просветительской деятельности, период непримиримой борьбы, период творения антиправительских произведений, содержащих резкую критику, как в «Историческом трактате».

В истории педагогики таджикского народа физическое наказание учеников считалось обычным явлением. Этот воспитательный «метод» поддерживали такие мыслители как Мухаммад Газоли(XI в.) и Саади Ширази (XIII в.) Например, Газоли в своей книге «Эликсир счастья» пишет: «Если ребенку исполнится 10 лет, и он совершит проступок, то учитель должен его бить и наказывать» [3,33];[11,156].

В те времена было принято, что родители, приводя детей к учителям для обучения, просили учить грамотности их детей, даже, если от их сыновей останутся кожа да кости.

Но Ахмад Дониш, как мыслитель и просветитель, был недоволен этой системой обучения и воспитания, и особенно этими «методами» воспитания. Он выражает свое недовольство так: «Зачем меня вынуждают заниматься этим? Ведь конечный результат – только гвалт детей и обязанность колотить их»[5,27].

Мыслитель считает такой метод неприемлимым и даже вредным для психического и физического здоровья детей. И придает огромное значение роли игры в их воспитании: «Дети, как только забывают о трещинах учителя, начинают играть и возиться в песке. Но если это избиение продолжается систематически, то дети заболевают и даже умирают»[5,80].

Одной из величайших заслуг Ахмада Дониша является критика методов обучения в бухарских школах и медресе, и критика бухарских официальных неграмотных представителей духовенства, так называемых – улема.

Он со своими произведениями - «Редкостные события» и «Исторической трактат» вышел на арену как ярый сторонник точных и естественных наук и противопоставил их изучение схоластическим методам изучения тогдашних школ и медресе. Дониш призывал учащихся выбрать объектом своего изучения явления реального мира.

Писатель, наряду с другими важнейшими проблемами образования и воспитания, у правителей требовал решения нижеследующих задач:

1) Создать конкретную учебную программу взамен схоластического метода преподавания;
2) включить в учебную программу изучение точных и естественных наук;
3) исключить из учебной программы ненужные предметы;
4) применять в бухарских школах опыт школ развитых стран, особенно России;
5) преподавателям медресе и учителям школ, не имеющих достаточных знаний и не проходивших квалификацию в своей профессии, не разрешать ведения уроков;
6) детям неимущих тоже учить грамотности;
7) привлечь к воспитанию и обучению детей с физическими недостатками и обучать их по возможности необходимым профессиям и т.д.;
8) не применять физического наказания в воспитании детей.

Стиль критики Ахмада Дониша имеет свои особенности. Вначале своей литературно - воспитательной деятельности мыслитель выражал свои критические мысли о слабых сторонах системы образования и воспитания в Бухаре от имени героев или персонажей своих произведений.

Во втором периоде он начал излагать свою критику от имени своих друзей или собеседников. В конце своей деятельности Ахмад Дониш напрямую стал смело и бесстрашно излагать критику, от своего имени, пример которой мы встречаем в его «Историческом трактате». Его критика превратилась в реалистическую критику.

Другим стилем критики Ахмада Дониша является его сопоставительная критика, которая выразилась в сравнении и критике экономического положения, системы образования, воспитания, и культурной жизни Бухарского эмирата с экономикой, системой образования, культурой России и других развитых стран.

Как говорил Айни, под влиянием чтения «Редкостных событий» в сознании Хайрата, Айни, Мунзима и других произошли изменения, которые можно назвать «революцией сознания», что способствовало росту рядов сторонников реформ и просвещения.

Знакомство с «Редкостными событиями» было началом возникновения критического воззрения против существующего государственного строя и напомнило вышеназванным писателям и другим о бесполезности большинства предметов и уроков, которым они обучались в медресе, поэтому они на собрании своих кружков много говорили о реформе образования в школе и социальной реформе общества. Учение Дониша напоминает собою море, в котором одна волна накатывает за другой.

С.Айни пишет: «хотя по сей день я плохо представлял состояние современной печати и литературы, мечта реформы в школах и медресе подтачивала мое сознание, а от обещанных своим кругом нововведений меня выворачивало. Эта мечта и это отвращение появились у меня после чтения книги под названием «Редкостные события» Ахмада Махдуми Мухандис Дониши Бухорои и «Книги путешествий Ибрагимбека»(книга- Зейнал-Абедина Марагаи (Х.А.А)»[2, 35].

Появление и распространение новых газет и открытие школ с новыми методами преподавания в зарубежных странах подготовило хорошую почву для реализации заветной мечты и чаяния Ахмади Дониша его последователями. Первая школа с новой методикой преподавания открылась, со слов Айни, в 1883 году в Богчасаройе (Бахчисарае) и начала действовать при поддержке Измаилбека Гаспаринии Кирими(Гаспаринский). Распространение газет «Тарджумон»(«Переводчик»), «Хабулматин» («Неразрывные узы», опубликован в Индии) «Парвариш» («Ростки», опубликованный в Египте) сыграло значительную роль в воодушевлении реформы медресе.

Но поскольку попечителем и покровителем новой системы преподавания была Турция, прежде всего, поддерживались идеи пантюркизма в среде мусульман Кавказа, России и Средней Азии. Даже в 1907 году Измаил Гаспаринский лично приезжал в Бухару открыл там новую школу, выступив на татарском языке.

В 1898 году в Коканде по инициативе мулло Салохиддина, в 1899 году в Андижане по инициативе мулло Шамсиддина и в том же году в Ташкенте по инициативе кори Маннона были открыты новые школы с узбекским языком преподавания [13, 127].

Первая школа с новым методом преподавания на таджикском языке была открыта в Самарканде в 1901 году по инициативе просветителя Абдулкодира Шакури. В Бухаре первую новую школу открыл мулло Джурабои пирмасти в 1900 году, но она просуществовала недолго. Будучи подданными, Российской империи, татары как в Бухаре, так в других городах эмирата, беспрепятственно открывали свои школы, но коренным таджикам не было возможности делать это на родной земле.

После знакомства с новой школой Абдулкодира Шакури в Самарканде, по инициативе последователей Ахмади Дониша – Мирзо Абдувохиди Мунзима и Садриддина Айни 5 ноября 1908 года во дворе Мунзима была учреждена первая таджикская школа с новым методом преподавания. Для облегчения процесса обучения, Садриддин Айни вынужден был лично написать для школьников следующие книги: «Тахзиб-ус-сибён» («Воспитание детей», 1909 год), «Тартил-ул-Куръон» («Правильное чтение Корана», 1909 год) и позже «Заруриёти диния» («Религиозные обязательства», 1914 год).

Национальная гордость Садриддина Айни, которая проявилась под влиянием учений Ахмади Дониша, не позволяла ему турецко-татарские школы считать школами Бухары: «Школа татар, где также обучали на тюркско-татарском языке, не считалась школой Бухары»[2,40]. Будучи приверженцами учений Дониша, Айни и Мунзим стремились к распространению грамотности среди простого населения, обучая детей из малоимущих семей бесплатно.

Авторитет новой таджикской школы заметно вырос после того, как ученики сдали свои экзамены свободно и открыто на глазах у наблюдающих за экзаменами взрослых. Заметная увлеченность населения новой методикой преподавания в школе привела её противников в негодование. Первым, кто выступил против новой школы, был мулло Камари Казонии мударрис т.е. не таджик[2, 48]. После закрытия новой школы Мунзима и Айни со стороны эмира, сторонники школ с новой методикой обучения сплотились ещё сильней, что привело к организованному движению джадидов.

Как говорилось ранее, воспитательные, просветительские и политические взгляды Дониша служили руководством не только для его современников, но и для последующих поколений просветителей, джадидов и сторонников революций.

Историк Намоз Хотамов считает, что просветительские и реформаторские взгляды Дониша оказали огромное влияние на сторонников движения джадидов: «Просветительские воззрения плодотворного сына таджикского народа Ахмада Дониша, сынов узбекского народа Зокирджона Фурката, Мухаммада Аминходжа Мукими, Завки и других служили первоисточником джадидизма. Среди них особую известность приобрел Ахмад Дониш»[13, 119].

Просветительское воззрение Дониша уже в конце XIX века приобрели известность в Бухаре, Самарканде, Фергане, Ташкенте, Хиве и других областях Средней Азии.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Айнӣ С.Таърихи инқилоби Бухоро (История Бухарской революции)./С.Айнӣ. - Душанбе: Адиб,1987, с.-268 с.
2. Айнӣ С.Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро (История духовной революции в Бухаре)./С.Айнӣ. - Душанбе, 2005.-270 с.

3. Абӯҳомид Ғазолӣ. Кимиёи саодат (Эликсир счастья). Ҷилди дуввум./Ғазолӣ.-Душанбе: «ЭР-граф», 2008.- 665 с.
4. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ (Редкостные события). Китоби 1. /Дониш А.- Душанбе: Дониш, 1988.- 285с.
5. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ (Редкостные события). Китоби 2./Дониш А. - Душанбе: Дониш, 1989. -339 с.
6. Аҳмади Дониш. Осори баргузидаи бадеӣ (Избранные художественные произведения).- Душанбе: Ирфон, 1976. -350 с.
7. Аҳмади Дониш. Порчаҳо аз «Наводир-ул-вақоеъ» (Отрывки из «Редкостных событий»). Бо таҳрир, тавзеҳот ва сухани хотимавии Расул Ҳодизода./Дониш А.- Сталинобод, 1957.- 224с.
8. Ғафуров Бобоҷон. Тоҷикон. Китоби дуюм./Б.Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1985.- 409с.
9. Раҷабов З. Ш. Бузургтарин маорифпарвари халқи тоҷик (Выдающийся просветитель таджикского народа)/Ш.З.Раҷабов //«Маориф ва маданият». 14- декабри 1976. – 4 с.
10. Раҷабов З. Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш (Просветитель Ахмад Дониш)./ Ш.З.Раҷабов - Душанбе: Ирфон, 1964.-306 с.
11. Саъдии Шерозӣ. Гулистон (Цветник)./Ш.Саъдӣ.- Душанбе: Дониш, 1988. - 214 с.
12. Ҳайдаров А.А. Афкори педагогии Аҳмад Маҳдуми Дониш (монография). /А.А.Ҳайдаров.- Душанбе: «Ирфон», 2011.-160 с.
13. Ҳотамов Н.Б. Таърихи халқи тоҷик (Аз солҳои 60-уми асри XI X то соли 1924) (История таджикского народа (1860-1924 гг.)). Нашри дуюм. Бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо. /Н.Б.Ҳотамов.– Душанбе, 2007.- 368 с.
14. Ҷабборов Ш.Ҷ. Андешаҳои сиёсии Аҳмади Дониш (Политические взгляды Ахмада Дониша)./Ш.Ҷ.Ҷабборов. - Душанбе, 2005.-190 с.
15. Сиддиқов С. Садри Зиё ва Аҳмади Дониш (Садри Зия и Ахмад Дониш) // Садои Шарқ.1969, №9.- С.- 93-100.

## АХМАД ДОНИШ О РОЛЕ НАУКИ И ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО РАЗУМА В РАЗВИТИИ ОБЩЕСТВА

В статье пишется, что просветители объясняли основные причины отсталости Бухары и беспросветного существования подданных страны, безграмотностью народных масс, невежеством и бескультурьем верхушки государства. В число представителей этой группы, без всякого преувеличения, входили просветители во глав с их руководителем Ахмад Махдумом Донишем.

Автор констатирует, что первым мыслителем, без страха и боязни, ратовавшим за преобразование системы образования и, в целом, за радикальные преобразования управления своей страны, был Ахмад Махдум Дониш. Он, заложив основу просветительского течения, сплотил вокруг себя значительное число единомышленников и последователей, из числа передовой интеллигенции своего времени. Они стремились найти пути развития науки и культуры, обновления системы образования, чтобы приобщиться к достижениям науки и техники, становить справедливость в эмирате Бухары.

По убеждению Ахмада Дониша, основными причинами отсталости просвещения в эмирате Бухары были существующий строй правления Мангитов, феодальные отношения и необразованность самих эмиров и правящей верхушки государства.

***Ключевые слова:*** *просветители, отсталость, неграмотность, необразованность, бескультурье, система просвещения, реформа, передовая интеллигенция, обновление, достижение науки и техники, феодальные отношения, необразованность самих эмиров.*

## НАҚШИ ИЛМ ВА МАЪРИФАТИ ИНСОН ДАР ПЕШРАФТИ ҶОМЕА АЗ НИГОҲИ АҲМАДИ ДОНИШ

Дар мақолаи хеш муаллиф менигорад, ки мутафаккирон сабабҳои асоситарини ақибмондагии Аморати Бухороро, дар зулмот қарор доштани раоёи мамлакат ва бесаводии саросарии аҳолиро дар ҷоҳилӣ ва бефарҳангии сарони давлат медонистанд.

Дар радифи намояндагони ин гурӯҳ, бемуҳобо, маорифпарварон бо сарварии Аҳмад Махдуми Дониш шомил мегардиданд.

Муаллиф қайд мекунад, ки нахустин мутафаккире, ки орӣ аз тарсу бим барои дигаргун намудани низоми таълиму тарбия ва умуман, бакуллӣ тағйир додани сохти давлатдорӣ камар баста буд, Аҳмад Махдуми Дониш буд.

Ӯ ба ҳаракати маорифпарварӣ асос гузошт, дар атрофи хеш пайравон ва ҳаммаслакони зиёдеро аз ҳисоби зиёиёни пешқадами замони хеш гирд овард.

Онҳо сайъ менамуданд, роҳи пешрафти илму фарҳангро пайдо намоянд, низоми таълиму тарбияро таҷдид намоянд ва ба дастовардҳои илму техника шинос гардида, адолатро дар Аморати Бухоро барқарор созанд.

Ба андешаи Аҳмади Дониш, сабабҳои асосии қафомондагии низоми маориф дар Аморати Бухоро сохти мавҷудаи давлатдории Манғитҳо, муносиботи феодалӣ, бесаводии худи амирон ва зимомдорони давлат ба ҳисоб мерафтанд.

***Калидвожаҳо:*** *маорифпарварон, ақибмондагӣ, бесаводӣ, бефарҳангӣ, низоми таълиму тарбия, реформа, зиёёни пешқадам, таҷдид, дастовардҳои илму техника, муносиботи феодалӣ, бесаводии амирон.*

## AHMAD DONISH ON THE ROLE OF SCIENCE AND THE HUMAN MIND IN THE DEVELOPMENT OF SOCIETY

The article notes that thinkers explained main reasons backwardness Bukhara and hopeless existence of the people of country, illiteracy of the public masses, ignorance and lack of culture of the state leaders.

In ambiences of the representatives of this group, without any exaggeration, entered the thinkers in chapters with their leader Ahmad Makhdum Donish.

Author established that first thinker, without fear, inveighed for transformation of the system of the formation and, as a whole, for radical transformations of management of its country, was Ahmad Makhdum Donish.

He, having pawned base educational current, has united around itself significant number one-way and followers, from number of the leading intellectuals of its time.

They tried to find the way of the development of the science and cultures, renovations of the system of the formation to join to achievements of the science and technology, install fairness in emirate Bukhara.

On belief Ahmad Donish, the main reason to backwardness of the enlightenment in emirate Bukhara were existing formation of the rule Mangitov, feudal relations and lack of education emir themselves and state leaders.

***Keywords****: thinkers, backwardness, illiteracy, ignorance and lack of culture, system of the enlightenment, reform, the leading intellectuals, renovation, achievement of the science and technology, feudal relations, lack of education emir themselves.*

**Маълумот дар бораи муаллиф*:*** ***Ҳайдаров Абдусамад Алифбекович-*** н.и.п., дотсент, мудири кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Сведение об авторе**: **Хайдаров Абдусамад Алифбекович-**к.п.н., доцент, заведующий кафедрой обществоведения Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.

**Information about the author**: Haidarov Abdusamad Alifbekovich- Associate Professor, Head of the Department of Social Science International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.Tel: 919.99.75.27E-mail: avsamad@bk.ru

**ШАРИФОВ И.С.**
**ШАРИФОВ Ғ.И.**
**РАХМОНОВА Б,Х.**

## НАЗАРЕ БА ФАЛСАФАИ ИҶТИМОИИ ЗАРДУШТИЯ

Бузугтарин мазияти оини Зардушт ин аст, ки....ақидан дастур медиҳад: бо бадӣ бераҳмона мубориза бикун ва бар душманонат чира шав.Оини Зардушт оини силаҳшӯрӣ ва бебокӣ аст. Оинест,ки мардони қавӣ ва шуҷоъ ба вуҷуд меоварад.

**( Меҳрдоди МЕҲРИН)**

Андешаҳои то исломи мардумони орёӣ аз ҷумлаи ифтихороти бузургест, ки мақоми пурарҷеро барои халқи мо дар таърихи тамаддуни умумиинсонӣ фароҳам овардааст. Муҳитарин ва олитарин рукуни ин андешаҳоро таълимоти зардуштӣ ташкил додааст. Аз он мероси бузурги авастоӣ , ки ба шаҳодати манобие таърихӣ дар ҳазорон пусти гов бо ҳуруфи зарин сабт шуда буд ва ба асари хуҷуми ғоратгаронаи Искандар сӯзонда шуд, ба гуфтаи муҳаққиқи мӯътабари эронӣ Пури Довуд **"як рубъи Авастои Сосониён ба мо расида ва бақия аз таассуби мусулмонон ва хуҷуми муғул аз даст рафтааст"** [1.с.36].

Бо вуҷуди кӯшиши арабҳо, ки ин оинро комилан аз байн бурданӣ шуда, пайравони онро дар сарзамини Аҷам ба мамлукҳо табдил доданд, оташи ҳақиқатпарвари зардушт ва шиори рӯҳпарвари "пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек" хамӯш нашуд ва ҳанӯз ҳам дар хонаи фарҳанги милли мо партав меафганад.

Як қисмати умдаи таълимоти зардуштиро ақидаҳои иҷтимоӣ ташкил додааст.Зардушт дар арсаи замони худ чун муслеҳи бузург қад алам сохта, ҷараёни аз бодиянишинӣ ба зиндагии муқими деҳнишиниӣ гузаштанро дарк кард, чун паямбари аввалини мардуми

эронинажод барномаи инқилоби моддӣ ва маънавиро дар пайванди ҳам ба ҷамъияти худ пешниҳод намуд.

Яке аз аввалин корҳое , ки Зардушт барои беҳбуди зиндагӣ ва таъмини маоши деҳнишинон анҷом дод, ин манъи қурбонии говҳо ва хароб кардани чарогоҳҳо буд. Ӯ дарк кард,ки зиндагии бодиянишинӣ барои тавлид ва захираи неъматҳои моддӣ мусоидат намекунад ва парастиши бутҳо ва ба хотири онҳо қурбонӣ кардани ҳайвонот боиси факри мардум мегардад.

Ба ин манзур ӯ ба онҳое, ки ҷонваронро беҳуда нобуд мекунанд, нафрати худовандро баён менамояд. **“Нафрини ту , эй Маздо ба касоне бод, ки аз таълимоти худ мардумро аз кирдори касоне, ки говро ба фарёди шодмонӣ қурбонӣ мекунад**”. [ 2.с.89]

Зардушт қурбонӣ кардан ва истеъмоли машруботи масткунандаро аз ҷумлаи гуноҳҳои бузург медонад, зеро ин ба ақидаи ӯ ақлро хира карда аз аъмоли нек бозмедорад. Мазмуни таълимоти зардуштиро ғояи инсонпарварӣ, шафқат ва меҳрубонӣ ба ҳар фарди некандеш , муносибати дилсӯзона ба ҳайвоноти аҳлӣ ва растаниҳо фароҳам овардааст.

Зардушт инсонҳоро ба нармдилӣ , адолатпешагӣ беозорӣ ҳидоят мекнад. Дили ӯ моломолӣи эҳсоси отифӣ ва меҳрубонӣ аст. Зардушт ашхосеро, ки барои парвариши чорво ва зироат ба манзурои беҳбуди зиндагии ҷамъият намекӯшанд, фирефтагони Аҳриман ва душманони одамони некоин медонанд. **“Онҳо ба гову зулму бедод мекунанд ва ба ҷои он, ки бипарваронанд ва ба раҳнамой ба зироат биафзоянд, онро ҳамеша ба нола дармеоваранд”.** Мақсади хайрандешонаи Зардушт аз даъвати зерин, ки дар “ Ясно” омаддаст, низ ҳувайдо мегардад:” Дуруд ба чорпоён, дуруд ба чорпоён, сухани хешба масдари парастиш аз барои чорпоён, кишту варз аз барои чорпоён, ки аз барои хӯруши мо бипарвариданд”.

Манзури Зардушт аз ин суханҳо ба масдари парастиш ва тақаддус табдил додани чорво нест, балки ӯ мехоҳад дар инқилоби зироатии худ мавқеи муҳими чорво ва киштукорро дар партави таълимоти дини тоза таъин намояд.

Мақсади ниҳоӣ ва асоси фалсафаи иҷтимоии зардуштӣ хушбахтии инсон мебошад. Инсон дар муҳити фаровонии ғизо, сиҳатмандӣ, фарзандони солим , хонаву ҷои обод ва ахлоқи ҳамида метавонад хушбахт бошад. Дар ғайри он саодати ӯ наметавонад таъмин шавад.

Юнониён ба Зардушт эҳтиром ва ихлоси хоса доштаанд ва бо вуҷуди он ки дар гуфтаҳояшон диққати таърихӣ риоя нашудааст, вале дар маркази фалсафаи вай қарор доштани инсонро ба вазоҳат хотирнишон кардаанд. Чунончи дар як “Саёҳатномае” ки ба Пифагор нисбат додаанд ва гӯё байни Зардушт ва ин мутафакири юнонӣ мукаломае сурат гирифта ва ҳангоми ин гуфтугӯ паямбарии эрониён тазаккур дода будааст:

“ Ман оламгирии мазҳаби худро иддао мекунам. Оини ман бисёр ақлонӣ ва сазовори инсон ва басе хайрхоҳу некӯкор аст”.Зардушт тамоми масъалаҳои мавриди баҳси худро аз назари манфияти ҷамъият барасӣ мекунад.Ӯ аз Аҳуромаздо талаби хушнудии одамонро мекунад. Фикри ӯ ва иродаи худои ӯ ба ободонӣ банда аст. Дар “ Вандидод” зикр шудааст, ки Зардушт ба Аҳуромаздо мурочиат мекунад: “Эй офаринандаи ҷаҳони ҷисмонӣ, оё хуштарин ҷои ҷаҳон куҷост? Пас Аҳуромаздо гуфт: Эй Испитамони Зардушт ҷое, ки марди порсо хонае бисозад, ки дорои оташ ва гов ва гӯсфанд ва зан ва фарзанд ва аҳли бисёр бошад. Пас аз он дар он хона гову гӯспанду бисёр ва орди бисёр ва саги бисёр ва зану бачаҳои бисёр ва оташи бисёр ва асбоби зиндагии хуб бисёр бошанд... Хуштарин замин ҷоест, ки касе бештарин ғалла ва алаф ва дарахти мевадор корад ва дар замини хушк об падид кунад... Замине, ки бидуни кишт , шудгор нашуда ва беҳосил монад, мисли зани зебоест, ки бешавҳар монда ва бачаҳои бисёр наоварда”.[ 7.с.268]

Як нуқтаи бисёр муҳим ва хулосаи ҷолиби аз таълимоти зардуштӣ бароянда ин аст,ки фаровони и моддӣ василаи муҳими наҷот ва дуруғ ва шарр дониста мешавад. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки шуури ҷомиаи эронинажод дар давраҳои таълифи Авесто дар сатҳи баланде қарор доштааст, зеро ба дарки масъалаи беҳбуди зиндагии моддӣ ҳамчун асоси зиндагии маънавии мардум расидааст.

Зардушт ба вуҷуди он, ки ба масъалаҳои маънавӣ аҳамияти зиёдеро қоил аст, вале барои ҳифзи сиҳатии ҷисм низ тавсияҳо медиҳад. Масалан, вай рӯзаро манъ мекунад, зеро ба ақидаи ӯ “ аз нохӯрдаги на тавоноӣ пайдо мешавад ва на имкони устувор падид меояд ва на нирӯи лозим ҷиҳати кишти замин ва на кӯдакони солим падид меоянд”.

Омили асосии таъмини некӣ кори фоидаовар аст. Дар ниёишҳо ва сурудҳои Зардушт ва Аҳуромаздо хоҳиши сулҳу амонӣ, фаровонӣ, тавфиқ ба амал меояд ва қоҳилию мусоидаткунандаи шарр ва баровардани бадбахтӣ донista мешавад. “ **Қоҳилиро аз худ дур дор, вагарна ӯ туро аз кирдори нек боз хоҳад дошт”.[5.с.138]**

Некӣ ва ростӣ дар оини зардуштийӣ ду пояи асосии ахлоқӣ ҳастанд, ки беҳбудию саодати зиндагии фардӣ ва ҷамъиятӣ рӯи онҳо қарор дорад. Роҳнамоӣ ба некукорӣ ва росткорӣ дар оини зардуштӣ вазифаи муқаддас аст. Зери некӣ чун сифати зотии амали Аҳуромаздост ки баробари мақулаи марказии таълимоти ахлоқии зардуштӣ будан ҳамзамон мақулаи муҳими онтологӣ низ мебошад. Аҳуромаздо ва он баландии олӣ ва билониҳоя хайрро пароканда карда, ба манзури нек оламро офаридааст. Ба ин маънӣ дар таълимоти Зардушт андешаҳои космологӣ, онтологӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ваҳдати ногусастанӣ баён шудааст. Иртиботи ин ақидаро бо таълимоти орифи машҳури юнони Афлотун ,ки дар он Хайр мабдаи офариниш аст, ба хубӣ метавонем пай барем. Ҷараёнҳои фалсафӣ ва ирфонии мо аз зардуштия баҳраи зиёд гирифтаанд. Дар таълимоти машшоияи шарқӣ , исмоилия, тасаввуф ва ишроқ ин таъсир ҳувайдост. Масалан , ба як асари хурди Ибни Сино “ **Рисолаи ишқ”** агар як назар кунем , мебинем, ки ҳамон андешаи Хайри маҳз мақоми бориз дорад.[1.с.65]

Як тафовути муҳими оини зардуштӣ аз динҳои дигар дар он аст, ки дар вай маъюсӣ ва гӯшнанишинӣ ҷой нест. Инсон дар муборизаи ҳамагонӣ алайҳи бадӣ иштирок дорад ва барои таъмини пирӯзии некӣ ва ростӣ талош мекунад.

Ин тақозои паямбари эронӣ, ки армони ҳамешагии умумиинсониро ифода мекунад, мағз андар мағзи таълимоти фалсафию ахлоқии моро дар давоми асрҳо фаро гирифтааст. Ба овардани мисолҳо аз таърихи фалсафа ва адабиёти мо дар ин мухтасар ҳоҷат нест.

Як нуқтаро бояд махсус таъкид кард , ки ростгӯӣ ва росткориро уламои аҳди бостон аз хислатҳои махсуси мардуми эронажод донистаанд. Чунончӣ, Ҳеродот ҳангоми тавсифи гузаштагони мо навишта будааст, ки онҳо ба фарзандони худ аз панҷ то бистсолагӣ се илм меомӯхтаанд : аспсаворӣ, тирандозӣ ва ростгӯӣ. Баъди гузаштани асрҳо яке аз ховаршиносони олмонӣ А. Мюллер назари дигареро иброз доштааст. Ӯ менависад: “ **Форсҳо , аниқтараш шохаҳои мухталифи қабилаҳои эронӣ ҳамаашон бидуни истисно, одамони хеле тезҳушанд, ба гуфтани сухани рости пӯстканда берангубор ҷуръат намекунанд. Форси замони мо на аз он сабаб дурӯғ мегӯяд, ки ин ба манфияти вай аст , балки дурӯғгӯи хислати бунёдию табии ахлоқи ӯст”.** Албатта чунин баҳо он қадар холисона нест. Вале бо вуҷуди ин тағироти хислати мардумони эронинажодро аз даври Ҳеродод то имрӯз набояд нодида гирифт. Ин тағйирот дар хислат сабабҳои сиёсию иҷтимоӣ дорад. Тохтутози арабҳо, хунрезиҳои муғул, лашкаркашиҳои ғазнавиён, шайбониён ва баъдтар забткориҳои империяи Британия дар Ҳиндустону Афғонистон ва дасисаҳо дар Эрон ва ҳукумрони ба гуфтаи Аҳмади Дониш, разилонаи амирони Манғетия ва Россияи тизорӣ дар Осиёи Миёна ба феълу атвори мардумони ин сарзамин бетаъсир намонд. Фишори тӯлонии сиёсӣ, равонӣ, иқтисодӣ тарсу ҳаросро дар характери мардум устувор карда , аз насл ба насл онро интиқол дод, дурӯғгӯиро ба бор овард, ки аз он ҷомиа то ба имрӯз азият мекашанд. Саркӯбӣ ва мӯҳтоҷӣ ҷасорат ва ҳақгӯиро халалдор кард. Ба гуфти Абулмаонӣ Бедил :[4.с.45]

**Он чи шеронро кунад рӯбаҳмизоҷ,**
**Эҳтиёҷ аст, эҳтиёҷ аст, этиёҷ.**

Ва акнун насими фараҳбахши истиқлолияти миллӣ поксози и ахлоқиро низ ба миён гузоштааст ва ба он бояд мусоидат кунем.

Барои ислоҳи нуқсонҳои ахлоқӣ имрӯз истифодаи ҳарчи бештар аз сарватҳои маънавии гузашта, аз ҷумла зардуштия, ки дар тамаддуни мо ба афкори пешқадами беш аз ҳазорсолаи даври исломӣ ва умумиинсонӣ синтез гардидааст, хеле муфид аст. Андешаҳои Зардушт аз лиҳози оптимизми худ аз ақидаҳои парҳезгории ирфонӣ ва гушнашинии сӯфиёни асримиёнагӣ, пеш қадамтар аст, зеро ҷавҳари бовариро дар дили инсон ҷойгир намуда, ӯро ба мубориза барои амалӣ кардани мақсадҳои нек равона месозад ва дар асари муборизаву талош имконпазир будани ғалабаи ростиро талқин менамояд. Тавре,ки яке муҳаққиқони Зардушт Ҳошим Разӣ таъқид мекунад, Зардушт кӯшиш мекард мардумро аз хуруфот озод созад, тасаллути ашрофону заминдорон ва рӯҳониёнро аз байн бардорад, рӯҳи далерӣ ва ҷавонмардиро интишор диҳад. Таърихи асримиёнагии мо мисолҳои фаровон

дорад, ки оини чавонмардӣ дар Хуросону Мавароуннаҳр зиёд ривоҷ дошт ва яке аз рукнҳои муҳими ахлоқию иҷтимоии он замонро ташкил медод ва аз сиёсат низ барканор набуд.

Дар фалсафаи иҷтимоии зардуштӣ зан мақоми волое дорад. Зардушт дар ниёишҳояш занро самимона ситоиш мекунад. Ӯ озодию баробарии зан ва мардро эълон медорад. Дар банди дуюми “ Ясно” омадааст: “ Зан мард бояд худашон роҳи худро баргузинанд. Бо ин равиши шоиста омӯзишҳоямро ҳам бишносед!”

Муҳаққиқон аксар ҳамназаранд,ки дар ҳеҷ оине ба мисли оини зардуштӣ баробарии зан ва мард мутобиқи мизони адолат чунин таъкид нашудааст. Зардушт якзанию якшавҳариро қонуни ахлоқию ҳуқуқии ҷомиаи худ қарор дода, барои покизагии ахлоқи иҷтимоӣ мубориза мебарад. Ӯ мегӯяд,ки зану мард на танҳо ҳуқуқи баробар, балки масъулияти баробар низ доранд. Маҳақи амали онҳо донистани ростӣ ва некӣ аст: “ Он чиро , ки мард ё зан донист, ки дурусту нек аст он гоҳ бояд онро ба кор бандад ва дигаронро низ биогоҳонад то онро ба кор бандандончунон ки ҳаст”.[4.с75].

Тавре ки зикр шуд ,Зардушт душмани таассуб будааст. Барои ӯ парастиши ин ё он дину мазҳаб кобили аҳамият нест, ба пиндори нек амал кардан асли муҳим аст. Ба андешаи Зардушт танҳо ростӣ ва некӯӣ одамонро муттаҳид мекунад. Ин ҳимати Зардушт баъдтар ба тасаввуфи хуросонӣ таъсири махсус кард. Чунон ки Саид Насафӣ менависад : “ Озодманишии тасаввуф будааст, ки дар назари сӯфия габру тарсо ва яҳуду мусулмон ва ҳато бутпараст яксонанд ва ҳама метавонад дар баробари як дигар дар хонақоҳ биншинанд”.

Ҷанбаи гуманистии фалсафаи Зардушт боз дар он зоҳир мешавад, ки вай танҳо тарафдори саодатманд кардани қавми худ нест. Ӯ мехоҳад тамоми инсоният ба некӣ роҳ ҷӯяд ва хушбахт шавад. Мабдаи тавоноии одамонро дар ростӣ мебинад: “ Ростӣ зояндаи тавоноӣ аст”. Зардушт ҳамаро ба ростӣ мехонад ва аз офаридагон худ хоҳони наздик овардани субҳи уммед аст: “Кай, эй Маздо, сапедадам бадар ояд ва навъи башар ба сӯи ростӣ рӯй кунад?. [7.с.98]

**АДАБИЁТ:**

1. “Авесто”. – Ҷилди 1. – Душанбе, 2014.
2. Абурайҳони Беруни. Осор-ул-боқия. –Душанбе, 1990.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. –К.1. – Душанбе 2020.
4. Муъминзода Ҳ. Зардушт ва оини ӯ. – Бахши дуввум. – Душанбе, 1997.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагори таърих . – Душанбе, 2016.
6. Эмомалӣ Раҳмон – Тоҷикон дар оинаи таърих . Иборат аз чаҳор ҷилд. Дар як китоб. – Душанбе, 2016.
7. Якубов Ю. Зардушт. “Маърифат”, 1995, № 5-6. – С. 268.
8. Устод Муртазо Мутаҳҳарӣ. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Эрон . – Душанбе, 2007.
9. История таджтикского народа. – Т. 1. – Душанбе, 1998.
10. Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2006. –

## НАЗАРЕ БА ФАЛСАФАИ ИҶТИМОИИ ЗАРДУШТИЯ

Мақола ба яке аз масъалаҳои бисёр актуалии илми фалсафа, яъне ба фалсафаи иҷтимоии зардуштия бахшида шудааст. Дар мақола, муаллиф бо такя бар манобеъи муътамади таърихӣ перомуни фалсафаи иҷтимоии дини зардуштия маълумоти бисёр муфидеро пешкаши хонанда намудааст.

Ба ақидаи муаллиф, фалсафаи иҷтимоии оини зардуштӣ бузургтарин ва олитарин фалсафаи иҷтимоӣ дар таърихи инсоният маҳсуб ёфта, Зардушт андешаманди бузург бо ин фалсафаи инсонмеҳварияш башарро аз бори сангин маросим озод намуд.

Дар мақола гуфта шудааст, ки Зардушт андешаманди бузург ва нахуст бунёдгузори хирадварзӣ ва яктопарастӣ дар ҷаҳон аст, ки бо андешаи нек мардумони ҷаҳонро ба баробарӣ ва ба сӯйи озодӣ, ростӣ, ростгароӣ ва ба парастиши Худои доно даъват намудааст.

Дар мақола гуфта шудааст, ки Зардушт дар оғози таърихи ҷаҳон зуҳур карда, бо фалсафаи иҷтимоияш ва бо андешаи нек ва хиради ростманишияш ба оини некандешӣ, некгуфторӣ ва неккирдорӣ даъват намуда ва барои аввалин бор баробарии миёни марду занро низ ӯ бунёд ниҳодааст.

Бо ақидаи муаллифи мақола, Зардушт пайравонашонро бо зироатчигӣ ва чорводолрӣ даъват намуда, меҳнат ва бунёди оила ва серфарзандиро асоси ободии ҷаҳон медонад.

Дар мақола гуфта шудааст, ки ҷомеаи авестоӣ чаҳорзина ва ё чаҳортабақа мебошад. Яъне, нмана, виса, зантума ва зантунапатӣ. Мафҳумҳои даҳюу, даҳюупатӣ ва зартуштротема низ дар мақола ташреҳ дода шудааст.

***Калидвожа:*** *Зардушт, Авесто,* ***"****Готоҳо", Аҳуромаздо, ростӣ. сохтори табақавӣ (иҷтимоӣ), чорводорӣ, зироаткорӣ, бунёди оила,*

**ВЗГЛЯД НА СОЦИАЛЬНУЮ ФИЛОСОФИЮ ЗОРОАСТРИЗМА**

Статья посвящена одному из самых актуальных вопросов философской науки, а именно зороастрийской социальной философии. В статье автор предоставляет читателю много полезной информации о социальной философии зороастризма, основанной на достоверных исторических источниках.

По мнению автора, социальная философия зороастрийского обряда считается величайшей и высшей социальной философией в истории человечества, и этой человекоцентричной философией великий мыслитель зороастрийца освободил человечество от бремени ритуалов.

В статье утверждается, что Зороастр – великий мыслитель и первый в мире основатель мудрости и единобожия, который своими добрыми помыслами призывал людей мира к равенству и свободе, истине, честности и поклонению мудрому Богу.

В статье говорится, что Зороастр появился в начале мировой истории, со своей социальной философией и со своим добрым мышлением и праведной мудростью, он призывал к обряду доброты, доброй речи и добрых дел и впервые установил равенство между людьми. и женщины.

По мнению автора статьи, Заратустра призывал своих последователей к земледелию и разведению скота, а основой благополучия в мире считает труд и создание семьи и многодетность.

В статье указано, что авестийское общество является четырехуровневым или четырехуровневым. То есть намана, виза, зантума и зантунапати. В статье также объясняются понятия дахьюу, дахьюупати и Заратустратема.

***Ключевые слова****: Заратустра, Авеста, «готы», Ахурамаздо, истина. классовая (социальная) структура, скотоводство, земледелие, создание семьи,*

**A VIEW AT THE SOCIAL PHILOSOPHY OF ZOROASTRIZM**

The article is devoted to one of the most topical issues of the science of philosophy, that is, to Zoroastrian social philosophy. In the article, the author provides the reader with a lot of useful information about the social philosophy of Zoroastrianism based on reliable historical sources.

According to the author, the social philosophy of the Zoroastrian rite is considered the greatest and the highest social philosophy in the history of mankind, and Zoroastrian, a great thinker, freed mankind from the burden of rituals with this human-centered philosophy.

The article states that Zoroaster is a great thinker and the first founder of wisdom and monotheism in the world, who with his good thoughts called the people of the world to equality and freedom, truth, honesty and worship of the wise God.

The article says that Zoroaster appeared at the beginning of world history, with his social philosophy and with his good thinking and righteous wisdom, he called for the ritual of kindness, good speech and good deeds, and for the first time he established equality between men and women.

According to the opinion of the author of the article, Zarathustra called his followers to cultivate and raise livestock, and considers work and building a family and having many children to be the basis of prosperity in the world.

The article states that the Avestan society is four-tiered or four-tiered. That is, nmana, visa, zantuma and zantunapati. The concepts of dahyuu, dahyuupati and Zarathustrathema are also explained in the article.

***Keywords:*** *Zarathustra, Avesta, "Goths", Ahuramazdo, truth. class (social) structure, animal husbandry, farming, family formation,*

***Маълумот дар бораи муалифон*****:** ***Шарифов Исуфалихон Сангович*** **-** *ассисенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода. Суроиа: 734019 ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/ 6, Тел: 939369592, 9090445529;*

***Шарифов Ғолибҷон Исуфалихонович*** **-** *унвонҷӯи кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгохи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода.. Суроиа: ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6 , тел:*

***Раҳмонова Бунавша Ҳомидовна*** *Омӯзгори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода ш.Душанбе,н.Сино ,кучаи Муҳаммадиев 176/ 6, тел 988646366*

**Сведения об авторах: Шарифов Исуфалихон Сангович Шарифов Исуфалихон Сангович -** *ассистент кафедры философии и политологии Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел. (+992) 939369592 ; 99445529.*

**Рахмонова Бунавша Хамидовна** *ассистент кафедры философии и политологии Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел. (+992) 988646366*

***Шарифов Голибчон Исуфалихонович*** *соискатель кафедры историии и межкультурной коммуникации – Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6, тел. (+992) 901065053: 988010322.*

***Information about the authors: Sharifov Isufalikhon Sangovich*** *- assistent of the Philosophy and Political Department of the Tajik International University of Foreign Languages named after Satim Ulughzoda. Address: 734019, Dushanbe city, 17/6 Muhammadiev str. Phone: 939369592; 909445529.*

***Sharifov Gholibjon Isufalikhonovich*** *– researcher of the History and intercultural relations Department of the Tajik International University of Foreign Languages named after Satim Ulughzoda, address 734019, Dushanbe city, 17/6 Muhammadiev str. Phone: 901065053.*

**Rahmonova Bunavsha Hamidovna** - *assistent of the Philosophy and Political Department of the Tajik International University of Foreign Languages named after Satim Ulughzoda. Address: 734019, Dushanbe city, 17/6 Muhammadiev str. Phone:988646366.*

**ХОҶАЕВ Қ.Т**
**МУМИНОВ А.Х.**

# СУННАТ ВА АНЪАНАИ ПАНДУ ҲИКМАТУ АНДАРЗ ВА НАСИҲАТНОМАНАВИСӢ ДАР АСАРҲОИ ҲАКИМ НОСИРИ ХУСРАВ

Носири Хусрав шоир ва нависандаи маъруфи миллат ва чеҳраи дурахшону камназири адабу фарҳанг ва педагоги барҷаста дар таърихи таълиму тарбия буда, дар радаи пеши афроди меҳандӯсту миллатдӯст меистад. Носири Хусрав нисбати забону покии он, огаҳии мардумон ва баҳрабардории онон аз таъриху фарҳангу марзу буми кишвар дар девонаш ҳамвора панд медиҳад ва мардуми бесаводу аз илму хирад дурро сарзаниш ва мазаммат менамояд. Шоир таъкидан изҳор менамояд, ки маҳз афроди нодону кавдан ва бедониш имкон дорад ватану фарҳанги хешро ба осонӣ аз даст раҳо созад.

Дар таърихи адабу фарҳанги кӯҳанбунёди мулки Аҷам Носири Хусрав дар шумори зиёде панду ҳикматҳои аз таҷрибаи рӯзгор рӯйида ва манзури аҳли башар намудааст. Ӯ дар **эҷоду эъҷози панду андарз ва хулқу хислат, одат, ҳикмат ва насиҳат ягонаи даврон ва зубдаи замон аст**. Шоир хушомадгӯёну тамаллуққорон, маддоҳону туркпарастонро ниҳоят бад мебинад ва сазовори ҳама гуна зиштиҳо ва бадиҳо медонад. Чунонки сатрҳои зер ба ҳар як фарди равшанзамир бетаъсир нахоҳад монд:

Хуросон з – оли Сомон чун тиҳӣ шуд,
Ҳама дигар шудаш аҳволу сомон.
Хуросон ҷойи дунон шуд, ғунчад,
Ба як хона дарун озода бо дун?
Оқилонро дар ҷаҳон ҷое намонд,
Ҷуз, ки дар кӯҳсорҳои шомихот.
Чун кунад мард ҷуз сафар, чу гирифт,
Гург саҳрову марғзор гуроз?... (1,20).

Шарқшиноси бузурги Амрикоӣ хонум Олис Ҳенбергер дар хусуси **менталитети тарбия дар панду ҳикматҳои** Носири Хусрав чунин менависад:

“Фалсафаи панду ҳикмату тарбия ва шевое, ки зиндагӣ мекардааст, шоҳид бар онанд, ки вай то чи ҳад барои талаб ва ҷустани дониш ва доштани як зиндагии фаъоли иҷтимоӣ, барои беҳтар кардани зиндагии фард ва иҷтимоъ арзиш қоил будааст, самимият ва ихлос, шуҷоат ва устуворӣ дар мақсуд Носири Хусравро шахсияти ҷаззоб барои пайравони ҳамаи адён мекунад”(2,6).

Ба унвони “Ҳаким” ном бурдани Носири Хусрав низ бесабаб нест. Ӯ осори панду ҳикматие дар олами тарбия ба мерос гузоштааст, ки аз замони зиндагии ӯ то кунун мавриди баҳсу гуфтугӯи донишмандону андешамандон қарор дорад. Ба вижа, дар сад соли ахир бисёре аз пажӯҳишгарони кишварҳои гуногуни олам баррасиҳое дар заминаи осори Ҳаким анҷом дода ва китобҳову мақолот ба забонҳои мухталиф ба нашр расонидаанд.

Носири Хусрав ба шарҳу тафсири унвони “Ҳаким “ низ андешаҳои хоси худро дорад. Ӯ чунин менигорад:

“Ҳаким, он озодаҳост, ки ба дифоъ аз доду ростӣ ва фақат ҳақро бигӯяд”:

Ҳаким он аст, к – ӯ аз шоҳ наяндешад, на он нодон,
Ки шаҳро шеър гӯяд, то магар чизеш фармояд (1,148).

Агар дар маҷмуъ ба осори фалсафӣ ва иҷтимоии мутафаккир назар андозем, дарунмояи мероси ӯро ҳастии инсону маърифати он ташкил медиҳад. Адиб муносибати инсонро бо табиат ва ҷамъият ба қиёс мекашад ва халлоқи оламу ҳоким бар дигар

ҷонваронро собит месозад. Ва дар ин ҳаллу ҳамлҳо таваҷҷуҳи ӯро бештар камолот ва ташаккули шахсият ва тарбияти инсон ҷалб менамояд.

Носири Хусрав яке аз вазифаи умдатарини аҳли фазлу хирад бар замми кашидани ранҷу раёзат ва заҳмати илмомӯзӣ боз ба мардум панду андарзу насиҳат кардан ва чун унсурҳои тарбияро ба онҳо фаҳмондан мебошад. Зеро ба қавли ӯ, бештари мардум тобеи нафсҳоянд ва танпарвару коҳилу ҷоҳилу худпараст ва ононро суханони хуб ва панду андарз, маслиҳату насиҳат воҷиб аст, то ки дар талаби илм бошанд ва аз кирдори зишту носавоб раҳо ёбанд.

Носири Хусрав, ки марди талхӣ ва ширинии ҳаётро чашида, тӯшаборе аз сайру сайёҳатҳо бар дӯш дошт, зиндагидону дар миёни мардум ва барои мардуми оддӣ панду андарз мегуфт, зимни баёни матлабу мақсади хеш аз мисолҳои оддии зиндагӣ кор мегирифт. Ӯ панду ҳикматро ба ғизо шабоҳат медиҳад, ки агар пазиро будӣ, роҳату ҳаловат ва осудагии тану дармони ҷон хоҳад буд, агар на, дар вуҷуди шахс газанд орад ва тану ҷонро нороҳат гардонад:

**Ҳиҷлати айби тани хешу ғами ҷаҳл кашад,**
**Кӯдаке, к –ӯ накашад заҳмати устоду адиб.**
**Панд бипзир**, чу куррай рамакӣ сахт марам,
Ҷоҳил аз **панди ҳакимон** рамаду курра зи шеб.
Сухан омӯз, ки то панд нагирӣ зи сухан,
Пандро боз надонӣ зи либосоту финреб (3,84).

Дар панду андарзҳои адиб ҷойгоҳ ва мавқеи сухан барои пандпазиранда басо арзишманд аст. Ӯ барои ҳар як фарди равшанзамир баёни хубу гувороро салоҳ дониста, хушсуханиро талқин менамояд, зеро лутфу гуфтори нағз қудрате дорад, ки кинаву озурдагӣ ва адоватро бизудояд. Шоир бар он ақидаест, ки инсон ба зарурат метавонад, камнаво ё бенаво бошад, вале кӯшиш намояд, ки бадсухану турӯшрӯй набошад. Ӯ хубии лафзу суханро дар ростиву поку мубарроии он мебинад ва бар он ақида аст, ки сухани рост агарчӣ талху тунд аст, вале гуворост. **Адиб пеш аз ҳама панду андарзро аз муҳимоту мавзӯъоти асли сухан маҳсуб медонад. Ба ҳарфи ӯ, ҳикмат "барги шохи хурд" асту панд "бухори дарёи сухан":**

Мар шохи хурдро сухан **ҳикмати барг** аст,
Дарёи суханро **сухани панд** бухор аст (3,87).

Ё дар панди дигар:

Деви ҷаҳлатро ба **панди ман** бибанд,
**Панд** шояд деви ҷаҳлатро таноб.
Бар фалак бояд шудан аз **роҳи панд,**
Эй биродар, чун дуои мустаҷоб (3,89).

Мутафаккир дар ағлаби ашъори панду андарзҳояш хонандаро ба хушсуханӣ ва парҳез аз ҳарфи зишту ноҷо ҳидоят менамояд. Хушсуханӣ қудрате дорад, ки аз қалби инсонҳо ғубор ва кудурат, кину адовату бадбиниро рафъ намояд ва ё фурӯ нишонад. Ба андешаи ӯ, асосан ҳарфи зишт бештар аз забони нодон ва афроди бесавод гуфта мешавад. Сухани хуб башоратдиҳандаи гавҳари одамист. Он ки сухани хуб дорад, ҳунарманд аст ва он ки ин ганҷро надорад, беҳунар. Адиб "сухани хуб" –ро бо "хулқ" – и инсон мансуб дониста, ҳар дуро ба ҳамдигар тавъманд медонад. Чунончӣ мегӯяд.

Эй биродар, сухани нодон хорест дурушт,
Дур бош аз сухани беҳуда осеб, осеб!
Сухани хуб биёмӯз! Ки ҳар – к – аз ҳама
Сухани хуб надоранд, ҳама беҳунаранд (1,192).

Ё дар ҷойи дигар:

Хуб гуфтан пеша кун бо ҳар касе,
К – ин бурун оҳанҷад аз дил бехи кин.
Мар суханро гандумину чарб кун,
Гар надорӣ нони чарбу гандумин (1,327).

Дар хусуси ашъори пандомӯзи адиб Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин қазоват менамояд: "Девони Носири Хусрав сӣ ҳазор байт аст, **маҷмуи ҳикмат ва мавъиза ва суханони маҳкуму матин"** (7,18). Ва худи шоир ҳам аз панду ҳикмат оростани девонаш хонандаро ҳушёрӣ медиҳад:

Эй писар, шеъри Ҳуҷҷат аз бар кун!
Ки пур аз ҳикмат аст ҳамчу “забур”(1,388).

Мутафаккир дар осори панду андарзияш ба фарҳанги ниёкон чун “забур” –у “занд”-у “позанд”, ки қисматҳои китоби “Авасто” ҳастанд, ишора менамояд. Ин ишораи ӯ гувоҳ бар он аст, ки адиб аз осори давраи паҳлавӣ ва панду ҳикматҳои он суд ҷуста, мавриди баҳрабардорӣ қарор додааст:

Ба панд чу дурру шеъри Ҳуҷҷат,
Мангар ба китоби “занд” – у “позанд”(1,625).

Адиб аз эҷоду иршоди ашъори панду ҳикмати хеш ифтихор дорад ва онро бартар аз “Авасто,” “занд”-у “позанд” мешуморад. Агарчи он осор дастраси мардум нестанд, вале ашъори ӯ чун дурру гавҳару марворид мавриди баҳрабардорӣ қарор дорад. Ё дар ҷойи дигар, панду ҳикмати хешро ба матои арзишманде шабоҳат медиҳад, ороста ва пероста аст, ки чунин дебо аз Рум низ барнамеояд, ё дарахти Тубост дар биҳишту ҳосили он хурмову ҳар лафзаш арзиши динорест:

Яке дебо тарозидам нигорида ба ҳикматҳо,
Ки ҳаргиз н-омаду н-ояд чунин аз Рум дебое.
Дарахте сохтам монанди тубо хурраму зебо,
Ки ҳар лафзаш динорест, ҳар маъниш хурмое (1,627).

Дар афкори панду ҳикматии адиб хислатҳои шоиста ва хуҷастаи инсонӣ аз қабили некӣ ва накукорӣ, роҳатрасонӣ, нафъоварӣ ва амсоли он ба андӯхтани илму хирад тавъманд дониста шудааст. Маҳз тавассути илм дар инсон чунин меъёрҳои башардӯстӣ падид омада, боло мегирад. Адиб илмро чун дигар мутафаккирон ба амал марбут медонад. Ӯ бидуни амал андӯхтани илмро бефоида, заҳмати беҳуда ва умри зоеъгардида шуморида, онро ба масобаи дирами сунъӣ ва маъдани беарзишу беқурб чун динори қалбакӣ медонад.

Ягонагии қавлу амал дар таърихи педагогикаи мардуми Машриқзамин аз аҳди бостон ба ҳайси суннату аъмоли неки инсонӣ арзёбӣ мегардад ва дар осори бузургони салаф ҷавҳари тарбиятро ташкил медиҳад. Ин мавзуъ аз назари Ҳакими Қубодиёнӣ низ мастур намонда, баръакс, пандпазирандаро идроку ҳушёрӣ дода, ки миёни қавлу амал, рафтору гуфтору кирдор, зоҳиру ботини инсон бояд расми вафодорӣ пойдор ва устувор бошад. Ҳаким таҳкиму тақвияти ин рукни тарбиятро дар рушду такомули ҷомеа басо муҳим ва судманд мешуморад. Шоири Қубодиёнӣ гуфтори холӣ ва аз амал ориро барои зиндагии муътадил кофӣ намедонад, балки зарур мешуморад, ки рафтор ва гуфтор яке бошад. Дар назари вай ашхосе, ки панду андарз ҳамегӯяд ва худ бо гуфтору кирдораш амал намекунад, дурӯғгӯст. Ӯ ҳидоят мекунад, ки **панду андарзу мавъизаро танҳо аз ҳакимон омӯхт,** чаро ки **ҳикмат падар асту панд фарза**нд.Чунонки мегӯяд:

**Пандам чӣ диҳӣ? Нахуст худро,**
Маҳкам камаре зи **панд** барбанд!
Чун худ накунӣ, чунон ки гӯйӣ,
**Панди ту** бувад дурӯғтар фанд.
**Панд** аз ҳукамо пазирӣ, азеро – к,
**Ҳикмат** падар асту **панд** фарзанд (1,205).

Маълум мешавад, ки зар замони зиндагии Носири Хусрав низ афроде будаанд, ки бо падару модари сармоядор ва пояи баланду мансабдор ифтихор мекардаанду меболидаанд. Адиб чунин ашхосро сахт мазаммат ва маломат мекунад ва шарафу обрӯйи инсонро дар илму хирад медонад:

Шараф дар илму фазл аст, эй писар, олим шаву фозил,
Ба илм овар насаб, м –овар чу беилмон сӯйи Балъам (1,269).

Адабиётшиноси маъруфи Эрон Зайнулобиддини Муътамад ба осори панду андарзии Ҳаким Носири Хусрав чунин арҷ мегузорад:

“Носири Хусрав нахустин шоирест, ки тамоми осори ӯ дар мавзуи панду ахлоқу тарбият аст, бо он ки ҷанбаи мазҳабӣ ва фалсафии он бар панду ахлоқ бартар аст, вале пас аз он ки тасаввуф ба сурати расмӣ даромад ва махсусан, дар миёни табақаҳои шоирон бар осори қаробат ва иртиботи наздике, ки миёни шеъру тасаввуф аст, русух намуд, мавзуъоти панду ахлоқӣ расман дар шеър ворид шуд” (7,122).

Носири Хусрав ҳамвора аз илму ҳикмат, ки аз аносири барозанда барои такомули маърифати инсон ва рушду ободии олам маҳсуб мешавад, сухан мегӯяд ва ашъори судманди саршор аз панду андарз дар ҳамин замина эҷод менамояд. Мутафаккир дар девони

ашъораш бештар ба адибони панду ҳикматсаро ишора намуда, қасидаҳои пандомӯзи хешро бо осори онҳо ба қиёс мегирад. Гоҳе аз диди хоксорӣ ашъори онҳоро волотар медонад, баъзан мавриди мазаммат ҳам қарор медиҳад. Шоир бештар ба ашъори Кисоӣ ишора намуда, дар панду ҳикмат онҳоро пазиранда мешуморад. Барои равшан намудани ин ишораҳои шоир дар пажӯҳиши Кисоӣ мувоҷеҳ гардидем. Дар ҳақиқат, Кисоӣ яке аз шоирони маъруфи фарҷоми давлати Сомониён буда, дар байни аҳли фазлу адаб ном бароварда. Ҳарчанд ки аз ашъори панду ҳикамии ӯ пораҳое боқист, вале ин қитъаҳо гувоҳ бар он аст, ки ӯ низ мисли устод Рӯдакӣ шоири абарқудрат ва тавоноe будааст.

Дар боби муносибати Носири Хусрав бо Кисоии панду ҳикматсаро адабиётшиноси маъруфи Эрон Саид Нафисӣ таваҷҷуҳ намуда, муътақид бар он аст, ки онҳо ба ҳамдигар ашъори хешро тариқи мукотиба ирсол медоштаанд.

Адабиётшиноси дигари Эрон Ризозода Шафақ гӯяд: "Кисоии Марвазӣ аз номиёни сухангӯёни авохири қарни чаҳорум буда ва дар назари донишмандону гӯяндагони аср манзалате дошта. Шоири бузурги Хуросон Носири Хусрав чандин бор дар ашъори худ аз ӯ ном бурда” 7,40).

Барои мисол ду сатри ба Кисоӣ ишора намудаи Носири Хусравро далел меоварем:

Гар ба хоб андар Кисоӣ дидӣ ин дебои ман,<br>Суда кардӣ шарму хиҷлат мар Кисоиро кисо.

Ё ин ки:

Гар суханҳои Кисоӣ шуда пиранду заиф,<br>Сухани Ҳуҷҷат боқуввату тозаву барност (1,42).

Аллома Бобоҷон Ғафуров дар асари ҷовидонии хеш “Тоҷикон” оид ба ҳаёти маданӣ ва илмию фарҳангии асри X1 руҷуъ намуда, яке аз намояндагони маъруфи он айём Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва ҷойгоҳи ӯро дар таърихи адабиёти тоҷик сареҳан устувор сохтааст. Бахусус, маълумоту баррасӣ ва муаррифии вай дар боби афкори пешқадамонаи адиб, ки ба ғояҳои меҳанпарварӣ, башардӯстӣ, панду ҳикмату андарз ва дигар масоили ахлоқ марбут аст, ҳусни таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб намудааст. Бобоҷон Ғафуров шахсияти Носири Хусравро ба ҳайси як шоиру ҳакими пешқадам ва башардӯсту озода муаррифӣ намудааст.

Дар боби ҷойгоҳи панд ва андарз дар адабиёти форсӣ – тоҷикӣ ба вижа, Ҳаким Носири Хусрав устод Муҳаммад Маҳдии Рукнӣ навиштаанд:

“Аз падари шеъри дарӣ Абӯабдулло Рӯдакӣ то охирин фарзанди шеъри кӯҳан Муҳаммад Тақии Баҳори Хуросонӣ – тамоми суханварон каму беш ба **андарзгӯйӣ пардохта ва абёти пандомез сурудаанд,** пас майли Носири Хусрав ба андарзгӯйӣ на аз ин ҷиҳат аст, ки чун дигар шоирон байте чанд дар мавзуъоти ахлоқӣ гуфта, балки тавзеҳи ин нукта аст, ки дар назми ин шоири фарзона огоҳӣ бахшидан ба инсону иродии маънии ҳакимона, унсури аслии сухан мебошад. **Андешаҳои ӯ омезае аз ақоиди фалсафист, ки ба сурати панду ҳикмат дар ашъораш таҷаллӣ кардааст ва ҷавҳари бисёре аз суханонашро ташкил медиҳад”**(5,98).

Андешаҳои панду андарзии ҳакимонаи Носири Хусрав бо падидаҳои зебоӣ – эстетикӣ ба ҳам омезиш ёфта, дар маҷмуъ аркони ҳамидаи инсонро муҷассам ва муназзам сохтааст. Дар асари “Хон – ул – ихвон” адиб ҷанбаҳои панду ахлоқиро дар фитрати инсонӣ ба силк кашида, ба рӯйдодҳои зиндагии воқеӣ аз даричаи зебоӣ ва нафосат ба инсон менигарад. Ӯ чунин менависад: “Ва сирати неку мар ҷасадро он бошад, ки сӯйи бинандагон ба чашми сар неку намояд. Ва сурати неку мар нафсро он бошад, ки чизҳои неку донад ва некӣ гузинад ва сӯйи доноён неку бошад. Ва чун нафс аз ҳама бадиҳо дур шавад, ба ғояти некуӣ расад, чунон ки чун ҷисм аз ҳама айбҳо дур бошад, ба ғояти хубӣ бошад” (3, 34).

Мафҳуми **“Панд”** ба андешаи ҳаким, талху тунд аст, валекин ба хотири тарбияту парвариш ва ислоҳи хулқу атвор, барҳам задани ҷоҳилият бояд онро қабул кард ва сабру таҳаммул бояду пазируфт. Панду ҳикмату андарз ба масобаи он аст, ки барои дармони меъда ба доруи талх тобу тоқат кард:

**Ба панди талхи маънидор** бишкан дарди ҷаҳлатро!<br>Чу дарди меъдаро бинӣ, ки талх бояду волон (1,402).

Мутафаккир дар раванди баёни афкори панду ҳикмати хеш ташбеҳҳо ва ҳамрадифҳоеро ба кор мегирад, ки дар тарбияти инсон мутаассир бошад. Масалан, вожаи “панд”-ро ба метин, афроди гӯлу нодонро ба “санг” ва “ҳарфи ҳикмат”-ро ба “зар” у “хирад”-ро ба “шоҳин” шабоҳат медиҳад, ки хонандаро хоҳу нохоҳ ба қабул кардан водор менамояд:

Панд метину дили нодон чун санг аст,
Бар дили сангин, эй хоҷа, сазад метин.
Ҷуз, ки бар сахта нагӯям сухане, зеро
Сухани ҳикмат зарр асту хирад шоҳин.
Эй писар, гуфт дар ин шеър туро Ҳуҷҷат,
Он чи дил гуфт мар ӯро ба шаби дӯшин (1,557).

Ағлаби осори панду андарз ва насиҳатии шоир арзиши волои тарбиятиро моликанд. Чи тавре ки дар бештари панду андарз ва насиҳатномаҳо ба мушоҳида мерасад, мурочиат ва хитобномаҳои адиб бо ифодаи “Азизо,” “Эй бародар,” “Эй ахӣ,” “Эй пур” “Эй хоҷа,” “Эй писар” ва амсоли он тариқи мадоро ва муросо ва такаллуфи латиф ва зебо рӯй оварда, таваҷҷуҳи пандпазирандаро бар некномӣ ва некмаромӣ мекашад. Чунин тарзи хоси услуби баён касро водор месозад, ки ҳарфи пурмазмуну пурмуҳтавои ҳакимро хонад, ба навои ӯ гӯш диҳад, хешро бишиносад, сари андеша равад, аз рафтору гуфтору кирдори зишт парҳез намояд. Зеро ҳар як амали хуб ва нохуби ба кас раводида бояд дар масобаи хирад ва шуури инсон бар мизон баркашида шавад.

Чунончӣ:

Озор магир аз кас бар хира ва м – озор,
Касро, магар аз рӯйи мукофоту мусово.
Пуркина мабош аз ҳамагон доим чун хор,
На низ забун бош ба як бор чу хурмо. ( 1, 23 – 24).

Яке аз аркони тарбиявии панду андарзии мутафаккир фарқ карда тавонистани хубӣ аз зиштӣ буда, ҳар амалу ҳарфу ҳиҷоеро, ки ба хеш раво нест, ба дигарон низ сазовор ва лоиқ набояд шумурд. Ба андешаи ӯ, накукорон, некандешон, некмаромонро ( Ҳар киро некӣ пеша бошад, ӯ ба ду ҷаҳон беозор монад ( 6, 112) дар ҳар ду сарой даст гиранд ва беозор монанд. Пас, ба некӣ кӯшиш ва ҷадал бояд кард ва ба қадру қимати некии касон низ расидан сазост. Марбут ба талаботи ин меъёри тарбият адиб дар панди зайл чунин иброз медорад:

Ҳокими худ бошу ба дониш бисанҷ,
Ҳар чӣ кунӣ рост ба меъёри хеш.
Бингару бо кас макун он носазо,
Он чи надорӣ сазовори хеш.
Он ч- ит аз ӯ нек наёяд макун,
Довари худ бош ба минқори хеш (1,213).

**Дар консепсияи панду андарзии осори адиб падидаҳои хисоли шоистаи инсонӣ ба тимсоли як муҷассамаи некӯ ва некномӣ қад афрохта, чун намунаи ибрат башариятро сӯйи афъолу аъмоли наку салот медиҳад:**

Биёмӯз, гуфтору кирдори хуб,
К –ат ин ҳар ду бунёди некахтарист.
Зи феъли нек бояд номи неку мардро зеро,
Ба доди хештан шуд на аз падар маъруф Нӯшервон (1,347).

Аз диди адиб, зишттарин уюби инсонӣ вайронсуханӣ мебошад. Вайронсуханӣ ба эътиқоди вай аз “хотири вайрон” ва “тафаккуру андешаи вайрон” бархезад, ки онро фақат ба панду андарзу ҳикмат метавон ислоҳ кард. Ин маънӣ дар як қасидаи пурмағзи адиб чунин ифода гардидааст:

Ба**ҳикмат** мар дили вайронатро хуш – хуш иморат кун,
Ки вайронро иморатгар ҳаме хуш – хуш кунад имрон.
Ба **ҳикмат** чун иморат шуд дилат, некусухан гаштӣ,
Ки ҷуз вайронсухан н – ояд бурун аз хотири вайрон (1,304).

Дар таълимоти педагогии тариқи **панду андарзии адиб** афроди ҳақгӯю ҳақҷӯ ҳакимону хирадмандонанду тоифаи иҷтимоии ҷомеа, ки шоир ба онҳо арҷи фаровон ва аз сидқи дил эҳтироми бепоён зоҳир менамояд. Аз назари шоир, ин табақа ба масобаи “меваҳои хуштаъманд.” Ба мисол агар ҷомеа донишманд ва аҳли фазл надошта бошад, муқаддам нест.

Давлат ва миллат агар бо донишмандон ёр ва ҳамкор набошад, ба вартаи сукут хоҳад рафт. Миллат агар ба масобаи пайкаранд, донишмандон дар ҳукм мағзу ҷавҳари давлатанд. Табиист, ки пайкар бе мағз ба чӣ кор ояд? Аз дидгоҳи адиб, хирадманди асил ва воқеӣ, яъне ҳаким фарди озодест, ки пойбанди ғаразе ё тоифае нест, балки пойбанди аҳдофи олист. Ва ҳама саъю кӯшиш ва талоши ӯ дар ҷиҳати беҳбуди сиёсиву маънавӣ ва иҷтимоии ҷомеа

сурат мегирад. Ҳаким ҳамчун тарбиятгори умум боист аҳли тоифаи худро гиромӣ дорад ва ба хизмати мардум камар бандад, осори пурарзиши хешро нисори пойи эшон намояд.

Бо вуҷуди он ки хитобномаҳо ва мурочиатҳои Ҳаким Носири Хусрав ба хонанда эҳтиромона аст, вале дар бештарини мавридҳо барои барҷаста ва нишонрас гардидани мақсад ба пандпазиранда тимсолҳои мухталифи ҳайвонот, дадон, дев, шутур ва сутур, баҳима ва амсоли он ба инсон қиёс карда мешавад ва бартариҳои имконияти инсонро ҳамчун махлуқи шариф ёдрас менамояд. Чунин таъкидот ба омӯзанда огоҳӣ ва ҳушёрӣ медиҳад, ки хешро дар доираи мардумӣ бубинад, то ба гуфтору кирдори нек аз чорпоён фарқ намояд. Зеро бадкирдор дар дасти душмане гирифтор ва пой дар дом аст, ки аз ин раҳоӣ наёбад, уқубат кашад ва сахтӣ бинад. Бино бар ин, шахси хирадманд, ки аз рӯйи ақлу хирад ва тамиз амал мекунад, аз чунин мори гурза ҳазар бодаш кард: Чунон ки мегӯяд:

Хирадмандро мечигӯяд хирад,
Чӣ гӯяд – ш, гӯянд: ҳазар кун зи бад.
Агар бад кунӣ чун даду дом ту,
Ҷудо нестӣ ҳам ту аз дому дад.
Бадӯ мори гурзаст, аз ӯ дур бош,
Ки бад бадтар аз мори гурза газад (1,503).

**Дар афкори панду андарзии адиб** мавзуи ҷой ва мавқеъ ихтиёр кардани инсон ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Афроде, ки фармонбардори мутлақи сарнавиштанд ва касоне, ки баҳри тағйири пешомадҳои хеш кӯшиш мекунанд, аз диди шоир инсон бояд кӯшо ва ҷӯёву доно бошад, ӯ биҳиштӣ ё дузахӣ будану шудани инсонро ба шахсияту бо тинати ӯ марбут медонад. “Биҳишту дузахат дар остин аст” (6,703).

Ҳангоме ки афроди ҷомеаро аз дидгоҳи Носири Хусрав баршуморем, ба ду тоифа бояд қисмат кард: пандпазиранда ва фарҳангдӯст, шӯрапӯшту саркашу баднафсу танпарвар. Дар девони шоир ин ду тоифаи инсон ба ҳам қиёс гардида, натиҷа ва хулосаҳои басо муҳими тарбиявӣ – ахлоқӣ баён гардидаанд. Ҳаким он нодон ва бефарҳангонеро, ки саркашӣ мекунанд ва супоришу пандҳои донишмандонро инкор менамоянд, “девмардум” меномад, ки “Ба ҷуз ин кори хосон корашон на” (1,706). Ё дар мавриди дигар, онон ро “танпарвар” ва “шайтон”мехонад:

В- агар шуд дар ҳавои тан гирифтор,
Ту он касро ба ҷуз шайтон напиндор! (1,706).

Ҳангоме ки оиди симоҳои “донишманд,” “ҳаким,” “носеҳ” сари андеша меравем, дар паси пардаи он гуфтаҳову афкори олӣ худи шоир падидор мегардад. Чеҳраи ин марди бузургро донишманди маъруфи Эрон Абдулҳусайни Зарринкӯб басо хуб дар сувари хаёл овардааст: “Чеҳраи дурушту ҳайкали баландрустоинамои ӯ, ки дар оинаи девону “Сафарнома” – аш таҷаллӣ дорад. Ҷилваи руҳбаланду настуҳи ӯ, азияту сахтии Юмгонро ба хотир меоварад...ва шеъри ӯ низ, ки аз ҷиҳати азимияту салобат ҷилвагоҳи ин руҳи азиму баландест, мисли чеҳраву андому саргузашти ӯ якто ва каммонанду то ҳаде дар адаби форсӣ бегонавор менамояд” (1,82).

Дар бархе аз панду андарзҳои адиб ташвиқ ва тарғиби касбу ҳунар ва моҳияти он ба хонанда баррасӣ мегардад. Яке аз аркони шарт ва қарзи фарзандиву падариро дар касбу ҳанари инсон медонад. Ба андешаи ӯ, инсон соҳиби молу сарват бошад ва ё набошад боке нест, вале касбу ҳунар худ хазинаи кулли дороиҳост. Агар фарзанд соҳибҳунар аст, ӯ эмин аз хавфу хатар аст. Гавҳари инсон касбу пешаи ӯст ва бекасбу ҳунар амсоли ҳезумест, ки ба ҷуз оташ дигар баҳри чизе ба кор наояд:

Фарзанди ҳунарҳои хештан шав,
То ҳамчу ту касро писар набошад.
В – он гаҳ, ки ҳунар ёфтӣ, бишояд,
Гар ҷуз ҳунарат худ падар набошад.
Ганҷури ҳунарҳои хеш гардӣ,
Гар бошад молат ва гар набошад. (1,243 – 44).

Аз дидгоҳи мутафаккир, панду насиҳат, андарзу ҳикмат танҳо мансуб ба ҳакимон аст. Вале на ҳар кӣ насиҳатгар шуд, вай ҳаким аст. “Ҳакимон панди дарвешон пазиранд.” Дигар ин ки барои ба ҳакимон панд додан, аввал хешро ба ҳамон дараҷа расондан лозим, вагарна пандҳои чунин афрод дурӯғу фананд. Зеро ағлаби чунин одамон ба гуфтаи хеш амал намекунанд ва ба гуфтаи Хоҷа Ҳофиз “Чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд.”

Ҳакимон падари маънавиянду панду андарзи онон фарзанд аст. Шоир пандҳои ҳакимонро дар таъму лаззат амсоли қанд шуморида, қимату арзиши онро дар радифи як пораи Самарқанд гузоштааст. Чунон ки мегӯяд:

**Панде ба маза чу қанд бишнав,**
**Беайб чу пораи Самарқанд.**
Б –андеш, ки бар чӣ сон ба ҳикмат,
Ин хуб қасидаро биёганд (1,156 – 157).

Панду андарз ҳамчун чавҳари тарбият дар Машриқзамин нақши бузург дошта, хонандаро барои ҳосил намудани хислатҳои неки инсонӣ ҳидоят менамояд. Ин аркони тарбият бо мурури қарнҳо аз муҳити хонаводагӣ оғоз гардида, то ба мураббиёну устодон ва афроди некандеши ҷомеа мерасад.

Панду ҳикмату андарз дар ҳама давру замон дар тарбияти инсон нақши асосӣ дорад. Вале дарку қабулу пазируфтани он дар сиришту сарнавишти мардум ба ҳар ранг аст. Яке аз омилҳои бо хитобия ва тунду қотеона ба хонанда мурочиат намудани Ҳаким Носири Хусрав низ дар ҳамин аст. Ба андешаи ӯ, аз илму дониш ва панду ҳикмат танҳо одамони зираку оқил ва ашхоси бофарҳангу хирадманд тариқи омӯзандагӣ метавонанд баҳравар гарданд. Ӯ аз он таассуф мехӯрад, ки вақте ҷомеа аз хату савод бебаҳра асту ба масоили дину илм сарсарӣ назар меафканад ва бо як ҳарфи дурӯғе олиме ва фозилеро ба гирдоби фано меафканад, ҳаким чунин афродро "рама" ном мебарад.

Ҳаким аснои панду насиҳат дар аксар мавридҳо бисёр хислатҳои инсонро бо ҳайвон ба қиёс мегирад ва яке аз омилҳои асосии тафовути инсонро аз ҳайвон ба василаи талаб кардан – яъне аз бар кардани илму ҳикмат медонад. Ӯ илму ҳикматро ба дарахте шабоҳат медиҳад, ки шоху баргу меваи он илму ҳикмат аст. Чунон ки мегӯяд:

**Илму ҳикматро талаб кун,** гар тарабҷӯйӣ ҳаме,
**То ба шохи илму ҳикмат** пуртараб ёбӣ рутаб (1,76).

Панду ҳикматҳои адиб аз бузургони салаф ва ҳамзамононаш ба он фарқ мекунад, ки оҳанги баёни ӯ қотеона, ҷиддӣ ва то ҳадде дағалу дурушт ба назар мерасад. Дар ин боб ҳақ ба ҷониби муҳаққиқи забардасти Эрон Абдулҳусайни Зарринкӯб аст, ки чунин қазоват мекунад: "Лаҳне хашин (дурушт) – у сангин ва омехта бо таҳқиру сарзаниш дар ашъори ӯ ҷилва дошт. Муаллими сахту аббус (турушрӯй ) –ро мемонист, ки мехост шогирдонро бо маърифат ошно дорад. Суханаш қуввату азамати бемонанд дошт. Мисли сели гарон аз боло ба поин мeғалтид ва равон мешуд. Хасу хошоки лафзро ҳам бо хештан мебурд, аммо таровату тозагии худро дар он гилу лойи муваққат аз даст намедод. Бо қуввату салобат сухан мегуфт ва хонанда дар баробари ӯ худро чун марде "мухтасарҷусса" медид, ки зери нигоҳи ғӯли баландболое бошад: "нигоҳи ғӯле хашмолуд, на бадхоҳ. Ин ғӯли хушқалби хашмолуд ҳанӯз дар девони ӯ ҷилва дорад, ки бо лаҳни аз хашм оганда сухан мегӯяд" (7,76).

Ҳакими Қубодиёнӣ нерӯи илму ҳикматро оромии руҳу тан, осоиши зиндагӣ ва кайфияту маишати инсон меҳисобад. Нафосат ва лаззати илму ҳикмат ва панду андарзро танҳо ба инсонҳои қобили фаҳму даррок, доно, пандпазир медонад. Қабули панду насиҳат бар касе воҷиб аст, ки вуҷуди ӯ пазиранда бошад. Бино бар ин, ҳаким ба хулосае меояд, шахсе, ки ба панду насиҳат омода нест, яъне нерую қудрати фаҳми онро надорад, панду насиҳат кардан амали беҳуда ва об дар ҳован кӯбидан асту тарбият низ асар надорад. Ба андешаи адиб, аз дарахт касе хӯрмо хӯрад, ки ба қадру қимати он расад. Омили асосии хушбахтӣ ва хуррамию нишоти одамиро ӯ танҳо ба василаи омӯхтани илму ҳикмат ва гӯши панду насиҳатшунави ҳар як фарди равшанзамир медонад.

Носири Хусрав ба ҳайси як устоди кулл, пешво ва роҳбару пандомӯз мақом пайдо карда, чун ҳакими хирадманд ва муаллими адаб, покизагии ахлоқ, софии замир, андӯхтани ҳунару дониш, нафърасонӣ ба мардум, адлу инсоф ва кӯшишу корро тарғиб намуда, бар таззоди ин, иллатҳову зиллатҳои ҷомеа, нуқсонҳои он, разолати замона ва зиштиҳои аҳли онро ба зери танқид мегирад. Ҳаким бахусус, ҷавононро мехоҳад аз хоби ғафлат бедор намояд.

Дар замони шоир ва давраи муосир низ афроди зиёде хешро насиҳатгар пиндошта, ҳарзагӯйӣ ва сафсаттаҳои беҳуда гуфта, баъзан пандномa навишта, майнаи мардумро гиҷ мекунанад. Ҳаким чунин ашхосеро, ки худашон ба панду насиҳат муҳтоҷ ҳастанду боз носеҳи дигаронанд, сахт мазаммат менамояд:

**Чун нахоҳӣ ту зи ман панд, маро панд мадеҳ,**
Бистад инкори маро бо ту дар ин кор ҳисоб.

**Панд кай гирад фарзанди ту, эй хоҷа, зи ту,**
Чун рубоб аст ба дастат – дару бар сар – т хизоб.

Ё дар ҷойи дигар:

**Ҳикмат**обест, куҷо мурда бад – ӯ зинда шавад,
**Ҳукамо** бар лаби ин оби муборак шаҷаранд.
**Панд чӣ диҳиву чӣ гӯйӣ сухани ҳикмату илм,**
**Ин харонро, ки чу хар яксара аз панд каранд.**
Сухани хуб хирадманд пазирад, на ҳаҷар,
Суфаҳо ҷумла зи мардум ба қиёси ҳаҷаранд (1,173).

Андешаҳои педагогии Ҳаким дар боби таълиму тарбият он аст, ки инсон бояд аз давраи туфуллият ҳатман ба тарбият муваҷҷеҳ бошад, заҳмату ранҷи устоду удабо ва фузало кашад, вагарна ҷоҳилу нодону коно ва кавдану бешарму ҳаё ба камол мерасад ва бар ҷамъият ба ҷойи нафъ зарару зиён мерасонад:

Ҳиҷлати айби тани хешу ғами ҷаҳл кашад,
Кӯдаке, к – ӯ накашад заҳмати устоду адиб (1,84).

Дар сатрҳои пасоянди ҳамин қасида Ҳаким мухотаби хешро руҷуъ ба ҷиддият ва қатъият даъват намуда, пандпазиранда ва ё тарбиятгирандаро сахт огоҳӣ ва маҳкум намуда, маҷбур месозад, ки панди ҳакимонро бипазирад, сухани хуб гуфтан омӯзад, вагарна амсоли хар "курраи рамакӣ" раманда ва тарсанда, ҷоҳилу аз панди ҳакимон маҳрум ва ҳаросанда умр ба сар мебарад:

**Панд бипзир, чу куррай рамакӣ сахт марам,**
**Ҷоҳил аз панди ҳакимон рамаду курра зи шеб.**
**Сухан омӯз, ки то панд нагирӣ зи сухан,**
**Пандро боз надонӣ зи либосоту фиреб.**
**Сар битоб аз ҳасаду гуфтаи пурмакру дурӯғ,**
**Чӯби пурмағз махар, ҷомаи пуркису ариб (1,**84).

Мусаллам аст, ки бо қазовати аҳли адабу фазл панду андарз ва ҳуруфи ҳакимона дар таърихи кӯҳанбунёди фарҳанги форсизабонон аз "Авасто" то ба устод Рӯдакӣ ва то охирин фарзанди ашъори классик – Муҳаммад Тақӣ Баҳор мақоми асосӣ дорад ва то кунун давом дорад. Бартарияти ин мавзуъ дар осори Носири Хусрав аз он иборат аст, ки Ҳаким аз фарҳанги кӯҳани Аҷаму Араб, Мисру Юнон ва Ҳинду дигар мамолик комилан бархӯрдорӣ дошт, бахусус, осори гузаштагони сарзамини Шарқро ба хубӣ медонист ва баҳо додаву ишораҳои ӯ аз ин гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳакими Қубодиёнӣ ба ҳайси як тарбиятгори фарзонаи Шарқ дар панду андарзҳояш рамзу рамуз (символика) сувару симоҳое меофарад, ки ҳақиқӣ ва воқеӣ буда, бо расму ойин, анъана ва аз рӯзгори одии мардумӣ манша мегирад. Ба мисол, асо гирифтан ҳангоми пирӣ ҳамчун воситаи ёрирасон хизмат менамояд, вале дар боби тарбият мутафаккири Шарққарзу вазифаи муқаддаси фарзандиро ба волидайн дар пирӣ ҳамчун асо ба тасвир мегирад. Аз ин лиҳоз, Ҳаким панду насиҳатҳои хешро ба ҷавонон бо асое мушобеҳ месозад, ки онҳоро бо роҳи рост ҳидоят намуда, аз ҳар гуна каҷҷиву каҷрафторӣ эмин медорад:

Он гӯй мар маро, ки тавонӣ зи ман шунуд,
Ин панд мар туро ба раҳи рост чун асост(1,64).

Ҳаким шунидани пандро аз касе воҷиб медонад, ки бе озу тамаъ бошад. Панде, ки бар ҳадафу мақсади тамаъ бошад, сар ба сар ҳабисист:

**Панд аз касе шунав, ки надорад зи ту тамаъ,**
**Панде, ки бо тамаъ бувад, он сар ба сар ҳабост.**
**Гетӣ ба банди тамаъ бибастаст халқро,**
**Аз банд дур бош, ки пандаш на аз вафост.**
**Ин аст панди Ҳуҷҷату ин аст мағзи дин,**
**В – ороиши сухан – ш чу гашнизу карвиёст (1,143).**

Дар афкори педагогии адиб инсон бояд як зиндагонии намунавӣ ва беолоиш аз нуқсу иллатҳо ва беозориву парҳезгориро пеш бигирад. Сарсарӣ ва таваккалӣ зиндагӣ кардан, ё ин ки зиндагӣ кардан танҳо ба мақсаду умеди зистану хурдан камоли беақлии инсон аст. В – гар чунин аст, пас тафовут байни инсону ҳайвон кадом аст?

Агар шуд дар ҳавои тан гирифтор,
Ту он касро ба ҷуз шайтон мапиндор.

Чу гову хар ба хобу хӯрд хурсанд,
Табиат пойи ҷонашро кунад банд (1,342).

Мутафакккири бузурги асри XI Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ бунёду бунлоди олам, маърифати ҳастии он, гушудани муаммо ва сирру асрори онро ба василаи **панду андарз ва ҳикмату илму хирад** växdониста, танҳо тавассути ин аркони эҳсосу идрок ва тафаккури инсон нардбон ба он сарои боқӣ мегузорад. Руҷуъҳои адиб хонандаро ба чунин суолҳо водор менамояд: Аз кӣ бояд омӯхт? Ҳикматпазир кист ва сари шӯридаи ӯ пандшунав ҳаст? Ба ҳамаи ин пурсишҳо посухи ӯ якест: “**Аз ҳакимон.”** Вале боз истихора менамояд. На ҳар шахсе, ки хешро Ҳаким унвон медиҳад, ҳикматгӯст. Дар қасидаҳои тарбиявӣ – ахлоқии шоир вожаи “Ҳаким” ва “Ҳикмат”тариқи фаровон ба мушоҳида мерасад. Дар ин бобат ӯ ишора ва такя ба устод Рӯдакӣ дорад:

Ҷаҳонро ба оҳан нашояд – бастан,
Ба занҷири ҳикмат бубанд ин ҷаҳонро (1,47).

Чи тавре ки адабиётшиноси маъруфи Эрон Абдулҳусайни Зарринкӯб зикр менамояд: “Дар тайи солҳои хидмати девонӣ Носири Хусрав бо китобҳо ва ҳакимони Хуросон ошноии тамом ёфта буд. Бар орои аҳлиҳикмат вуқуф дошт. Аз тиббу нуҷум ва ҳикмату тафсир баҳра дошт. Суханро кӯтоҳ, аммо пурмағз меписандад ва он суханро, ки дар тайи он нуктаи жарфу дархӯри тааммул нуҳуфта бошад, арҷе намениҳад ва ба чизе намегирад. Лафзро чун мушк медонад, ки маънӣ бӯйи ӯст ва таъкид мекунад, ки мушки бебӯй ҷуз муште хокистар нест” (7,70).

Дар ҳақиқат, осори пандомез ва саршор аз ҳикмату андарзи адиб аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки кулвори пурганҷи сухани ӯ натиҷаи захираи солҳои тӯлонист.

Девони Носири Хусрав, ки **тақрибан як саду шасту шаш мавзуъро фарогир** аст, аз ин **ҳафтодуҳафт мавзуъ** мушаххасан ба **панду ҳикмату андарз ва ба фарҳангу арзишҳои миллӣ** бахшида шудааст. Ин нукта аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Ҳакими Қубодиёнӣ нисбат ба анъана, расму оин, неруи бузург доштани панду ҳикмат ва андарзро дар тарбияи худшиносии мардум то кадом андоза таъсирбахш буданро дилсӯзона таъкид менамояд.

Ҳаким Носири Хусрав яккаву ягона мутафаккирест, ки баҳриҳуввияти миллӣ, пос доштани фарҳанги кӯҳан, тозагии забону қавми озодагон, маърифату хирадмандии ҳар як фарди ҷомеаи Хуросону Мовароуннаҳр салои фазлу дониш дар дода, шӯре дар ниҳоди меҳанпарастон ниҳода. **Носири Хусрав дар пешорӯйи ҳар як фарди соҳибватан оинаҳо медорад ва тарозӯи хирад мегузорад, то ки хешро бишиносад ва маърифату заковаташро дар мизони ақл бисанҷад.**

**Аз пажӯҳиши осори панду ҳикмат ва андарзии Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ хулоса ва қазияҳои зайл бардошт кардан мумкин аст:**

1.Ҳаким Носири Хусрав низ ба мисли Абдулқосим Фирдавсӣ эҳёгар ва муаррифгари фарҳангу суннатҳо, панду андарз ва оину расму русуми бостонии ориёитаборон буда, дар осори саросар ҳикмату пандомези хеш баҳри пешрафти ҷомеа ва тарбияи хосу ом заҳмату хизмати бузургеро ба анҷом расонидааст.

2. Адиби шуълавар ҳанӯз аз айёми ҷавонӣ аз улуми дунявӣ комилан баҳравар гардида, бо осори ҳакимонаи мутафаккирони Юнон, фарҳанги давраи паҳлавӣ ва асари муқаддаси “Авасто” комилан шиносоӣ доштааст. Чунон ки ин нуктаро адабиётшиноси маъруф Абдулҳусайни Зарринкӯб тариқи зайл қазоват мекунад: “Шоир ба китобҳо ва ҳакимони Хуросон ошноии тамом ёфта буд. Бар орои аҳли ҳикмат вуқуф дошт...аз тиббу нуҷум ва ҳикмату тафсир баҳра дошт ва камтар донише буд, ки аз он каму беш истифодат накарда буд”(7,70).

3. Аз пажӯҳиши осори панду ҳикматии Носири Хусрав чунин бармеояд, ки ӯ давомдиҳанда ва такмилдиҳандаи анъанаи таълимоти фарҳанги тарбиявии бузургони салаф амсоли Рӯдакиву Фирдавсӣ, Шаҳид ва Абдушукури Балхӣ, Закариёи Розӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва бахусус, Кисоии Марвазӣ аст. Баҳри далел байти зайл дар боби панду ҳикматҳои ибратбахш гуфтани устод Рӯдакӣ ишора дорад:

Ашъори зӯҳду панд басе гуфтааст,
Он тирачашм – шоири равшанбин” (1,58)

4. Яке аз хусусиятҳои хоси тафовути осори панду ҳикмати шоир аз адибони салаф дар он аст, ки ӯ омилҳои асосии таъсирпазирии панду андарз ва ҳикматро дар тарбияи инсон тариқи илмӣ ва фалсафӣ дар асарҳои “Ҷомеъ - ул – ҳикматайн," “Хон –ул- ихвон,” “Зод –ул – мусофирин”-у “Кушоиш ва раҳоиш” собит намуда, фасли махсус “Андар ниёзмандии

мардум ба парвариш" қисмат намуда, тариқи муколама ба бисёр мушкилоту масоили мубрами тарбия, ки то ин муддат мавҳум буданд, тариқи саҳеҳ ва фасеҳ посух гуфтааст.

5. Ҷанбаъ ва ҷавҳари асосии осори панду ҳикматии адибро тарбияти инсон ва камолоти он ҳамчун як мавҷуди сарнавиштсоз ва моҳияту нақши он дар ҷомеа, дар амалҳои муфид ва судманд қодир будани он, неруи созандагиву ихтироъкорӣ доштан, хирадманду зираку оқилу доно, ватанпарвару хештаншиносӣ ташкил медиҳад.

6. Носири Хусрав яке аз роҳу равиши тарбия ва парвариши инсонро дар панду ҳикмат ва андарзу насиҳат медонад ва мепазирад. Чунин усули тарбия ва ислоҳи афъолу аъмоли тарбия анъанавӣ буда, яке аз аркони хоси тарбияи шарқист, ки қарнҳо ба расмият даромада, маъмул ва машҳур аст.

7. Мутафаккир дар қабули панду ҳикмат ва андарзи наврасон ба ҷанбаҳои равоншиносии онон: эҳсос, идрок, хотир, тасаввурот ва хаёл, узвҳои ҳисси зоҳир ва ботин, моҳияти онҳоро дар такону мадади қобилияту фаҳмиш ва истеъдоду малакаву маҳорати инсони навомӯз тариқи амиқ ва дақиқ ҷиҳати илмӣ собит ва устувор гардонидааст.

8. Афкори **панду ҳикматии шоир ба се самт** равона гардидааст: **яке панду андарзу насиҳат аст**, **дуввумӣ дину савум ҳикмат.** Ин се рукни тарбият аз ҳамдигар ҷудо набуда, балки ба ҳам дарпечида ва бар тақвияти ҳамдигаранд.

## АДАБИЁТ:


1. Носири Хусрав. Куллиёт. Душанбе: Ирфон, 1991. Ҷ. – 638 с.
2. Олис Ҳанбергер. Носири Хусрав. Лаъли Бадахшон. Теҳрон, 1380.- 6 с.
3. Носири Хусрав. "Ҷомеъ – ул-ҳикматайн," Теҳрон, 1953.- 362 с.
4. Ҷамолиддин Саидзода. Носири Хусрав – шоире хирадситой ва донишгарой. Душанбе: "Ирфон," 2014. – 40,122 с.
5. Мукрӣ Муҳаммад. Андарзи Хусрави Қубодиёнӣ. Теҳрон, 1988.- 98 с.
6. Маҳмадраҳим Исоев. Ҳикмати амалии Мискавайҳ. Душанбе, 2003.- 122,703с.
7. Абдулҳусайни Зарринкӯб . Бо корвони ҳулла. Чопхонаи Пайванд, Душанбе – 2004.- 332 с.
8. Номаи пажӯҳишгоҳ. Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ – тоҷикӣ. Вожаномаи Носири Хусрав. Соли сеюм, шумораи чаҳорум. Душанбе: 2003.-157 с.


## СУННАТ ВА АНЪАНАИ ПАНДУ ҲИКМАТУ АНДАРЗ ВА НАСИҲАТНОМАНАВИСӢ ДАР АСАРҲОИ ҲАКИМ НОСИРИ ХУСРАВ


Мақола ба таҳлилу баррасии масъалаи афкори панду андарзии Носири Хусрав бо ҷанбаҳо ва хусусиятҳои психологии донистани инсон ва парваридани зоҳиру ботин, сурату сирати он, бахшида шудааст.

Омили дигари таҳқиқи мақолаи номбурда дар он собит мегардад, ки муҳаққиқон Ҳаким Носири Хусравро эҳёгар ва муаррифгари фарҳангу суннатҳо, панду андарз ва оину расму русуми бостонии ориёитаборон дониста, заҳмату хизмати бузурги ӯро баҳри пешрафти ҷомеа ва тарбияи хосу ом барозанда ва арзишманд донистаанд.

Аз нигоҳи пажӯҳиши муҳаққиқончунин бармеояд, ки Носири Хусрав давомдиҳанда ва такмилдиҳандаи анъанаи таълимоти фарҳанги тарбиявии бузургони салаф амсоли Рӯдакиву Фирдавсӣ, Шаҳид ва Абдушукури Балхӣ, Закариёи Розӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва бахусус, Кисоии Марвазӣ аст.



***Калидвожаҳо:*** *суннат, анъана, панду ҳикмат, андарз, насиҳат, фарҳанг, зоҳиру ботин, ориёитабор, қобилияту фаҳмиш, идрок, хотир, ростию покӣ, бузургони салаф, тарбияти инсон.*


## НОСИР ХУСРАВ ПРОДОЛЖИТЕЛЬ ТРАДИЦИИ ЖАНРА МУДРЫХ ИЗРЕЧЕНИЯ


В педагогическом наследие Носира Хусрава тема мудрых изречений и наставлений занимают особое место и имеют более обширное значение. Он при изложении более обширных педагогических мыслей и совершенствования своих воспитательных целей широко использует народные мудрые изречения, пословицы и поговорки, загадочные отрывки, символы и тд.

Сущность и важность воспитательных направлений поэта составляют практическая мудрость, описание жизненного опыта и реальные советы. Суть воспитания и факторы человеческого совершенства заключается в мировоззрении, не отрицают ученные к судьбе, признаёт индувидуальную ответственность личности и роль окружающей среды на нравственное воспитание человека.

Педагогические концепции Носира Хусрава изложены и заложены на почве восточного воспитания. Воспитательные и нравственные идеи мыслителя в современном обществе имеет очень полезны и уместны. Он признаёт человека только по разуму и образованию.

С точки зрения Носира Хурава человек должен быть послушным и нуждающимся в советах мудрецом. Мудрые изречения сильны тем, что злость человека переходит в доброту, потому что имеется успокаивающее лекарство. Но для того, чтобы совет был одобрен, необходимы внимательность и терпеливость. Мудрецы также должны слушать советы простого народа.

***Ключевые слова:*** *мудрые изречение, наставление, жизненный опыть, добро и зло, повидение, лживость, невежства, неграмотности и тупости, практики, ремесло, алчности и тд.*

**NOSIR KHUSRAV CONTINUED THE TRADITION OF THE GENRE OF THE WISE SAYINGS**

In the pedagogical heritage of Nosir Khusrav, the theme of the wise saying and instruction occupy a special place and have a broader meaning. When presenting more extensive pedagogical thoughts and improving his educational goals, he widely uses folk wise sayings, proverbs and sayings, mysterious passages, symbols, etc.

The essence and importance of the educational directions of the poet are practical wisdom, a description of life experience and real advice. The essence of education and the factors of human perfection lies in the worldview, scientists do not deny fate, recognizes the individual responsibility of the individual and the role of the environment in the moral education of a person.

Pedagogical concepts of Nosir Khusrav are presented and laid down on the basis of Eastern education. The educational and moral ideas of a thinker in modern society are very useful and appropriate. He recognizes a person only by reason and education.

From the point of view of Nosir Khurava, a person should be an obedient sage who needs advice. Wise sayings are strong in that a person's anger turns into kindness, because there is a calming medicine. But in order for the advice to be approved, attentiveness and patience are necessary. Wise men should also listen to the advice of the common people.

***Key words***: *wise saying, instruction, life experience, good and evil, behavior, deceit, ignorance, illiteracy and stupidity, practices, craft, greed, etc.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Хоҷаев Қурбон Тоҳирович доктори илмҳои педагогӣ, профессор ва Муминов Асатуло Холмуродович, устоди калони кафедраи географияи иқтисодӣ ва методикаи таълими география.

**Сведения об авторах**: Ходжаев Курбан Тохирович, доктор педагогических наук, профессор и Муминов Асатуло Холмуродович, старший преподаватель кафедры экономической географии и методики преподавания географии.

**Information about the authors:** Khojaev Qurban Tohirovich, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor and Muminov Asatulo Kholmurodovich, Senior Lecturer of the Department of Economic Geography and Geography Teaching Methodology.

**АМОНОВА М.Н.**

# ЛЕКСИКО-СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ВОЗМОЖНОСТИ ЖИВОГО ПЕРСИДСКОГО (ТАДЖИКСКОГО) ЯЗЫКА, В “САФАРНАМЕ” НОСИРА ХУСРАВА

Долговечность любого произведения, прежде всего, связана с его тесным отношением с народом, являющимся носителем языка, на котором написано произведение. Произведение, язык которого не понятен его носителям или его написание и изложение является чужим носителям языка, обречено на исчезновение или же забвение, или будет использовано только ограниченным кругом читателей. А.И. Ефимов справедливо отмечает, что «литературный язык и различные ветви его стиля, как выявляется из истории формирования и эволюции языка, только тогда становятся жизненными и общеупотребительными, когда они по природе взаимосвязаны с общенародным языком» [12. 75]. Он напоминал, что особенность стиля писателя, индивидуальная специфика его языка могут проявиться благодаря богатой возможности в выборе средств изложения, которые скрыты в общенародном языке: «общенародный язык предоставляет в распоряжение писателя не только весь лексический запас, но и право их выбора; общенародный язык предлагает писателю не только установленные на основе грамматики средства взаимосвязи слов и предложений, но и даёт ему право выбора различных средств их взаимосвязи» [12. 75].

Главная особенность прозы Носира Хусрава такова, что он следовал художественным традициям эпохи Саманидов, но стиль «Сафарноме» отличается от других его прозаических произведений. Во времена Носира Хусрава персидско-таджикская поэзия, хотя и продолжала старые придворные традиции, всё же прогрессировала, а проза отставала в развитии. В этой связи было бы уместно вспомнить слова Маликушшуаро Бахора, который

указывал: «…вследствие краха Саманидов и разделения Хорасана и Мавераннахра между тюркскими ханами и маликами Газны стало меньше ценителей науки и литературы, особенно любителей персидского языка. То усилие, которое прилагал двор Бухары для создания новой персидской цивилизации, новой культуры и литературы дари, столкнулось с преградой и может быть в эпоху Махмуда поэзия и получила своё развитие, но проза регрессировала… Как будто именно поэтому, то есть вследствие отсутствия свежей причины (возбудителя, повода) и движущей силы (подстрекателя, побудителя), в истории и в национальном возрождении стиль прозы не претерпел глубоких изменений. И если что-то и появлялось в разных уголках, было написано тем самым прежним стилем; подобно книге Носира Хусрава Алави, которая была написана во второй половине пятого столетия (XI в. н. э.) и соответствует стилю прозы Саманидов, и где мы видим преобладание старых слов, сочетаний и терминов в подлинном виде» [5. 285]. М. Бахор добавляет, что «Сафарноме» Носира Хусрава… не совпадает с манерой Саманидов и точно соответствует стилю и манере первого периода Газневидов… (он) написал «Сафарноме» проще и понятнее чем «Зад-ал-мусафирин», или же «Сафарноме» по причине большей простоты и большей потребности народу, стала более читаемой, чем «Зад-ал-мусафирин» и «Ваджхи дин…» (5. 305). Из сказанного следует, что основной причиной написания «Сафарноме» близкой народному говору простой прозой было посвящение этой книги не сословию аристократов, придворных и царей, а простому народу. Ввиду этого, как было указано выше, это произведение питается из истоков живого народного языка. Д. Фазылов в одной своей статье справедливо отметил, что «писатель воздерживается от использования неясных выражений и замысловатых и лишних метафорических средств, которые были свойственны стилю придворных авторов. В языке писателя преимущественно встречаем нужные народные элементы, которые и после Носира Хусрава использовались в творчестве других писателей и используются поныне, как литературные нормы»[15. 475].

Одним из основных признаков близости стиля «Сафарноме» к разговорной речи времён Носира Хусрава является то, что писатель широко использовал распространённую лексику народного говора. Однако, такие слова нельзя оценивать как слова, свойственные диалекту только одной отдельно взятой местности, так как они, выйдя за пределы одной местности, распространились среди населения более широкого региона и стали богатством носителей языка фарси -дари. В вопросе использования характерных тому или иному диалекту слов автор «Сафарноме» очень осторожен, и если он по какой-то причине и использует такую лексику и терминологию, то обязательно отмечает, что оно находится в употреблении населения какой либо местности. Территорией распространения языка фарси дари, в основном, были Мавераннахр и Хорасан и, так как сам Носир Хусрав был уроженцем и воспитанником Мавераннахра, в этом его произведении отражён говор народа его страны. В качестве доказательства можно привести использование слова *ободонӣ* в значении «1. благоустройство, здание, благоустроенность; 2. земледелие, посев; 3. процветающая населённая местность, обработанное место; 4. населённое место, деревня, селение; 5. благополучие, покой» [17. 6] в этом произведении. Являясь исконно таджикским словом, оно до сих пор используется в современном таджикском языке и его диалектах: *Ва аз шаҳри Омад то Ҳаррон ду роҳ аст, якеро ҳеҷ* ***ободонӣ*** *нест ва он чиҳил фарсанг аст. – Из города Амида в Харран ведут два пути. На одном из них не встречается ни одного* ***населенного места****, этот путь длиной в сорок фарсахов* (13. 14); *Ва бар роҳи дигар* ***ободонӣ*** *ва деҳҳои бисёр аст, бештар аҳли он насронӣ бошад. – На другом встречается много* ***поселений*** *и деревень, населенных большей частью христианами* (13. 14); *Мо бо корвон ба роҳи* ***ободонӣ*** *шудем, саҳрое багоят ҳамвор буд. – Мы с караваном отправились по* ***заселенному*** *пути. Путь идет по чрезвычайно ровной долине* (13.14); *Ва замини араб* ***ободонӣ*** *андак аст ва мардумонаш биёбонӣ ва саҳронишинанд... – Земля арабов* ***мало обитаема****, население ее живет по пустыням и долинам* (13.75); *Ва шаҳрҳо ва* ***ободониҳо*** *бисёр аст, чун Саъда ва Зубайд ва Санъо ва гайруҳу... – Там много городов и обитаемых мест, как, например, Са'да, Зубейд, Сан'а и другие города* (13.75).

На страницах этого произведения также можно встретить много других слов, относящихся к различным областям жизни и используемых в речи народов Мавераннахра и Хорасана, которые и поныне являются широко употребительными. Некоторые из них приводы м ниже в качестве примеров:

***Бодиринг*** – сорт овоща, который на персидском языке в Иране называют «хияр»: *Ҳавои Макка азим гарм бошад ва охири баҳманмоҳи қадим хиёр ва* ***бодиринг*** *ва бодинҷони тоза дидам*

*он ҷо. – Климат в Мекке очень жаркий и в конце бахманмаха, по старому, увидел там свежие огурцы,* ***бадренги*** *и баклажаны* (13. 75);

***Полиз*** – место, где сажают огурцы, дыни и другие похожие растения. В Иране говорят «ҷолиз», а в некоторых персоязычных областях «фолиз»: *…обе аз зери замин ба Макка оварда буд… ва дар Арафот бар он кишту заръ карда буданд ва* ***полизҳо*** *сохта ва илло андаке ба Макка меомад ва ба шаҳр намерасид. – …провел в Мекку воду под землей... На Арафате этой водой поливали пашни и посевы, устраивали огороды, так что в Мекку попадало воды немного и до города не доходило* (13. 75);

***Девлох*** – «разрушенная местность, находившаяся далеко от населённых мест». В современном персидском языке это слово вышло из обихода, однако, в таджикском сохранилось до сих пор: *...ва дигар қисм аз Ҳумайр кӯҳест, ки онро Наҷд гӯянд ва андар ӯ* ***девлоххо*** *ва сардсерҳо бошад ва ҷойҳои танг ва ҳисорҳои маҳкам. – Другая часть Хумейра — горная область, называемая Нежждом. Там много пустынных и холодных мест, ущелий и могучих замков* (13. 76);

***Нардбон*** – «лестница, стремянка», принадлежность для подъёма вверх, которая сделана из дерева или железа, а также из другого твердого материала. В современном персидском языке вместо слова «нардбон» использут слова «пала, пила»: *Ва андаруни шаҳр дар бисёр ҷой* ***нардбонҳои*** *сангин бастааст, ки бар сари бора тавонад шуд. – С внутренней стороны города во многих местах устроены каменные* ***лестницы****, по которым можно подыматься на стену* (стр. 13); *Ва* ***нардбон*** *сохтаанд аз чӯб, чунонки ба вақти ҳоҷат пеши дар ниҳанд, то мардум бар он барраванд ва дар хона раванд. – Построена деревянная* ***лестница****, которую приставляют к двери в случае необходимости, чтобы люди могли подняться по ней и войти в дом* (13. 78).

***Худсар*** – (прилагательное) «непослушный, упрямый, смутьян», **хунӣ** (прилагательное) «убийца, кровожадный, кровник». Каждое из этих слов до сих пор используется в таджикском языке: *Ва он ҷо султоне ва ҳокиме мутлақ нест, қавме мардум бошанд ба* ***худсар*** *ва бештар дузд ва* ***хунӣ*** *ва ҳаромӣ. – Одного общего султана и правителя там нет. Народ там* ***непослушный*** *и, в основном,* ***разбойники****,* ***убийцы*** *и* ***нечестивцы*** (13. 76).

***Осиёгард*** – единица объёма воды, которой хватает для вращения колеса мельницы (жерновов): в диалектах таджикского языка используется и поныне: *Ва андар миёни шаҳр чашмаест, ки аз санги хора берун меояд, миқдори панҷ* ***осиёгард****, обе багоят хуш ва ҳеҷ кас надонад аз куҷо меояд – Посреди города из скалы бьет источник; воды там столько, что хватает для вращения пяти* ***жерновов****, и никто не знает, откуда она берется* (13. 14); *Ва чашмаҳои оби азим аст дар он шаҳр, ки ҳар як панҷ* ***осиёгард*** *бошад ва ҳама ин об дар вилоят ба кор гиранд, ки аз девор берун нашавад. – В городе есть мощные источники, каждый из которых может привести в действие пять* ***жерновов*** *и вся эта вода применяется в дело в самой же области и за стены не выходит* (13. 89).

***Кандакорӣ*** – «резьба, гравировка»; слово, которое не используется в современном персидском языке, а в таджикском языке до сих пор находится в употреблении: *Ва ин ҳама сангҳоро* ***кандакорӣ*** *ва наққошии хуб карда, чунончи дар чӯб бад-он некӯӣ кам кунанд ва аз ҷуз ин тоқе бинои дигар намондааст бад-он ҳаволӣ. – Все эти камни покрыты резьбой и живописью столь красивой, что и на дереве резьбу такой красоты видеть доводится редко. Кроме этой арки, в этой местности других строений не осталось* (13. 19).

***Фаршсанг*** – «земля, покрытая камнем», в таджикском языке используется форма «сангфарш»: *Замини масҷид* ***фаршсанг*** *аст ва дарзҳо ба ирзир гирифта ... – Пол мечети крыт каменными плитами, а промежутки между ними заполнены свинцом* (13. 28).

***Новадон*** – «жёлоб, водосток», слово, которое до сих пор используется в таджикском языке: *…ва агар андак бороне биборад, то ду-се рӯз аз* ***новадонҳо*** *об медавад, чунонки ҳаво софӣ шавад ва асар намонад, ҳанӯз қатароти борон ҳамечакад – и если идет небольшой дождь, два или три дня по стокам бежит вода, так что, когда небо уже совсем ясное, туч нет и следа, но капли дождя все еще стекают* (13. 32).

***Пойтоба*** – *«портянки»;* слово, употребляемое в современном персидском языке в форме «пойпеч», а в «Персидском словаре» Муина показаны его варианты – *потоба* и *пойтова* [17. 690], однако в таджикском языке оно до сих пор известно как в форме *пойтоба,* так и в форме *пайтоба*: *… ва дар пеши ӯ сесад марди дайлам мерафт ҳама пиёда... ҳама бо зӯпинҳо ва тирҳо ва пойтобаҳо печида – Перед ним шли триста человек пеших дейлемитов, они несли дротики и стрелы и были обуты в ременные сандалии* (13. 54).

***Гунг*** – «человек, который не может говорить» [17. 3419]. В современном персидском языке не употребляется, а вместо него используют слово «лол», однако в таджикском языке употребляется в этом же виде и значении. Носир Хусрав употребляет его вместе со словом *лол*, используемым как пояснение к слову «ахрасон», которое, очевидно, было распространено в Мисре и Каире: *Ин рӯз ҳама халқи Мисру Қоҳира ба наззораи он фатҳи халиҷ омада бошанд ва ... ҷамоате* ***ахрасон****, ки ба порсӣ* ***гунгу лол*** *мегӯянд, дар он киштӣ нишонда бошанд... – В этот день все жители Мисра и Каира идут смотреть на открытие канала… – На тот корабль была посажена группа* ***глухонемых****, которых по-персидски называли «****гунг у лал****»…*( 13. 54).

***Баландӣ*** – «высота, восхождение». В современном таджикском языке используется в этом же виде и значении, а в современном персидском языке имеет значение «длина» (например: длина волос). Кстати, корень этого слова – *баланд* в персидских диалектах и таджикском языке используется в значении «дароз - длинный» (домани *баланд* – домани дароз; высокий подол – длинный подол; қади *баланд* – қади дароз; высокий рост – длинный рост): *…аммо сангҳои чаҳор газ ва панҷ газ бисёр аст, ки бар девор ниҳодаанд ва аз замин ба сию чил газ* ***баландӣ*** *– на высоте тридцати или сорока газов от земли, на стены поставлено много камней в четыре и пять газов* (13. 33).

***Бун*** – «низ, дно; предел»; слово «бун», которое в обоих значениях очень распространено в таджикском языке: *… он қубба чун сари кӯҳе пайдо бошад, зеро ки аз* ***буни*** *гунбад то сари гунбад сӣ араш бошад... –… купол этот кажется вершиной горы, ибо высота его от* ***основания*** *до вершины – тридцать арашей* (13. 35).

***Изор*** – «набедренная повязка, шаровары». Это слово в современном персидском языке не используется, а в таджикском языке употребляется в форме *эзор*: *… ва эҳром гирифтан он бошад, ки ҷомаи дӯхта аз тан берун кунанд ва* ***изоре*** *ба миён банданд ва* ***изори*** *дигар ё чодире бар хештан барпечанд... – Облачаться в ихрам – значит снять с тела всю шитую одежду, повязать бедра* ***куском ткани****, а другой* ***кусок ткани*** *или повязку накинуть на плечи…* (13. 73).

***Амрӯд*** – «сорт фрукта, похожего на грушу»; слово, которое употребляется в таджикском языке и его диалектах, однако в современном персидском языке его называют «гулоби»: *Рӯзи сеюми даймоҳи қадим аз соли чаҳорсаду шонздаҳи Аҷам ин меваҳо ва сипаргамҳо ба як рӯз дидам, ки зикр меравад ва ҳия ҳозиҳӣ: гули сурх... биҳӣ, анор,* ***амрӯд****, харбуза, дастанбӯя... – Третьего числа месяца Дей старого календаря, четыреста шестнадцатого года по персидскому летоисчислению, я в один и тот же день видел вместе следующие плоды и растения: красные розы… айву, гранаты, груши, дыни “дестенбуй”* (13. 57).

***Чарогдон*** – «подставка для светильника, подсвечник». Это слово входит в ряд слов, относящихся к архаизмам таджикского языка. Однако, в первой половине прошедшего столетия оно использовалось в этой же форме и в этом значении, и по сей день это слово встречается в фольклорных материалах: *…чунонки доираи* ***чарогдон*** *бисту чаҳор араш бошад ва ҳафтсад анд чарог дар вай меафрӯзанд дар шабҳои азиз – так что вся окружность* ***подсвечника*** *составляет двадцать четыре араша и в святые ночи в нем зажигают более семисот свечей* (13. 57)

***Зира*** – «семена дикорастущего горного растения, семена которого используют как приправу к пище для придания ей приятного запаха и вкуса». Это слово, как в литературном языке, так и в диалектах таджикского языка, является широкоупотребительным: *…чун баланд шавад ва пила бандад, онро ҷамъ кунанд ва нигоҳ доранд, афюн бошад ва тухми ин хашхош хурд ва чун* ***зира*** *аст. – …когда растение достигнет надлежащей величины и начинает образовываться головка, его собирают и сохраняют, это и есть опиум; семена этого вида мака очень мелки и похожи на тмин* (13. 67).

***Фасон*** – «точильный камень»; слово «фасон», которое и по сей день сохраняется в диалектах таджикского языка и широко употребляется в форме «афсон, санги афсон», а в современном персидском языке не употребляется вовсе: *… ва онро Суқулatторин гӯянд, биноҳои некӯст... ва дар Макка ду гармоба аст, фарши он санги сабз ки* ***фасон*** *месозанд – его называют Сук-ал-Аттарин, это прекрасная постройка ... в Мекке две бани, полы в них устланы зеленым камнем, которым обычно* ***точат*** (13. 74).

***Сарафсор*** – «то, что изготавливается из кожи или бечёвки и надевается на головы лошадей и ослов, чтобы вести или привязывать их». Это слово в таджикских диалектах используется в форме «афсор»: *… ва пайваста аспе баста бо тавқу* ***сарафсор*** *ба дари гӯрхонаи Абӯсаид банавбат бидошта бошанд рӯзу шаб. – Около могилы Абу-Саида день и ночь посменно держат наготове стреноженных коней, украшенных цепями и кистями* (13. 90).

***Шӯх*** – «грязь, покрытый коростой». Это слово, которое до сих пор используется в северных говорах таджикского языка: *…ба гармобабон диҳам то бошад, ки моро дамаке зиёдтар дар гармоба бигузорад, ки **шӯх** аз худ бозканем – отдать надзирателю в бане, с тем, чтобы он, быть может, дозволит нам пробыть там несколько лишних мгновений и отмыть всю нашу грязь* (13. 93).

***Дама*** – «холодный ветер, сильный холодный ветер со снегом (буран)». Это слово сейчас распространено в некоторых южных диалектах таджикского языка, а также в памирских языках (как заимствованное таджикское слово в ваханском языке *dəma* и в ишкашимском – *dьma*), однако не наблюдается в словарях современного персидского языка: *… ба работе расидам барфу сармое азим буд ва дар саҳрое дар пеши шаҳр миқдоре роҳи чӯбӣ ба замин фурӯ бурда буданд, то мардум рӯзи барфу **дама** бар ҳинҷори он чӯб бираванд. – … дошёл до рабата, шёл снег, и было чрезвычайно холодно; в степи перед городом вдоль дороги были вбиты колья, чтобы люди в снежные дни и во время бурана могли держаться направления вдоль этих кольев* (13. 12).

***Тагора*** – вид посуды, который до сих пор известен под этим именем в Мавераннахре. Это слово в «Персидском словаре» Муина приводится как название глиняного или керамического сосуда в форме «тағор» (17. 1105), и указывается в нём на тюркское происхождение этого слова: *Ва он чунон аст, ки эшон дарахтҳо дар **тагораҳо** кишта бошанд ва бар пушти бомҳо ниҳода... – это выглядит так: сажают в кадки деревья и ставят их на крышу дома, так что многие крыши начинают походить на сады* (13. 67); *Ва агар касе хоҳад, ҳаммолон биравand ва он **тагораҳо** бар чӯб банданд ва борҳо берун оранд ва дарахт худ хабардор набошад. – Если кто-нибудь пожелает, приходят носильщики, привязывают эти кадки вместе с деревьями к палкам и несут куда им укажут, и при этом, дерево восе ничего и не чувствует* (13. 67).

В одном месте писатель для описания огромной рыбы, которую в Хиджазе называли «караш», приводит слово «шафак - заря» и подчёркивает,что это слово свойственно говору Хорасана: *Ва бад-ин шаҳр пӯсти моҳӣ дидам, ки ба Хуросон онро **шафақ** мегӯянд ва гумон мебурдем ба Хуросон, ки он навъе аз сусмор аст, то он ҷо бидидам, ки моҳӣ буд ва ҳама парҳо, ки моҳиро бошад, дошт. – В этом городе я видал рыбью кожу того сорта, который в Хорасане называют шафак. В Хорасане я думал, что это какой-то вид ящерицы, но тут я убедился, что это действительно рыба, ибо на ней еще были плавники, какие могут быть только у рыб* (13. 71).

Как отмечал С. Халимов, наряду с этим в произведении использованы и другие персидские слова как *хиёр «*огурец*», зилу* «ковёр», *чугундар* «свекла», *дарё* «море», *бадрақа* «проводник», *гӯд* «яма», *кӯчак* «маленький», которые не употребимы в таджикском языке, однако в современном персидском языке и его диалектов имеет широкое употребление (16. 49). Кстати, слово *дарё* в значении «море» является древнейшим персидским словом, но из-за того, что море не свойственно природе Мавераннахра, в этом регионе это слово постепенно стало распространённым вместо слов «рӯд, рӯдхона».

Как становится очевидным из вышеприведённых примеров, мавераннахрские слова, за исключением *худсар, хунӣ, осиёгард, баландӣ, бун,* в основном, использованы для описания предметов быта и природных богатств, которые выражали важные понятия эпохи Носира Хусрава. Эти слова не нанесли никакого ущерба описанию достояния и картины жизни народов, живущих за пределами Мавераннахра, а наоборот, писатель при помощи этих слов, то есть распространённых и знакомых читателю слов изображает всё то, что является для него чужим и непонятным, что является одной из особенностей стиля «Сафарноме».

## ЛИТЕРАТУРА:

1. Абдулқодиров, А. Воҳидҳои лексикии забон ва хусусиятҳои услубии онҳо / А . Абдулқодиров // - Мактаби советӣ. – 1974.– № 1. – С. 24-26.
2. Абдулқодиров, А. Забон ва услби назми Мирзо Турсунзода,/ А. Абдулқодиров – Душанбе: Адиб, 1988. – 124 с.
3. Абодуллоева, С.Ю. Ономастика «Фарснаме» Ибна ал-Балхи: автореф. дис.: к–та филол. наук / Абодуллоева Сафина Юсуповна. – Душанбе, 2009. – 22 с.
4. Айнӣ, С. Куллиёт ҷ. 2, кит. 1/ С.Айнӣ. – Душанбе, 1963. – 501 с.
5. Баҳор, М. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ / М.Баҳор Исрофилниё Ш.Р., Саркоров Н. Баргардони.– Душанбе: Бухоро, 2012. – 569 с.
6. Ғаффоров, Р Услубшиносӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ғаффоров, С.Ҳошимов, Б.Камолиддинов – Душанбе: Маориф, 1995. 191 с.
7. Ғиёсуддин Муҳаммад – Душанбе: Адиб, 1987-1989.

8. Деҳхудо Алиакбар. Луғати форсии Ибни Сино ва таъсири он дар адабиёт / Деҳхудо Алиакбар // Маърифат. 2002.– №7/8. – С. 5- 10.
9. Ефимов, А.И. О языке художественных произведений / А.И. Ефимов–2–е изд. испр. и доп.- М.: Учпедгиз, 1954. – 288 с.
10. Ефимов, А.И. Стилистика художественной речи /А.И. Ефимов – М.: МГУ, 1957. – 448 с.
11. Ефимов, А.И. Стилистика русского языка / А.И.Ефимов А - М.: Просвещение, 1969. – 262 с.
12. Ефимов, А.И. О языке художественных произведений / А.И. Ефимов–2–е изд. испр. и доп.- М.: Учпедгиз, 1954. – 288 с.
13. Носири Хусрав. Сафарнома / Носири Хусрав – Душанбе: Ирфон, 1970. – 118 с.
14. Фозилов, Д.Ф. Омонимҳо дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав / Д.Ф. Фозилов // Республиканский симпозиум. Экономика и наука ГБАО – Душанбе, 2005. – С. 62-65.
15. Фозилов, Д.Ф. Лексические особенности «Сафарнаме» Носира Хусрава: автореф. дис.: к–та филол. наук / Фозилов Дорғабек Фозилович– Душанбе, 2006. – 21 с.
16. Ҳалимов, С. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X) / С.Ҳалимов – Душанбе: УДТ, 1979. – 96 с.
17. معین محمد. فرهنگ فاسی. در 6 مجلد. – تهران، 1362-1363: ج. 1. – 1482 ص؛ ج. 2.- 2815 ص؛ ج. 3. – 464 ص؛ ج. 4. – 5677 ص؛ ج. 5. – 1229 ص؛ ج. 6. – 2351 ص.


## ЛЕКСИКО-СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ВОЗМОЖНОСТИ ЖИВОГО ПЕРСИДСКОГО (ТАДЖИКСКОГО) ЯЗЫКА, В “САФАРНАМЕ” НОСИРА ХУСРАВА


Автор высказывает свое мнение о лексико-стилистических возможностях живого таджикско-персидского языка, отмечая, что продолжительность жизни каждого произведения зависит от его отношения к живому языку народа. Работа, которая идет от размышлений об обновлениях живого языка людей, не видна в сердце и рано или поздно забывается. Автор, опираясь на мнения исследователей, объяснил орган персидско-таджикского языка и его лексико-стилистические возможности на примере Сафарнама Носира Хусрава. Основная посылка Носира Хусрава Сафарнома состоит в том, что, следуя саманидской традиции, у писателя совершенно иная манера изложения. Из высказываний автора следует, что Носир Хусрав создавал «Сафарнама» не для знатных слоев населения, а для простых людей на их живом языке.



***Ключевые слова:*** *«Сафарноме», писатель, поэт, стилистика, долговечност, специфика, язык, лексический запас, паоэзия, тарадиция.*


## ИМКОНИЯТҲОИ ЛЕКСИКӢ-УСЛУБИИ ЗАБОНИ ЗИНДАИ ФОРСӢ (ТОҶИКӢ), ДАР «САФАРНОМА» -И НОСИРИ ХУСРАВ


Муаллиф доир ба имконоти лексикӣ-услубии забони зиндаи тоҷикӣ-форсӣ изҳори андеша намуда, зикр менамояд, ки умри тӯлонии ҳар як асар ба қаробати он ба забони зиндаи мардум вобаста аст. Асаре, ки аз инъикоси таровишҳои забони зиндаи мардум орист, наметавонад дар дилу дида ҷой бигирад ва дер ё зуд фаромӯш мешавад. Муаллиф бо такя ба фикру андешаҳои муҳаққиқон мақоми забони форсӣ-тоҷикӣ ва имконоти лексикию сабкии онро дар мисоли «Сафарнома»-и Носири Хусрав шарҳу тавзеҳ додааст.

Вежагии асосии «Сафарнома»-и Носири Хусрав дар он аст, ки адиб дар пайравии анъанаи аҳди Сомониён таълиф намуда бошад ҳам, сабку шеваи нигориши комилан дигаре дорад. Аз гуфтаҳои муаллиф бармеояд, ки Носири Хусрав «Сафарнома»-ро на барои табақаи ашроф, балки барои мардуми одӣ, ба забони зиндаи онҳо офаридааст.



***Калидвожаҳо:*** *«Сафарнома», нависанда, шоир, услуб, устуворӣ, хосият, забон, захираи лексикӣ, поэзия, анъана.*


## LEXICO-STYLISTIC POSSIBILITIES OF THE LIVING PERSIAN (TAJIK) LANGUAGE, IN «SAFARNAMA» NOSIR KHUSRAV


The author expresses his opinion about the lexical and stylistic possibilities of the living Tajik-Persian language, noting that the life expectancy of each work depends on its relation to the living language of the people. The work that comes from thinking about the updates of the living language of people cannot be seen in the heart and sooner or later is forgotten. The author, relying on the opinions of researchers, explained the organ of the Persian-Tajik language and its lexical and stylistic possibilities on the example of Safarnama Nosir Khusrav. The basic premise of Nosir Khusrav Safarnoma is that, following the Samanid tradition, the writer has a completely different style of presentation. It follows from the author's statements that Nosir Khusrav created "Safarnama" not for the noble strata of the population, but for ordinary people in their living language.



**Keywords**: "Safarnama", writer, poet, style, persistence, properties, language, lexical resource, religion, traditions.



**Маълумот дар бораи муаллиф*: Амонова Муслима Нуровна-*** н.и.ф., дотсент, устоди кафедраи забонҳо Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Сведение об авторе**: ***Амонова Муслима Нуровна-*** к.ф.н., дотсент, приподователь кафедры языков Таджикского международного университета туризма и предпринимательства

**Information about the author:** Amonova Muslima Nurovna-Candidate of Philological Sciences., Associate Professor, Lecturer of the Department of language of the Tajik International University of Tourism and Prevention. **Тел: 902220704**

**РАҲИМИ К.М.**

## НАҚШИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ ДАР РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН

Тарбия падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Он ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона карда мешавад

Мақсади тарбия қисми таркибии мақсаду вазифаҳои давлат қарор мегирад, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои давлат, ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд равона карда мешавад. Давлат чунин тартибу низомро ҷорӣ мекунад, ки барои ҳаёт ва фаъолияти инсон ва тарбияи миллии шаҳрвандон мусоидат менамояд [5].

Раванди тарбия, ки рисолати мавқеъпазирӣ, шахсиятсозии комил ва дар ниҳоят ба даст оварадани нуктаҳои олии хислатҳои Инсониро аз ҷониби одамон талқин менамояд, табиист, ки ташаккули башариятро ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон вобаста дониста, тақозо мекунад, ки ҳар як кӯдак ба сифати шахсияти комили аз дигарон фарққунанда, дорои хусусиятҳои фардӣ, ташаббускорӣ ва худфаъолиятиву худтакмилдиҳӣ ба воя расад [3, 48].

Аз ин ҷост, ки фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бояд на танҳо аз ҷараёни таълиму тарбия иборат бошад, балки раванди рушди хонандагонро, ки ба ташаккули кӯдак ба сифати инсони комил, шахсияти дорои қобилиятҳо ва имкониятҳои амалисозии онҳо равона гардидаанд, низ дар бар гирад.

Дар ин асно ташаббускории амалӣ ва худфаъолиятии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ натиҷаи фаъолияти мақсадноки ҳайати омӯзгорӣ дониста шуда, самараи дуруст ба нақша гирифтани амалисозии равандҳои педагогӣ дар самти таълиму тарбия арзёбӣ мегардад. Ин раванд дар арзёбии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҷойгоҳи махсус дорад, зеро онҳо нисбат ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконот ва шароити фаррохро дар ин самт доро мебошад.

Таҳсилоти иловагӣ дорои имкониятхои фаррохи фароҳамоварии шароитҳо барои худтакмилдиҳӣ ва ошкорсозии қобилиятҳои кӯдакон мебошад. Низоми таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ бо дарназардошти сарбории зиёди вобаста ба иҷроиши барномаҳои таълимӣ имконияти амалӣ ва реалии дарёфт ва инкишофи зарфиятҳоии эҷодии кӯдаконро надоранд. Аз ин ҷо, аксаран, кӯдакон дар раванди таҳсил дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ пойбанди барномаҳои таълимӣ гардида, имкони ошкор намудани қобилиятҳои худро намеёбанд, аммо онҳоро ба таври васеъ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ амалӣ месозанд [2, 131].

Бояд қайд намуд, ки муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар баробари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба низоми ягонаи таҳсилот ворид гардида, ба сифати зерсохтори соҳаи маориф дониста мешаванд. Тибқи нишондоди моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”:

1. Таҳсилоти иловагӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи шахс, ҷамъият ва давлат дар асоси барномаҳои иловагии таълимӣ ва хизматрасонии иловагии таълимӣ татбиқ карда мешавад.

2. Таҳсилоти иловагиро шахс дар муассисаҳои таълимӣ ва баъд аз хатми муассисаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ соҳиб шуда метавонад.

3. Таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва касбӣ берун аз барномаҳои асосии таълимӣ ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ амалӣ карда мешавад [6].

Дар асоси нишондоди моддаи 3 Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ” тахсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақсади он инкишофи қобилияти зехнию эчодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, конеъ гардонидани рағбат, эхтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онхо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисахои таълимӣ мебошад.

Илова бар ин барои иҷрои мақсадҳои зикргардида моддаи 4 Қонуни мазкур вазифаҳои таҳсилоти иловагиро ба таври зайл муайян намудааст:

- тарбия ва таълимӣ шаҳрвандон;
- инкишофи озодона ва ташаккули таҷрибаи иҷтимоию ҷамъиятии шахсият;
- тарбия дар рухияи инсондустӣ, ватандустӣ ва эхтиром ба рамзҳои давлати,

Конститутсияи Ҷумхурии Точикистон, ҳуқуқу озодихои инсон ва шахрванд;

- инкишоф додани хисси эхтиром ба урфу одат, расму оин, анъанахои мардумӣ ва арзишҳои миллӣ;

- ташаккули муносибати эҳтиромонаи таълимгирандагон нисбат ба оила ва ҷомеа;

- фарохам овардани шароит барои инкишофи эчодӣ, зехнӣ, маънавӣ ва ҷисмонии таълимгирандагон;

-ташаккули муносибати бошуурона ва масъулиятноки таълимгирандагон ба муҳити зист ва ҳифзи он;

- қонеъ гардонидани талаботи таълимгирандагон ба интихоби касб;

- дастгирии таълимгирандагони боистеъдод;

- ташаккули тарзи ҳаёти солими таълимгирандагон;

- амалӣ намудани чорабинихои иттилоотию методӣ, ташкилию оммавӣ ва фарҳангию маърифатӣ;

-такмили худфаъолиятӣ ва худидоракунии таълимгирандагон;

-фароҳам овардани шароит барои фаъолияти эҳсонкории шахсони вокеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади рушди таҳсилоти иловагӣ [7].

Тибқи банди 2 Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №93 тасдиқ карда шудааст, “Таҳсилоти иловагии таълимгирандагон бо дар назар доштани майлу рағбати онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоӣ, касбӣ ё дар муасссисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, ки дар шакли академияи хурди илмҳо, марказҳо, аз ҷумла марказҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон, қасрҳо, хонаҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон, стансияҳо, студияҳо, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси ибтидоӣ, мактабҳои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, мусиқӣ, мактабҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, мактабҳои махсуси варзишии захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳо, аз ҷумла клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист, клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон, варзишҳои кӯдакона, муассисаҳои солимгардонӣ фаъолият менамоянд, дар асоси барномаҳои таҳсилоти иловагӣ амалӣ мегардад” [8].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе 30 августи соли 2017 таъкид намуда буданд, ки “...Зарур аст, ки ба таҳсилоти иловагӣ ҳамчун қисми таркибии раванди донишомӯзӣ ва интихоби касб эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро ҳадафи он, пеш аз ҳама, рушди қобилияту истеъдоди кӯдакон ва наврасону ҷавонон мебошад.

Мо бояд на танҳо аз марказҳои таҳсилоти иловагӣ самаранок истифода намоем, балки дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ маҳфилҳои гуногуни эҷодиёти техникиву бадеӣ, санъати амаливу ороишӣ, варзишӣ, шоҳмотбозӣ, сайёҳиву кишваршиносӣ, биологиву экологӣ, гуманитарӣ ва монанди инҳоро ба роҳ монем” [9].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ” раванди таълимро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ба таври возеҳ муқаррар намуда, самтҳои фаъолияти онро чунин муайян намудааст:

- илмию техникӣ, ки аз бар намудани маҳорату малакаҳои техникию технологӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, азхудкунии техникаю технологияи муосир ва илмҳои дақиқ, инчунин ба кори фаъолонаи илмию таҳқиқотӣ тайёр шудани таълимгирандагонро таъмин менамояд;

- таҷрибавию амалӣ, ки барои ҷалб намудани таълимгирандагон ба фаъолияти илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ, конструкторӣ ва ихтироъкорӣ дар соҳаҳои гуногуни илму техника, фарҳангу санъат, инчунин фарохам овардани шароит барои худтакмилдиҳии эҷодӣ, ошкор сохтан ва инкишофу дастгирии истеъдодҳои ҷавон мусоидат мекунад;

- ҷамъиятию гуманитарӣ, ки инкишофи қобилияту истеъдод, малака ва маҳорати амалии таълимгирандагонро дар самти азхудкунии донишҳо доир ба асосхои илмҳои иҷтимоиву гуманитарӣ ва омузиши забонхои хориҷӣ таъмин мекунад;

- китобдорию китобшиносӣ, ки барои боло бурдани шавқи маърифатӣ, фарҳангию иттилоотӣ ва такмили малакаю маҳорати таълимгирандагон бахри муайян ва мустаҳкам кардани мавқеи онҳо дар ҷаҳони муосири иттилоотӣ нигаронида шудааст;

- экологию табиатшиносӣ, ки азбар намудани донишҳоро дар бораи муҳити зист, ташаккули маърифати экологии шахс, дар бораи масъалаҳои экологӣ ва таҷрибаи ҳалли онҳо, андухтани донишу малакаро дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла гулпарварӣ,

ҷангалпарварӣ, боғдорӣ, занбуриасалпарварӣ ва ҷалб кардан ба кори амалии ҳифзи табиат ва дигар самтҳои биологиро пешбинӣ менамояд;

- сайёҳию кишваршиносӣ, ки ҷалби таълимгирандагонро барои омӯзиши таърихи кишвар ва маҳалли зист, тамаддуни ҷаҳонӣ, объектҳои ҷуғрофӣ, таърихию фарҳангӣ ва зуҳуроти ҳаёти иҷтимоӣ, азбар кардани малакаҳои амалӣ ва маҳорати сайёҳию кишваршиносӣ таъмин менамояд;

- бадеию эстетикӣ, ки инкишофи истеъдоду қобилияти эҷодии таълимгирандагон, азбар намудани малакаҳои амалӣ ва дар соҳаи фарҳангу санъати ватанӣ ва ҷаҳонӣ дониш андӯхтани онҳоро таъмин менамояд;

- тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ки инкишофи кобилияти ҷисмонии таълимгирандагон, шароити зарурӣ барои солимии мукаммал, обутобёбӣ, истироҳату фароғат, машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тайёр кардани захираҳои варзишӣ барои дастаҳои мунтахаби миллӣ, азбар кардани малакаҳои тарзи ҳаёти солимро таъмин менамояд;

- ҳарбию ватандустӣ, ки тарбияи хисси ватандустӣ, дарки масъулияти шаҳрвандӣ ва дараҷаи зарурии тайёрии таълимгирандагонро ба хизмати харбӣ таъмин мекунад;

- солимгардонию гигиенӣ, ки таъмини шароити зарурирo барои истироҳати бофароғат, азбар намудани донишҳо оид ба тарзи ҳаёти солим, азхуд намудани малакаи беҳдошти саломатии шахсӣ ва ташаккули фарҳанги гигиении шахсро пешбинӣ менамояд [7].

Аз ҷорӣ гардидани муқаррарот оид ба таҳсилоти иловагӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, қабул ва мавриди иҷро қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷиикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ”, тасдиқ гардидани Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиикистон ва таъкидҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хулоса кардан мумкин аст, ки нақш ва ҷойгоҳи таҳсилоти иловагӣ дар рушди қобилияти эҷодии хонандагон ногузир буда, омӯзиш ва таҳлили илмии соҳа дар самти мазкур, ба манфияти кор хоҳад буд.

Маврид ба тазаккур аст, ки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар низоми маориф шуруъ аз соли 1996, баъди ба тасвиб расидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 1996 “Дар бораи Низомномаи намунавии муассисаҳои беруназмактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 1996, №14 “Дар бораи такмили сохтори низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо дарназардошти шароити нави иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар даврони соҳибистиқлолӣ аз нав шакл гирифта, дар назди он вазифаҳои нави тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҳтирому арҷгузорӣ ба арзишҳои соҳибистиқлолӣ гузошта шуд [10, 118].

Бояд гуфт, ки таҳсилоти иловагӣ дар маҷмуъ соҳаи нав кашфгардида набуда, балки дар гузашта дар шакли клубу хонаҳои эҷодиёти бадеии кӯдакон ва қасру хонаҳои пионерону мактаббачагон, ки ҳамагӣ муассисаҳои тарбияи беруназмактабӣ ном бурда мешуданд, фаъолият мекарданд, ки дар ҳама давра, аз гузашта то ба имрӯз рисолати аслиаш пеш аз ҳама рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон ба шумор мерафт.

Тавре дар саҳифаҳои таърихи муассисаҳои таҳсилоти иловагии ҷумҳурӣ дарҷ гардидааст: “Муассисаҳои беруназмактабии ҷумҳурӣ - ин марказҳои эҷодии таълиму тарбияи кӯдакону наврасон, базаи асосии таъминоти методии фаъолияти ташкилоту ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва дастаҳои худфаъолияти хонандагон, имконияти интихоби касб бо роҳи амалигардонии машғулиятҳои беруназмактабиву берназсинфии соҳавӣ ва маҷмӯӣ бо дарназардошти шавқу рағбати кӯдакон ба ҳодисаҳои табииву иҷтимоӣ буда, захираи бузурги ташаккули инсон ва заминагузорӣ дар инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ ва эҷодкорӣ мебошанд”[4, 2].

Дар замони имрӯза бошад, низоми таҳсилоти иловагӣ баъди ба фаъолияти он ворид гардидани дигаргуниҳои сохторӣ, новобаста аз мушкилиҳои мавҷуда (нокифоя будани маблағгузорӣ, норасоии бино ва ҷойи нишаст, камбуди мутахассисони соҳа ва пеш аз ҳама мавҷуд набудани стандарту барномаҳои ягонаи таълимии равиявӣ ва дастурҳои методии таъминкунандаи фаъолияти онҳо) дар ҳоли рушд қарор дошта, дар асоси таҷриба ва фаъолияти амалӣ дар инкишофи қобилиятҳои эҷодии хонандагон саҳмгузор аст.

Ба андешаи пажӯҳишгари рус, доктори илмҳои педагогӣ В.И. Аедреев, қобилияти эҷодӣ маҷмуи хусусиятҳои фардӣ ва сифатии шахс мебошанд, ки иҷрои муваффақонаи фаъолияти эҷодии муайянро аз ҷониби ӯ зоҳир менамоянд [1, 54]. Вобаста ба ин навъҳои зерини эҷодро муайян намудан мумкин аст:

- истеҳсолӣ – техникӣ;

- ихтироъкорӣ;
- илмӣ;
- сиёсӣ;
- ташкилотчигӣ;
- фалсафӣ;
- бадеӣ;
- асотирӣ;
- динӣ;
- бадеӣ (мусиқӣ);
- маишӣ ва ғайра [1, 54].

Таҳлили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе, пеш аз ҳама муассисаи давлатии "Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе" нишон дод, ки новобаста аз мушкилиҳои ҷойдошта, муассиса бо ҷалби мутахассисон (собиқадорони соҳаи тарбияи беруназмактабӣ), омӯзиши фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии Федератсияи Россия ва адабиёти мавҷудаи илмиву методии пажӯҳишгарони хориҷиву миллӣ боис гардидааст, ки низоми муайяни кор бо хонандагон ва мусоидат дар рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо тариқи ташкили маҳфилҳои равиявӣ ва баргузории озмуну мусобиқаҳои гуногун ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии шаҳри Душанбе раванди рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагонро дар низоми таҳсилоти иловагӣ ба самтҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

- эҷодиёти бадеӣ;
- эҷодиёти техникӣ;
- варзишӣ;
- ҳунармандӣ;
- адабӣ;
- лингвистӣ;
- роҳбариву ташкилотчигӣ;
- санъати тасвирӣ;
- сайёҳӣ – кишваршиносӣ ва ғайра.

Ин тақсимбандӣ дар натиҷаи таҳлили самтҳои машғулияти маҳфилҳо дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба даст омада, дар маҷмуъ навъҳои қобилиятҳои эҷодиро ташкил медиҳанд. Зеро маҳфилҳои аз рӯйи самтҳои зикргардида фаъолияткунанда, аз рӯйи таҷриба, дар натиҷаи омӯзиши шавқу рағбат ва интихоби озоди хонандгон ташкил гардида, дар ниҳоят зуҳури қобилиятҳоро дар ниҳоди кӯдакону наврасон ошкор менамоянд.

Вобаста ба ин, бояд қайд намуд, ки ташкили шуғли кӯдакон дар низоми таҳсилоти илвагӣ, пеш аз ҳама тавассути омӯзиши ҷанбаҳои иҷтимоиву педагогӣ ва психологии синну сол ва майлу рағбати хонандагон сурат мегирад. Ин восита барои дарёфт ва мусоидат дар рушди қобилиятҳои онҳо самарабахш мебошад. Илова бар ин фардикунонии раванди таълим ва вобаста ба самтҳои қобилият ташкили машғулиятҳои таҳсилоти иловагӣ дар шакли инфиродӣ ва гурӯҳӣ дар инкишофи қобилиятҳои хонандагон натиҷаи дилхоҳ медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки низоми таҳсилоти иловагӣ дар баробари ташкили машғулиятҳо вобаста ба самтҳои ба қобилияти хонандагон вобаста, инчунин, баргузории озмуну мусобиқа ва барномаҳои фарҳангиву маърифатиро низ мунтазам ба роҳ мемонад, ки як навъ ҳавасмандгардонии хонандагон дар арзёбии сатҳи қобилият ва муаррифии онҳо ба аҳли ҷомеа мебошанд.

Падидаи дигари ҷолиб дар раванди таҳсилоти иловагии хонандагон – ин ҳамкории густурдаи хонанда, волидайн ва омӯзгор дар амалинамоии қобилиятҳои эҷодӣ ба шумор меравандˌ ки натиҷаҳои назаррасро ба бор меоранд.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти иловагӣ" муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ метавонанд маҷмуӣ ва соҳавӣ бошанд.

Муассисаҳои таълимии тахсилоти иловагии маҷмуӣ фаъолияти худро аз руи самтҳои гуногуни таҳсилоти иловагӣ (илмию техникӣ, таҷрибавию санҷишӣ, ҷамъиятию гуманитарӣ, китобдорию китобшиносӣ, сайёҳию кишваршиносӣ, бадеию эстетикӣ, экологию табиатшиносйӣ, тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ҳарбию ватандустӣ, солимгардонию гигиенӣ) ташкил менамоянд. Ба муассисахои таълимии тахсилоти иловагии маҷмуӣ қасрҳо ва марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон дохил мешаванд [7].

Муассисаҳои таълимии таҳҳсилоти иловагии соҳавӣ фаъолияти худро аз руи самтҳои мушаххаси таҳсилоти иловагӣ ташкил мекунанд. Ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии соҳавӣ марказҳои илмию техникӣ, эҷодиёти бадеию эстетикиӣ, хонаҳҳои эҷодии кӯдакону наврасон, клубҳои сайёҳию кишваршиносӣ, экологию табиатшиносӣ, варзишию солимгардонӣ, ҳарбию ватандустӣ, стансияҳои сайёҳони ҷавон, табиатдӯстон, техникҳои ҷавон, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсусгардонидашудаи бадеӣ, студияҳо, мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон, варзишгоҳҳои кудакона ва муассисахои солимгардонӣ мансуб мебошанд [7].

Вобаста ба ин муқаррарот метавон хулоса намуд, ки муассисаҳои таҳсилоти иловагии соҳаи маориф аслан ба гурӯҳи муассисаҳои маҷмуӣ ворид мешаванд, ки имконоти бештари инкишофи қобилиятҳоро барои хонандагон фароҳам меоваранд. Яъне, агар дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии соҳавӣ хонанда аз рӯйи як самти муайян қобилияти худро рушд диҳад, дар муассисаҳои маҷмӯӣ ба хонанда имкони дар як вақт аз рӯйи чанд самт амалинамоии қобилиятҳои гуногун дода мешавад.

## АДАБИЁТ:


1. Андреев В.И. Педагогика творческого саморазвития: инновационный курс [Текст]. – Казань: КГУ, 1998. – 317 с.
2. Дополнительное образование детей. Психолого – педагогическое сопровождение // отв. ред. Л.В. Байбородова. – 2-е изд., испр. и доп. - М. “Юрайт”, 2016. – 413 с.
3. Евладова Е.Б. Дополнителӣное образование детей // Евладова Е.Б., Логинова Л.Г., Михайлова Н.Н. - М. “Владос”, 2004. – 349 с.
4. Караев Г.С., Орлова Л.А. 50 – лет центру добра и радости (страницы истории). Душанбе. “Статус”, 2021. 73 с.
5. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Хукумати Чумҳурии Тоҷикистон аз 3.03. 2006, №94.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 532; с. 2014, №3, мод. 156, №7, қ. 2, мод. 422; с. 2016, №3, мод. 148, №7, мод. 624; с. 2017, №7-9, мод. 581; с. 2018, №5, мод. 278).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ”. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод. 276; Қонуни ҶТ аз 29.01.2021с., №1766).
8. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №93.
9. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомлаӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи ВКД ҶТ. 30.08.2017, ш. Душанбе http://www.president.tj/node/16031
10. Тарбия - кори эҷодӣ (материалҳои иструктивӣ – методӣ оид ба тарбия) // Мураттибон: Орлова Л.А., Нозимов С.Д. – Душанбе. Матбааи ВМҶТ, 2008. 361 с.


## НАҚШИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ ДАР РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН


**Таъмини соҳаҳои гуногуни кишвар бо мутахассисони соҳибихтисос маҳз дар сурати роҳандозии дурусти таълими хонандагон дар зинаи таҳсилоти иловагӣ ба даст меояд. Таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот** дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад..

Дар мақола муҳиммияти таҳсилоти иловагии хонандагон барои рушди қобилияти эҷодии хонандагон таҳлил гардида, шаклҳои асосии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамчунин дар мақола масъалаи фаро гирифтани хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии шаҳри Душанбе дарҷ гардидааст.



***Вожаҳои асосӣ:*** *қобилияти зеҳнӣ, қобилияти эҷодӣ, таҳсилоти иловагӣ, маҳфилҳо, корҳои бернуазсинфӣ, корҳои беруназмактабӣ, марказҳои эҷодии кӯдакон, фарогирии хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ*


## РОЛЬ ДОПОЛНИТЕЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РАЗВИТИИ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ


**Обеспечение различных секторов страны квалифицированными специалистами возможно только при условии надлежащего обучения учащихся на уровне дополнительного образования.** Дополнительное образование является составной частью системы образования в Республике Таджикистан, целью которой является развитие интеллектуальных и творческих способностей и

дарований обучающихся, удовлетворение их склонностей, духовных запросов и потребностей в выборе и получении профессии в свободное от учебы время в учебных заведениях.

В статье анализируется важность дополнительного образования учащихся для развития их талантов и способностей, а также исследуются основные формы деятельсноти учреждений дополнительного образования. В статье также рассматривается вопрос об охвате учащихся дополнительным образованием в учреждения дополнительного образования города Душанбе.

***Ключевые слова:*** *интеллектуальные способности, творческие способности, дополнительное образование, кружки, внеурочная деятельность, внешкольная деятельность, детские творческие центры, обучение в дополнительном образовании.*

**ROLE OF ADDITIONAL EDUCATION IN THE DEVELOPMENT OF CREATIVE ABILITIES OF STUDENTS**

It is possible to provide the various sectors of the country with qualified specialists only if students are properly educated at the level of supplementary education. Supplementary education is an integral part of the educational system in Tajikistan, the purpose of which is to develop the intellectual and creative abilities and gifts of students, to meet their tendencies, spiritual demands and needs in choosing and obtaining a profession during their free time in educational institutions.

The article analyses the importance of additional education of students for the development of their talents and abilities, as well as explores the main forms of activity of additional education institutions. The article also addresses the issue of enrolment of students in additional education in institutions of additional education of the Dushanbe city in 2019-2020 academic year.

***Key words:*** *intellectual abilities, creative abilities, additional education, circles, extracurricular activities, extracurricular activities, children's creative centers, training in additional education.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим – директори Муассисаи давлатии “Маркази кӯдакон ва наврпасони шаҳри Душанбе”, унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Шотемур, 54. **E-mail:** komiljon_83@mail.ru, **тел.:** +(992) 938 51 11 11

**Сведени об авторе:** Рахими Комил Махмадрахим – директор Государственного учреждения “Детско-юношеский центр города Душанбе”, соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шотемур, 54. **E-mail:** komiljon_83@mail.ru, **тел.:** +(992) 938 51 11 11

**Information about the author: Rakhimi *Komil Mahmadrahim*** – Director of the State Institution "Children's and Youth Center of the City of Dushanbe", applicant for the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education Republic of Tajikistan, Dushanbe, Shotemur st. 54. E-mail: komiljon_83@mail.ru, tel: + (992) 938 51 11 11

## МЕТОДИКА
## МЕТОДИКА
## METHOD

**KHAMIDOVA M,**
**LUTFULLOEVA P.**

# COMPETENCY BASED LANGUAGE TEACHING IS A KEY FOR SUCCESS

Lesson planning developed on competency based education that meets the requirements on developing linguistics skills of students (reading, writing, listening and speaking) for the application in their lives.

Lesson presentation of learning outcomes is taken as a main source of a qualitative teaching in a new educational approach where teacher’s responsibility is taken the order to be an effective catalyst for social change. Indeed, application of own and others’ knowledge, experience and ideas in life situation in the sample plan is taken as a key for success for specialists of the secondary educational Institutions to follow. So, it is a theme: CAPITOLINE VENUS, written by Mark Twain taken from the textbook of the grade 11, author: P. Jamshedov.

**Teacher:** Hello dear students! Let’s continue learning English together.

**1. Look and guess.**

Children, let’s look at the picture and find out the title of the lesson we are having today.








**Teacher:** It is great! Now, children, give information about Mark Twain, please.

**Samuel Langhorne Clemens was born on November 30, 1835 in Florida, Missouri, US. Josh, Thomas Jefferson Snodgrass. Died on April 21,** 1910.

**Teacher:** Thank you, You are right. The topic we are communicating is Mark Twain's short story …




Dear students, have a look at the sentences written and tell the objectives of the lesson, please.

After having exploited the text you'll be able to have a talk about the fame of ART that makes the one famous all over the world.

**In this lesson you will be able to:**

- learn some vocabulary basing on some dialogue patterns
- discuss the short story "Capitoline Venus"
- and be able to have a talk about the fame of ART that makes the one famous all over the world.
- participate in the discussions about the value of art in our life.

**1. Read and put the pictures in order.**

George, a gifted sculpture wants to marry Mary. Mary's father doesn't let his daughter marry a harsh of love, art, and starvation. He gives George six months chance to raise 50 thousand dollars for six months to have his daughter. George was at a lost but his boyhood friend John helped him to sell an American statue, his clever piece of sculpture. Venus was worth the enormous sum of ten million francs! Mary's father was eager to marry his daughter to George, for the rich sculptor, as soon as possible. A Capitoline Venus that made George marry Mary has become the grandest work of ancient art.

1



2




3



**Teacher: Students compare you predictions with the real ones, please.**



2

3

3

1


**Teacher: Well done! You could do it greatly.**

**2. Read and complete the dialogues. Use the list of utterances given below.**

*1. Why is your father so hard- hearted?*
*2. Why am I a gifted sculptor with nothing to eat?*
*3. Will you swear to submit to whatever I do?*
*4. I have called to say that your credit at our bank.*
*5. And yet I had a good deal to do with making Rome mistress of this grandest work of ancient art.*

**Dialogue I**

**Mary:** Oh, George, I do love you!
**George:** Mary, I know. ***Why is your father so hard- hearted?***
**Mary:** George, art is **folly to him.** He only **understands groceries.** He thinks you would starve me.
**George:** Why am I not a rich man? ***Why am I a gifted sculptor with nothing to eat?***
**Mary:** Do not say so, George, everything will be okay as soon as you shall have acquired fifty thousand dollars.
**George:** Fifty thousand demons, but how?!


THE CAPITOLINE VENUS.
CHAPTER I.
[*Scene—An Artist's Studio in Rome.*]
"OH, George, I *do* love you!"
"Bless your dear heart, Mary, I know that—*why* is your father so obdurate?"
"George, he means well, but art is folly to him—he only understands groceries. He thinks you would starve me."
"Confound his wisdom—it savors of inspiration. Why am I not a money-making, bowelless grocer, instead of a divinely-gifted sculptor with nothing to eat?"
"Do not despond, Georgy, dear—all his prejudices will fade away as soon as you shall have acquired fifty thousand dol——"
222

**Dialogue 2**

**Father:** My dear sir, it is useless to talk. I haven't anything against you, but I can't let my daughter marry a harsh of love, art, and **starvation.** I believe you have nothing else to offer.
**George:** I know, I'm a poor sculptor. The day comes up and my new statue of America sculpture makes me famous. But is fame nothing?
**Father:** Yes, yes. You can't sell it for a hundred dollars. You have just six months to raise the money in. Goodbye!



**Dialogue 3**

**George:** Oh, John, friend of my boyhood, I am the unhappiest of men. I have nothing but my statue of America. Even she has no sympathy for me. How can I raise the such a great deal of money in six months?

**John:** **You are a dummy!** Leave it to me. I'll raise it."

**George:** What do you mean, John? How on earth can you raise such a great amount of money for me?

**John:** Will you leave the thing in my hands? It'll be my business. ***Will you swear to submit to whatever I do?***

**George:** Yes, I have nothing to do **but to pledge.**



John took up a hammer and **mangled** the nose, two fingers, a part of an ear, a row of toes, and a left leg, from the knee down of the statue of America. Then he put on his hat and left the room.



**Dialogue 4**

**George:** The six months will be up at two o'clock to-day! Oh, I wish I were dead. I am miserable. I haven't seen John since that awful day.

A sudden knock at the door) Come in!

**Boot-maker:** Ah, happiness attends your highness. I have brought my lord's new boots. Ah, say nothing about the pay.

**Dialogue 5.**

**George:** Brought the boots himself and took his leave with a bow!

(A knock at the door again) Come in !!

**The tailor:** Pardon, signore, but I have brought your new suit of clothes to wear.





**Dialogue 6.**

(A knock at the door). Come in!!!

**The landlord:** Sorry for disturbance, but I have prepared the beautiful suite of rooms below for you.



**Dialogue 7.**

(A knock at the door).

**The grocer:** ***I have called to say that your credit is at our bank.***

We'll be happy if you will need for any our service.

**Dialogue 8.**
A cnock at the door). **Come in!!!**
**Father:** My noble boy, she is yours!
She'll be here in a moment! Take her.
Marry her. God bless you both!



**Dialogue 9.** (The Roman Capitol ten years later).
**George:** Dearest Mary, this is the most famous statue in the world. This is the renowned 'Capitoline Venus' you've heard so much about. Ten happy years ago, I hadn't a cent.
***<u>And yet I had a good deal to do with making Rome mistress of this grandest work of ancient art.</u>***
Capitoline Venus. What a sum she is valued at ten millions of francs!
**Mary:** Oh, George, how beautiful she is!
**George:** Ah, yes, yes! It is blessed John Smith who broke her leg and battered her nose.
Ingenious Smith!--gifted Smith!--noble Smith! Author of all our bliss!



**3. Answer the questions.**

1. Why doesn't Mary's father let his daughter marry George?
**Mary's father doesn't want let his daughter marry a harsh of love, art, and starvation.**
2. Who is John? How does he help his boyhood friend, George? **John is a boyhood friend of George, a gentleman. He sells the Statue Capitoline Venus.**
3. Why does he make the sculpture pledge before his help? **Because John broke George's beloved sculpture into some pieces by a hammer for making money, first.**
4. How do you value art of our society?
**Art is a great value that brings fame to the mankind.**



**4a. Improvise the dialogues.** Dear children you can improvise the dialogues with your friends together.
**4b. You may write** synonyms and antonyms to the new vocabulary taken to enrich your vocabulary power

**Well done, dear children!**
**You could do it correctly!**




**Teacher:** Dear students, I hope you've got some information about the story: **Capitoline Venus by Mark Twain.** Now you can express yourselves about the power of knowledge that brings wisdom to all who wants to have. It's been a pleasure

## REFERENCES


- Rogova G.V "Methods of Teaching English" Moscow 1983
- Rogova G.V. Methods of teaching English language
- P. Jamshedov, the textbook grade 11, Capitoline Venus (Mark Twain) .
- Муаллифон-таҳиягарон: Мухторӣ Қ., Сафин Д.В., Кабиров Н., Садурдинов Х., Хамидова М., Наизибекова М.Б.Воситаҳои истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда барои рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон (модули омӯзиши байнифаннӣ). Дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе, 2018. –44с.
- Разработчики: Сафин Д.В., Мухтори К., Умаров У., Садурдинов Х., Наджимиддинов А., Халимов А. Реализация компетентностного подхода в обучении естественных предметов и информационной технологии. Учебно-методическое пособие. — Душанбе, 2018. — 81 с.


## МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ КАЛИДИ БУРДБОРИҲОСТ


Мақолаи мазкур омӯзгоронро водор месозад, ки дар ҷараёни таълим бештар воситаҳои технологияи навини таълимро истифода карда, садоқатмандона кору фаъолият намоянд. Хусусан, дар мақола, бобати хусусиятҳои хосаи сохтори дарси забони англисӣ, ба нақшагирии дарси забони хориҷӣ, муайян намудани мавзӯи дарс ва мақсад ва зермақсадҳои машғулиятҳои он дар намунаи яксоатаи дарси забони англисӣ маълумоти васеъ дода шудааст.

Дар тартиб додани нақшаи яксоатаи дарси мазкур аз усули нави таълим истифода бурда шуд, ки он аз драмаи хурд - нақшофарӣ иборат буда, барои ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон таъсири назаррас мерасонад.

Умед аст, ки муаллимони муассисаҳои олӣ, миёнаи касбӣ, миёнаи умумӣ, миёнаи асосӣ ва ибтидоию томактабӣ аз чунин тарзи ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои забони англисӣ бо тарзи васеъ истифода мебаранд.

***Калидвоҷаҳо:*** *моҳияти таълими босалоҳият, воситаҳои технологияи навини таълим, банақшагирии дарси забони хориҷӣ, ташаккули малака ва маҳорати хонандагон барои муошират, зермақсадҳои машғулиятҳо, усули нави таълим, усулҳои коркарди матн, драмаи хурд – нақшофарӣ.*


## ОБУЧЕНИЕ НА ОСНОВЕ КОМПЕТЕНЦИЙ- КЛЮЧ К УСПЕХУ


В современном понимании компетентностный подход использует множество интерактивных методов и приемов. Он использует активную модель обучения и для постановки целей обучения ориентируется на результаты деятельности учеников и выясняется то, что компетенции формируются в результате практической деятельности. Этот подход, необходимый для активизации учебной деятельности школьников, предполагает выполнение учащимися конкретных действий с языковым материалом, которые рекомендуется проводить, организуя учащихся в малые группы – в пары и четвёрки. В статье рассказывается о важности постоянно иметь в виду конечную цель обучения –

коммуникативную компетенцию - и учитывать связь задания с миром ученика. Примерный поурочный план разработанный автором даёт возможность о приоритетных чертах, использование компетентностного подхода. Приводиться примеры, где учитель задаёт вопросы, над которыми в ходе чтения текста учащимся предстоит размышлять. В ходе разработки поурочного плана опора делается на то, что использование игрового метода обучения в классе способствует создание психологической готовности учащихся к речевому общению.

В заключении можно делать выводы о необходимости использования современных методов и технологии в обучении иностранного языка, что приводит к свободному общению языка в своих целях в жизни и это является значимой для обучающихся.

***Ключевые слова:*** *важность компетентностного обучения языку, новейшие средства технологии обучения, планирование урока английского языка, развитие коммуникативных навыков, цели урока, новейшие методы обучения, развитие навыков чтения, ролевые игры, драмы, импровизация.*

## COMPETENCY-BASED TRAINING-
## THE KEY TO SUCCESS

In the modern sense, the competence-based approach uses a variety of interactive methods and techniques. He uses an active learning model and, to set learning goals, focuses on the results of students' activities and it turns out that competencies are formed as a result of practical activities. This approach, which is necessary to enhance the learning activities of schoolchildren, involves the implementation of specific actions by students with language material, which are recommended to be carried out by organizing students into small groups - in pairs and fours. The article talks about the importance of constantly keeping in mind the ultimate goal of learning - communicative competence - and taking into account the connection of the task with the student's world. An approximate lesson plan developed by the author provides an opportunity for priority features, the use of a competency-based approach. Examples are given where the teacher asks questions that students will have to think about while reading the text. During the development of the lesson plan, reliance is placed on the fact that the use of the game teaching method in the classroom contributes to the creation of students' psychological readiness for verbal communication.

In conclusion, we can draw conclusions about the need to use modern methods and technologies in teaching a foreign language, which leads to free communication of the language for their own purposes in life and this is significant for students.

***Key words:*** *the importance of competence-based language learning, the latest teaching technology tools, English lesson planning, the development of communication skills, lesson objectives, the latest teaching methods, the development of reading skills, role-playing games, dramas, improvisation.*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Хамидова Мусалам, - омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ дар муассисаи давлатии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, ш. Душанбе, кучаи Нисормуҳаммад, 13.

**Лутфуллоева Парвина**.- н. и. п. муовини директори Пажуҳишгоҳи рущди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ. адрес: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ул. С. Айни, 126

**Сведение об авторах:** Хамидова Мусалам - старший преподаватель кафедры методика преподавания гуманитарных наук в РИПКРО.

**Лутфуллоева Парвина** – кандидат педагогических наук, заместитель директора Института развития образования имени А. Джами Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126

**Information about the authors:** Khamidova Musalam, a senior teacher of the department of methods of teaching humanitarian languages at the Central Institute of advanced studies and retraining of Education.

**Lutfulloeva Parvina** - candidate of pedagogical sciences, deputy director of the Institute for the Development of Education named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. S. Aini, 126

**САФАРОВ М.**

# РУШДИ ТАФАККУРИ ТЕХНИКИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ФИЗИКА

***«Вазъи* имрӯзаи *илми кишвар тақозо менамояд, ки ҷиҳати ба равандҳои ҷаҳони имрӯза мутобиқ намудан ва тибқи талаботи замони муосир ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ тадбирҳои муассир андешида шаванд.Дар ин самт, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо тавассути роҳандозии барномаҳои таълими касбу ҳунарҳои муосир ва васеъ ҷорӣ намудани омӯзиши амалии донишҷӯён бо роҳи пайванди илм ва истеҳсолот ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати омодасозии мутахассисони соҳаҳои саноат ва технологияҳои***

***иттилоотиву коммуникатсионӣ, инчунин, иқтисоди рақамӣ тадбирҳои судмандро амалӣ созанд».*** [7].

**Эмомалӣ РАҲМОН**

Замони муосир дар назди мактабу маориф бояд чунин вазифа гузоред, ки ҷавонону наврасон ба комёбиҳои навтарини прогресси илму техника муваффақ шаванд, яъне онҳоро бо тафаккури техникӣ мусаллаҳ намудан лозим аст.

Дар замонии рушди илму техника дар муассисаҳои таълимӣ хонандагонро набояд бо миқдори муайяни дониш аз рӯйи стандарт ва барномаи таълимӣ омӯзонида шавад, балки эҷодкорона фикр кардан, ихтироъкорӣ, мустақилона аз мушкилӣ баромадан, навгонӣ кардан, такмилу инкишоф додани дониш ва малакаю маҳорат дар тафаккуру зеҳни онҳо ҷой намудан лозим аст. Таҳлилу озмоишҳо нишон медиҳанд, ки бо ташаккул додани донишу малака ва маҳорати тафаккури техникии хонандагон дар муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳанӯз бисёр масъалаҳои ҳалнашуда ва нофаҳмо низ мавҷуд мебошанд. Бо вуҷуди ин таҳсилот бояд асосҳои нави илмӣ ва ҳалли амалии вазифаҳои ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ-техникиро пайдо кунад. Аз ин ру, муносибати таълими техникии хонандагонро боз ҳам такмил додан зарур аст, ки ин аз чиҳати назариявӣ ва амалии азхудкунии асосҳои умумии илмии саноат ва техникаи муосир ҳамчун муҳимтарин қисми онро дар назар дорад. Дар доираи таълими физика усули кӯҳнашудаи татбиқи принципи техникӣ ва паст будани дараҷаи маҳорату қобилияти техникии хонандагон яке аз проблемаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Дар вақти омӯхтани физика имконияти ба амал баровардани принципи техникӣ пурра ба кор бурда нашуда, дараҷаи маълумот ва маҳорат ба кадри кофӣ нест. Ин имкон медиҳад, ки бидуни тарки як касби интихобшуда, қобилияти истифодаи дониш ва технологияҳоро дар дигар намудҳои фаъолияти касбӣ доро бошанд ва салоҳиятҳои нави калидиро ташаккул диҳанд, ки дар ниҳояти кор барои ҳалли вазифаҳои мураккаб ва беназир имкон медиҳанд.[3]

Ҳудудҳои ҳалнашудаи он: мазмуну асосҳои интихоби ашёҳои амалӣ, ки асосҳои физикии саноати муосирро инъикос мекунанд; кор карда баромадани маҷмӯйи воситаҳои дидактикие, ки ба ташаккули дониш ва малакаҳои тафаккури техникӣ дар раванди таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунанд мансуб меёбад.

Ҳамин тавр, ин проблема вазифаи марказии такмил додани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо ба назар гирифтани имкониятҳои тезонидани равандии социалию иқтисодӣ ва илмию техникӣ мегардад. Аҳамияти муҳим будани ин масъаларо равандҳои интегратсионии таҳсилоти миёна ва тағйироти куллӣ дар истеҳсолоти моддии муосир ба миён овардааст. Пас, вобаста ба ин масъала таълими тафаккури техникӣ бояд ҷӯзъи таркибии таълими доимӣ, мавзуи мукаммали худ ва саҳми конкретӣ ба инкишоф ва хонанда ҳамчун омӯзгор дида шавад. Таҳсилоти техникӣ ҷузъҳои сохторӣ ва марҳилаҳои омӯзиши пайдарпайи худро доро мебошад. Мақсади асосии раванди таълим дар фанни физика тартиб додани системаи нави дидактикии омӯзиш ва тафаккури техникии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Тибқи мақсади асосии раванди таълими техникӣ дар физика чунин вазифаҳо мавҷуданд:**

- ошкор намудани тамоюлҳои асосии инкишофи тафаккури техникӣ зимни таълими физика дар асоси комёбиҳои педагогикаи ватанӣ ва хориҷи кишвар;
- муайян кардани талаботи асосии саноати муосир ва рушди илму техника дар мазмуни тафаккури техникии хонандагон зимни таълими физика;
- коркард ва тартиб додани лоиҳаи системаи таълими техникии хонандагон дар равандии омӯзиши физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Дар натиҷаи таҳқиқот чунин фарзия бармеояд: агар системаи дидактикии омӯзиши физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёна тартиб дода шавад, ки мазмуну мундарича, усул ва воситаҳои таълими техникиро дарбар гирад, таълими самарабахши маводҳои техникиро таъмин карда, ба дараҷаи тайёрии техникӣ ва роҳбарии касбӣ мувофиқ бошад, он гоҳ вазифаи асосии таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёна бомуваффақият ҳал карда, ба инкишофи ҳаматарафаи хонандагон ёрӣ мерасонад. Қайд кардан зарур аст, ки яке аз ҷанбаҳои асосии такмили омӯзиши физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таълими техникӣ ва рушди тафаккури техникӣ дар шароити муосир ба ҳисоб меравад. Маҳз замони илму техникаи муосир бештар тайёр намудани кадрҳои баландихтисосро талаб мекунад. Базаи ибтидоии тайёр намудани кадрҳои баландихтисос маҳз муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад, ки вазифаҳои он дар марҳалаи ҳозира чунин муайян карда шудааст: ба ҳар як хонанда дониши чуқури илмӣ дода шавад, меҳнатдӯстиро дар онҳо тарбия намуда, омодагии ҷавононро ба интихоби дурусти касб баланд бардорад.

Ҳамин тавр, дар раванди таълими физика дар шароити тараққиёти илму техника инкишоф додани тафаккури техникӣ вазифаи актуалиро пайдо кардааст. Донистани технология ва асосҳои техникии саноати муосири босуръат рушдёбанда ба ҷавонон барои ихтисоси муайянро зуд азхуд намудан кӯмак намуда, инчунин онро ба таври касбӣ серталаб ва сайёр гардонанд, ёрӣ мерасонад. Дар ин ҷо рушди таълим ва тафаккури техникӣ ҳамчун раванд ва натиҷаи азхудкунии донишҳои ба низом даровардашуда, ки вобаста ба асосҳои илмии технология ва саноати муосир баррасӣ мешавад, ташаккули малака ва малакаҳои зарурӣ барои коркарди воситаҳои мавҷуди меҳнат дар соҳаҳои гуногуни саноат истифода бурда мешавад. Мақсади ниҳоии таълим ташаккули хислатҳои шахсият буда, ба ҳар як шахс имкон медиҳад, ки дар дилхоҳ соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ озодона ва софдилона кору фаъолият намояд. Баъзе ҷиҳатҳои таълими техникаю технологияро олимон ва мутахассисон дар давраҳои гуногуни инкишофи илми педагогии худ марҳила ба марҳила омӯхтаанд. Вале, мушкилоти таълими рушди тафаккури техникӣ дар замони муосир яке аз проблемаҳои асосии самти амалия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва илми педагогика ҳаст ва мемонад. Арзиши донишҳои физикие, ки дар асоси тараққиёти илмию техникӣ карор доранд, бо мурури замон сол то сол рушд меёбад. Ин донишҳои физикӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон хеле талаботи бештар доранд. Дар тамоми дастгоҳҳои гуногун, усулҳои кори асбобҳои рӯзгор, ва механизмҳои дилхоҳи саноатӣ конунҳои физика васеъ истифода бурда мешаванд. Таълим ва тарбияи техникӣ дар таҳсилот омӯзиши ҷанбаҳои технологии тасвири илмии муосири ҷаҳонро дар бар мегирад. Хонандагон бояд усулҳои истеҳсолоти хозиразамонро азхуд карда, малакаю қобилияти амалии истифода бурдани асбобу таҷҳизот, дастгоҳҳо, муҳаррикҳои гуногун ва механизмҳоро азхуд намоянд. Ҳалли масъалаҳо ба таври максималӣ афзун гардондани қобилияти эҷодии шахс дар сурати пурзур намудани тафаккури техникӣ, хаматарафа инкишоф додани кобилияти хонандагон барои кори минбаъдаи самаранок дар соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ имконпазир мегардад. Дар ҷаҳоне, ки техника ва технологияи муосир бо суръати кайҳонӣ пеш рафта истодааст ва ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ доимо рушд ёфта истодааст, бояд илми физика дар мадди аввал гузошта шуда, моҳияти қонуну равандҳо ва ҳодисаю зуҳуротҳо ба ҷавонону наврасон хуб омӯзонида шаванд. Ҳоло дар системаи маориф дар дарсҳои омӯзишии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дониши назария аз амалия то андозае бештар омӯзонида мешавад. Вале дар таълими техникӣ ин тавр нест ва бояд на танҳо аз омӯхтани асосҳои илм ба таври назария, балки дар ин муассисаҳо синфхонаҳои лаборатории муҷаҳҳаз вуҷуд дошта бошад, то ин ки таҷрибаҳо, корҳои лабораторӣ ва ё машқҳои амалиро, ки бо асбобҳои физикӣ, бо элементҳои тадқиқот ва алоқаманданд бо эҷодиёти техникӣ гузаронида шаванд. Дар ин ҳолат тафаккури техникии хонандагон рушд ёфта, каме ҳам бошад ба таври кофӣ зиёд мегардад. Дар раванди омӯзиши фанни физика хонандагон дониши техникӣ азбар намуда, малакаю маҳорати истифодаи кор бо асбобу анҳомҳои гуногун ҳосил менамоянд ва дар навбати худ ошкор ва ислоҳи проблемаҳои худро меомӯзанд. Ҳангоми бо лоиҳа кор кардан ва бо эҷоди моделҳои мавҷуда машғул шудан, хонандагон на танҳо малакаҳои амалии коркарди мавод, лоиҳакашӣ, сохтани диаграммаҳо, нақша ва занҷирҳои барқиро пайдо мекунанд, балки ба фаъолияти ихтироъкорӣ ва тадқиқоти илмӣ омода мешаванд. Истифодаи методҳои таълими техникӣ дар омӯзиши фанни физика, яъне азхуд намудани усулҳои умумии фаъолият иштироки эҷодии хонандагонро дар татбиқи марҳилаҳои пай дар пайи даври таълиму тадкикот ва ба мехнат табдил додани дониш дар назар дорад. Азхудкунии усулҳои фаъолияти тадқиқотӣ дар таълими техникӣ бештар бо хислатҳои муҳими дараҷаи баланди маърифати хонандагони замони муосир шарҳ дода мешавад. Пас, моро зарур аст, ки хонандагонро тавассути ҷалби мунтазам ба шаклҳои гуногуни тадқиқот қобилияти ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ дар раванди омӯзиш ташаккул диҳем. Ин ба рушди худшиносии қувваҳои эҷодии хонандагон ва худшиносӣ ёрӣ мерасонад. Фаъолияти тадқиқотӣ ташаккули идея, ҷустуҷӯ ва азхудкунии донишҳои зарурии амалии хонандагонро ҳамчун воситаи амалигардонии натиҷаҳои илмҳои фундаменталӣ, муайян намудани роҳҳои татбиқи онҳо ва гузаронидани корҳои илмӣ-методӣ фаро мегирад. Татбиқи усули таълими техникӣ дар омӯзиши физика барои худмуайянкунии бошууронаи касбии хонандагон

мувофиқи қобилият, малакаю маҳорат ва майлу хислатҳои шахсияшон шароит хуб фароҳам оварда шавад.

Таълими физика бояд ба усулу методҳои техникие асос ёфта бошад, ки мазмуни техникии фаъолияти таълимию меҳнатии хонандагон ва маҷмуи воситаҳои дидактикиро дар назар гирифта, ба азхудкунии дониши назариявӣ ва азхудкунии ин мазмун нигаронида шудаанд. Ҳангоми дарси физика омӯзгор хонандагонро асосан ба дарк намудани проблемаҳои муҳимми техникию иқтисодие, ки барои рушди минбаъдаи илмию техникӣ дар асоси натиҷаю комёбиҳои физикаи муосир ҳал карда мешаванд, водор мекунад. Дар асоси он, ки омузиши техникӣ асоси дурусти касбомузии бачаҳо мебошад, омӯзгор малакаю маҳорат ва қобилиятҳои амалии хонандагонро мустаҳкам намуда, дониши онҳоро васеътар менамояд. Фарз кардем, омӯзгор дар раванди дарс дар фасли физикаи молекулярӣ ва электродинамика хонандагонро бо проблемаҳои физикӣ оид ба сохти молекула, муҳаррикҳои гармидиҳӣ, оид ба энергияҳо, вобаста ба электрометаллургия (хусусан гудозиши металл) ва ғайраҳо шинос карда, таҷрибае, ки дар асоси равандҳои гуногуни технологӣ вобаста ба хосиятҳои ҷисмҳои сахт, моеъ ва газ чандин таҷрибаҳо мегузаронад. Қайд намудан лозим аст, ки дар вақти омӯхтани фасли термодинамика ва электродинамика хонандагон тарзи кори муҳаррикҳои гармидиҳӣ, нерӯгоҳҳои барқӣ, муҳаррикҳои дарунсузӣ электрӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии онҳоро ба назар гирифта, аз худ менамоянд. Омӯзгор диққати хонандагонро ба муҳаррикҳои муосири дарунсӯз ва фарқи онҳоро аз муҳаррикҳои қаблӣ, дар бораи сохтани нерӯгоҳҳои барқӣ ҷалб намуда, хонандагонро дар бораи касбҳои ба муҳаррикҳои муосири дарунсӯз ва нерӯгоҳҳои барқӣ алоқаманд, яъне муҳандис, ронанда, челонгар, барқчӣ, муҳосиби соҳавӣ, мутахассиси истеҳсолкунандаи муҳаррик ва нерӯгоҳҳои электрикӣ ва ғайраҳо шинос мекунад.

Тафаккури техникӣ ҷузъи асосии соҳаи зеҳнии муҳандисӣ буда, татбиқи он дар раванди ҳалли масъалаҳои соҳаи техникӣ амалӣ карда мешавад, онҳо метавонанд ихтироъкорӣ, конструкторӣ, технологӣ ва ғайра бошанд. [10].

Ҳангоми омӯхтани хосиятҳои моеъҳо, истифода бурдани ҳодисаҳои капиллярӣ дар техника, хоҷагии қишлоқ ва ҳаёти ҳаррӯза, тарзи раванди гудозиши маъданҳои полиметаллӣ ва металл, ки дар саноати металлургия васеъ истифода мебаранд, дарбар мегирад. Дар навбати худ омӯзгор хонандагонро бо касбҳои зарурии он шинос менамояд. Омӯзгор ҳангоми омӯхтани хосиятҳои ҷисмҳои сахт ва хосиятҳои пластикии металлҳо аз корхонаҳои саноатии металлургӣ мисолҳо оварда, ба хонандагон тарзи мустаҳкамкунӣ ва гӯдозиши ҷисмҳои сахтро фаҳмонида медиҳад. Омӯзгор инчунин хонандагонро бо як қатор касбҳое, ки дар саноати металлургӣ кор мекунанд, шинос менамояд. Омӯзгор ҳангоми баррасии манбаи ҷараёни электрӣ аз воситаҳои гуногун ба хонандагон асосҳои физикии як қатор равандҳои технологиро (бо истифода аз электролиз ҳосил намудани алюминий ва дигар металлҳои ранга, бо истифода аз технологияи рӯйпӯши галваноидӣ ва разряди шарорагӣ барои коркарди металлҳо ва тозакунии газ дар препитаторҳои электростатикӣ; бо истифода аз разряди камоншакл барои кафшер кардани қисмҳои металлӣ) шарҳ медиҳад. Маҳз дар фасли «Ҷараёни электрики дар муҳитҳои гуногун» омӯхтани дастгоҳҳое, ки таҷҳизот ва қисмҳои электронии асбобҳои радио, телевизор, ва дастгоҳҳои худкори барқӣ (диод ва триодҳои вакуумӣ, найчаҳои катодӣ, фоторезистор, диоди нимноқил, триод ва ғайра) муҳим буда, бояд диққати махсус дода шавад. Инчунин, омӯзгор ҳангоми омӯхтани мавзӯи хосиятҳои магнитии модда таваҷҷуҳи хонандагонро ба мафҳум ва татбиқи магнитизм равона мекунад. Саёҳат-экскурсияҳо ба корхонаҳои калони саноатӣ ва коркарди маъдани оҳан хонандагон бо раванди ғанӣ гардондани маъдани оҳан ва доираи касбу ҳунари одамоне, ки дар ин соҳа кор мекунанд, аз наздик шинос шуда, ба худ таассуроти зиёде мегиранд. Аз адабиёти методии оид ба фанни физика маълум мегардад, ки муносибати таълим ба масъалаҳои тағйир додани мазмуни таълиму тафаккури техникӣ асосан ба баланд шудани нуфузи илм дар пешрафти техникаю технология ва рушди дараҷаи илмии таълими ҳатмии мактабӣ вобастагии бештар дорад. Ба ташаккули тамоми ҷиҳатҳои шахсияти хонандагон дар раванди таълими техникӣ ҳисса гузошта мешавад. Ба ибораи дигар гӯем, таълими техникӣ дорои аҳамияти маърифатӣ, тарбиявӣ ва рушдкунанда мебошад. Таълими тафаккури техникӣ, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва амалии азхудкунии асосҳои технологияи илмии умумиро дар назар дорад, аз ин ҷиҳат тафаккури техникии технологияи муосир, воситаҳои фаъолият ва меъёрҳои рафтори бошууронаи хонандагонро дар ин самт бой мегардонад. Ин ба раванди ҷамъиятӣ ва зиндагии ҳаррӯзаи хонандагон таъсири калон мерасонад. Чунин

таълим ба хонандагон барои мавқеи худро дар корҳои амалӣ ва ҷамъиятии ҷомеа мувофиқи қобилияташон муайян карда, ба ташаккули шахсияти умум таъсири мусбат расонда наметавонад. Кафолати муваффақият ва самараи тафаккури техникӣ дар раванди таълими физика муносибати мунтазам ба он мебошад.

**Системаи педагогии таълими тафаккури техникиро дар раванди таълими физика ба се зерсистема тақсим кардан мумкин аст:**

- мақсад ва вазифаҳои таълими тафаккури техникӣ дар муассисаҳои таълимӣ;
- механизми татбиқи усулии таълими тафаккури техникӣ дар фанни физика;
- натиҷаҳои таълими тафаккури техникии хонандагон дар раванди таълими физика.

Самти мақсадноки системаи таълими тафаккури техникӣ дар зери таъсири чунин омилҳо, монанди талаботи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, пешрафти илму техника ва шароити муҳити зист ташаккул меёбад. Яке аз мақсади асосии таълими техникӣ бошад, ташаккули инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти хонанда ва омода намудани ӯ ба кор аз рӯи ихтисоси технологияи муосир дар раванди таълими физика мебошад. Ин мақсадҳо бо роҳи ҳалли вазифаҳои асосӣ, яъне ташаккули дониш дар бораи асосҳои илмии истеҳсолоти муосир ба натиҷа ноил мегардад: ташаккул додани системаи малакаю маҳорати техникӣ ва инкишофи амалии элементҳо ва объектҳои техникаю технология; рушди қобилияти эҷодӣ ва тафаккури техникии хонандагон; омода намудани хонандагон баро кор дар соҳаи гуногуни технологияи муосир. Фаъолияти омӯзгор ҳангоми таълим, ки ба ошкор намудани асосҳои физикии истеҳсолоти муосир нигаронида шудааст, идоракунии дарки маводи техникиро аз ҷониби хонандагон бо назардошти сатҳи малакаю маҳорат ва татбиқи амалии конунҳо ва назарияи омӯхташударо дар техникаю технология нишон медиҳад. Хонанда набояд шунавандаи камфаъолу танбал бошад, ӯ бояд аз ҷиҳати маърифатӣ, тадқиқотӣ, мустақилияти эҷодӣ, ихтироъкорой, ва меҳнатӣ фаъол бошад.

**Дар омӯзиши фанни физика механизми татбиқи усули таълими тафаккури техники хонандагонро бо чунин қисмҳо ҷудо намоем:**

- омӯзиши асосҳои физикии таҷҳизоти мушаххаси техникӣ;
- дониши хонандагон дар бораи усулҳои техникие, ки хосиятҳои конструктивии асбобу таҷҳизотро дарбар мегирад;
- омӯзиши малакаю маҳорати истифодаи асбобу таҷҳизоти мушаххаси техникӣ;
- татбиқ ва амалӣ намудани принсипи физикӣ ва техникии малакаю маҳорати дорошуда.

Ҳамин тавр, усулҳо, воситаҳои таълим, шаклҳои ташкили таълим, чун қоида ба ҳалли як мақсади таълим, яъне рушди тафаккури техникии хонандагон нигаронида шуда аст. Пас, барои ҳалли ин проблемаи таҳқиқшаванда, ҳатман бояд маҷмуи усулу воситаҳои таълим ва шаклҳои ташкили таълимро истифода бурдан лозим аст. Вобаста ба ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки замони муосир таълими техникӣ ҳамчун таълимест, ки наврасону ҷавононро бо асосҳои истеҳсолоти ҳозиразамон шинос карда, тарзи кор кардан бо техникаю технологияи муосир ва азхуд намудани онҳо бо асосҳои механиконида ва автоматикунонии меҳнат муаррифӣ мекунад. Инунин омӯзиши таълим ва тафаккури техникӣ ба хонандагон барои интихоб кардани касби дуруст ёрӣ расонида, шавқу завқи касбии насли наврас, яъне асоси рушди касбиятро кафолат медиҳад. Аз ин рӯ, ин гуна омӯиш ба ҳаёти иҷтимоии инсон таъсири назаррас мерасонад ва он асоси омодагии касбии насли наврасону ҷавонон мегардад. Талаботи истеҳсолоти замони муосир, ҳамчун таъмини афзоиши максималии қобилият ва малакаю маҳорати эҷодии инсон, эътирофи вазифаи пешбарандаи таълими техникиро барои инкишоф додани қобилияти хонандагон барои кори бомуваффақияти минбаъдаи онҳо дар соҳаҳои гуногуни техникӣ дар назар дорад. Дар раванди омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ ва дигар фанҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хонандагон метавонанд, бо асосҳои илмии аксар соҳаҳои гуногуни саноат дар дарсҳои амалӣ ва назариявӣ шинос шуда, сохти дастгоҳҳои гуногуни техникӣ ва чӣ тавр кор кардани онҳоро меомӯзанд.

Тафаккури техникӣ усулҳои пешниҳодшударо ҳамгиро намуда, худро ҳамчун раҳнамои асоси салоҳияти омӯзгори ояндаи таълими касбӣ нишон медиҳад. Нақши рушди он дар раванди тайёр кардани донишҷӯёни донишгоҳҳои касбии омӯзгорӣ назаррас буда, ба мазмун ва ҷанбаи технологии он таъсир мерасонад. Талабот ба омӯзгорони дорои тафаккури техникӣ дар коллеҷҳои касбӣ роҳи ҷорӣ ва татбиқи технологияҳои педагогиро, ки

қодиранд сатҳи баланди рушди тафаккури техникиро амалӣ месозанд, муқаррар менамояд [9].

Таҳқиқоту озмоишҳо нишон доданд, ки яке аз вазифаҳои муҳими таълими техникӣ ташаккули малакаю маҳорат ва тафаккури техникӣ дар раванди таҷрибаҳои гуногуни физикӣ, корҳои лабораторӣ ва мисолу масъалаҳои физикӣ мебошад. Маҳз дар дарсҳои физика хонандагон маҳорати кор кардан бо асбобу таҷҳизоти гуногунро омӯхта, тарзи ба кор даровардани онҳо ва ошкор намудани камбудиҳои онҳоро меомузанд. Аз ин ру, омодагии техникии хонандагон, муносибати бошуурона ва эҷодкоронаи онҳоро ба фаъолияти онҳо дар соҳаҳои гуногуни техника ва технология инкишоф дода, доираи муносибатҳои ҷамъиятии онҳоро ғанӣ гардонида, меъёрҳои рафтори бошуурона, инчунин заминаи васеи интихоби касбии ба касби муҳандисӣ вобастаро фароҳам овардан лозим аст. Ҳамаи ин барои хонанда мувофиқи малакаю маҳорат ва қобилияташ дар ҷамъият муайян кардани мавкеи худ ёрӣ мерасонад ва ин шарти ташаккули минбаъдаи шахсияти хаматарафаи инкишофёфта мебошад. Қайд намудан лозим аст, ки талаботи имрузаро нисбат ба мактаб ба назар гирифта, мазмун ва ташкили таълими тафаккури техникӣ, инкишофи минбаъдаи мазмуну усулҳои таълими техникӣ бояд роҳи муайян кардан ва омӯхтани асосҳои умумии истехсолоти хозираро пеш гирад.

## АДАБИЁТ:


1. Беннет Дж. Преподавание и изучение науки. Путеводитель по исследований и их приложений. Лондон: Континуум; 2003.
2. Бугаев А.И. Методика преподавания физики в средней школе. Москва: Просвещение; 1981.
3. Гузанов Б.Н., Федулова М.А. Особенности транспрофессиональной инженерной подготовки в профессионально-педагогическом вузе // Профессиональное образование и рынок труда. 2019. № 1. – С. 66–70.
4. Имашев Г. Развитие знаний в курсе физики. Германия: Издательство Palmary Academic Pғblishing; 2012.
5. Имашев Г.И. Техническое образование учащихся в процесс обучения физике в средней школе. воспитание учащихся в процессе обучения физике в Средняя школа]. Атырау; 2006.
6. Имашев Г. Современные проблемы технического образования. курс физики. Российский журнал наук о Земле. 2012 г.; 12(12):53-7.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси миллӣ ва вакилони маҷлиси намояндагон, аз 23.12.2022 12:30, шаҳри Душанбе
8. Риффель Э., Полак В. Квантовые вычисления: нежный вступление. Нью-Йорк: Пресса Массачусетского технологического института; 2011.
9. Федулова М.А. Условия формирования технического мышления при подготовке бакалавров профессионального обучения //Инженерное мышление: особенности и технологии воспроизводства // Материалы научно-практической конференции: сборник научных статей и тезисов. Екатеринбург: Издательство: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство «Деловая книга», – С. 163–167.
10. Чащин Е.В. Техническое и технологическое мышление в современном обществе. // Вестник Челябинского государственного университета. 2012. № 35 (289). Философия. Социология. Культурология. Вып. 28. – С. 51–55.


## РУШДИ ТАФАККУРИ ТЕХНИКИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ФИЗИКА


Дар мақола роҷеъ ба таълими техникӣ, яъне ташаккул додани донишу малака ва маҳорати тафаккури техникии хонандагон дар муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муносибати таълими техникии хонандагонро такмил додан, ин аз чиҳати назариявию амалии азхудкунии асосҳои умумии илмии саноат ва техникаи муосир ҳамчун муҳимтарин қисми онро дар назар дорад. Маҳз дар таълими физика усули кӯҳнашудаи татбиқи принципи техникӣ ва паст будани дараҷаи маҳорату қобилияти техникии хонандагон яке аз проблемаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Пас, ҳангоми омӯхтани физика ва дигар фанҳои табиӣ-риёзӣ имконияти ба амал баровардани принципи техникӣ пурра ба кор бурда шавад ва дараҷаи малакаю маҳорати таълими тафаккури техникӣ ба кадри кофӣ рушд дода шавад. Дар замони муосир хонанда бояд усулҳои истеҳсолоти хозиразамонро азхуд карда, малакаю қобилияти амалии истифода бурдани асбобу таҷҳизот, дастгоҳҳо, муҳаррикҳои гуногун ва механизмҳоро азхуд намоянд.Таълиму тарбияи техникӣ дар таҳсилот омӯзиши ҷанбаҳои техникӣ ва технологии тасвири илмии муосири ҷаҳонро дар бар мегирад.

***Калидвожаҳо:*** тафаккур, таълим, омӯхтан, усул, техника, технология, рушд, замони муосир, қобилият, малакаю маҳорат.

**РАЗВИТИЕ ТЕХНИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ ПРИ ПРЕПОДАВАНИИ ФИЗИКИ**

В статье речь идет о техническом образовании, то есть о формировании знаний, умений и навыков технического мышления у учащихся средних общеобразовательных учреждений. Совершенствовать подход к техническому обучению учащихся, это с теоретической и практической стороны овладение общенаучными основами производства и современной техники как важнейшей ее части. Одной из важнейших проблем в обучении физике является устаревший метод применения технического принципа и низкий уровень технических навыков учащихся. Поэтому при изучении физики и других естественно-математических предметов следует в полной мере использовать возможность реализации технического принципа и достаточно развивать уровень навыков технического мышления. В современное время ученик должен освоить современные методы производства, овладеть навыками и практическими умениями пользоваться инструментами и оборудованием, приборами, различными двигателями и механизмами. Техническое обучение в образовании включает в себя изучение технических и технологических аспектов современной научной картины мира.

***Ключевые слова***: мышление, обучение, обучать, метод, техника, технология, развитие, современное время, способности, навыки и умения.

**DEVELOPMENT OF STUDENTS' TECHNICAL THINKING IN TEACHING PHYSICS**

The article deals with technical education, that is, the formation of knowledge, skills and abilities of technical thinking among students of general education institutions. To improve the approach to technical training of students, this is, from the theoretical and practical side, mastering the general scientific foundations of production and modern technology as its most important part. One of the most important problems in teaching physics is the outdated method of applying the technical principle and the low level of technical skills of students. Therefore, when studying physics and other natural-mathematical subjects, one should fully use the possibility of implementing the technical principle and sufficiently develop the level of technical thinking skills. In modern times, the student must master modern production methods, master the skills and practical skills to use tools and equipment, devices, various engines and mechanisms. Technical training in education includes the study of technical and technological aspects of the modern scientific picture of the world.

***Keywords:*** *thinking, learning, teaching, method, technique, technology, development, modern times, abilities, skills and abilities*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Сафаров М.С. - мудири лабораторияи илмӣ-таҳқиқотии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилотиТоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ-126, E-mail: muhammadsattorovich@mail.ru. тел: +(992) 918 74 11 73.

**Сведения об авторе:** Сафаров М.С. – зав. научно-исследовательской лаборатории Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 126. E-mail: muhammadsattorovich@mail.ru., тел: (992) 918 74 11 73.

**Information about the author:** Safarov M.S. - the head. research laboratory of the Institute for the Development of Education named after Abdurahman Jami Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Ayni str., E-mail: muhammadsattorovich@mail.ru., mob: (992) 918 74 11 73.

**АЗИЗОВА Ф.Ш.**

# ҶАҲОНИШАВИИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР ВА НАҚШИ ОН ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТ

Дар солҳои 1950 таърихи ИНТЕРНЕТ бо коркарди комютерҳо ва пайдоиши консепсияҳои илмӣ ва амалии шабакаҳои компютерии ҷаҳонӣ тақрибан дар як маврид дар кишварҳои гунонгун, аз ҷумла дар лабораторияҳои илмӣ ва ҳарбии Амрико, Англия ва Франсия пайдо шуд.

Шабакаҳои комютериро танҳо кормандони муассисаҳои махсус то солҳои 1980-ум истифода мебурданд. Дар солҳои 80-ум паҳншавии компютерҳои шахсӣ бахусус копютерҳои хонагӣ барои истифодаи шахсӣ оғоз ёфт, ки талаботи ҷомеаро нисбати шабакаҳо ба вуҷуд овард. Интернет имконият фароҳам овард, ки табодули озоди иттилоъ ба миён ояд.

Татбиқи иттилооти Интернетӣ дар ҳама соҳаҳо пайдо гардид, ки соҳаи таҳсилот, низ аз он орӣ нест. Усулҳои анъанавии паҳншавии маводҳои таълимӣ ва ташкили робитаи баръакс дар байни устодон ва донишҷӯён, аз ҷумла алоқаи почтагӣ ва телефонӣ кайҳо ҷои худро ба

почтаи электронӣ ва Web-коммуникатсия додаанд. Аз ин лиҳоз, шабакаҳои Интернетиро дар муассисаҳои таълимӣ чӣ тавр самаранок истифода бурд ?

Бояд қайд кард, ки ҳама намудҳои таҳсилот аз унсурҳои мухталифи таълими фосилавӣ тавассути "World Wide Web"истифода менамоянд. Дар айни замон мактабҳои олӣ барои дастрасӣ ба иттилоот аз "Web-технология" васеъ истифода мебаранд.

Дар муҳити таҳсилоти олӣ таълими озод ва фосилавӣ истифода бурда мешавад, ки албатта ба муассисаҳои миёнаи умумӣ низ таъсири худро гузоштааст. Дар ин маврид олими америкоӣ Оустон се соҳаи таҳсилоти миёнаро хотиррасон кардааст, ки дар онҳо таълими фосилавӣ ба тариқи зайл ҷорӣ гардидааст:

1. Таҳсилоти хонагӣ бо сабабҳои гуногун ба мактаб ҳозир нашудан хонанда аз Wcb-захираҳо истифода мебарад.
2. Таҳсилоти алтернативӣ барои хонандагони дур аз мактаб истиқоматкунанда
3. Бо мақсади муайян хонандагон барои амиқ омӯхтани дониш ва ё дар мактабҳои олӣ таҳсил намудан фароҳам оварда мешавад.

Дар ҳудуди қарнхои XX ва XXI, ба туфайли ба таври васеъ паҳн гардидани васоити технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ тағйиротхои куллӣ ба амал омад. Ин дигаргунихо дар системаи тахсилот низ назаррас мебошанд, махсусан барномахо, накшахои таълими стратегия тавассути дурнамо дар системаи таълими бефосила то 15-20 аз чихати илми асоснок карда шуданд. Танҳо пешгӯии саҳҳеҳ метавонад муайян намояд, ки хонандагон ва донишҷӯёнро аслан чӣ омӯзондан ва чи тавр омӯзондан лозим аст, то ки онҳо дар оянда тараққиёти динамикии ҷамъиятро таъмин карда тавонанд. Дар натичаи пешрафти технологияи муосир ва талаботи чомеа вусъатёбии шабакахои Интернетӣ ва инчунин васоити коммуникатсия. асбобу анҷом барои ташкил ва гузаронидани аудио-видеоконференсияҳо барои таъмини намудани базаи моддию техникӣ дар муасиссахои таълимӣ мусоидат намуд. Рушди ТИК(технологияи информатсиони коммуникатсионӣ) ба як катор омилхо вобастаӣ дорад: рушди иқтисодии ин ё он кишвар, дастрасии шаҳрвандони он ба васоити ТИК, фазои сиёсӣ ва корӣ ва амсоли инҳо. Бархе аз кишварҳо барои узви баробарҳуқуқи «ҷомеаи иттилоотию коммуникатсионӣ»-и глобалии навини навташкил ҳаракат менамоянд, вале «нобаробарии рақамӣ» (digital divide)-и машҳурро паси сар карда наметавонанд. Бархе аз дигар кишвархо бошанд, дар ин система хамрох шуда истода, аммо иштироки худро маҳдуд менамоянд.

Ҷомеаи информатсионӣ коммуникатсионӣ ҷамъиятест, ки дар он ҳамбастагии илми компютерӣ бо иттилоот ва коммуникатсия ба амал омадааст, дар ниҳоят ба пайдоиши тамаддуни нав ба тамаддуни илму иттилоъ оварда мерасонад.

Дар ташаккулёбии ҷамъияти иттилоотию коммуникатсионии навин, ки дар он нақши асосиро ба Интернет медиҳанд ва тавассути он консепсияи ҷаҳонишавӣ назорат менамоянд ва зерсистемаҳои он тавассути васоити коммуникатсия ва шабакахои иттилоотӣ алоқамандӣ пайдо мекунанд.

Интернет - ин фазои умумибашарии ягонаи хоса мебошад, ки дар он одамон новобаста ба фарқияташон ҳамдигарро мефаҳманд, ҳамроҳ кор мекунанд. Дар назди системаи таҳсилот ҷомеаи информатсионию коммуникатсионӣ бо шароит ва рушди он талаботи нав мегузорад.

Истифодабарии технологияҳои нав ба беҳтаршавии идроки фарҳангҳои алоҳида, инчунин пайдошавӣ ва мустаҳкамшавии онҳо ёрӣ мерасонад. Бо шарофати шабакаҳои Интернетӣ ирсоли иттилоот, афзуншавии дониш, маҳорат ва таҷрибаҳо имконияти зиёд фароҳам меорад.

Ба таври васеъ истифода кардани васоити ТИК дар фаъолияти ҳамарӯза ба тағйирёбии робитаҳои зичи иҷтимоӣ, трансформатсияи муносибатҳо ва хештангароии фард оварда мерасонад. Бо мурури замон ТИК вазифаҳои хосро дорост, махсусан Интернет фаъолияти маърифатии фаъолро касб менамояд. Тавассути технологияҳои нав ва Интернет суханронӣ, гуфтугӯ, роҳбарӣ кардан ва мубодилаи андешаҳо хеле осон мегардад.

Ҷомеаи иттилоотию коммуникатсионии нав як қатор проблема, аз ҷумла ҷудокунии ҳақиқати ягонаи пешина ба ҳақиқати реалӣ ва вертуалии таъсиррасон ба шахси алоҳида ва муносибати байниҳамдигарии одамон. Технологияҳои нав робитаи бевоситаи одамонро ба ғайримустақим, ё худ вертуалӣ иваз менамояд, ки дар ин маврид тасаввур кардан мумкин аст, ки бештар робитаҳои мустақим аз пештара муҳиманд. Ҳақиқати виртуалӣ аз васоити технологии мушаххас вобастагӣ дорад, ки он фаҳмиши моро доир ба ин ҳақиқат муайян

менамояд ва моро аз фаҳмиши садогӣ ва визуалии бевоситаи ҳақиқӣ дур мегардонад ва бо ҳамин моро маҷбур менамояд, ки ба олам бо назари созандагони онҳо назар кунем.

Дар замони муосир (рақамӣ) мафҳуми «дониш» маънои раванди бефосилаи маърифатро доро буда, Интернет ва таҳсилотро ба ҳам мепайвандад.

Аллакай имрӯз нақши духӯраи Интернет дар таҳсилот дида баромада мешавад. Аз як тараф, ин асбобест барои фаҳмиши олами атроф, васоити тавонои таълимест барои азхудкунии на танҳо фанҳои гуногуни таълимӣ, балки ташаккули алоқаи байнифаннӣ, ҳамгироии донишҳои мухолифро ба бутуни ягона ва аз ҷониби дигар, бо саъю кӯшиши педагогҳо ва методистҳо дар Интернет фазои иттилоотию коммуникатсионии махсус ташкил кардан имкон дорад, ки ҳамаи шароитро барои таълими самаранок ва барои пурратар нишон додани қобилияти фардии ҳар як хонанда таъмин менамояд.

Дар замони муосир нақши асосии омӯзгор дар раванди таълим зери шубҳа қарор дорад, масалан пайдошавии таълими фосилавӣ дар асоси технологияи Интернет. Агар Интернет ба хонанда дар асоси дархосташ иттилоъи беҳад зиёдро дода тавонад, дар ин асно нақши муаллим ҳамчун ташкилкунандаи раванди таълим ва роҳбалад муайян мегардад. Вобаста ба ин қисми омӯзгорон ба чунин шароити тағйирёбии дидактикӣ танқиди назар менамоянд. Ҳоло он ки технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ба гузориши масъалаҳои нави омузгорӣ, пайдоиши методҳои самараноки омӯзиш ва умуман тағйирёбии нақши муаллим ва хонандаро дар раванди таълим муайян мекунанд.

Таълим дар асоси татбиқи васеи васоити ТИК дар раванди таълим аз хонандагон маҳорат ва малакаҳои нави корро дар муҳити иттилоотию маълумотӣ, ки онҳо дар он на танҳо бо технологияҳо ва программаҳои компютерии бефосила ивазшаванда, балки бо дигар одамон дар муҳити виртуалӣ ва воқеӣ тамос мегиранд, мустақилона бо захираҳои иттилоотию системаҳои ҷустуҷӯӣ роҳ меёбанд ва иттилооти ба дастовардаро коркард менамоянд. Чунин тарзи омӯзиш дар донишҷӯён қобилияти тафаккури танқидӣ, маҳорати коркунӣ бо гурӯҳ ва қабули қарорӣ гурӯҳӣ, инчунин истифода аз адабиёт, ташкил, таҳриру ороиш ва чопи корҳои худӣ (натиҷаҳои тадқиқоти мустақилона, лоиҳаҳо, корҳои эҷодӣ ва ғ.) дар Интернетро рушду такомул медиҳанд.

Ба ҳамин тариқ, истифодаи васоити иттилоотӣ ва технологияҳои нав дар ҷабҳаи таҳсилот барои расидан ба мақсади таълим бояд асоснок ва самтнок карда шавад, то ки вай воситаи самарабахши таълим гардад. Барои расидан ба ин мақсадҳо дониши муайян дар бораи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ҳосил кардан лозим аст. Дар баробари ин ҳам ба муаллимон ва ҳам ба хонандагон лозим аст, ки самарабахшии татбиқи васоит, захираҳои ба онҳо дастрас, инчунин сифати хизмат ва иттилооти пешниҳодшуда аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо диҳанд.

Интернет ба раванди интегратсионӣ шароит фароҳам меоварад, ба ташаккули муносбатҳо дар асоси эҳтироми байниҳамдигарӣ ва бевосита ёрӣ мерасонад ва майлу рағбати маълумотандузиро ба таълим бедор мекунад. Интернет ба ҳар як хонанда имконияти дар алоҳидагӣ такмил додани донишашон гардад, дар як вақт барои кори гурӯҳии хонандагон ва муносибати байни онҳо дар раванди таълим мусоидат менамояд. Ниҳоят муҳим он аст, ки технологияҳои нави омӯзгорӣ азхудкунии донишҳои навро дар раванди робитаи байниҳамдигарии одамон дар шакли гуфтугӯ дар назар дорад. Ин намуди омӯзиш чунин раванди диалектикие мебошад, ки дар он фард нуқтаи назари худро бо дигарон муайян менамояд ва кӯшиш менамояд, ки дар ниҳоят ба ягон хулосаи муайян оянд.

Интернет - хазинаест дорои ҳаҷми ниҳоят калони иттилоот буда, ҳар он нафаре, ки дастрасӣ ба Интернетро дорад, аз мавод, ҳуҷҷатҳо, китобҳо, китобхонаҳо (библиотекаҳо) ва энсиклопедияҳои истифода бурда метавонад (албатта, агар истифодагар донад, ки ин захираҳои дар шабака бударо чӣ тавр ҷустуҷӯ менамоянд). Ҳар як шахс бояд дар шабакаҳои Интернет бо интерфейсҳои мухталиф, системаҳо ва барномаҳои коммуникатсионии чӣ тавр ёфтани маводи лозимиро тавананд.

Интернет ҳамчун захираи таълимӣ бояд ба ҳамон вазифаҳои технологияҳои нав ва васоити омӯзиш, вобаста бошанд, ки онҳо барои пурзур кардани фаъолияти донишандӯзии хонандагон мусоидат намояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования. Под.ред.Е.С.Полат: Изд.Центр «Академия» - 2005– с.152-153.
2. Методика преподавания математики. Оганесян В.А. и др. – М: Просвещение, 1980 – с.27.

3. Современной педагогика. М.Лутфуллоев. Изд. МО и НРТ. 2005–с.15-16.
4. Кредитно-модульная система образования (учебное - методическоепособие). Душанбе «Кайхон» 2014. 206 с.


## ҶАҲОНИШАВИИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР ВА НАҚШИ ОН ДАР РАВАНДИ ТАҲСИЛОТ

Қайд кардан лозим аст, ки татбиқи иттилооти Интернетӣ дар ҳама соҳаҳо пайдо гардид, ки соҳаи таҳсилот, низ аз он орӣ нест. Усули анъанавии паҳншавии маводҳои таълимӣ ва ташкили робитаи баръакс дар байни устодон ва донишҷӯён, аз ҷумла алоқаи почтагӣ ва телефонӣ кайҳо ҷои худро ба почтаи электронӣ ва Web-коммуникатсия додаанд.

Махсусан, дар муҳити таҳсилоти олӣ таълими озод ва фосилавӣ истифода бурда мешавад, ки албатта ба муассисаҳои миёнаи умумӣ низ таъсири худро гузоштааст.

Дар ташаккулёбии ҷамъияти иттилоотию коммуникатсионии навин, ки дар он нақши асосиро ба Интернет медиҳанд ва тавассути он консепсияи ҷаҳонишавӣ назорат менамоянд ва зерсистемаҳои он тавассути васоити коммуникатсия ва шабакахои иттилоотӣ алоқамандӣ пайдо мекунанд.


***Калидвожаҳо:*** *таҳсилот, технологияи муосир, интернет, таълими фосилавӣ, усули анъанавӣ, донишҷӯ, ҷамъияти информатсионию каммуникатсионӣ, комуникатсия, барномаҳои камуникатсионӣ.*


## ГЛОБАЛИЗАЦИЯ СОВРЕМЕННИЫХ ТЕХНОЛОГИЙ И ИХ РОЛЬ В ОБРАЗАВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

Следует отметить, что применение интернет-информации появилось во всех сферах, в том числе и в сфере образования. Традиционные методы распространения учебных материалов и установления взаимной связи между преподавателями и студентами, в том числе почтовая и телефонная связь, давно вытеснены электронной почтой и общением через Интернет.

В частности, в сфере высшего образования используется бесплатное и дистанционное образование, что, безусловно, коснулось и общеобразовательных учреждений.

В формировании нового информационно-коммуникационного общества, в котором главная роль отводится Интернету и через него управляют концепцией глобализации, а его подсистемы связаны через средства связи и информационные сети.


***Ключевые слова:*** *оброзавание, современиче технологий, интернет, дистанционоое обучение, традиционные методы студент, информационно коммуникационное общество, коммуникация, коммуникационные программы.*


## GLOBALIZATION OF MODERN TECHNOLOGIES AND THEIR ROLE IN THE EDUCATIONAL PROCESS

It should be noted that the use of Internet information has appeared in all areas, including in the field of education. Traditional methods of distributing educational materials and establishing mutual communication between teachers and students, including postal and telephone communications, have long been supplanted by e-mail and communication via the Internet.

In particular, in the field of higher education, free and distance education is used, which, of course, also affected general educational institutions.

In the formation of a new information and communication society, in which the main role is assigned to the Internet and through it the concept of globalization is controlled, and its subsystems are connected through means of communication and information networks.


**Key words:** education, modern technologies, Internet, distance learning, traditional methods student, information and communication society, communication, communication programs.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Азизова Файзигул Шарифовна – муаллимаи калони кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, тел.: (992) 918-31-83-62;

**Сведения об авторах:** Азизова Файзигул Шарифовна – старший преподаватель кафедры педагогики и психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (992) 918-31-83-62;

**Information about the authors:** Azizova Fayzigul Sharifovna - Senior Lecturer of the Department of Pedagogy and Psychology of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel.: (992) 918-31-83-62;

**ИМАТОВА М.**

# КОРБУРДИ МУХОТАБ ДАР ДИСКУРСИ СИЁСӢ ВА ХУСУСИЯТИ ТАРҶУМАИ ОН АЗ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Замони истиқлол дар назди аҳли маориф ва илму фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои нав ва ҷиддӣ ба миён гузошт. Вазифаҳои нав ба тарбияи ватандӯстиву

худшиносии ҷомеа, махсусан хонандагону донишҷӯён ва томоми кӯдакону наврасон ва ҷавонон нигаронида шудааст. Дар асоси ин талаботу вазифаҳо ва дастурҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кӯдакистонҳо, мактабҳои ҳамагониву касбӣ ва донишгоҳу донишкадаҳо фанҳои нав ва мавзуъҳои тоза ҷорӣ гардиданд. Дар байни ин масъалаҳо баланд бардоштани маърифати ҷомеа, тарбияи ахлоқи ҳамида, одоби муошират ва ҳусни сухан ҷойи асосиро ишғол менамояд. Баррасии категорияҳои эҳтиром дар забони тоҷикӣ қисми таркибии таҳқиқи ин масъалаҳо буда, аҳамияти илмиву амалии он дар замони мо барҷастатар намоён мешавад.

Ҳадаф аз навиштани мақолаи мазкур таҳлили хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии навъи эҳтиром дар дискурси сиёсӣ ва хусусияти тарҷумаи он аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ мебошад. Он ҳамчунин шомили бознигарии маълумоти назариявӣ оид ба мухотаб ва дискурс аст. Мусаллам аст, ки забони тоҷикӣ аз забонҳои қадимхати ҷаҳон ба шумор меравад. Бо ин забон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти фарҳангӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ асарҳои бешумор офарида шудаанд, ки дар ганҷинаи фарҳангистони ҷаҳон мавқеи хоссаро ишғол менамоянд. Халқҳое, ки таърихи қадим доранд, бо анъанаҳои ибратангези хеш ифтихор менамоянд, ба онҳо бо дидаи ибрат менигаранд, онҳоро ҳифз менамоянд ва ба меърос мегузоранд.

Одобу ахлоқи ҳамида аз ҷумлаи анъанаҳои таърихии миллати тоҷик буда, аз маданияти халқ ва фард башорат медиҳад. Оинаи оламнамои одобу ахлоқ забон аст. Мардуми мо мақоле доранд: Меҳмонро аз рӯйи либос қабул ва аз рӯйи забон гусел мекунанд. Оре, одобу ахлоқ, фазлу дониш ва умуман сиришти инсон ба воситаи забон ифода мешавад.

Бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии навъи эҳтиром дар дискурси сиёсӣ ва хусусияти тарҷумаи он аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ мо мисолҳоро аз матни баромадҳо ва суханрониҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷамъоварӣ намудем, ки бевосита гуфтаҳои болоро дар ин баромад ва суханрониҳо эҳсос намудан мумкин аст.

Лозим ба ёдоварист, ки забони тоҷикӣ аз забонҳои бойтарини ҷаҳон ба шумор рафта, бо ин забон ҳама гуна фикру ният ва муносибатро ифода кардаанд. Категорияи эҳтиром аз рукнҳои асосии одобу ахлоқ ба шумор меравад. Масъалаи мазкур дар омӯзиши адабиёт васеътар баррасӣ мегардад. Вай ҳангоми тасвири ҳар як чеҳраи адабӣ мавриди омӯзиш ва таъкид қарор мегирад. Инчунин дараҷаи таъсир ва баҳрабардории ҳар шахсро забони ӯ нишон медиҳад.

Мафҳуми дискурс дар забоншиносии ҷаҳонӣ аз нимаи дуюми асри гузашта шинохта шуда, мақолаву рисолаҳо ва дастуру китобҳои таълимӣ бо теъдоди зиёде дар атрофи он интишор гардиданд, аммо дар забоншиносии тоҷик фанни дискурс нисбатан нав аст ва дар даҳсолаҳои ахир истилоҳи мазкур дар соҳаи забоншиносӣ хеле серистеъмол гардидааст. Дар давраи ҳозира бархӯрди амалкардию иртиботӣ дискурсро ҳамчун шакли муҳимми ҳаёти ҳаррӯзаи инсон баррасӣ мекунад ва онро чун падидаи мураккаби иртиботӣ, ки ба ғайр аз матн инчунин омилҳои фарозабонӣ (донишҳо дар бораи олам, андешаҳо, одатҳо ва мақсади адресат)-ро, ки барои дарки матн заруранд, фаро мегирад.

Дискурс ҳамчун истилоҳи илмӣ дар доираи як қатор илмҳо, ба мисли забоншиносӣ, антропология, адабиётшиносӣ, мардумшиносӣ, ҷомеашиносӣ, забоншиносии иҷтимоӣ, фалсафа, забоншиносии равонӣ (психолингвистика) ва ғайра хеле фаровон ба кор бурда мешавад, мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд овардааст. Табиист, ки мафҳуми дискурс дар соҳаҳои мухталифи улуми инсонӣ дар тавзеҳи маъно ва моҳияти истилоҳи мазкур равишҳои гуногунро ба вуҷуд меоварад. Бо вуҷуди ин метавон гуфт, ки ба шарофати кӯшишҳои олимони мухталиф назарияи дискурс дар давраи ҳозира ҳамчун соҳаи мустақили байнифанние ташаккул ёфта истодааст, ки тамоли умумии ҳамгироӣ дар илмҳои мазкурро инъикос мекунад.

Маънои нисбатан "қадимӣ"-и вожаи discoғrs дар забони фаронсавӣ мушоҳида мешавад, ки нутқи муколамавиро ифода мекард. Аллакай дар асри XIX ин истилоҳ серистеъмол буд. Дар "Луғати забони олмонӣ"-и Якоб Вилгелм Грим ("Deғtsches Worterbғch"), ки соли 1860 нашр шудааст, маъноҳои зерини вожаи "дискурс" нишон дода шудаанд: 1) муколама, суҳбат; 2) нутқ, лексия. Сабаби асосии рӯ овардан ба омӯзиши матн ин баррасии забон ҳамчун воситаи комили иртибот ва амиқтар омӯхтани робитаи забон бо

паҳлуҳои гуногуни фаъолияти инсон, ки тавассути матн сурат мегирифт, ба шумор меравад. Рушди босуръати забоншиносии матн ҳамчун илм дар бораи моҳият, заминаҳо ва шароити иртиботи байни инсонҳо боиси гузариш аз омӯзиши забон (лингвистикаи забон) ба омӯзиши нутқ (лингвистикаи нутқ) гардид ва таваҷҷуҳ ба амали иртиботро бештар кард [krғgosvet.rғ].

Аз ибтидо дар чаҳорчӯби пажӯҳишҳое, ки ба ташкили матни нутқи мураттаб бахшида шуда буданд, марбут ба тафсири терминологии объекти таҳқиқот, инчунин объекти худи соҳаи забоншиносие, ки матнро меомӯхт, баҳс сурат мегирифт. Истилоҳи дар ибтидо пайдошудаи "лингвистикаи матн" дар назари бисёр олимон номатлуб менамуд ва дар бисёр корҳои забоншиносӣ матни нутқи мураттабро дискурс ном мебурданд. Дискурс дар "Луғати мухтасари истилоҳоти лингвистикаи матн"-и Т.М. Николаева чунин зикр гардидааст: Дискурс мафҳуми лингвистикаи матн мебошад, ки аз ҷониби як гурӯҳ муаллифон ба маъноҳои қариб омонимӣ кор фармуда мешавад. Муҳимтаринашон инҳо мебошанд: 1)матни мураттаб; 2) шакли шифоҳӣ-гуфтугӯйии матн; 3) муколама; 4)гурӯҳи ифодаҳое, ки аз рӯйи маъно бо ҳам алоқамананд; 5) асари нутқии хаттӣ ва ё шифоҳӣ"[Николаева,1978, с.467].

Забоншинос ва олими фаронсавӣ Э. Бенвенист дар бораи дискурс ҳамчун дар бораи "нутқе, ки ба гӯянда тааллуқ дорад" сухан меронад: "дискурс маҷмуи одии ибораҳо маҳсуб намеёбад ва ҳангоми тавлиди он ҷудоӣ аз сохтори грамматикии забон сурат мегирад. Дискурс ин объекти эмпирикие мебошад, ки ба он забоншинос бархӯрд мекунад, вақте ки ӯ пайҳои субъекти амали гуфтор ва унсурҳои шаклие, ки ба корбурди забон аз ҷониби гӯянда ишора мекунанд, ошкор менамояд"[Гийому 1999, с.124].

Барои тасдиқи гуфтаҳои фавқуззикр ба мисолҳои ҷамъоваринамуда рӯ оварда, онҳоро аз рӯйи сохтор ва маъно таҳлил ва баррасӣ менамоем:

***Ширкаткунандагони гиромӣ!*** *Мо итминон дорем, ки муқовимати самаранок ба таҳдидҳои муосири амниятӣ танҳо тавассути талошҳои муштараку ҳамоҳангшуда ва татбиқи чораҳои муназзам натиҷа ба бор меорад. -* ***Ladies and Gentlemen!*** *We believe that effective coғntering to the cғrrent secғrity threats can bring resғlts only throғgh joint and concerted efforts and implementation of coherent measғres (17.05.2019).*

Дар ин мисол ифодаи эҳтироми ***Ширкаткунандагони гиромӣ!*** истифода шудааст, ки он аз рӯйи сохтор аз ду калима иборат мебошад. Калимаҳои ***тамошобин, меҳмон, иштирокчиён, муштарӣ*** ва ***ҳозирин*** калимаи мазкурро маънидод карда метавонанд. Дар забони англисӣ он ***Ladies and Gentlemen!*** тарҷума шудааст, ки, он низ аз ду калима иборат мебошад ва бо роҳи тарҷумаи маъноӣ тарҷума шудааст. Муодили пурраи ифодаи мазкур дар забони тоҷикӣ ***Хонумон ва Ҷанобон*** мебошад. Азбаски дар забони тоҷикӣ варианти болозикр истифода гардидааст, аз ҷиҳати маъно ва хусусияти услубӣ, яъне ифодаи эҳтиром, дар матни мавриди назар варианти тоҷикиро пурра иваз менамояд. Мавриди зикр аст, ки аҳли фазл аз рӯйи забон, дониш, маданият, касбу кор, савияи маърифати оила, ният ва шахсияти ҳамсуҳбатро муайян мекунанд. Бояд қайд намуд, ки мавридҳои маъмули ифодаи мухотаб дар мактубҳои табрикотӣ, номаҳои расмӣ, суханрониҳо ва баромадҳо ба назар мерасад.

Мисоли дигар: ***Муҳтарам Муовини Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид! Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо! - Excellency Fnder-Secretary General of the Fnited Nations! Distingғished Heads of Delegation!*** *(17.05.2019).*

Тавре ки мушоҳида мешавад, дар ин ҷумла ифодаҳои эҳтиромии хеле маъмули байналмиллалие қайд гардидаанд, ки хусусан, дар ҳамоишҳои сиёсӣ истифода мешаванд. Бевосита калимаи ***Созмони Милали Муттаҳид-ро*** ибораи устувори сиёсӣ гуем, низ хато намешавад. Дар тарҷумаи забони англисӣ калимаи ***Муҳтарам- Excellency*** тарҷума шудааст, ки дар луғатҳои дузабона тарҷумаи онро ***ҷаноб, ҳазрат*** мушоҳида намудан мумкин аст. Бояд қайд намуд, ки ***Excellency-*** асосан барои одамони обрӯманд, шахсони дарборӣ, ашрофзодагон ва хусусан дар Англияи ҳозира барои вазирон, сафир ва ҳамсарони онҳо калимаи мазкурро ҳамчун ифодаи эҳтиром истифода мебаранд. Инчунин шахсоне, ки дар мансабҳои олӣ қарор доранд, калимаи мавриди назар истифода бурда мешавад. Дар ҷумлаи дуюм яъне ***Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!*** калимаи ***Муҳтарам- Distingғished*** тарҷума шудааст, ки он назар ба ҷумлаи якум мувофиқтар мебошад. Ва тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ***мукҳтарам ва гиромӣ*** мебошад.

Аз мисолҳои қайдгардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки эҳтиром натиҷаи воқеии маърифати инсон аст. Дараҷаи маърифат, одобу муомилаи инсон дар забон ифода мешавад.

Забон оинаест, ки ахлоқу одоби шахсро бо ҳамаи нозукиҳояш ба ҷаҳониён намоиш медиҳад.

Барои боз ҳам равшантар гардидани ҳадаф ба мисоли дигар рӯ меоварем: ***Ҳозирини гиромӣ****, Мо аз ҳолат ва раванди ҳамкориҳо миёни Тоҷикистон ва Эрон дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ изҳори қаноатмандӣ кардем.* ***- Distingгished participants,*** *We expressed satisfaction over the state and process of cooperation between Tajikistan and Iran in the framework of international and regional organizations (18.09.2021).*Тавре ки ишора намудем, мухотаб яке аз воситаҳои ифодаи эҳтиром буда, дар ин ҷумла низ ифодаи эҳтироми ***Ҳозирини гиромӣ*** истифода шудааст, ки он аз ду реша иборат мебошад. Дар матни англисӣ низ он аз ду калима иборат буда, бо роҳи тарҷумаи таҳтуллафзӣ интиқол ёфтааст, яъне ***Distingгishe-гиромӣ; participants-ҳозирн, иштирокдорон.*** Эҳтиром категорияест, ки танҳо ба шахс равона карда шудааст. Аз ин ҷиҳат, ҳамаи восита ва роҳҳои ифодаи он ба категорияи шахс мансубият дорад. Мухотаб ҳамчун воҳиди маъмули наҳв дар ҷумла мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Қатъи назар аз он, ки дар таркиби кадом ҷумла меояд, чӣ гуна хусусият ва оҳанг дорад, амру хитобро ифода мекунад ва ё саволу ахборро, тамоми ҷумла ва оҳанги он ба мухотаб вобаста аст. Дар ин маврид ба кадом категорияи луғавӣ ифода гардидани мухотаби соҳибэҳтиром аҳамият надорад, чунки ҳамаи калимаву ибораҳо як вазифаи дастуриро адо менамоянд. Мисоли дигар, ки дар он мухотаб дар шакли ҷамъ ва чида омадааст:

***Ҳамватанони азиз! Ҳозирини гиромӣ!*** *Гузашти вақт беш аз пеш собит менамояд, ки ҳастии ҳар давлату ҷомеа, рушди озодона ва сарбаландии ҳар як фарди он маҳз ба истиқлолияту озодӣ ҳамчун кафолати асосии бақои миллатҳо вобастагии мустақим дорад.* ***- Dear compatriots! Distingгished aгdience!*** *The passage of time гndeniably proves that the existence of any state, society and the free development and pride of every member are inseparably linked with independence and freedom as a basic gгarantee of eternity of nations (07.09.2013).* Дар ин ҷумла ифодаи эҳтиром шакли ҷамъ яъне ***Ҳамватанони азиз! Ҳозирини гиромӣ!*** зикр гардидааст. Чунон ки мушоҳида мешавад, ин тарзи ифода бештар ҳангоми суханронӣ дар маҷлисҳои тантанавӣ корбаст мешавад. Ҳар ду ифодаи эҳтиром ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ аз ду калима иборат мебошад. Ба забони англисӣ бо роҳи тарҷумаи таҳтуллафзӣ тарҷума шудаанд.

Ҳамгирои фанҳо дар мактаби муосир яке аз самтҳои ҷустуҷӯйи фаъоли хелҳои педагогии нав буда, ба беҳтаргардонии ҳолати корҳо ва дар онҳо инкишофи потенсиалҳои колективҳои педагогӣ ва омӯзгорони алоҳида бо мақсади таъсири пурсамари хонандагонро мусоидаткунанда, мебошад. Ҳамгиро ҳамчун зуҳурот пеш аз ҳама, дар соҳаҳои амалӣ ва фундаменталии он пайдо шудааст. Вай дар фанни мутақобилияти худ-дифференсиатсияи тафриқаи илм ва соҳаҳои он ҳаҷми афзояндаи донишҳо ва талабот ба онҳо дар ҳар як соҳа пайдо шудааст, ки ин ба махсусгардонӣ дар илмҳо ва дохили илмҳо ва пайдошавии шумораи нави илмҳо аз як дарахти яклухт ҷудошаванда пайдо шудааст. Ҳамгирои байнифанҳои таълимӣ системаи фанниро инкор намекунад. Вай роҳи имконпазири такмили он, бартарафкунии нуқсони он буда, робитаи байниҳамдигарӣ фанҳо мебошад. В.И.Иванцова,

қайд мекунад, ки вазифаи илми педагогӣ-ба омӯзгор дар амали гардонидани интегронӣ ба барқароркунӣ ва муттаҳидкунии элементҳои ҷудогона ва қисмҳои фанҳои гуногун ба ягонаи кул равона карда шуда кӯмак расонидан мебошад. [13, с.51-53]

Сухан дар бораи он аст, ки ҳар кадар донишҳои илмӣ афзоянд, фанҳою равияҳои нав арзи вуҷуд кунанд, мазмуни: маълумот ганӣ гардад, ҳамон қадар интихоб ва ба низом даровардани мазмуни маълумоти мактабӣ мушкил мешавад.

Механизми ҳамгироӣ (қобилият ба синтези иттилоот) дар табиати худи тафаккури инсонӣ гузошта шудааст. Бинобар ин, бисёре аз педагогҳои гузашта ба ғояи ҳамгироии байнифаннӣ муроҷиат кардаанд.

Масалан, ғояи ҳамгироӣ дар андешаи Ҷ,. Локк бо таърифи мазмуни таҳсилот вобаста аст, ки як Фан бояд бо унсурҳо ва далелҳои фанни дигар пур карда шавад.

Тамоилҳои муосири таҳсилот равандҳои зиёде доранд, ки дар байни онҳо амалисозии дарсҳо, курсҳо ва фанҳои ҳамгирошуда ҷойи муҳимро ишғол мекунанд. Дараҷаи муосири рушди илм ба рушди ғояи педагогии ҳамгироӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Имрӯз ҷомеашиносиро бе моделбандии риёзӣ, генетикаро бе синтези ботаникӣ, биологӣ, химиявӣ ва риёзӣ тасаввур кардан душвор аст. Муттаҳидшавӣ ва пайдоиши илмҳое чун астрофизика, биохимия, биофизика ба таври равшан ҳамгироии донишҳои чамъиятӣ, гуманитарӣ, табиӣ ва техникиро нишон медиҳад. [17, с. 42-45].

Ҳамгиро дар мактаби ҳозира аз рӯи якчанд самт ва дар дараҷаҳои гуногун мегузарад. Дар ин ҷо дараҷаҳои дохили фаннӣ ва байнифаннӣ ҷудо карда мешавад. Е.Ю.Сухаревская инчунин ҳамгирои байнисистемавӣ номидашавандаро ҷудо мекунанд.

Сухаревская Е.Ю. изҳор мекунад, ки мафҳуми ҳамгиро нисбат ба системаи ибтидоӣ якчанд қисмат қабул карда мешаванд:

- дар хонанда барпо намудани тасаввуроти яклухт дар бораи олами атроф (дар инҷо ҳамгиро ҳамчун мақсади таълим дида баромада мешавад). Натиҷаи чунин ҳамгиро-хонанда он донишҳоро ба даст меоварад, ки онҳо алоқамандии қисмҳои ҷудогонаи оламро ҳамчун система инъикос мекунанд, кӯдак аз қадамҳои нахустин оламро ҳамчун ягонаи кул, ки дар он ҳамаи элементҳо алоқамананд, тасаввур мекунад;
- ёфтани платформаи умумии наздикшавии донишҳои фаннӣ (дар ин ҷо ҳамгиро воситаи таълим мебошад). Дар ҷои фасли донишҳои фаннии анъанавӣ бачагон тасаввуроти нав ба навро дар бораи зуҳуроти олами атроф ба даст оварда, ба таври системавӣ онҳоро васеъ ва пурра мегардонанд.
- инкишофи хонандагон. Ҳамгиро дар таълим бо характери диалетикии намуди муосири тафаккури илмӣ шарҳ дода мешавад.

Хусусиятҳои интихоби мундариҷа ҳангоми ингтерагсия аз инҳо иборат мебошанд: Ҳамгирои мавод аз фанҳои анъанавӣ, классикӣ ва ба ҳамгиро дохил намудани маводи мундариҷагӣ барои мактаби нав. Дар буриши ин муносибатҳо натиҷаҳои гуногун ба даст оварда мешаванд:

- пайдоиши курсҳои мутлақо нав (фанҳо);
- пайдоиши сиклҳои (блокҳо) дарсҳои муттаҳид кунандаи маводи як ё якқатор фанҳо бо нигоҳдории мустақилияти мавҷудият;
- дарсҳои интерагтивӣ якмаротибагии дорои дараҷа ва характерҳои гуногун.

Григорьева И.А. тасдиқ мекунад: «Дохилкунии чунин системаи дар таълим тафриқаро инкорнакунанда, балки онро пуракунанда назар ба таълими фаннии анъанавӣ ба тарбияи шахси ҷавони пурдон ва босавод мусоидат менамояд, ки ӯ дорои ҷаҳонбинии васеъ, қобилияти мустақилона системанок кардани донишҳои хеш ва ба ҳалли масъалаҳои мухталиф рафторкунанда мебошад» [12, с. 6-7]

**Акнун амалигардонии воситаи асосии ҳамгироии байнифаннро таввасути ҳалли масъалаҳои математикӣ нишон медиҳем.**

**Масъалаи 1**. «Тоҷикистон бо Ӯзбекистон ва Қазоқистон дар бораи интиқоли гандум шартномаи ҳамкорӣ баст. Нархи гандум аз Қазоқистон -608 доллар барои 1-тона, аз Ӯзбекистон -308 доллар барои 1 тона мебошад. Ба маблағе, ки барои Қазоқистон харидани 60 тона гандум сарф мешавад, аз Ӯзбекистон чанд тона гандум харидан мумкин аст? Нархи 1 кг гандум чанд сомонӣ мебошад?»

**Ҷадвали 1**

| **Категория** | **Донишҳои математикӣ** | **Донишҳои иқтисодӣ** | **Донишҳо дар соҳаи «Олами атроф» ё табиатшиносӣ** | **Қайд** |
|---|---|---|---|---|
| Фазо. Шакл. Бисёршакла. | Мафҳум оид ба соҳаи маҳдуд. Масоҳати фигу-ра дар ҳам-ворӣ. Ченку-нии масоҳат бо палетка. Масъалаи рангкунии харита | Савдои берунӣ дарунӣ. Боозор, пул. Асъор. Ман-фиати иқти-содӣ. Даро-мад. Ҳамко-рии иқтисо-дӣ | Донишҳои географӣ: дар бораи дар харита ҷойгиршавии мамлакатҳои нишондодашуда. Шароити обу ҳавои ҳар яки онҳо | Ҳангоми кор бо масъала. Ха-ритаи контурии африқаи. Шимолӣ ё расм бо контри мам-лакатҳои дода-шуда. Нишон дода шуда ме-тавонад. |
| Бузургӣ | Масса ва ченкунии он, воҳидҳои ченкунии масса: тона ва кг. Нарх, миқдор, арзиш, вобастагии байни онҳо | Арзиш ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ, даромад. Андоз, фаъолияти иқтисодӣ | Ҷамъовари, кашонидан ва нигоҳдоштани афлесун меҳнат. | Дар ин ҷо муносибат ба муаянкунии арзиши муҳим аст: ҳамчун бузургии склярӣ-ададитивӣ бо хосиятҳои хоси он; ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ. |
| Модел | Адад ҳамчун натиҷаи ченкунии бузургӣ, муқоисаи ададҳо, қоидаи гузориши аз я воҳид ба дигар воҳид. Баробари ва муодилаҳо. | Созишнома. Контракт. мувофиқат | Хуҷатҳо дар бораи ҳамкории мамлакатҳои гуногун; муҳосибати байни мамлакатҳо. | Дар ин ҷо фарқ кардани мафҳумҳои иқтисодӣ муҳим аст: нишон додани моделҳои гуногуни математикӣ ҳангоми ҳалли ин масъала. |
| Тағирёбӣ | Вобастагиҳои мутаносиби роста ва чапа. Тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо, аз нав тавсия додани масъалаҳои додашуда. | Сиёсати нархӣ. Инфлексия. Тафовути нархҳо барои як маҳсулот. Имконият, экспорт. | Ҳалли чунин саволҳо ба монандӣ: чаро Тоҷикистон гандум импорт мекунад? Оё онро дар ҳудуди давлати додашуда харидан мумкин аст? | |

**Масъалаи 2.** Дар натиҷаи таъмири ду синфхонаи мактаби мо задани плинтусҳои нав лозим шуд. Ин кор барои кадом синф арзонтар шавад, агар фарши як синфхона росткунҷашакли дарозиаш 9м бараш 4м, фарши синфхонаи дигар-квадратшакл буда, тарафаш 6м бошад? Рангкунии фарши кадом синфхона арзонтар мешавад?

**Ҷадвали 2**

| **Категория** | **Донишҳои математикӣ** | **Донишҳои иқтисодӣ** | **Донишҳо дар соҳаи «Олами атроф» ё табиатшиносӣ** | **Қайд** |
|---|---|---|---|---|
| Шакл. Фазо. Бисёршакла | Росткунча. Квадрат. Куб. паралелопипед. | Фоидаи иқтисодӣ | Сохтмон, таъмир, мактаб. | Супоришҳои иловагӣ дорои равияи сохтмонӣ дошта метавонад: расми мактаби худро кашидан. Мактаби навро фикр карда баромадан. |
| Бузургӣ | Дарозии масоҳат. | Сарфи мавод | Плинтус аз чи сохта мешавад? | Дар ин ҷо маъ-нои мафҳумҳои дарозӣ ва масо-ҳат ва хосият-ҳои он муҳим аст. |
| Модел | Адад ҳамчун натиҷаи ченкунии дарозӣ ва масоҳат, муқоисаи ададҳо ва амалҳо бо | Созишнома дар бо-раи таъ-мири син-фхонаҳо. | Таъмири ҳар як синфхона чиро дар бар мегирад? | Масъаларо бо саволҳо оид ба сафедкунии шифтҳо ва |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | онҳо. | | | деворҳо (агар баландиишифтҳо якхела бошад) пурра карда шуда метавонад. |
| Тағирёбӣ | Вобастагии периметр ва масоҳати росткунҷа аз дарозии тарафҳои он | Дар кадом синфхона задани плинтус мошингар ва коргарон қулай аст. Дар кадомаш ранг кардани фаршҳо. | Муномибати эҳтиёткорона ба моликияти мактаб дар тӯли соли таҳсил. | Саволи иловаги дар бораи тағйирёбии сарф ҳангоми як синфхона шакли хуб, дигараш, паралелопедро доштан. |

**Масъалаи 3.** Чи хеле, ки маълум аст, ойилаи Фароммарз қарор дод, ки аз давлат говро ба иҷора гирад. Азбаст, ки гов бисёр шир медод, Фароммарз қарор дод, ки 1 литр ширро бо нархи 20 сомонӣ фурӯшад. Агар ҳар рӯз Фароммарз 12 литр шир фурӯшад, дар як ҳафта он чӣ қадар даромад мегирад? Дар як моҳ чӣ? Агар барои нигоҳубини гов дар як моҳ 1000 сомонӣ сарф шавад, вай чи қадар фоида меорад?

**Ҷадвали 3.**

| **Категория** | **Донишҳои математикӣ** | **Донишҳои иқтисодӣ** | **Донишҳо дар соҳаи «Олами атроф» ё табиатшиносӣ** |
|---|---|---|---|
| Шакл. Фазо. | Доира, давра, силиндр. Конус конуси сарбурида. | Иқтисодиёти деҳот. | Ҳайвоноти хонагӣ |
| Бузургӣ | Ҳаҷм, арзиш, нарх, миқдор. | Сарф. Фоида. Даромад. | Доштани ҳайвонот дар деҳа. Ҳайвоноти калони шохдор. |
| Модел | Ифода, муодила, ҳалли масъала. | Формулаи даромад. | |
| Тағйирот | Вобастагии байни бузургиҳо: арзиш ва миқдор, арзиш. | Вобастагии даромад аз миқдори шир ва аз нигоҳбинии гов. | Миқдори шире, ки гов медиҳад, аз чи вобаста аст? |

**Масъалаҳо оид ба корҳои мустақилона**

**Масъалаи 1.** Масофаи байни шаҳрҳои A ва B 530 км аст. Аз шаҳри A ба шаҳри B ва баръакс дар як вақт ду поезд ба пешвози якдигар ба роҳ баромаданд. Суръати поезди аз шаҳри A ба шаҳри B ҳаракаткунанда ба 50км/соат ва суръати поезди аз шаҳри B ба A ҳаракаткунанда ба 56км/соат баробар аст. Поездҳо баъди чанд соат ба якдигар вомехӯранд?

**Масъалаи 2**. Ду варзишгар аз охирҳои як роҳрав ба пешвози якдигар ба роҳ баромаданд. Варзишгари якум то вохӯрӣ 3 соат бо суръати 12км/соат ва варзишгари дуюм то вохӯрӣ 2 соат босуръати 15 км/соат роҳ рафт. Онҳо якҷоя чӣ қадар масофаро тай намуданд.

**Масъалаи 3.** Талаба рӯзи якум 28 саҳифа, рӯзи дуюм 32 саҳиҳа ва рӯзи сеюм 30 саҳифа китоб хонд.Талаба ҳар рӯз ба ҳисоби миёна чанд саҳифа китоб хонд?

**Масъалаи 4.** Коргар моҳи январ 820 сомонӣ, моҳи феврал 825 сомонӣ, моҳи март 845 сомонӣ ва моҳи апрел 870 сомонӣ маош гирифт. Коргар ба ҳисоби миёна ҳар моҳ чанд сомонӣ маош гирифт.

**Масъалаи 5**. Велосипедсавор соати якум 10км, соати дуюм 15км ва соати сеюм 11км масофаро тай намуд. Велосипедсавор ба ҳисоби миёна чанд километр масофаро тай намудааст?

**Масъалаи 6**. Ду ҳамсоя якҷоя 180кг картошка хариданд ва онро дар байни худ чунон тақсим намуданд, ки ҳамсояи якум як ҳиссаи картошка ва ҳамсояи дуюм се ҳиссаи картошкаро соҳиб шуд. Ҳар як ҳамсоя чанд килограмм картошка гирифт?

**Масъалаи 7.** Ба дӯкон 24 ҷуфт муза ва 37 ҷуфт туфли оварданд. Баъди фурӯхтани як чандто пойафзол 13 ҷуфт пойафзол боқӣ монд. Чанд ҷуфт пойафзолро фурӯхтанд?

Барои тартиб додани ин хел масъалаҳо мо аз рӯйи принсипи зерин амал кардем: мазмуни математикии додашудаҳои масъала бояд ба талаботи барномавӣ ё ҳамчун минимум ба талаботи стандартии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муофиқ бошад; масъала бояд истилоҳҳои иқтисодиро дар бар гирад, формулаи масъалаҳо бояд ҷараёнҳои воқеияти реалиро иникос карда, маводи соҳаи таҳсилотии «олами атроф»-ро дар бар гирад. Интерагсияи фанҳо ба воситаи системаи категорияҳо, ки дар бораи онҳо пештар гуфта шуда буд, амалӣ гардонида мешавад. Соҳаи «Олами атроф» имкон медиҳад, ки дарки яклухти олами атроф ташаккул дода шавад, мафҳумҳои иқтисодӣ ва категорияҳо характери амалии проблемаи воқеяти атрофро инъикос мекунад, ҳалли чунин проблемаҳо бо донишҳо аз соҳаи математика амалӣ гардонида мешавад.

Ҳамин тариқ, интегратсия-ин раванди наздикшавии илм ва таҳсилот мебошад, ки дар баробари равандҳои тафриқакунӣ сурат мегирад. Ин равандҳо дар тарзи таҳияи системаи фанҳои таълимӣ ва ҷустуҷуйи тарзҳои донишҳои ҷамъбастии шогирдон инъикос меёбанд.

Аз олимон-педагогҳои муосири тоҷик муҳаққиқон М. Лутфуллоев ва Ф. Шарифзода дар саргаҳи таълими ҳамгиро қарор доранд. Академик М. Лутфуллоев дар чанд асари худ, аз ҷумла «Дарс» (соли 1995), «Дидактикаи муосир» (2001), «Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин» (соли 2006) масъалаи ҳамгирои таълими фанҳоро дар шароити имрӯза ба миён гузошта таъкид мекунад: «...фанҳои бо ҳам монанду наздикро ҳамгиро (интегратсия) карда, ба мактаббачаҳо дар хусуси яклухтии ҳодисаю воқеаҳои табиату ҷамъият маълумот диҳем ва ба ҳамин бори сангини тахаюлотҳоро сабуктар намоем, то ки онҳо битавонанд фурсат ёфта ба корҳои мувофиқ шавқу ҳавас ва лаёқаташон машғул шаванд».

Қобили қайд аст, ки академик Ф. Шарифзода таъкиди устодаш М. Лутфуллоевро дастгирӣ карда, асосҳои назарию амалии таълими ҳамгироро дар мисоли фанни «Забони модарӣ» проблемаи таҳлилу таҳқиқи худ қарор медиҳад ва оид ба он рисолаи докторӣ дифоъ намудааст. Ҳамзамон муҳаққиқ Ф. Шарифзода асарҳои зеринро ба чоп мерасонад:

1. Назария ва амалияи таълими ҳамгиро дар марҳалаи ибтидоии мактабӣ миёна.
2. Таълими муштарак-асоси инкишоф ва тарбия.
3. Таълими ҳамгиро: проблема, таҳқиқ; ва андешаҳо (китобҳои 1ва 2).

Муаллифи ин асарҳо дар натиҷаи тахлилу таҳқиқ ба хулосае меояд, ки «Танҳо дар асоси ҳамгиросозии фанҳои таълимии мантиқан наздик ва аз ҷиҳати мақсаду вазифаҳо ба ҳам хеш метавонем сарбории хонандагонро бартараф созем ва ҳамзамон азхудкунии донишҳои амиқу гуногунпаҳлуро.., таъмин намоем».

Таълими ҳамгиро рақибон ҳам дорад, ки ин аз як сӯ, ба маҳдудияти доираи назар ва дарк накардани моҳияти масъала бошад, аз сӯйи дигар, фарқ нагузоштан байни таълими ҳамгиро ва алоқаи байни фанҳо мебошад. Баёни муносибати ин ду мавзӯи дигар аст. Ба ҳарҳол чаҳонгаройӣ, ки хоси чомеаи муосир аст, собит сохт, ки ин тарзи таълим оянда дурахшон дорад. [17, с. 42-45].

**Хулоса:** Дар як қатор таҳқиқоти диссертатсионӣ ин масъала нисбат ба мактаби миёна ва ҳам ба синфҳои ибтидоӣ дида баромада мешавад. (Л.Л.Багова, Т.В.Василенко, С.М.Нехай, Е.А.Паландянц ва дигарон.). [17, 43, 179, 188] Қариб ҳамаи таҳқиқотчиён пешниҳод мекунанд, ки ҳамгирои байнифанҳо дар барнома пешбинӣ кардашуда амалӣ гардонида шавад. Аксар вақт ин дар баҳои воридшавии мундариҷаи як фан ба фанни дигар ё ҷуфт- ҷуфт ё якчанд фанҳои ба ҳам наздик ифода меёбад. Вақт ва замони нав дар назди таълим ва соҳаҳои ҳамгиро вазифаҳои нав мегузорад. Бо ёрии категорияҳои иқтисодӣ ва мафҳумҳо ба дарки яклухт ва дарбаргирии васли олами атроф, ки қисми мафҳуми он муносибатҳои иқтисодӣ мебошанд, мусоидат кардан лозим мебошад. Ҳамаи гуфторҳои болоӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ғояи ҳамгирои байнифаннӣ яке аз самтҳои преспективӣ дар инкишофи дидактика мебошад.

Масъалаҳалкунӣ боиси инкишофи қобилияти мантиқӣ ва фикрии хонандагон мегардад. Ба инкишофи шахсияти онҳо низ таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, ба омӯзгор зарур аст, ки доир ба масъалаҳои ҳамгироии байнифании математикии матнӣ маълумоти кофӣ дошта бошад ва як масъаларо бо якчанд роҳу усулҳои гуногун ҳал намуданро ӯҳда карда тавонад.

**АДАБИЁТ**

1. Аргинская, И.И. Математика. 1 класс [Текст] / И.И Аргинская, Е.И.Ивановская. - Самара, 2003.- 192 с.
2. Аргинская, И.И. Математика. 2 класс [Текст] / И.И. Аргинская, Е.И.Ивановская. - Самара, 2003.- 192 с.
3. Аргинская, И.И. Математика. 3 класс [Текст] / И.И. Аргинская, Е.И.Ивановская.- Самара: 2003.- 192 с.
4. Барномаи мактабҳои миёна. Математика 5-6. - Душанбе, Маориф, 2002. -16 с.
5. Барномаи мактабҳои миёна. Алгебра 7-11. - Душанбе, Маориф, 2002. - 34 с.
6. Барномаи география. - Душанбе, Маориф. – 2002. – 23 с.
7. Бегимов Ҳ.Х., Иззатуллоев К., Пирназаров А., Раҷабов Т. Маҷмӯи масъалаҳо аз математика. – Душанбе: 2020. -295 с.
8. Бегимов Ҳ.Х., Рабиев С., Раҷабов Т.Б., Наҷмиддинов А.М. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе: 2020. -233 с
9. Бахарева, Л.И. Интеграция учебных занятий в начальной школе на краеведческой основе [Текст] / Л.Н.Бахарева // Иачальная школа - 1191. - *N^S* - с. 48-51.
10. Белоусова, Л.В. Математика, конструирование и художественный труд [Текст] / Л.В. Белоусова//Начальная школа.- 2003.- №6.- с.37-41.
11. Василенко, Н.В. Интеграция на основе использования новых инфор-мационных технологий в общеобразовательной школе [Текст]: автореф. дисс.... канд. пед.наук/Н.В. Василенко. - СПб, 2001. - 2 3 с.
12. Григорьева, И. А. Чтобы что-нибудь получилось, не обязательно долго мучиться [Текст] / И.А.Григорьева // Учительская газета.- 1998.- №3.-с. 6-7.
13. Иванцова, В.И. Реализация идеи интеграции науки в систему базового образования в начальной школе [Текст] / Т.В.Иванова // Начальная школа.- 1993.-.№10.- с. 51-53.
14. Иехай, С.К. Межпредметная интеграция в системе развивающего обучения в начальной школе [Текст]: дисс. ... канд. пед. наук / С.К.Нехай. -Майкоп, 2002.- 146 с.
15. Коменский, Я.А. Избранные педагогические сочинения [Текст] Я.А.Коменский.- М., 1955.- с.285.
16. Лернер, И.Я. Процесс обучения и его закономерности [Текст] / И.Я. Лернер. - М., 1980. - 256 с.
17. Лутфуллоева З. «дар слргаҳи таълими ҳамгиро ва муносибати он бо алоқаи фанҳо» Масъалаҳои равоншиносӣ ва омузгорӣ – Қурғонтепа соли 2011, 98 саҳ с. 42-45,
18. Межпредметная ннтеграцня в образовательном нроцессе в начальной школе. [Электронный ресурс] - http://www. bolshe. Rғ /ғnit/18/books/3530/s/l
19. Паладяиц, Е.А. Формирование научного мировоззрения школьников средствами межпредметной интеграции [Электронный ресурс]: дне. ... канд. пед. наук / Е.А.Паладянц. - Армавир, 1999. - 167 с. РГБ ОД, 61:00- 13/556-0.
20. Сухаревская, Е.Ю. Технология интегрированного урока [Текст]: практич. пособ. для учителей начальной школы, студентов пед. учеб. заведений, слушателей РШК / Е.Ю.Сухаревская. - Ростов н/Д: Изд-во «Учитель», 2003.-128 с.
21. Философский словарь [Текст] - М.: Советская энциклопедия, 1983.**-710** с.

## АМАЛИСОЗИИ МАФҲУМИ ҲАМГИРОИИ БАЙНИФАННӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАМЕМАТИКИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақолаи мазкур робитаҳои байни фанҳои таълими математика, забони модарӣ ва табиатшиносӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва ҳамгирои байни фанҳои мувофиқ дида баромада шудааст. Инчунин методикаи таълими ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар асоси ҳамгироии байнифаннӣ, ки муносибати салоҳиятнокиро амалӣ мегардонад ва робитаи фанни математика бо иқтисодиёт дар намуди ҷадвал пешниҳод карда шудааст.

Гуфтан бамаврид аст, ки амалисозии муносибати салоҳиятнокӣ ба таълими ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул ёфтани саводнокии хусусиятҳои асосии математикиро таъмин менамояд.

Вазифаҳои асосии таълими математика дар марҳилаи ҳозира яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълими математика ба хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ ташаккул додани фаъолияти маърифатӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ, инчунин инкишофи тафаккури мантиқӣ ва фаъолияти амалии онҳо - ин омӯзиши ҳалли амалисозии мафҳуми ҳамгироии байнифаннӣ ва хусусиятҳои он дар раванди таълими мамематикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст.

**Натиҷаи тадқиқот:** Якҷояшавии байнифаннӣ дар таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ на фақат ба ташаккулёбии методҳои умумии кор бо

масъалаҳои матнӣ дар хонандагони хурдсол таъсири мусбат мерасонад, балки нишон дод, ки ҳангоми шинос кардани хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо муносибати салоҳиятнокӣ ба омӯзиши ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар асоси ҳамгироии байни фаннӣ иҷро кардашуда метавонад. аз тарафи онҳо азхуд карда шудани донишҳои назариявию амалӣ аз математика мусоидат мекунад.

***Калидвожаҳо:*** *ҳамгироии байнифаннӣ, ҳалли масъалаҳои матнӣ, корҳои беруназсинфӣ, робитаи байни фанҳои таълимӣ, истифодаи методҳои математикӣ, муассисаҳои таълимӣ, донишҳои иқтисодӣ, арзёбӣ дониши хонандагон, татбиқи дониш дар амал, таҳсилот, таълим, тарбия, дониш, малака, маҳорат, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, математикаи синфҳои ибтидоӣ, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, муносибати салоҳиятнокӣ,.*

## РЕАЛИЗАЦИЯ КОНЦЕПЦИИ МЕЖДИСЦИПЛИНАРНОЙ СВЯЗИ И ЕЕ ХАРАКТЕРИСТИКА В ПРОЦЕССЕ МАТЕМАТИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

В данной статье рассматриваются связи между преподаванием предметов математики, родного языка и естествознания в начальных классах и интеграция между соответствующими предметами. Также метод обучения решению текстовых математических задач представлен в виде таблицы в виде междисциплинарной интеграции, реализующей взаимосвязь компетенций и связь предмета математики и экономики.

Стоит сказать , что реализация компетентностного подхода к обучению решению математических текстовых задач у учащихся начальной школы обеспечивает формирование грамотности основных математических признаков.

Основными задачами обучения математике на современном этапе, одним из путей повышения качества и эффективности обучения математике учащихся начальных классов общеобразовательных учреждений является развитие познавательной активности при решении текстовых задач, а также развитие их логического мышления. мышление и практическая деятельность – это обучение решению концепции межпредметной интеграции и ее особенностей в процессе математического образования учащихся начальной школы. преданный

**Результат исследования:** Межпредметная интеграция в обучении младших школьников при решении текстовых математических задач не только положительно влияет на формирование у младших школьников общих приемов работы с текстовыми задачами, но и показала, что при приобщении младших школьников к грамотному подходу к обучению для решения математических текстовых задач в основе может быть реализована междисциплинарная интеграция. помогает им приобрести теоретические и практические знания по математике.

***Ключевые слова:*** *межпредметная интеграция, решение текстовых задач, внеаудиторная деятельность, связь между учебными предметами, использование математических методов, образовательные учреждения , экономические знания, оценка знаний студентов, применение знаний на практике, образование, обучение, воспитание, знания, умения, навыки, учащиеся начальных классов, математика начальных классов, учитель начальных классов, компетентностное отношение.*

## IMPLEMENTATION OF THE CONCEPT OF INTERDISCIPLINARY COMMUNICATION AND ITS CHARACTERISTICS IN THE PROCESS OF MATHEMATICAL EDUCATION OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS

This article examines the links between the teaching of mathematics, mother tongue and science in the primary grades and the integration between the respective subjects. Also , the teaching method for solving textual mathematical problems is presented in the form of a table in the form of interdisciplinary integration that implements the relationship of competencies and the relationship between the subject of mathematics and economics.

It is worth saying that the implementation of a competency-based approach to teaching solving mathematical text problems among elementary school students ensures the formation of literacy of basic mathematical features.

The main tasks of teaching mathematics at the present stage, one of the ways to improve the quality and effectiveness of teaching mathematics to primary school students of general educational institutions is the development of cognitive activity in solving text problems, as well as the development of their logical thinking. thinking and practical activity is learning to solve the concept of interdisciplinary integration and its features in the process of mathematical education of elementary school students. devoted

Interdisciplinary integration in teaching younger students when solving mathematical text problems not only has a positive effect on the formation of general methods of working with text problems among younger students, but also showed that when introducing younger students to a competent approach to learning for solving mathematical text problems, it can be based on implemented interdisciplinary integration. helps them acquire theoretical and practical knowledge in mathematics.

**Keywords:** interdisciplinary integration, solving text problems, extracurricular activities, connection between academic subjects, the use of mathematical methods, educational institutions , economic knowledge, assessment of students' knowledge, application of knowledge in practice, education, training, upbringing, knowledge, skills, primary school students, primary school mathematics, primary school teacher, competence attitude.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Буриев Фирдавс Комилҷонович муаллими калони кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: (+992) 904132606. firdavs.buriev.list.ru

**Сведения об авторе:** Буриев Фирдавс Комилджонович старший преподаватель кафедры методики начального образования ТГПУ им.Садриддин Айни. Тел: (+992) 904132606. firdavs.buriev.list.ru

**Information about the author :** Buriev Firdavs Komildzhonovich Senior Lecturer of the Department of Methods of Primary Education of the TSPU named after Sadriddin Aini. Tel: (+992) 904132606. firdavs.buriev.list.ru

**КАРИМЗОДА Г.**

## ТАТБИҚИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ ОМӮЗГОР ВА РОҲҲОИ АСОСИИ ОН

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Дар замоне, ки илму технология бо суръати кайҳонӣ пеш меравад, дар илми тоҷик навгонӣ ва ташаббусҳои илмӣ кам ба мушоҳида мерасанд, афроди лаёқатманд, ихтироъкор ва навҷӯ ба ҷодаи илмҳои дақиқ ҷалб карда намешаванд ва мавзӯъҳои фармоишӣ барои талаботи давлат равона намегарданд».

Дар муассисаҳои ҳозиразамони таҳсилотӣ, дар айёме, ки ҳама ҷабҳаҳои зиндагии моро рӯҳияи бозсозӣ фаро гирифтааст, омӯзгоре лозим аст, ки маънии кору ҳаёташ ҳикмати зиндагӣ, эътиқоду садоқат, меҳру муҳаббати беандоза ва фидокориву накӯкорӣ бошад. Барои омӯзгор дар шароити ҷаҳоншавӣ танҳо донишҳои фанни худ илм кам аст. Ҳаёт пеш аз пеш талаб мекунад, ки омӯзгорон дар доираи ихтисосу касби худ маҳдуд нашуда, дониш ва маҳораташонро мунтазам такмил диҳанд, педагоги пурдону ҳунарманд, ба маънои томаш устоди кори худ бошад. Одоби ҳамидаву дониши чуқуру фаровон, гуфтори ҷозибу васеъ, донишмандиву ҳиради равшани омӯзгор меҳру таваҷҷӯҳи шогирдонро ба ӯ дучанд меафзоянд.

Истилоҳи инноватсия, ки ҳарчанд онро имрӯзҳо хоси забони англисӣ медонанд, дар асл аз калимаи лотинии novatio – навсозӣ (ё худ, дигаргунсозӣ) ва пешоянди in – ба самти гирифта шуда, агар ба таври таҳтуллафзӣ баргандонем, innovatio – ба сӯи дигаргуниҳои пешқадам равонасозӣ мебошад.

Ҳарчанд мафҳуми **innovation** бори аввал дар пажӯҳишҳои илмии олимони асри XIX пайдо шуда бошад, вале дар таҳқиқоти илмии олими австриягӣ Йозеф Шумперт дар солҳои аввали асри XX ин мафҳум мазмуни навро касб карда, чун натиҷаи ташхиси усулҳои инноватсионӣ ва тағирот дар рушди иқтисод қабул гардид. Асосан на ҳамаи навгонию навоварӣ ё тағйирот инноватсия буда метавонад; инноватсия он аст, ки сифату самаранокии соҳаи мавҷударо чандин маротиба боло мебарад.

Таҳсилоти муосир ҳамеша дар ҷустуҷӯи роҳҳои гуногуни зоҳир намудани вазифаҳои хеш мебошад, ки яке аз онҳо фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб меёбад. Дар ин раванд «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011- 2020» мисол шуда метавонад. (1-3 саҳ. 89-215)

*Инновация – фаъолиятест, ки ба навсозии шакл ва усулҳои мавҷудаи таълим нигаронида шуда, мақсад ва воситаи нави татбиқи он ҷустуҷӯ карда мешаванд.* Муассисаи таълимие, ки дар андешаи ба навҷӯӣ ва навоварӣ ворид намудани коллективи омӯзгорон дар ҷараёни таълим ва тарбия набошад, саҳрои холиро мемонад.

Фарқияти асосии муассисаҳои инноватсионии таълимӣ аз муассисаҳои анъанавӣ дар муҳайё сохтани шароит барои инкишофи ҳамаҷонибаи иқтидорҳои шахсӣ зоҳир гардада, барои дар вазъияти нав худро мутобиқ сохта тавонистан аён мегардад.

Фаъолияти инноватсионӣ дар илми педагогика ҳамчун самти мақсадноки фаъолияти педагогӣ фаҳмида шуда, дар дарк ва татбиқи таҷрибаи пешқадами педагогии шахсии

омӯзгорон асос меёбад. Сарчашмаи асосии тавлид гардидани ҷараёни инноватсионӣ дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ инҳоянд:

- фаъолияти беихтиёри роҳбарони эҷодкор ва омӯзгорон;
-пайдо шудани таҷрибаи пешқадам дар муассисаи мазкур;
-тавлид гардидани таҷрибаи пешқадам дар дигар муассисаҳо;
-дуруст истифода бурда тавонистан аз ҳуҷҷатҳои меъёрӣ;
-омӯхтан ва таҳлил намудани андешаи истифодабарандагони хизматрасониҳои таҳсилотӣ;
-ба инобат гирифтани талаботи коллективи педагогӣ бо равандҳои нави фаъолияти инноватсионӣ.

Инновация дар фаъолияти педагогӣ ҳамчун тарзи ҳалли мушкилоти пешомада фаҳмида мешавад. Мушкилот пеш аз ҳама бештар дар ҳолатҳои ғайрианъанавии таҳсилот дар ҷараёни инкишоф ва пешрафти сифати таҳсилот мушоҳида карда мешавад. (2-4 Саҳ-184, 193)

Дар раванди фаъолияти инноватсионӣ баъзеҳо гумон менамоянд, ки онро танҳо дар литсей ва коллеҷҳо татбиқ намудан хубтару қулайтар аст, зеро онҳо дорои устохона, полегон (ҷаи машқ бо техника), автодром (омӯзиши ронандагӣ), озмоишгоҳҳо ва дигар дастгоҳу таҷҳизотҳо мебошанд. Баъзеҳо ҳатто намедонанд, ки дар фаъолияти педагогӣ равандҳои инноватсиониро дар куҷо имконияти татбиқ кардан мавҷуд аст. Бинобар ин ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар фаъолияти педагогӣ корҳои инноватсионӣ ва навоварию ихтироъкориро дар соҳаҳои зерин имконияти татбиқ намудан мавҷуд аст:

- дар мазмуни таҳсилот;
-дар технологияи таълим;
-дар шаклҳои ташкили таълим;
-дар санҷиши комплексии таълимӣ- методӣ;
- дар низоми идоракунӣ;
- дар муносибат ва боварию озодандешии устоду шогирдон.
- дар раванди корҳои беруназсинфӣ ва тарбиявӣ.

Масоҳати татбиқи фаъолияти инноватсиониро метавон чунин ифода намуд:

а) равиягӣ (локалӣ) ;
б) тамсилавӣ (модулӣ);
в) пайдарҳамӣ.

Фаъолияти инноватсионӣ метавонад дар ду шакл пайдо гардад:

а) нақшавӣ, мақсаднок;
б) гайринақшавӣ, худсарона, ногаҳонӣ.

Асоси фаъолияти инноватсиониро инҳо ташкил медиҳанд:

- ворид намудани дигаргунӣ ба барнома, стандарт, китоби дарсии мавҷуда ва низоми амалкунанда;
- омехтасозӣ (интеграцияи мавҷуда ба сифати нав);
- ихтироъ намудани амали навтарин, ки пеш дар фаъолияти педагогӣ маълум набуд.

Иннаватсияро дар **сохти идоракунӣ** дар робита бо чунин омилҳо бояд дид:

- дар фаъолияти кафедра, иттиҳодияи методӣ, гурӯҳи эҷодӣ, ташкилоти ҷамъияти илмӣ оид ба ҳалли мушкилот;
- коркарди парвандаҳои равиявӣ, тавсияҳои методӣ, барномаи инкишофи сифати таълим ва ғайраҳо. (5-7саҳ. 94, 123)

Дар соҳаи **мазмуни таҳсилот** ва технологияи педагогӣ фаъолияти начандон назарраси инноватсионӣ дар ҳолате мушоҳида карда мешавад, ки муаллим ба татбиқи барномаи барояш нав оғоз намояд.

Дар **таҷрибаи педагогӣ** чунин марҳилаҳои инкишофи инноватсионӣ ҷудо шуда меистанд:

1. Ташаккули ақида, мақсадгузорӣ, коркарди роҳҳои амалисозӣ.
2. Азхудкунӣ ва дар амал татбиқ намудани фаъолият (апробация).
3. Паҳн намудани таҷрибаи нави аз фаъолияти инноватсионӣ ба даст омада.
4. Тавассути дастовардҳои аз фаъолияти навгонӣ ба даст омада дур сохтани одатҳои кӯҳнаю анъанавӣ.

***Меъёр*** - воситае мебошад барои муҳокима, баҳс ва дар асоси он фаъолияти инноватсионӣ баҳои воқеъӣ мегардад. Коркарди меъёрҳои баҳодиҳии ҷараёнҳои инноватсионӣ ба он равона мегардад, ки механизми идоракунии ин ҷараён дар асоси муносибатҳои нав ба таҳсилот ҳамчун омили инкишофдиҳанда баромад менамояд. Ҳамин тавр меъёрҳо метавонанд ифодакунандаи чунин омилҳо бошанд:

- меъёр баёнгари мубрамият (мутобиқати навгониҳои иҷтимоӣ- маданӣ ба ҳолати инкишофи маърифати аъзоёни ҷамъият) мебошад;
- моҳияти навовариҳо (дараҷаи аслии муносибатҳои инноватсионӣ, ки дар маҷмӯъ чизи наверо ифода намояд) ба сифати таълим;
- рушди таҳсилот (дараҷаи таъсири инноватсия ба инкишофи тамоми системаи таҳсилот);
- моҳияти ҷамъиятии инноватсия (таъсири инноватсия ба тамоми системаи таҳсилот бо мақсади рушд) ба рушди иқтисодиёт ва истеҳсолот;
- манфиатнокии ихтироъкорию навоварӣ (моҳияти амалии ин муносибат барои ояндаи ҷамъияту инсоният);
- амалишавӣ (воқеъияти инноватсия ва идорашавандагии ҷараёнҳои инноватсионӣ). (6-9 саҳ.145,176)

Мураккабии истифода бурдан аз меъёрҳои баҳогузорӣ ба навовариҳо дар он ифода меёбад, ки ҷараёнҳои инноватсионӣ барои оянда барномасозӣ мегарданд, аммо баҳогузории он имрӯз рӯй медиҳад. Баҳодиҳӣ характери пешгӯӣ, пешбинӣ дошта, манфиатнокии он дар асоси маърифати иқтисодӣ таҳрезӣ карда мешавад.

Омӯзгоронро чӣ тавр ба фаъолияти инноватсионӣ равона созем, оё ҳама омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ иқтидору тавоноии фаъолиятро дар ҷараёни инноватсионӣ доранд? Ин масъала муаммоест, ки аз рӯи дараҷаи таъминоти муассисаҳо бо омӯзгорон ва мутахассисони омӯзгорӣ дарк карда мешавад.

***Тавоноии инноватсионӣ***– ин тавсифи иҷтимоӣ- маданӣ ва эҷодии шахсияти омӯзгор мебошад, ки дар ташаккули фаъолияти педагогии ӯ ифода меёбад.

Бедор намудани майлу хоҳиши шахсии омӯзгор ба навоварӣ талаботҳои зеринро дар бар мегирад:

- доштани хоҳиши баланд барои шавқовартар гардонидани ҷараёни таълим;
- фаъолияти хешро дар ҷараёни таълим дилкаш, диққатҷалбкунанда ва ҷолиб сохта тавонистани омӯзгор;
- баланд бардоштани мавқеъи омӯзгор дар коллектив, шинохти дастовардҳои ӯ, ташкил додани рақобат ва ба он тобовар гардонидани дигар омӯзгорон;
- васеъ гардонидани имкониятҳои ба кор дохилшавии мутахассисони ҷавон аз рӯи худзоҳиркунии касбӣ ва баланд бардоштани тахассуси омӯзгорӣ;

Дар маҷмӯъ агар мо ҳамчун таҳқиқгар фаъолияти инсонро мушоҳида намоем, маълум мешавад, ки он ҳамеша нимзоҳир мебошад. Яъне ӯ танҳо ба як чиз пайравӣ наменамояд, балки чандин мақсадҳоро ниҳонӣ дар худ нигоҳ медорад. Мақсади асосии омӯзгор натанҳо намоиш додани дастовардҳои шахсӣ, балки намоиш додани дастовардҳои ҳамкорон, дар самти навоварию ихтироъкорӣ мебошад.

Муаллифи китоби «Психологияи касбӣ» ва «Психологияи меҳнати омӯзгор» А. К. Маркова панҷ дараҷаи касбиятро ба чунин шакл пешниҳод менамояд:

- *токасбӣ* (шиносоӣ бо касб, одаткунӣ ба касб, муайян кардани имкониятҳои хеш ва мансубияти хеш бо касб, ин раванд бештар аз 5-8 сол давом карда, нақши худро дар пайдо намудани касбият мегузорад);
- *касбият* (озод амал карда тавонистани худро дар фазои касб дарк кардан, дар иҷрои амалҳои касбӣ моҳир будан);
- *касбияти баланд* (дар дараҷаи эҷодӣ озодона амал карда тавонистани шахс дар касб);
- *давраи баъди касбӣ* (давраи хотимаи фаъолияти касбӣ);
- гурӯҳи махсус - *бекасбият* (мутахассисоне, ки новобаста аз собиқаи корӣ касби бегонаро иҷро намуда омадаанд).

Касбияти инсон дар давраи камолоти ҳаёти ӯ ташаккул меёбад ва торафт бою ғанӣ мегардад. Ин раванд тахминан аз 20 солагӣ оғоз гардида, то 45- 50 солагӣ давом менамояд.

*Инсон дар тамоми давраи ҳаёташ метавонад ду шакли шуғлро пеша намояд:*

- шуғл ба ҳосил намудани дониш, ки аз таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, ё курсҳои бозомӯзӣ ҳосил мегардад;

- донише, ки дар натиҷаи кори амалии хеш ва муносибати танқидӣ ба таҷриба ва шахсан ба худ ҳосил мегардад.

Дар зери мафҳуми омодагии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионӣ пеш аз ҳама бояд мусаллаҳияти омӯзгор барои фаъолияти **шахсӣ** фаҳмида шавад (қобилияти баланди корӣ, тавоноии бартараф намудани таъсири бо ғазабоварандаҳо; омодагӣ ба эҷодкорӣ ва бартараф намудани ноумедӣ ва қаҳру ғазаб).

Дар зери мафҳуми **сифатҳои махсуси омӯзгор** донистани технологияи нав, ноил будан ба усулҳои пешқадами таълим, коркарди лоиҳаҳо, таҳлил карда тавонистан ва баровардани хулоса аз сабаби камбудию норасоиҳо фаҳмида мешавад.

Дар кори омодагии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионӣ ҷои муҳимро ширкат варзидан дар семинарҳо, озмунҳои касбӣ, дарсҳои кушод ва ширкат дар дарсҳои кушоди дигар омӯзгорон ишғол менамояд.

Дар ин мақола мо зарур донистем, ки мазмун, шакл ва усули фаъолияти муовинони директор оид ба корҳои таълимӣ- тарбиявиро оид ба **идоракунии фаъолияти инноватсионӣ** дида бароем. (7-10 саҳ. 265)

Дар зери мафҳуми идоракунӣ (равонасозӣ) ҷараёни фаъолияти инноватсионие фаҳмида мешавад, ки ба таъминоти барқароршавӣ, муътадилгардонии амалиёти ҳатмии инкишофи муассисаи таълимӣ равона гардидааст. Идоракунӣ ва равонасозӣ ба раванди инноватсионӣ аз кисматҳои зерин иборат мебошад:

1. Ба инобат гирифтан ва ба танзим даровардани фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ.
2. Коркарди лоиҳа, барнома, дастурамал оид ба татбиқи ҷараёни инноватсионӣ.
3. Коркарди системаи назорат ба раванди фаъолияти инноватсионӣ ва натиҷаи экспертиза ва ҷорӣ намудани навгониҳои педагогӣ.
4. Ташкил додани чорабиниҳое, ки бо баланд бардоштани салоҳияти педагогии иштирокчиёни фаъолияти инноватсионӣ нигаронида шуда бошад.
5. Ба низом даровардан ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами фаъолияти инноватсионӣ.
6. Таҳлили проблемавӣ- майлкунии омӯзгорон ба натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ.

Ҳар як самти фаъолияти идоракунии инноватсиониро дар алоҳидагӣ пухтатар дидан лозим меояд ва мехостем доир ба он ибрози ақида намоем.

**а) Ба ҳисоб гирифтан ва пайдарҳам сохтани фаъолияти инноватсионӣ.**

Баҳои ибтидоии экспертӣ, ба фаъолияти инноватсионӣ пеш аз ҳама баҳои муаллим мебошад. Ин тарзи баҳо метавонад пурсиш- суҳбат аз рӯи саволҳои зерин бошад:

1. Масъалаеро, ки дар болои он Шумо кор мекунед, номбар намоед? Дар кадом мӯҳлат Шумо дар болои он кор карданиед? Бо кадом хусусияташ вай Шуморо бо худ моил сохтааст ё месозад?
2. Аз ҷониби Шумо нақшаи фаъолият дар болои ин мушкилот коркард гардидааст?
3. Кадом адабиётро Шумо барои ҳалли мушкилоти мавҷуда хондед ё хонданиед?
4. Кадом андеша ё ақидаҳоро Шумо дар ҷараёни таҳсилот дар ин раванд татбиқ намудед?
5. Дар натиҷа дар кори Шумо чӣ тағйирот рӯй дод? Таҳлилатонро бо далелҳои раднашаванда тасдиқ намоед.
6. Фикри Шумо дар бораи самаранокии корҳои гузаронидаатон дар чист?
7. Шумо корро дар самти номбурда давом доданӣ ҳастед?
8. Ба фикру андешаи Шумо фаъолияти инноватсионӣ метавонад сифати таълимро баланд бардорад?

Дар якҷоягӣ бо пурсиш- суҳбат ба омӯзгор пешниҳод намудан зарур аст, ки ба таври хаттӣ таҳлили хешро дар бораи кори пешгирифтааш ва моҳияти амалии он навишта ба

сарвари фаъолияти инноватсионӣ пешниҳод намояд. Дар асоси худтаҳлилкунӣ мумкин аст, ки фонди маводҳои хазинавии омӯзгор дар чунин шакл ташкил ёбад:

**б) Картаи экспертии фаъолияти инноватсионии омӯзгор**

1. Коркардкунанда (ФИО)________________________
2. Соҳаи татбиқи фаъолияти инноватсионӣ ___________
3. Мавзӯъ ______________________________________
4. Мақсад_______________________________________
5. Вазифа_______________________________________
6. Зинаи инкишофи инноватсия______________________
7. Масоҳат______________________________________
8. Шакли пешниҳоди натиҷа_________________________

- фармон дар бораи фаъолияти инноватсионӣ бо пешниҳоди номгӯи самтҳои асосӣ. (9-11саҳ, 184)

**АДАБИЁТ:**

1. Атутов, П.Р. Технология и современное образование // Педагогика. – 1996. - №2.
2. Бабанский, Ю.К. Оптимизация процесса обучения. – М., 1977.
3. Бабенко, О.А. Особенности применения метода проектов в начальной школе. – Реализация инновационных педагогических технологий в условиях модернизации образования. – Новокузнецк, 2007.
4. Беспалько, В.П. Слагаемые педагогической технологии. М.,1989.
5. Беспалько, В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения. – М., 1995.
6. Болотов, В.А., Сериков В.В. Размышления о педагогическом образовании // Педагогика, 2007, №10.
7. Бордовская, Н.В., Реан А.А. Педагогика: Учебник для вузов. СПб, 2000.
8. Бордовский, Г.А., Извозчиков В.А. Новые технологии обучения: Вопросы терминологии // Педагогика. – 1993. - №5.
9. Гальперин, П.Я. Методы обучения и умственное развитие. – М., 1985.
10. Гершунский, Б.С. Педагогическая прогностика. – Киев, 1986.
11. Гирба, Е.Ю. Таблица для мониторинга инновации, внедряемой учителем. //Практика административной работы в школе, №1, 2007.

## ТАТБИҚИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ ОМӮЗГОР ВА РОҲҲОИ АСОСИИ ОН

Мавқеи асосиро дар ҷараёни худташаккулдиҳии касбии омӯзгор фаъолияти иноватсионии ӯ ишғол менамояд. Дар робита бо ин омода гардидани омӯзгор барои фаъолияти инноватсионӣ шарти асосии инкишофи касбии ӯ маҳсуб меёбад.

Агар омузгор дар шароити анъанавӣ фаъолият намуда, технологияи педагогиро нағз донад ва моҳири касби хеш бошад, дар ҳолати фавран гузаштан ба фаъолияти инноватсионӣ нороҳатиро эҳсос менамояд. Дар кори омодагии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионӣ чои муҳимро ширкат варзидан дар семинарҳо, озмунҳои касбӣ, дарсҳои кушод ва ширкат дар дарсҳои кушоди дигар омӯзгорон ишғол менамояд.

Дар ин мақола мо зарур донистем, ки мазмун, шакл ва усули фаъолияти муовинони директор оид ба корҳои таълимӣ- тарбиявиро оид ба **идоракунии фаъолияти инноватсионӣ** дида мешавад.

***Калидвожаҳо:*** *инноватсионӣ, фаъолият, анъанавӣ, тахнологияи педагогӣ,худтакмилдиҳии касбӣ, омодагии омӯзгор ба фаъолияти инноватсионӣ*

## ОСУЩЕСТВЛЕНИЕ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧИТЕЛЯ И ЕЕ ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ

Главное место в процессе профессионального саморазвития педагога занимает его инновационная деятельность. В связи с этим подготовка учителя к инновационной деятельности является его главным условием профессионального развития. Если учитель работает в традиционных условиях, хорошо владеет педагогической технологией и является специалистом в своей профессии, он испытывает дискомфорт, когда сразу переключается на инновационную деятельность.

Участие в семинарах, профессиональных конкурсах, открытых занятиях и участие в открытых занятиях других педагогов занимает важное место в подготовке учителя к инновационной деятельности.

В данной статье мы посчитали необходимым рассмотреть содержание, форму и метод деятельности заместителей директора по воспитательной и воспитательной работе по управлению инновационной деятельностью.

***Ключевые слова:*** *инновационная, деятельность, традиционная, педагогическая технология, профессиональное самосовершенствование, готовность педагога к инновационной деятельности.*

## THE IMPLEMENTATION OF INNOVATIVE ACTIVITIES OF THE TEACHER AND ITS MAIN DIRECTIONS

The main place in the process of professional self-development of a teacher is occupied by his innovative activity. In this regard, the preparation of a teacher for innovative activity is the main condition for his professional development.

If a teacher works in traditional conditions, has a good command of pedagogical technology and is a specialist in his profession, he experiences discomfort when he immediately switches to innovative activities.

Participation in seminars, professional competitions, open classes and participation in open classes of other teachers occupies an important place in preparing a teacher for innovative activities. In this article, we considered it necessary to consider the content, form and method of activity of the deputy directors for educational and educational work on the management of innovative activities.

***Key words:*** *innovative, activity, traditional, pedagogical technology, professional self-improvement, teacher's readiness for innovative activity.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Каримзода Гулрухсор – ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126, **тел.:** +99292-666-79-70

**Сведения об авторе:** Каримзода Г.А. – научный сотрудник отдела естественных, математических наук и информационных технологий Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана, г. Душанбе. Душнбе, ул Айни – 126 +(992) 92 666 79 70

**Information about the author:** Karimzoda G.A. - Researcher of the Department of Natural, Mathematical Sciences and Information Technologies of the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe. Ayni street – 126 +(992) 92 666 79 70

**ОХУНОВ Б.**

## ИННОВАЦИОННЫЕ МЕТОДЫ И ТЕХНОЛОГИИ ПРЕПОДАВАНИЯ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ В ВУЗЕ

Потребности нашего государства в высококвалифицированных специалистах, способных к установлению деловых контактов и делового сотрудничества с иностранными партнерами, специалистах, владеющих иностранным языком на профессиональном уровне, находят отражение в рабочих учебных программах вузов страны. Иностранный язык сегодня является не просто частью культуры определенной нации, но это и залог успеха, будущей удачной карьеры студентов. Достижение высокого уровня владения иностранным языком невозможно без фундаментальной языковой подготовки в высшей школе. В большинстве вузов страны студенты овладевают крайней мере два иностранных языка.

Преподавателю важно знать новейшие методы преподавания иностранного языка, специальные учебные техники и приемы, чтобы оптимально подобрать тот или иной метод преподавания в соответствии с уровнем знаний, потребностей, интересов студентов. Ведь методы обучения не являются, какими простыми «алгоритмизированной единицами», их рациональное и мотивированное использование на уроках иностранного языка требует креативного подхода со стороны преподавателя, ведь «педагогика является наукой и искусством одновременно, поэтому и подход к выбору методов обучения должна основываться на творчестве педагога».

Методы обучения — это «упорядоченные способы деятельности учителя и учащихся, направленные на эффективное развитие обязательств учебно-воспитательных задач». Метод обучения выступает «инструментом деятельности учителя для выполнения руководящей функции — обучение». Реализация метода обучения осуществляется через использование ряда приемов обучения, различных подходов и рабочих техник. «Приемы обучения — совокупность конкретных учебных ситуаций, способствующих достижению промежуточной (вспомогательной) цели конкретного метода». К сожалению, в преподавательской практике преподаватели иностранных языков часто применяют проверенные временем стандартные учебные методы. Иногда процесс преподавания языка, как это ни прискорбно, продолжает оставаться «несколько осовремененным вариантом» грамматико-переводного метода.

Требования же к уроку иностранного языка со временем меняются, разрабатываются новейшие методы обучения. На современном этапе развития науки в нашем стране можно определенно сказать, что времена, когда достаточным доказательством освоения языка было умение переводить с иностранного языка и наоборот адаптированных текстов уже прошли.

В условиях реформирования высшей школы должны меняться также и образовательные технологии преподавания иностранных языков . Само языковое образование тоже постепенно модернизируется путем внедрения модульно-рейтинговой системы обучения иностранным языкам, междисциплинарная интеграция, демократизация и экономизация образования вызывает к жизни инноваций составляющие преподавания иностранных языков. Все это ставит к преподаванию и преподавателя иностранного языка в вузах новые требования. Целью обучения иностранному языку в высшей школе на современном этапе является овладение студентами коммуникативными компетенциями, которые позволят реализовать их знания, умения, навыки для решения конкретных коммуникативных задач в реальных жизненных ситуациях. Иностранный язык выступает как средство коммуникации, общения с представителями других наций, так что в образовании продолжает развиваться и в дальнейшем культурологический или интеркультурный подход в обучении в рамках концепции «диалога культур», с целью формирования полимерной грамотности студентов.[1] .

Нуктаҳои асосии арзёби инҳоянд: а) рубрикаҳоро муайян намуда, унсурҳои асосии онро номбар кунанд; б) барои арзёбии ҳамкорӣ рубрикаро таҳия намоянд; с) аз рубрикаи таҳияшуда дар баҳогузории салоҳиятҳои ба нақша гирифташуда, ҳангоми таълим истифода баранд.

Андешаронӣ ва тақриз пас аз таълим: а) ҳадди ақал як чизи хуб ва як чизеро, ки вобаста ба омӯзиши хонандагон мушкил буд, муайян кунанд ва барои ҳалли он тавсия диҳанд (андешаронии муаллими дарсдиҳанда); б) як усули хубро аз раванди дарсгузаронӣ

муайян кунанд ва барои такмил додани як усули дигар тавсия диҳанд (муаллимоне, ки дарсро мушоҳида мекунанд).

Таҳияи нишондиҳандаҳои муваффақият ба хонандагон инконият медиҳам, ки талаботи асосии вазифаи таълимиро дарк кунанд ва натиҷаҳои корашонро тавассути муқоиса бо намунаҳои меъёрҳо баҳо дода, ба мақсадҳо мувофиқ гардонанд.

Асоси натиҷаҳои омӯзиш инҳоро дар бар мегирад?

• Натиҷаҳои омӯзиш-ин омӯзише, ки хонандагон дар охири ҳар як дарс ба даст оварда метавонанд;

• Натиҷаҳои омӯзиш бояд махсус, санҷишпазир, бадастоваранда, воқеӣ, вақтбахш ва мушоҳидашаванда бошанд (SMARTO: мушаххас (specific), ченшаванда (measfrable), дастрас (achievable), реалист (realistic), вақтбаст (time-boғnd) ва мушоҳидашаванда (observable));

• Баёнияи натиҷаҳои омӯзиш дорои се компоненти асосӣ мебошанд:

➢ калимаи амалкардашудае, ки иҷрошавии нишондодашударо муайян мекунад;

➢ баёнияи омузише, ки он чигунагии омӯзишро ҳангоми иҷрокунӣ нишон медиҳад, муайян мекунад;

➢ изҳороти умумӣ оиди меъёри фаъолият.

Мисол: ҳамаи хонандагон мутобиқи маҳорату малакаи худ мавзуъро аз худ мекунанд.

Мафҳуми натиҷаҳои омӯзишӣ. Дар натиҷа мехоҳем, ки хонандагон барои худ чиро бояд, муайян намоянд, фаҳманд аз худ кунанд ва иҷро карда тавонанд.

а )донистан б) фаҳмидан с) иҷро кардан.

●Мо чиро мехоҳем, ки шогирдон донанд?

●Мо чиро мехоҳем, ки онҳо фаҳманд?

●Мо чиро мехоҳем, ки онҳо иҷро кунанд?

Барои ин истифода бурдан аз таксономияи Блум мувофиқи мақсад мебошад.




Натиҷаҳои омӯзиш муҳим мебошанд: а) натиҷаҳои омӯзиш ба муаллимон барои дарс доданашон мусоидат мекунад, чун онҳо медонанд, чӣ чизе дар масъалаи дониш, маҳорат ва арзиш ба даст биоваранд; б) натиҷаҳои омӯзиш ба муаллимон барои натиҷаҳои омӯзишиашон мусоидат мекунад; в) дар вақти қисмат кардан ба толибилм ёрӣ мерасонад, ки чиро мустақилона биомӯзанд; г) вақте ки ҳамаи натиҷаҳои интизоршаванда дар синфҳо ба даст оварда мешаванд, ин муваффақияти нишондоди меъёрҳо хоҳад буд; д) вақте ки ҳамаи меъёрҳо дар ҳамаи сатҳҳо ба даст оварда мешаванд, ин маънои иҷро кардани стандартро дорад.

Бояд қайд намоем, ки ташаккули тафаккури техникии хонандагон дар раванди моделсозии математикӣ, истифодаи барномаҳои компютерӣ (ActivInspire ва ғ.), ҳалли мисолҳои мантиқӣ, масъалаҳои геометрӣ ва сохтани графикҳо бо ёрии барномаҳои компютерӣ ва истифодаи тестҳои Беннет барои муайян намудани маҳорати техникии хонандагон дидан мумкин аст.

**АДАБИЁТ**

1. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 ва 2 –Душанбе 2016
2. Маводи ёрирасон ба барномаи таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни математика-Душанбе 2010
3. Лоиҳои Оҷонсии рушди байналхалқии Амрико (FSAID) «Ҳамроҳ бихонем»- Душанбе 2018
4. 200 глаголов таксономии Блума [Электронный ресурс] FRL http://roachinthenet. blogspot. com/2016/01/200
5. Тест на механическую понятливость. Тест Беннета (аз интернет) .

**НАҚШИ АМАЛИГАРДОНИИ УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ ТЕХНИКИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА**

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба таърихи салоҳиятнокӣ, рушди салоҳиятҳо, амалигардонии усули фаъоли таълим ва таъсири он дар ташаккули тафаккури техникии хонандагон дар равиши дарсҳои математика маълумот медиҳад.

***Калидвожаҳо:*** *салоҳият, интерактив, инноватсия, таксономияи Блум, тести Беннет, андешаронӣ, арзёбӣ ва моделсозии математикӣ*

**РОЛЬ РЕАЛИЗАЦИИ АКТИВНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ ТЕХНИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ СТУДЕНТОВ В ПРЕПОДАВАНИИ МАТЕМАТИКИ**

В данной статье автор предоставляет информацию об истории компетентности, развитии компетенций, реализации активных методов обучения и их влиянии на формирование технического мышления учащихся при подходе к урокам математики.

***Ключевые слова:*** *компетентность, интерактивность, инновации, таксономия Блума,критерий Беннета, рассуждение, оценка и математическое моделирование.*

**THE ROLE OF THE IMPLEMENTATION OF ACTIVE LEARNING METHODS IN THE FORMATION OF TECHNICAL THINKING OF STUDENTS IN TEACHING MATHEMATICS**

In this article, the author provides information about the history of competence, the development of competences, the implementation of active teaching methods and their infuence on the formation of students' technical thinking when approaching mathematics lessons.

***Key words:*** *competence, interactivity, innovation, Bloom's taxonomy, Bennett's criterion, reasoning, evauation and mathematical modeling*.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Хонов Исҳоқ Зарнилхонович - омӯзгори фанни математика литсеи инноватсионии «Душанбе», доктoранти доктор PhD-Донишгоҳи милли Тоҷикистон ш. Душанбе, суроuа: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, х.Рудакӣ, 17, E-mail:Ishoq92@mail.ru

**Сведения об авторе:** Хонов Исхок Зарнилхонович – учитель математики инновационного лицея «Душанбе», докторант Ph.D.- Национальный университет Таджикистана. Душанбе, адрес: 734025, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, дом 17, E-mail: Ishoq92@mail.ru

**Information about the author:** Khonov Ishoq Zarnilkhonovich - teacher of mathematics at the innovative lyceum "Dushanbe", doctoral student Ph.D. - National University of Tajikistan. Dushanbe, address: 734025, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17, E-mail: Ishoq92@mail.ru УДК 574,6:477

**САИДҶАҲФАРОВ А.И.**

# ИСТИФОДАИ ТИК ДАР РАВАНДИ ДАРСИ АЛГЕБРАИ СИНФИ 8

Ҷаҳони муосир бевосита бо равандҳои иттилоотикунонӣ алоқамандии зич дорад. Дар ҳама ҷой тадбиқи технологияҳои иттилоотӣ- коммуникатсионӣ (ТИК) дар ҷараён аст. Дар баробари ин, яке аз самтҳои афзалиятноки раванди иттилоотикунонии ҷомеъа иттилоотикунонии таҳсилот мебошад [1;7].

Барои баланд бардоштани салоҳиятнокии хонандагон яке аз вазифаҳои муҳим ва аввалиндараҷаи соҳаи маориф ин дар раванди дарсҳо ҷорӣ ва истифода намудани технологияҳои навини компютерӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи технологияҳои компютерӣ ҳамаҷониба ба баландбардории салоҳиятнокии хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад [7-11].

Муҳаққиқон ба хулоса омадаанд, ки истифодаи технологияи иттилоотӣ дар таҳсилот ба додашудаҳои физиологии инсон чунин вобастагӣ дорад:

- ✓ 25 ҳиссаи маводи шунидашуда дар хотираи муҳассилин боқӣ мемонад;
- ✓ 33 ҳиссаи маводи дидашуда;
- ✓ 50 ҳиссаи ҳам маводи шунидашуда ва ҳам маводи дидашуда;
- ✓ 75 ҳиссаи мавод, агар муҳассилин фаъолона дар раванди дарс иштирок намояд [9;10].

Чун ташкилкунандаҳои айёнӣ-нақшавии равандҳои тафаккур дар ҳайёти инсоният нақши асосиро мебозанд, пас истифодаи онҳо дар раванди таҳсилот бениҳоят самаранок мебошанд.

Ҳангоми гузаронидани дарсҳои алгебра, пас аз истифодаи рӯнамиоҳои чандрасонаӣ принсипҳои дастрасӣ ва айёният мавриди амал қарор дода мешаванд. Дарсҳо бо ҷолибияти

эстетикӣ самаранок мебошанд. Онҳо бо рӯнамоҳо имкон медиҳанд, ки миқдори зиёди ахбор дастрас карда шавад ва вақти камтарро гирад. Барои пура назорат намудани маводи омӯзишӣ ба слайдҳои пешина ё баъдина муроҷиҳат кардан мумкин аст. Яъне имконияти назорати пурраи маводи омӯхташаванда мавҷуд мебошад [6].

Дар дарсҳои математика бо ёрии слайдҳое, ки дар барномаи Microsoft Power Point сохта шудаанд, мумкин аст намоиши мисолҳо, масъалаҳо, занҷира барои ҳисоби шифоҳӣ, бозиҳои математикӣ, ребусу кроссвордҳо ва ғайраҳоро мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳем.

**Истифодаи ТИК дар зинаҳои раванди таҳсилот.** Истифодаи компютер ва технологияҳои компютерӣ дар замони муосир зарурияти таълимист. Технологияҳои иттилоотӣ раванди таълимро нисбатан самаранок кунад, вақтро сарфа менамояд ҳавасмандии муҳассилинро барои омӯзиши маводи таълимӣ ва фан баланд мебардоранд. Бинобар ин истифодаи рӯнамоҳо дар ин раванд талаби замон аст.

Ҳангоми омӯзиши маводи нав рӯнамоиҳои мушахасро вобаста ба мавзуъҳои алоҳида истифода намудан қобили қабул аст. Ғайримуққарарӣ гузоштани қазияи омӯзишӣ, инчунин технологияи хуби намоиш ва кӯтоҳии баён диққати муҳассилинро бештар ҷалб менамояд. Чунки дар як вақт ҳам хотираи визуалӣ ва ҳам хотираи шунавоӣ фаъолият менамоянд. Муносиб аст, ки рӯнамоҳоро ҳангоми ташкили корҳои мустақилонаи хонандагон, дар дарс истифода намоем. Дар корҳои гурӯҳӣ низ истифодаи онҳо муносиб аст. Масъалаҳое, ки ба тариқи айёнӣ гузошта мешаванд, муҳассилинро водор месозанд, ки сари ҳалли онҳо фикр намоянд. Ва мо мебинем, ки дере нагузашта дар тахтаи синф ҷавоби онҳо пайдо мешавад.

Бояд қайд намуд, ки рӯнамоиҳоро ҳангоми ташкили корҳои шифоӣ ҳам дар дарсҳо истифода бурдан мумкин аст. Дар экран аввал масъала ва баъдан ҷавоби дуруст пайдо мешавад.

Рӯнамоиҳо ҳангоми такрори маводи омӯзишӣ низ бо ёрии слайдҳои рангоранг, дар як муддати кӯтоҳ истифода бурда мешаванд. Муҳассилини дар дарсҳо иштирок накарда, метавонанд мустақилона бо истифодаи рӯнамоиҳои мавҷуда ҳам маводи омӯзишӣ ва ҳам корҳои мустақилонаро иҷро намоянд [3;4].

Дар корҳои хеш мо технологияи иттилоотиро дар се самт истифода менамоем:

1. Намоиши слайдҳо (истифодаи рӯнамо);
2. Сохтани парвандаҳои намоишӣ бо ёрии Notebook;
3. Сохтани тестҳо.

Ҳангоми кор кардан дар самти аввал, мо барномаи офиссии нисбатан содаю дар як вақт самаранок яъне, MS PowerPointро, ки имрӯзҳо ҳар як устод бояд аз он истифода намояд, мавриди истифода қарор медиҳем. Бо ёрии он мо метавонем, ҳолати айёниятро дар дарсҳои математика амалӣ намоем.

Дар муҳити MS PowerPoint мо намоишҳое месозем, ки онҳо барномаҳои намоиширо барои шарҳ додани мавзуъҳои нави таълимӣ фаро мегиранд. Истифодаи чунин рӯнамоиҳо натиҷаи хубе ба бор меоварад.

Технологияҳои компютерӣ ва истифодаи онҳо дар раванди дарс ба омӯзгор афзалиятҳои зиёдеро фароҳам оварда, имконият медиҳанд, ки дар якҷояги бо хонандагон аз раванди ҳаяҷонбахши дарс лаззат бурда, таассуроти муҳассилинро боз ҳам нисбати мавзуи баррасишаванда зиёдтар намояд. Масалан, дар раванди дарси география нишон додани глобус дар шакли 3D ва ё дар раванди дарси биология нишон додани расмҳои гуногуни табиат, дар раванди дарси математика дар як муддати муайян ҳал намудани якчанд мисолу масъалаҳо ва ғайра. Ҳамаи ин имкониятҳоро дар раванди дарс ба мо технологияҳои компютерӣ медиҳанд, ва мо бояд ин технологияҳоро самаранок ва дуруст истифода бурда тавонем [9].

Ба ҳама маълум аст, ки фанҳои дақиқ аз ҷумла математика, алгебра, геометрия ва ғайра фаннҳои аз ҳама заҳматталаб буда, аз хонанда малакаҳои эҷодӣ ва вақти зиёдеро талаб мекунанд. Масалан: корҳои мустақилонаи доимӣ, корҳои санҷишӣ, корҳои лабораторӣ ва дигар намуди корҳои инфиродӣ. Аз ин лиҳоз, яке аз вазифаҳои асосии омӯзгорони фанҳои дақиқ ин ташаккул додани малакаи омӯзиши хонандагон нисбат ба ин фанҳо ва маданияти омӯзиши онҳо дар раванди таълим мебошад.

Ҳадафҳои асоситарини истифодаи ТИК дар раванди дарсҳои алгебра ин:

- ✓ инкишофдиҳии робитаи байнифаннии алгебра ва дигар фанҳо;

- ✓ ташаккул додани дониши хонандагон тавассути барномаҳои компютерӣ;
- ✓ инкишофи малакаҳои эҷодии хонандагон дар раванди иҷрои корҳои мустақилона;
- ✓ нишон додан ва дар амал татбиқ намудани масъалаҳои дар раванди дарс пешниҳодшуда (дар намуди амсилаҳои гуногуни компютерӣ) [8-11].

Бинобар ин, ҳангоми истифодаи технологияҳои компютерӣ дар раванди дарсҳо ҳар як омӯзгор вазифаҳои махсуси худро дорад, ки инҳо мебошанд:

- ✓ ба хонандагон талқин намудани омӯзиши фундаменталии донишҳои риёзӣ ва ҷалби онҳо ба корҳои эҷодкорона;
- ✓ рушд додани фарҳанги иттилоотии хонандагон ва гузаронидани машваратҳо ҷиҳати самаранок истифода намудани компютер дар раванди дарсҳо;
- ✓ ба хонандагон бо мисолҳои мушахас фаҳмонидани он, ки имрӯз бе донистани технологияҳои компютерӣ дар ягон самт ба пешравиҳо ноил шудан мумкин нест. Дар ин сурат, ҳар як хонанда нисбат ба омӯзиши илмҳои дақиқ ва технологияҳои компютерӣ бо таври ҷиддӣ муносибат менамояд.

Истифодаи ТИК дар раванди дарсҳои алгебра ба муҳассилин ва омӯзгорон имкон медиҳад, ки бо таври аёнӣ суръати омӯзишро тез ва вақтро сарфа намоянд. Инчунин дониши хонандагонро дар реҷаи интерактивӣ тавассути барномаҳои махсусгардонидашудаи бозиҳои мантиқию тестӣ бо таври фаврӣ баҳогузорӣ намоянд, ки ин салоҳиятнокии таълимро зиёд мекунад. Масалан, тавассути барномаҳои компютерӣ дар як муддати муайян баҳогузории ҳамаи хонандагони гуруҳ, ки ин яке аз бартариҳои татбиқи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълим аст.

Бояд гуфт, ки таҷрибаҳои математикӣ ҳам, дар раванди таълим нақши муҳимро мебозанд. Дар ҳолати гузаронидани таҷрибаҳои математикӣ, донишҳои математикии хонандагон амиқ ва пурра карда мешаванд. Инчунин, маҳз тавассути таҷрибагузрониҳои математикӣ алоқамандии дигар фанҳо бо фанни математикаю алгебра ба хонандагон фаҳмотар мегардад.

Барои фаҳмо шудани масъалаи додашуда, ҳоло мо татбиқи ҷадвали электронии MS Excel-ро дар раванди сохтани графики функсияҳо ва гузаронидани таҷрибаҳои компютерӣ барои қиматҳои гуногун дида мебароем.

**Мисол**. Гарфики функсияи $y = x^2, x\epsilon[-5; 5]$ сохта шавад. Дар қисмати аввал графики функсияи додашударо бе истифода аз ҳисобкуниҳои компютер месозем. Барои ин, дар аввал ҷадвали қиматҳои функсияро тартиб медиҳем:

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| x | -5 | -4 | -3 | -2 | -1 | 0 | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| y | 25 | 16 | 9 | 4 | 1 | 0 | 1 | 4 | 9 | 16 | 25 |

Паз аз ин, графики функсияи додашударо бо истифода аз додаҳои ҷадвал месозем, ки он намуди зеринро мегирад (расми 1).




**Расми 1. Гарфики функсияи $y = x^2, x\epsilon[-5; 5]$.**

**Figгre 1. Fгnction graph $y = x^2, x\epsilon[-5; 5]$**

Дар раванди ҳисобкуниҳо ва тасвири графики функсия муайян намудем, ки барои сохтани графики функсияи мазкур бо ҳисоби миёна 10 дақиқа вақт сарф шуд.

Акнун графики функсияи додашударо бо ёрии имкониятҳои ҷадвали электронии MS Excel месозем (расми 2).




**Расми 2. Натиҷаи компютерии графики функсияи $y = x^2,\ x\epsilon[-5;5]$ дар MS Excel.**

**Figгre 2. Compгter resгlt of the graph of the fгnction $y = x^2,\ x\epsilon[-5;5]$ in MS Excel**

Яке аз имкониятҳои асоситарини ҷадвали электронии MS Excel дар раванди тасвири графики функсияҳо ва ҳисобкуниҳо дар он аст, ки бо иваз намудани қиматҳои додаҳо ҳамаи ҳисобкуниҳо дар низоми худкор амалӣ мешаванд. Барои исботи ин гуфтаҳо графики функсияи $y = x^2$ –ро бо қиматҳои дигар мавриди ҳисобкунӣ ва тасвир қарор медиҳем (расми 3):




**Расми 3. Натиҷаи компютерии графики функсияи $y = x^2$, вобаста аз қиматҳои гуногуни $x$.**

**Figгre 3. Compгter resгlt of the graph of the fгnction $y = x^2$, depending on the different valгes of x**

Дар раванди ҳисобкуниҳо муайян намудем, ки барои сохтани графики функсия тавассути ҷадвали электронии MS Excel танҳо 5 дақиқа вақт сарф шуд, ки ин яке аз бартариятҳои татбиқи ҷадвалҳои электронӣ дар раванди дарсҳои алгебра мебошад.

Аз раванди ҳисобкуниҳо бар меояд, ки дар раванди гузаронидани дарсҳои алгебра истифодабараии ТИК махсусан ҷадвалҳои электронӣ раванди ҳисоббаробаркуниҳоро осон ва салоҳиятнокии дониши хонандагонро боло мебаранд.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намоем, ки истифодаи ТИК ба азхудкунии амиқ ва бошууронаи маводи омӯхташавандаи дарсӣ мусоидат мекунад, зеро хонанда маҳз тавассути технологияҳои навини компютерӣ мафҳумҳои асосии дарсиро аз худ карда, худ қобилияти муқоисанамоиро меомӯзад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорони фанниро зарӯр аст, то шаклҳои навтарини таълимиро бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ба роҳ монанд.

## АДАБИЁТ:

1. Аствацатуров Г.О. Дизайн мультимедийного урока / Аствацатуров Г.О.//Методика, технологические приемы, фрагменты уроков, Волгоград, 2009. – С.133.
2. Безусова Т.А. Некорректные задачи, как средство развития культуры математического и естественнонаучного мышления школьников. / Безусова Т.А. // Автореф. Дисс. К.п.н. Тюмень, 2008г.
3. Раджабов Б. Ф. Значение информационных технологий в системе среднего профессионального медицинского образования Таджикистан / Б.Ф. Раджабов // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. – 2016. – № 2/3 (40). – С. 7-12.
4. Раджабов Б. Ф. Современные информационные методы дистанционного обучения в медицинских вузах Таджикистана [Текст] / Б.Ф. Раджабов, Ф.С. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – № 2. – С. 305-310.

5. Роберт И.В. Современные информационные технологии в образовании: дидактические проблемы; перспективы использования. // М.:Школа-Пресс, – 1994. – С. 205 .
6. Саидзода И.М. Методикаи ташкили дарсҳои технологияи иттилоотӣ дар мактабҳои миёна / Саидзода И.М., Ҳайётов Қ.// Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ, Душанбе, 2021. №3. – С. 293-300.
7. Саидов И.М. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар фаъолияти таълимӣ [Матн] / Саидов И., Саидҷаҳфаров А.И. //Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ, Душанбе, 2021. №4. – С. 220-227.
8. Саидов И.М. Нақши технологияи иттилоотӣ дар таҳсилоти фосилавӣ / Саидов И.М. // Паёми пажуишгоҳи рушди маориф. №1,(29). ISSN 2617-5620., Душанбе, 2020. – С. 161-166.
9. Саидов И.М. Омӯзиши технологияи иттилоотӣ ҳамчун омили рушди салоҳиятнокии дониши хонандагон [Матн] / Саидов И.М., Мирзоев С., Ҳайётов Қ.// Пайёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. Бахши педагогика психология. 2021. №1,(33). – С. 60-64. ISSN 2617-5620.
10. Саидов И.М. Хизматрасониҳои технологияҳои компютерӣ ҳамчун омили рушди таҳсилоти фосилавӣ [Матн] / Саидов И.М., Ҳайётов Қ. // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши педагогика ва психология, методикаи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ. №4(4). Душанбе, 2020. – С. 160-164.
11. Селевко Г.К. Педагогические технологии на основе информационнокоммуникационных средств. – М.: НИИ школьных технологий, 2010. – С.208. (Серия «Энциклопедия образовательных технологий».)
12. Селевко Г.К. Современные образовательные технологии: Учебное пособие. – М.: Народное образование, 1998. – С.256.
13. Сергеева Т. Новые информационные технологии и содержание обучения. // Информатика и образование. М., - 1991. №1. – С. 3-10.
14. Якушина Е. В. Электронно-образовательные ресурсы: педагогические качества, достоинства и недостатки. Народное образование. №2, 2011, – С. 151.


## ИСТИФОДАИ ТИК ДАР РАВАНДИ ДАРСИ АЛГЕБРАИ СИНФИ 8


Мақолаи мазкур ба мавзуи истифода ва татбиқи технологияҳои компютерӣ дар раванди дарсҳои алгебра бахшида шудааст.

Имрӯз дар баъзе ҳолатҳо баҳсҳое ба миён меоянд, ки агар ҳамаи ҳисоббаробаркуниҳоро тавассути имкониятҳои компютерӣ ба роҳ монем, қобилияти фикррониии хонандагон паст мешавад, ки ин фикр тамоман нодуруст аст. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар раванди ҳалли масъалаҳо, ҳангоми муқоисаи натиҷаҳои дастӣ бо натиҷаҳои компютерӣ, хонанда ҳама вақт кӯшиш менамояд, то натиҷаи ҳосилнамудаи худро бо натиҷаҳои компютерӣ баробар намояд.

Яке аз асоситарин роҳи татбиқи технологияҳои компютерӣ дар раванди таълими алгебра ин истифодабарии рӯнамоиҳо мебошад. Рӯнамоиҳои таълимӣ ба мо имконият медиҳанд, ки раванди дарсро ҷолиб ва он формула ва фигураҳои лозимие, ки ба мавзуи дарсӣ вобастаанд, пай дар пай ба хонандагон нишон диҳем.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намоем, ки истифодаи ТИК ба азхудкунии амиқ ва бошууронаи маводи омӯхташавандаи дарсӣ мусоидат мекунад, зеро хонанда маҳз тавассути технологияҳои навини компютерӣ мафҳумҳои асосии дарсиро аз худ карда, худ қобилияти муқоисанамоиро меомӯзад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорони фанниро зарӯр аст, то шаклҳои навтарини таълимиро бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ба роҳ монад.



**Вожаҳои калидӣ**: салоҳият, омӯзиш, технология, компютер, иттилоот, таълим, дониш, мавод, дарс, муҳассилин, мустақилият, омӯзгор функсия, таҷриба.


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИКТ В ПРОЦЕССЕ УРОКА АЛГЕБРЫ В 8 КЛАССЕ


Данная статья посвящена использованию и применению компьютерных технологий в процессе уроков алгебры.

Сегодня в ряде случаев ведутся споры о том, что если все расчеты производить с использованием возможностей компьютера, то способность мыслить у учащихся снизится, что совершенно неверно. Эксперименты показывают, что в процессе решения задач, при сравнении результатов, полученных вручную, с результатами компьютера, читатель всегда пытается сопоставить полученный результат с результатами компьютера.

Одним из основных способов применения компьютерных технологий в процессе обучения алгебре является использование презентаций. Учебные презентации позволяют сделать процесс урока интересным и показать учащимся необходимые формулы и цифры, связанные с темой урока.

Таким образом, следует отметить, что использование ИКТ способствует углубленному и осознанному усвоению учебного материала, так как учащийся усваивает основные понятия урока и усваивает умение сравнивать посредством новейших компьютерных технологий. Поэтому учителю-предметнику необходимо внедрять новейшие формы обучения с использованием компьютерных технологий.

***Ключевые слова:*** *компетентность, обучение, технология, компьютер, информация, обучение, знания, материал, урок, обучаемый, самостоятельность, функция учителя, опыт.*

**USE OF ICT IN THE PROCESS OF THE LESSON OF ALGEBRA IN 8 CLASS**

This article is devoted to the use and application of computer technology in the process of algebra lessons.

Today, in a number of cases, there are disputes that if all calculations are made using the capabilities of a computer, then the ability to think in students will decrease, which is completely wrong. Experiments show that in the process of solving problems, when comparing the results obtained manually with the results of a computer, the reader always tries to compare the result obtained with the results of the computer.

One of the main ways to use computer technology in the process of teaching algebra is the use of presentations. Educational presentations allow you to make the lesson process interesting and show students the necessary formulas and numbers related to the topic of the lesson.

Thus, it should be noted that the use of ICT contributes to an in-depth and conscious assimilation of educational material, as the student learns the basic concepts of the lesson and learns the ability to compare using the latest computer technologies. Therefore, the subject teacher needs to introduce the latest forms of education using computer technology.

***Key words:*** *competence, learning, technology, computer, information, learning, knowledge, material, lesson, learner, independence, teacher's function, experience.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** **Саидҷаҳфаров Аҳлиддин Илёсович** омӯзгори калони кафедраи информатика-барномасозии ДОТ дар н.Рашт,Ҷумҳурии Тоҷикистон,н.Рашт,кучаи Э.Муҳиддинов 63. Тел: (+992) 985929200_E-mail: ahlidin_5111@mail.ru

**Сведения об авторе:** **Саиджахфаров Ахлиддин Илёсович** старший преподаватель кафедра информатика-программист ТПИ в Раштскому районе, Республика Таджикистан, р.Рашт улица Э.Мухиддинов 63. Тел.: (+992)985929200, E-mail: ahlidin_5111@mail.ru

**Information about author: Saidjahfarov Ahliddin Ilyosovich- senior teacher** of the department Informatic-programmist , TPI in Rasht district, Republic of Tajikistan, E. Muhiddin strit 63, Tel: (+992) 985929200,E-mail: ahlidin_5111@mail.ru.

# МУНДАРИҶА
# СОДЕРЖАНИЕ
# CONTENTS

## ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
## ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
## PEDAGOGY AND PSYCHOLOG

**Туронов С.Ш., Суриева Ш.Ч.** Восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши «Тоҷикон»........................................ 5 – 10
**Иматзода Л.М., Ҷамолбии Ҳ.** Заминаҳои педагогӣ-психологии инкишофи нутқи хонандагони синфҳои болоӣ дар дарсҳои забони англисӣ.............. 10 – 16
**Раҷабов С.М.** Чанд омили самараноки тарбияи насли наврас дар шароити муосир........................................................................... 16 – 21
**Шарипова М.Ё.** Психосоматика - эмотсияи ба тавари психологӣ эътинонашуда ........................................................................... 21 – 28
**Чобулова Н.** Таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба тарбияи ахлоқии наврасон ва ҷавонон............................................................................ 28 – 32

**Қурбонов С.** Ташаккули ҳисси инсондӯстии кӯдакони синни хурди мактабӣ дар оила……………………………………………………………………… 33 – 37
**Саидзода Б.Х., Раҳмонов Б.С.** Афкори психологии Аабуалӣ ибни Сино.. 37 – 43
**Комилов Н.Н.** Социально-нравственное значение проблемы физического воспитания студенческой молодежи в современных условиях……………………………………………………………………… 43 – 48
**Маҳкамов** Д. Нақши муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар соҳибкасб намудани ҷавонони бекасбу кор тавассути курсҳои омӯзишӣ… 48 – 55
**Маҷидов У.** Тарбияи зебоипарастӣ дар дарсҳои мусиқӣ, дар синфҳои ибтидоӣ............................................................................................................ 56 – 61
**Раҷабов Н.М. Мирзошарипова Р.** Машварати психологӣ ҳамчун самти фаъолияти психологи мактаб: ҳадаф, вазифа ва принсипҳои асосӣ.......... 61 – 66
**Саидзода Б.Х., Қурбонзода М.** Хусусиятҳои ҷинсию синнусолии инкишофи хотир............................................................................................................ 66 – 71
**Шаҳлои Т.** Хусусиятҳои раванди таҳқиқи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои 5-9 дар дарсҳои адабиёти тоҷик............................... 72 – 78
**Файзиева Х. А.** Сказка как средство развития положительных нравственных качеств детской личности…………………………………………………… 78 – 82
**Халифаева Н.Р.** Особенности формирования логики у детей старшего дошкольного возраста……………………………………………………….. 82 – 86
**Хусанова Т.К.** Особенности эмоционального интеллекта педагога…….. 86 – 90
**Ғоибов К.Ш.** Асосҳои психологӣ-педагогии рушди фаъолияти эҷодии омӯзгорон дар ҷараёни таълим...................................................................... 90 – 95
**Маҷидова Б., Тошова Ҳ.** Таъсири амалҳои аутоагрессивӣ ба занон........... 95 – 99
**Қодирова М.** Заминаҳои ташаккули фаъолияти зеҳнии кӯдакони томактабӣ тавассути бозӣ........................................................................................... 99 – 103
**Расулов С.Х.** Ҷанбаъҳои психологии ташаккул додани маром ба таҳсил дар донишҷӯён........................................................................................................ 103 – 108
**Расулова А.С.** О тео ретических вопросах развития гуманистической позиции будущих учителей……………………………………………….. 108 – 114
**Содикова М.С.** Педагогическая технология обучения…………………….. 114 – 119
**Хайдаров А.** Ахмад дониш о роле науки и человеческого разума в развитии общества……………………………………………………………………… 119 – 128
**Шарифов И.С., Шарифов Ғ.И., Рахмонова Б,Х.** Назаре ба фалсафаи иҷтимоии зардуштия..................................................................................... 128 – 133
**Хоҷаев Қ.Т., Муминов А.Х.** Суннат ва анъанаи панду ҳикмату андарз ва насиҳатноманависӣ дар асарҳои ҳаким Носири Хусрав.............................. 133 – 143

**Амонова М.Н.** Лексико-стилистические возможности живого персидского (таджикского) языка, в “Сафарнаме” Носира Хусрава ............................... 143 – 148

## МЕТОДИКА
## МЕТОДИКА
## METHOD

**Khamidova M., Lutfulloeva P.** Competency based langғage teaching is a key for success……………………………………………………………………… 149 – 155
**Сафаров М.** Рушди тафаккури техникии хонандагон зимни таълими физика.. 155 – 161
**Азизова Ф.Ш.** Ҷаҳоншавии технологияи муосир ва нақши он дар раванди таҳсилот............................................................................................................ 161 – 164
**Иматова М.** Корбурди мухотаб дар дискурси сиёсӣ ва хусусияти тарҷумаи он аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ............................................................ 164 – 168
**Алиев Р.** Маълумот дар бораи садои О ва роҳҳои омӯзиши он барои ношунавоён........................................................................................................ 169 – 172
**Сайдалиён М.** Особенности осуществления стратегических направлений реализации государственной молодежной политике в суверенном

Таджикистане……………………………………………………………………… 172 – 184
**Набиева З.Ҷ.** Создание инклюзивной среды в инклюзивном классе. Адаптация и модификация……………………………………………………… 184 – 187
**Буриев Ф.** Амалисозии мафҳуми ҳамгироии байнифаннӣ ва хусусиятҳои он дар раванди таълими мамематикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ…….. 187 – 196
**Каримзода Г.** Татбиқи фаъолияти инноватсионии омӯзгор ва роҳҳои асосии он........................................................................................................ 196 – 201
**Охунов Б.** Инновационные методы и технологии преподавания иностранных языков в ВУЗ е………………………………………………… 201 – 205
**Шарипова Ф.Л., Муллоева Д. Г.** Пути и методы изучения терминологии сферы информационных технологий на занятиях по русскому языку…… 205 – 209
**Шодиев Б., Султонов М.** Амалигардонии усулҳои муосири таълим дар ташаккули тафаккури техникии хонандагон зимни таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ………………………………………………. 209 – 216
**Раҳими К.М**. Нақши таҳсилоти иловагӣ дар рушди қобилияти эҷодии хонандагон ........................................................................................................ 216 – 222
**Саидҷаҳфаров А.И.** Истифодаи тик дар раванди дарси алгебраи синфи 8.. 222 – 227
**Зокиров Б.** Ваҳдати вуҷуд дар таълимоти ирфонӣ- фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ........................................................................................................ 227 – 231
**Самадова Г.Ю.** Роль интерактивных методов обучения на уроках русского языка……………………………………………………………………….. 231 – 238

## 20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
## 20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
## 20TH ANNIVERSARY OF THE STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL DISCIPLINES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

**Джураев Х.Ш., Саидахмадов И.Ш.** Основное теоретическое математическое и компьютерное моделирование учебных задач механики в учреждениях высшего профессионального образования…………………………………… 239 – 249
**Зайдуллоев Н.** Истифодаи роҳу усули муосири таълим ва самаранокии онҳо дар ташаккули тафаккури математикии хонандагон.................................... 249 – 251
**Хонов Ҳ.** Нақши амалисозии усули фаъоли таълим дар ташаккули тафаккури техникии хонандагон зимни таълими математика...................... 251 – 253

## МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН
### Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад;

б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад;

в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Каримзода М.Б.);
– номи мақола;
– матни асосии мақола;
– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ваГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.
– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;
–маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣбо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, С.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

## ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ
### Требования к научным статьям

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям:
а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала;
б) статья должна быть результатом научных исследований;
в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:
– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);
– фамилия и инициалы автора (например, Каримзода М.Б.);
– название статьи;
– основной текст статьи;
– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;
– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;
– информация об авторе на таджикском, русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, С.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммыирисункидолжныиметьназвание.

## RFLES FOR THE AFTHORS
### Reqfirements for scientific articles

All the scientific articles entering the editorial office of the journal must meet the following requirements:

a) the article should be written in compliance with the established requirements of the joғrnal;

b) the article shoғld be the resғlt of scientific research;

c) the article mғst correspond to one of the areas (sections) of the joғrnal.

All the materials coming to the editorial board are checked for borrowings from open soғrces (plagiarism) and the verification is performed ғsing the Antiplagiat system. Articles containing elements of plagiarism are aғtomatically withdrawn from the consideration, and the aғthors are deprived of the opportғnity to pғblish their work in the joғrnal. Reqғirements for the design of the scientific articles:

The article shoғld be prepared in Microsoft Word format, font – Times New Roman, size – 14, fields – 2.5 cm from all directions, interval – 1.5.

The volme of the article (inclding the annotation and the list of references) shoғld be in the range of 10 to 12 pages of A4 format.

The article shold have the following strғctғre:

– FDC index (the index can be obtained in any scientific library);

– the surname and initials of the author (for example, Karimzoda M.B.);

– the title of the article;

– the main text of the article;

– the list of the ғsed literatғre (no less than 10 and not more than 25 titles of scientific literatғre). References are made in accordance with the reqғirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5 – 2008;

– the title of the article, abstract and key words are made in three langғages (Tajik, Rғssian and English). Annotation is made in the volғme of at least 25 lines, keywords from 7 to 10 words or phrases;

– Information aboғt the aғthor in Tajik, Rғssian and English. Here the aғthor's fғll name, academic degree, academic title (if any), the name of the organization in which the aғthor works (aғthors), the position of the aғthor (aғthors) in the organization, phone, e-mail, and the postal address of the aғthor's work are indicated.

When citing a particғlar material, references are indicated in sqғare brackets [ ].

Sample: [4, p.25]. That is, the literatғre nғmber 4 and page 25.

Tables, schemes, diagrams and figғres mғst be groғped and nғmbered. Tables, charts, diagrams and figғres shoғld have a name both in the langғage of the article and in English.

## ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала. Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук). Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков.

В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации. Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд. Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет. Редакция журнала направляет копии рецензий в ВАК при Президенте Республики Таджикистан при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

**ПАЁМИ**
**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**
**2023, № 1 (41), 259 с.**

**ВЕСТНИК**
**ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**
**2023, № 1 (41), 259 с.**

**BFLLETIN**
**OF THE INSTITFTE FOR EDFCATIONAL DEVELOPMENT**
**2023, №1 (41), 259 p.**

**Шахси масъули чоп:** Неккадамова Б.
**Муҳаррири матни тоҷикӣ:** Амонӣ С.
**Муҳаррири матни русӣ**: Лутфуллоева П.

**Ответственное лицо за номер**: Неккадамова Б.
**Редактор таджикского текста:** Амонӣ С.
**Редактор русского текста:** Лутфуллоева П.

**Муҳаррири матни англисӣ**: Лутфуллоева П.
**Муҳаррири техникӣ:** Ҳайдаров Р.
**Мусаҳҳеҳ:** Ҳайдаров Р.

**Редактор английского текста:** Лутфуллоева П.
**Технический редактор:** Ҳайдаров Р.
**Корректор:** Ҳайдаров Р.

Ба чоп 05.05.2023 имзо шуд. Супориши №4 . Ҳуруфи навъи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Андозаи 60x84 1/8. Ҷузъи шартию чопӣ – 32,5. Теъдоди нашр - 75 .
Матбааи "Фасл-4", 7734024, к. А. Навоӣ, 16.

---

Подписано в печать 05.05.2023. Заказ№ 4 . Гарнитура TimeNewRomanTj.
Печать офсетная. Формат 60x84 1/8 . Условно-печатный лист – 32,5. Тираж - 75.
Типография "Фасл -4", 7734024, улица А. Навои, 16

---

On pғblications issғed 05.05.2023. Assignment№ 4 . Font Format Time New Roman Tj.
Offset printing, size 60x84 1/8. Printer's sheet – 32,5. Edition - 75.
Pғblishing office "Fasl-4", 7734024, 16 A.Navoi street.